204744



# ЧОР ДАРВЕШ

# ЧОР ДАРВЕШ

Душанбе
«Адиб»
2009

Нусхаи ҳатмӣ

ББК 84 Тоҷик 7-4

Ч–76

Китобхонаи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
ба номи А. Фирдавсӣ
Тоҷик 2

Муҳаррир – **Ю. Аҳмадзода**
Мусаввир – **С. Имодӣ**

Ч–76 **Чор дарвеш**. – Душанбе: «Адиб», 2009. – 208 саҳ.

«Чор дарвеш» яке аз шоҳасарҳои халқӣ мебошад, ки дар он воқеаҳои аҷибу ғариб хеле санъаткорона баён карда шудаанд. Ҳодисаҳо дар ин асар чунон устокорона тасвир карда мешаванд, ки хонанда ба афсона ва беасос будани онҳо бовар намекунад. Гумон мекунад, ки гӯё ҳамаи онҳо дар амал воқеъ шуда бошанд. Қаҳрамонони асосии ҳикояҳо баъд аз таҳлукаҳои фоҷианокро аз сар гузаронидан ба мурoду мақсадашон мерасанд ва иштироккунандагони бадкирдор бечазо намемонанд. Забони асар бағоят равон, салису ширин аст. Он ба хонанда ҳаловат мебахшад ва аз таъсираш бебаҳра намемонад.

ISBN 978-99947-64-05-1

© Нашриёти «Ирфон», 1985
© Нашриёти «Адиб», 2009

# БА ҶОИ САРСУХАН

«Чор дарвеш» бори аввал дар соли 1295 ҳиҷрӣ (1878) дар Бамбай (Ҳиндустон) дар матбааи Ҳайдарӣ чоп карда шудааст. Дар ин чоп дар варақаи унвон (титульный лист) ба китоб «Чор дарвеш» ном дода шуда ва номи муаллиф навишта нашудааст.

Аммо автори муқаддимаи ин чоп, ки Мираҳмад бинни Шоҳмуҳаммад ном касест, ин китобро ба Амир Хисрави Деҳлавӣ нисбат медиҳад ва дар як ҷои муқаддима дар бораи сабаби таълиф мегӯяд (мазмунан): «Дар вақти бемории шайх Низомиддин Амир Хисрави Деҳлавӣ ин қиссаҳоро зеби рақам карда (таълиф намуда), дар ҳузури шайх хонд ва шайх ба баракати хондани ин китоб аз беморӣ сиҳат ёфт».

Ин китоб бори дуюм дар соли 1318 ҳиҷрӣ (1900) дар Бамбай дар матбааи Муҳаммадӣ чоп шудааст. Дар ин чоп «Бахтиёрнома» ном як қиссаи дигар ҳам ба тарзе, ки қиссаҳои гузаштаро пурра кунад, илова карда шудааст. Дар варақаи унвони ин чоп номи китоб ва муаллиф ба ин тариқа қайд карда шудааст: «...Боғу баҳор мабнӣ бар саргузашти Чор дарвеш маа такмилаи Бахтиёрнома мавсум ба Баҳору боғ таълифи ҳазрати Амир Хисрави Деҳлавӣ».

Дар чопи дуюм ҳам ҳамон муқаддимаи чопи якум айнан нақл ёфтааст.

Хонандагони он муқаддима ва бинандагони унвони чопи дуюми ин китоб, аз ҷумлаи асарҳои Хисрави Деҳлавӣ будани «Чор дарвеш»-ро бе ҳеҷ шакку шубҳа бовар мекунанд.

Аммо касе, ки ин китобро бо муҳокима ва диққати дуруст хонда мебарояд, мефаҳмад, ки ин асар ба Хисрави Деҳлавӣ ҳеҷ як алоқа надорад. Чунки муаллифи ин қиссаҳо дар рафти

воқеаҳо шеърҳои машҳури Ҳофизи Шерозиро (баъзеҳояшро бо тахаллуси Ҳофиз), якчанд байт аз тарҷеъбанди Абдураҳмони Ҷомиро, ки сарбандаш «Биншинаму бо ғами ту созам, Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам» мебошад ва инчунин шеърҳои Урфии Шерозӣ, Шопури Теҳронии Ҳиндустонӣ, Муҳсинни Фонии Кашмирӣ ва Ғайратӣ барин шоиронро, ки баъд аз замони Хисрав дар дунё зиндагӣ кардаанд, меорад.

Акнун мо барои равшантар муҳокима кардани масъала замони ин шоиронро бо замони Хисрави Деҳлавӣ андоза намуда мебинем.

Ба мо маълум аст, ки Хисрави Деҳлавӣ дар соли 1329 вафот кардааст. Аммо Ҳофизи Шерозӣ дар соли 1392, Абдураҳмони Ҷомӣ дар соли 1493, Урфии Шерозӣ дар соли 1591, Шопур дар соли 1649 ва Мӯҳсини Фонии Кашмирӣ дар соли 1671 вафот кардааст. Ғайратӣ бошад аз шоирони давраи Муҳаммадшоҳи Темурӣ аст, ки ин шахс дар Деҳлӣ аз соли 1718 то соли 1747 ҳукумат рондааст.

Аз ин ҳисоб ва андозаҳо ошкоро маълум мешавад, ки замони Хисрави Деҳлавӣ нисбат ба замони Ҳофизи Шерозӣ, ки қадимтарин шоирони дар ин ҷо номбаршуда мебошад, 70 сол пеш буда, аз замони Ғайратӣ, ки охирини ин шоирон аст, 400 сол пеш аст.

Агар «Чор дарвеш» асари Хисрави Деҳлавӣ мебуд, лозим меомад, ки ӯ дар таълифи худ аз шеъри шоироне, ки ҳатто баъд аз чорсад соли вафоти худаш зиндагӣ кардаанд, фоида бурда бошад. Ин, як фарази хандаовар мешуд.

Бинобар ин аз ин ҳуҷҷатҳои инкоркарданошуданӣ бо камоли равшанӣ собит мешавад, ки «Чор дарвеш» асари Хисрави Деҳлавӣ нест.

Акнун дар ин ҷо дар хотири ҳар кас мегузарад, ки «пас ин асар аз они кист ва дар кадом вақт таълиф ёфтааст?».

Мо дар ин ҷо ана ҳамин масъаларо ҳал мекунем:

Аз услуби суханронӣ ва приёмҳои ин асар, ҳам аз мундариҷоташ, ки қисман аз ҳокимияти мутлақаи деву парӣ дар олами башарият гап мезанад, маълум мешавад, ки ин қиссаҳо афсонаҳои халқҳои қадимии Ҳиндустонанд. Аз ҷумлаи афсонаҳои қадимии Ҳиндустон будани ин қиссаҳоро аз як ҷои муқаддимаи нусхаҳои чопии Ҳиндустон ҳам пай

бурдан мумкин аст: мукаддиманависи он нусхаҳо дар як ҷои муқаддимаи худ, бо нусхаи ӯрду тарҷима карда шудагӣ татбиқ карда шудани нусхаи ба чопи тайёркардаи худро қайд мекунад. Маълум аст, ки афсонаҳои қадимии Ҳиндустон дар навбати аввал ба забони ӯрду навишта шуда, баъд аз он ба забони тоҷикӣ бо алифбои арабӣ нақл ёфтаанд (афсонаҳои таърихӣ ва дигарҳо, ки соҳиби «Сиярулмутааххирин» дар муқаддимаи китоби худ овардааст, ба ин аҳвол мисол шуда метавонанд).

Аммо аз баъзе иштироккунандагони ин воқеаҳо, аз тасвири баъзе ҷоҳо ва маишатҳо ва ҳам аз оварда шудани шеърҳои баъзе шоирони асри XVIII (масалан Ғайратӣ) дар рафти воқеаҳо тахмин кардан мумкин аст, ки ягон автори номаълум ё ягон авторе, ки маълум кардани номи худро нахостааст, он афсонаҳоро бо таассуроте, ки аз замони худаш гирифтааст, омехта дар охирҳои асри XVIII, ё дар аввалҳои асри XIX ба қалам гирифта, ба шакли ҳозираи «Чор дарвеш» овардааст.

Дар рафти воқеаҳои ин китоб баъзе шаҳрҳои фарангиён, ки дар Ҳиндустон (дар наздикии Вазиробод) дар бандари дарё бино ёфтаанд, монастирҳое, ки дар ин шаҳрҳо ҳастанд, одоби муошарати европагӣ (масалан ба пеши калонон сарбараҳна рафтани духтарони фарангӣ) ва дар бандар тӯп зада киштиро аз сафар боздоштан ва монанди инҳо чизҳое тасвир меёбанд, ки то истилои колонизаторҳои европагӣ дар Ҳиндустон ин чизҳо набуданд.

Аз баъзе ҷоҳои ин қиссаҳо ҳамин ҳам маълум мешавад, ки ин асар баъд аз пайдо шудани фикрҳои прогрессивӣ дар халқҳои маҳаллии Ҳиндустон навишта шудааст. Чунончӣ: дар як ҷои ин китоб модари бараҳманон ба муносибате аз марди аҷамӣ мепурсад: «Магар шумо занони худро пинҳон медоред?». Марди аҷамӣ ҷавоб медиҳад: «Бале, ин айбро мо дорем». Модари бараҳманон мегӯяд: «Ин хуб қоида нест».

Ана ҳамин ин нуктаҳо бо камоли равшанӣ нишон медиҳанд, ки ин қиссаҳо дар замонҳои наздик ба мо, дар таърихҳое, ки мо дар боло тахмин карда қайд намудем, – дар солҳое, ки Ҳиндустон аз тарафи колонизаторҳои европагӣ истило ёфтааст, ба қалам оварда шудаанд.Акнун дар ин ҷо як саволи дигар дар хотири ҳар кас мегузарад.

Бо ҳамаи ин фактҳо ва ҳуҷҷатҳои инкоркарданошуданӣ, ин китоб чаро дар чопҳои якум ва дуюм ба Хисрави Деҳлавӣ нисбат дода шудааст?

Аввал ин ки асарҳои номаълумавторро ба ягон одами машҳур нисбат додан, хусусан афсонаҳои дур аз ақлро барои «рост карда нишон додан» аз шахсони маълум ривоят кардан, як одати авомонаи умумӣ аст. Аҷаб нест, ки ин китоби номаълуммуаллиф ҳам ба ҳамин ҳодиса дучор шуда бошад, ноширон ва муқаддиманавис ҳам бе муҳокима кардани мундариҷоти китоб ин ривояти даҳонакиро бовар карда, асарро ба Хисрави Деҳлавӣ нисбат дода бошанд; дуюм ин ки аҷиб нест ин кор қасдан карда шуда бошад. Чунки нисбат додани як асари номаълумавтор ба як каси машҳур қимати он асарро зиёд карда, бозорашро тез мекунад. Ноширони онвақта, ки мақсадашон фақат тиҷорат ва бозортезкунӣ буд, аз ин гуна сохтакориҳо рӯй намегардонданд ва муқаддиманавис бошад, яке аз хизматгорони онҳост, ки адо кардани фармоиши онҳоро вазифаи худ медонад.

Дар сабаби таълифи ин китоб шайх Низомиддини машҳурро, ки мардуми авоми Ҳиндустон хоки қабри ӯро дар дидаи худ тӯтиё мекарданд, дахлдор кардан ҳам ба ҳамин мақсад аст. Автори муқаддима баъд аз он, ки «бо хондани ин китоб сиҳат ёфтани шайх»-ро менависад, мегӯяд... «дуо менамуданд (яъне шайх Низомиддин), ки ё раб ҳар кас, ки ин қиссаро бихонад ё бишунавад, аз иллату амроз наҷот ёбад».

Муқаддиманавис бо ин қайди худ онҳоеро ҳам, ки ба қиссахонӣ хуш надоранд, аммо ба шайхҳо ва хусусан ба шайх Низомиддин эътиқод доранд, ба ин китоб харидор мекунад, то ки онҳо «барои наҷот ёфтан аз бемориҳо» ин китобро харида бихонанд. Муқаддиманавис бо зиёда кардани «ё ба шунуд» ҳатто бесаводонро ҳам талабгори ин китоб мекунад. Бечораи бесавод ҳам як нусха аз ин китоб харида, дар ҷои дуою тӯмор дар токчаи хонаи худ мемонад ва ягон одами саводнокро ёфта оварда, зиёфат карда «барои наҷот ёфтан аз бемориҳо» ин китобро хононда мешунавад.

* * *

Мо бояд ин нуктаро қайд карда гузарем, ки ин асар аз Хисрави Деҳлавӣ набошад ҳам, яке аз шоҳасарҳои бисёр дилчаспи халқӣ аст, ки аз замонҳои бисёр пеш сар шуда, бо пайдо шудани ҳодисаҳои нав дар дунё, то вақти навишта шуданаш пурра ва мукаммал шуда омадааст.

Дар ин китоб воқеаҳои бисёр аҷибу гариб бо таъбирҳои бағоят дилфиреб зинату зеб ёфтаанд.

Бақаламорандан ин қиссаҳо чунон устодӣ ба кор бурдааст, ки хонанда афсона ва беасос будани инҳоро дониста истода, бовар карданаш меояд.

Ровӣ, ё автори ин воқеаҳо интригаҳоро ҳам моҳирона сохтааст, хонанда бо сар кардани хониш китобро аз даст намегузорад, тақдири иштироккунандагон ва сирри ҳодисаҳои аҷиброро фаҳмидан хоста, ҳар чи қадар корҳои зарур дошта бошад ҳам, ба як сӯ гузошта хонишашро давом медиҳад.

Дар ин қиссаҳо ҳеҷ як иштироккунандаи бадкирдор (манфӣ) беҷазо намемонад ва инчунин қаҳрамононе, ки хонанда ба онҳо муҳаббат пайдо карда, ба болои тақдири онҳо ларзида меистад, бисёр таҳлукаҳои фоҷионаро аз сар гузаронда, оқибат ба муроду мақсадашон мерасанд. Яъне аз ин китоб ҳеҷ навмедие дар хонанда пайдо намешавад, балки ӯ ҷасорат ва қаҳрамонӣ, ба ҷазобинии бадкирдорон ва ба мақсад расидани соҳибғайратони софдил боварӣ пайдо мекунанд.

Дар рафти воқеаҳо подшоҳони золим, вазирони бадкирдор ва умуман одамоне, ки аъзои пӯсидаи ҷамъият ҳастанд, аз тарафи қаҳрамонони фидокори ҷонсупор ҷазоҳои ибратомез дода мешаванд (чунончӣ, дар саргузашти Дарвеши дуюм, подшоҳ ҷазо мебинад, вазири золими ӯ аз тарафи як ҷавони қаҳрамон рӯйрост кушта мешавад. Беҳзодхон пиразанеро, ки ҷосуси подшоҳ буд, дар вақте мехост ду касро ба куштан диҳад, пора-пора мекунад).

Дар ин воқеаҳо ба занон ва духтарон ролҳои бисёр калони қаҳрамонона дода шудаанд: чунончӣ, духтари подшоҳи Фаранг, духтари подшоҳи Шом ва духтари вазири Рум ҳама чиз, мансаб ва зиндагонии бароҳати худро дар роҳи инсоният, мурувват ва муҳаббат ва аз барои зоҳир кардани ҳақиқат қурбон ва фидо мекунанд. Ин духтарон қаҳрамониро аз мар-

дон мегузаронанд ва ба мардон бо кирдори худ қаҳрамонӣ ва мурувват меомӯзанд ва дар воқеаҳои таҳлуканоки пурхавф шахсан иштирок карда ва корҳои бузургро бо ташаббуси шахсии худ пеш мебаранд. Чунончӣ, духтари подшоҳи Шом ҷомафурӯши разили ҳақношиноси золими сангдилро бо дастони худ мекушад, аммо барои хотири касе, ки духтари подшоҳ будани ӯро надониста истода, ба ӯ некӣ кардааст ва дил бастааст, тоҷу тахт ва шавкати шоҳзодахонимиро партофта бо ӯ ба биёбонҳои беобу алаф гурехта меравад.

Дар зимни воқеаҳои ин китоб хурофотпарастӣ ва деву париро ҳокими мутлақи олами башарият донистани халқҳои онвақтаи Ҳиндустон, ки аз ин бало ҳатто табақаҳои болои онзамонии онҳо ҳам холӣ набуданд, тасвир меёбанд. Инчунин разолатҳои табақаҳои болоии ҷамъияти феодалӣ, фасоди ахлоқи онҳо, ба арақ ва шароб қаноат накарда, ҳатто ба дараҷаи кӯкнорнӯшӣ пастӣ карданашон, ба воситаи масхарабозиҳои беадабона ба мансабҳои калон расиданҳо ва сарват ҷамъ карданҳо дар он ҷамъият ва монанди инҳо аҳволи он замон дар воқеаҳои ин асар акс менамоянд.

Автори ҳикоя дар як ҷои китоб, дар биёбонҳои ваҳшӣ, сарупо бараҳна, бо мӯйҳои жӯлида ва нохунҳои расида, нахӯди хомро бирён карда хӯрда зиндагӣ карда гаштани аҳолии маҳаллии Ҳиндустонро нишон медиҳад, ки ин аҳвол баъд аз истилои колонизаторҳои европагӣ, дар Ҳиндустон дар байни деҳқонони меҳнаткаши маҳаллӣ ранги умумиятро гирифтааст.

Дар муқобили ин зиндагии фоҷеона шаҳрҳои пуршукӯҳи фарангиён – шаҳрҳое, ки колонизаторҳо барои худ дар Ҳиндустон бино карда буданд, тасвир меёбад. Дар ин шаҳрҳо иморатҳои олии чандошёна, хиёбонҳои пурзебу зинат ва раставу бозорҳои пурмолу матоъ ва ҷавоҳир бино ёфтаанд, ки дар он ҷоҳо фарангиён, зану мард ҳама машғули хариду фурӯш ва ҳама саргарми айшу нӯшанд.

Аммо дар ин гуна шаҳрҳо мардуми «беруна»-ро (мардуми маҳаллиро) роҳ нест. Ҳар каси «беруна», ки дар ин гуна шаҳрҳо қадам гузорад, бе пурсиш кушта мешавад.

Ин аҳвол ҳам айнан ҳамон ҳолатест, ки колонизаторҳои европагӣ дар колонияҳои шарқии худ (хусусан дар

Ҳиндустон) ба вуҷуд овардаанд. Маълум аст, ки империалистон дар колонияҳои худ маҳаллаҳо ва шаҳрҳои ба худ махсус бино кардаанд, ки дар он ҷоҳо қадам мондани аҳолии маҳаллӣ мумкин нест.

Бештарин иштироккунандагони ин воқеаҳо ё савдогаранд ва ё подшоҳ ва подшоҳзодагонеанд, ки дар зери либоси савдогарӣ бо корвони савдо аз паи мақсаде мераванд.

Ин ҳодиса ҳам дар замони таълиф ёфтани ин китоб як ҳодисаи хатарнок буд. Чунки дар Ҳиндустон ва умуман дар олами Шарқ баъд аз истилои колонизаторҳо, аз як тараф оммаи аҳолӣ дар зери эксплуататсияи сахти чандтарафа монда ба «нахӯди хом хӯрда зиндагонӣ кардан» маҷбур шавад, аз тарафи дигар табақаҳои болой ба тарзи даллолӣ бошад ҳам, ба савдо ва тиҷорат машғулӣ мекарданд. Ҳатто подшоҳон ва подшоҳзодагони онҳо ҳам, ки дар аввалҳои истило бо номи «подшоҳӣ» дар зери ғуломӣ ва бандагии хӯҷаинҳои европагии худ монда буданд, мехостанд бо роҳи харидуфурӯш ва тиҷорат як манбае барои таъмини оядаи худ, аз болои мардум ёбанд.

Хулосаи калом аз тарафи Нашриёти Давлатии Тоҷикистони Советӣ чоп карда шудани ин китоб барои хонандагони мо, ки аз аҳволи пештараи Шарқи мустамлика кам хабар доранд, як хизмати адабии сазовори табрик аст.

Ба болои ин, ин китоб як хазинаи пурқимати забони адабии классикии сода аст, ки ҷавонон метавонанд ба қадри ҳиммат ва хоҳиши худ аз ин хазина ҳиссаҳо бардоранд. Ҳарчанд ба чоп тайёркунанда ба нияти осон ва замонӣ кардани забони ин асар дар баъзе ҷоҳо ҷумлаҳоро мувофиқи хоҳиши худ ва бо забони худ таҳрир карда бошад ҳам, ҳанӯз бисёр ҷумлаҳои аслии китоб, ки ба тарзи шеъри мансур тартиб дода шудааст, дар ҳолати худ боқист.

*С.Айнӣ*



Рамзшиносони сухан ва нуктадонони асрори кӯҳан[1] ва мудаққиқони маонирез[2] ва ҷигарсӯз ва муҳаққиқони[3] шавқангези меҳрандӯз[4] суханро ба риштаи таҳрир чунин кашидаанд, ки дар замони қадим подшоҳе буд дар мамлакати Рум, маркази салтанаташ Қустантания... Ӯро Озодбахт мегуфтанд... Шоҳи Озодбахт ганҷу гавҳари бешумор ва ҳашаму лашкари бисёр дошт. Чандин шаҳр аз шаҳрҳои Рум, Шом ва тарафҳои мағриб дар таи дасти ӯ буд... Бо ин ҳама ҳашамат фарзанде надошт ва шабу рӯз аз Худо фарзанд металабид, ки баъд аз ӯ вориси тоҷу тахти ӯ шуда тавонад. Зеро ки қоиммақоме надошт. Ҳамин тавр вай умр мегузаронид, то ки умраш ба 45 расид.

---

[1] Асрори куҳан – сирҳои кӯҳна, сирҳои қадима.
[2] Мудаққиқони маонирез – тадқиқотчиёни пурмаънӣ, яъне нақлкунандагони ҳикояҳои пурмазмун.
[3] Муҳаққиқон – таҳқиққунандагон, суханро ба далел собиткунандагон.
[4] Меҳрандӯз – меҳрҷамъкарда – меҳрнок, хушмеҳр.

Рӯзе, баъд аз намози бомдод оина гирифта, ба мулоҳизаи ҷамоли худ машғул гардид, чанд мӯи сафед дар риши худ дид ва аз ин ҷиҳат афсурда ва хотирозурда гардида, ба хотир гузаронид, ки «дареғ ва афсӯс, ки муддате умри худро табоҳ кардӣ ва хизона сарф намудӣ ва лашкар ба куштан додӣ ва то ҳол даме наосудӣ ва дами обе ба фароғат наошомидӣ! Ҳоло пайки[1] аҷал, яъне мӯи сафед қадам ба мулки танат гузошта ва ба ту пайғоми маргро аз рӯи хатти ғубор мехонад. Ҳайф, сад ҳайф, фарзанде, ки тоҷу тахти туро соҳиб ва ҷонишин бошад, надорӣ ва ин ҳама молу мулки ту ба душман мегузарад.

Афсӯс, ки умрро вафо нест,
В-ин гардиши меҳрро бақо нест.
Гуфтам, ки чу пириам кунад паст,
Фарзанди азиз гирадам даст.
Шарти писарӣ ба ҷой орад,
Номуси маро ба пой дорад.
Шуд умр табоҳу ҳол абтар,
В-ин ком маро нашуд муяссар!»

Шоҳ аз бисёрии ғаму ғусса се рӯз аз хилват набаромад ва ба кори мулку давлат напардохт ва бо оҳу дард рӯз мегузаронид. Аз ин ҳол ғулғула ва ошӯб дар боргоҳ ба миёни умаро ва вазирон ва аркони давлат ва аъён афтод. Авомуннос[2] хаёлҳои аҷиб мекарданд.

Вазирон баъд аз се рӯз ба ҳамин маслиҳат омаданд, ки вазири аъзам, ки ҳамсӯҳбат ва муқарраби подшоҳ ва одами боэътимод буд ва подшоҳ ӯро аз ҷиҳати мӯсафедиаш ва камоли дӯстиаш падар хитоб менамуд ва Равшанрой ном дошт, ба назди подшоҳ равад, тафтиши ҳоли ӯро карда ояд. Вазири аъзам таклифи ёронро қабул карда ба сӯи хилваткадаи шоҳ рафт. Чун дарбонон ва қаровулон ӯро ҳамсӯҳбати хоси подшоҳӣ медонистанд, мумонаат карда натавонистанд. Ӯ ба ҳавлии ҳарами хос расид ва аз ходимони он ҷо барои ба пеши шоҳ даромадан рухсат хост. Чун садои ӯ ба гӯши шоҳ расид, ишора намуд, то рухсат диҳанд. Чун Равшанрой ба назди

[1] Пайк – хабаррасон, хатбари пиёда.
[2] Авомуннос – оммаи мардум

шоҳ даромад, замини адаб бибӯсид ва ба сони булбули ҳазордостон[1] ба ин мазмун санохон шуд:

> – Чӣ шуд, ки бар гули ораз гулоб мерезӣ,
> Ситора баҳри чӣ бар офтоб мерезӣ?

Подшоҳо! Сабаби андӯҳ ва малол ба хайру хубӣ анҷом ёбад! Оё боиси ғамат чист?

Озодбахт ба тозагӣ боз сели ашк аз дида равон сохт ва гуфт:

– Чаро парешонхотир ва дилозурда набошам, ки муддати дароз умри азиз зоеъ ва хазинаҳо сарф ва лашкарҳо талаф кардам, то ин мамлакатҳоро ба тасарруф даровардам. Вале ҷонишине надорам, ки баъд аз ман тоҷу тахти маро соҳиб шавад. Боз душманони ман мустақил хоҳанд шуд ва ранҷи ман беҳуда меравад.

Равшанрой чун ин сухан шунид ва зории подшоҳро дид, ба насиҳат даҳан боз кард ва гуфт:

– Умрат дароз ва давлатат бардавом бод! Инҳо хаёли фосиди[2] шайтонӣ ва қадри неъматро надонистан аст... Валинеъмат, худ мефармоянд, ҳар гоҳ ки дунёро бақо ва ҳаёти онро вафо набошад ва подшоҳро фарзанде, ки ворис ва ҷонишин тавонад буд, набошад, пас дар дурӯза умри зиндагонӣ ғам набояд хӯрд ва то ҳаёт боқист ба айшу ишрат ба сар бояд бурд ва ҳар нафасро ғанимат бояд шумурд.

Агар матлаб фарзандёбӣ бошад, бояд, ки дар нимшабон ва бомдодон ва гоҳ-бегоҳ аз Худо талабӣ, садақа ба дарвешон ва мискинон бидиҳӣ ва бандиёни бегуноҳро озод кунӣ... то ки Худо ба ин васила ба ту раҳм оварад ва чароғатро равшан кунад.

Ҳамчунин ӯ насиҳатҳои дилпазир мегуфт. То ки ба сайқали насиҳати он мард занги кудурат аз оинаи хотири подшоҳ дур гардид ва филҷумла дилаш таскин ёфт, забон ба меҳрубонӣ кушуд, аҳволи умаро ва аъён пурсид. Равшанрой замини хизмат бӯсида арз намуд, ки:

---

[1] Булбули ҳазордостон – булбул, булбули хушилҳон.
[2] Фосид – вайроншуда.

– Ба дуои давоми давлати безавол иштиғол доранд, лекин аз маҳрумии пойбӯси султон дар ин айём хастахотир ва дилфигоранд.

Подшоҳ гуфт, ки:

– Фардо дар соати аввали рӯз ба боргоҳ баромада, бо хосон сӯҳбат хоҳам дошт.

Равшанрой бад-ин хушнудӣ маликро дуо гуфта... берун баромад. Умароро розӣ кард ва хизматторонро фармон дод, то ҳар як ба манзили худ рафтанд.

Подшоҳ аз гузашта тавба кард... барои рафъи бедимоғӣ ба сайр ва сӯҳбати китоб машғул гардид. Ва ҳар лаҳза боз ба фикр меафтод, аммо худро ба он намедошт... то он ки дар китобе навишта дид, ки «агар касеро ғаме ё муҳимме рӯ диҳад ва онро дафъ карда натавонад, бояд ки ба қабристон равад ва фотиҳа хонад... бошад ки дилаш нарм шуда, аз чашмаш чанд қатра ашк резад ва аз он филҷумла дилаш фараҳ ва хотираш таскин ёбад...».

Бинобар ин Озодбахт ба қабристон рафтанро дар хотир гузаронид... сабр кард, то ки шаб даромад, тағйири либос карда, муште танга ва тилоро гирифта танҳо қадам ба роҳ ниҳод ва аз шаҳр берун омад.

Чун ба пеши марғзори қабристон расид, аввало фотиҳа хонда, баъд ба сайр машғул шуд. Дар миёни қабристон чортоқе ба назараш расид, ки дар он чароғе месӯхт. Шоҳ ба худ гуфт, ки «албатта дар он макон ғарибе хоҳад буд, аз ватан овора ё бечора ё дарвеше аз халқ канора ҷуста... ва аз қайди алоиқ раста ва дар чунин ҷой нишаста...». Чун ба атрофи чортоқ расид, чор нафар дарвешро дид, ки хирқаҳои[1] фано дарбар ва дар чор рукни он чортоқ ба рӯи тахтаҳо нишастаанд, монанди бутемор сар ба зери бол кашида, даст бар сари зону ва сар ба рӯи даст гузошта, ғарқи баҳри хомӯшӣ ва восили олами мадҳушӣ гаштаанд. Чароғе бар болои санги қабре гузошта шуда, ки чун дили ғарибони аз ёру диёр дурафтода, дар ғурбат ба дарди бенавоӣ дармонда ва гарди кулфат ва ғам пажмурда ва афсурда карда... подшоҳро ба хотир расид, ки гузаштагон гуфтаанд:

---

[1] Хирқа – ҷомаи пора-пора, кӯҳнапораи дӯхташуда.

« – Равзаи хулди барин хилвати дарвешон аст,
Мояи мўҳташамӣ хизмати дарвешон аст.

пас, бояд ба хизмати онҳо равам ва аз дами гарми онҳо ёрӣ талабам...».

Шоҳ хост, ки қадам пеш ниҳад, ақл ба вай бонг зад, ки: «Эй ҷоҳил! Наёмўхта ва нашинохта чӣ донӣ, ки инҳо киёнанд!.. Мумкин аст гургоне бошанд, ба сурати гўсфандон, ё девон ба либоси инсон!

Аз қазо дар ҳамон вақт яке аз дарвешон атса зад ва шукр гуфт. Дарвешони дигар аз он садо бедор шуданд ва хайрбод гуфтанд. Яке аз онҳо бархоста, чароғро равшантар кард ва боз ба ҷояш нишаст.

Озодбахт ба худ гуфт, ки «алҳол ҳар чизе, ки дар замири инҳо ҳаст, зоҳир мешавад» ва худ дар беруни чорток, дар паҳлўи санги қабре нишаст ва гўш ба овоз ва назар ба андози (ба ҳаракати) онҳо гузошт.

Яке аз дарвешон ба рафиқон гуфт:

– Бародарон, имшаб, ки мо чор фалакзада, аз ватан овора гардида ва ҷаври беҳад кашида, маҷнунвор дар биёбонҳо давида ва лаҳзае дар ҳеҷ ҷо монанди селоб наёрамида, алҳол ба якдигар расидаем. Намедонем, ки боз аз гардиши фалак бар сари мо, бечорагон, чӣ хок бехта хоҳад шуд! Чаро ба доми ғафлат фурў рафтаем?! Ҳамон беҳ, ки аз саргузашти якдигарӣ шунавем ва ин шабро рўз кунем, то бинем, фардо чӣ хоҳад шуд.

Дарвешон ҳама ин маслиҳатро маъқул донистанд ва гуфтанд, ки:

– Ҳамон беҳ, ки аввал ту аҳволи худ бигўӣ: ба шарти он, ки ба роҳи ростӣ пўӣ!

Он дарвеши дилреш ба ду зону даромада чун абри баҳор ба ҳоли фигори худ зор-зор гирист ва тўтии забонро бад-ин гуна гўё гардонид...



# БАЁНИ САРГУЗАШТИ ДАРВЕШИ АВВАЛ

Азизон, дӯстон, меҳрофаринон,
Муҳаббатмашрабон, меҳнаткаринон!
Сарам савдоии зулфи сиёҳе,
Дилам шайдоии ваҳшинигоҳе.
Зи тири ғамзаи ҳусни ҷигарсӯз
Ба хуни хеш меғалтам шабу рӯз.
Дилам аз дурияш як лахти хун аст,
Чи гӯям к-аз фироқаш ҳол чун аст?!

Дарвешон, ин камина, ки ҳоло бо либоси ҷанда дар хизмати шумо забондарозӣ мекунад, аз шаҳри Яман мебошам. Падаре доштам, ки ӯро Хоҷа Аҳмад мегуфтанд. Вай савдогари калон буд, моли зиёд дошт, савдогарони бисёре бо пули ӯ сафар мекарданд. Вай ду фарзанд дошт. Яке бандаи шумо ва дигар духтаре, ки падарам ӯро дар ҳаёти худ ба шавҳар дода буд...

Вақте ки синни ман ба чордаҳсолагӣ расид, падарам бемор шуду баъд аз як ҳафтаи дар бистари беморӣ хоб кардан аз дунё чашм пӯшид. Хешон, ҳамсоягон ва ҳамкорон гирд омаданд ва корсозии падарамро ба тарики шояду бояд бачо оварданд. Ман то ҳафта ба азодорӣ машғул будам. Баъд аз он ки ёрон ҳар як ба манзили худ рафтанд, мурдани падарам маълум шуд; дар кунҷи хона танҳо ва ғарибона нишастам ва дар ба рӯи ошнову бегона бастам. Се рӯзи дигар ҳам бо сӯз ба сар бурдам.

Дарвешон! Риндони бесарупо ва шайтонони инс (одам)-намо дар ҳар шаҳр ҳастанд ва ҳар шаб аз луқмаи таоми яке шикам сер мекунанд ва ҳар рӯз бо кӯҳналибоси дигаре фахр менамоянд. Инак чанд нафар аз онҳо чун шунида буданд, ки хоҷа мурда ва хоҷазодаи падармурда ҷоҳил аст, дар рӯзи чорум ба дари хонаи ман омаданд ва рухсати даромадан хостанд, ки маро дида таъзият диҳанд. Ман рухсат додам, ки дароянд. Онҳо баъд аз даромадан ва адои расми таъзият, забон ба насиҳат кушуданд ва гуфтанд:

– Ҳар кӣ омад ба ҷаҳон оқибаташ бояд рафт,
Абадуддаҳр намондаст касе дар олам.

Гиряву нола бефоида аст. Падари ҳар кӣ мемурад, илоҳӣ, ту зинда бошӣ. Акнун арвоҳи гузаштагонро бо дуову фотиҳа ва ҳадяву садақа шод бояд кард...

Дарвешон! Сухан мухтасар, ман онҳоро дӯсти ҷонӣ гумон кардам ва ҳушу гӯшамро ба суханони онҳо додам. То ки бо афсуну афсона фирефтанду маро ба шӯхию бозӣ моил карданд. Баъд аз он то се сол пайваста ба айшу нӯш машғул шудам... ва мол нобуд мекардам. То он ки тамоми моли падарамро сарфи ёрони дурӯ ва рафиқони хушомадгӯ кардам... корам ба ҷое расид, ки аз либос ба ғайр аз кӯҳнакулоҳе ва жандақабое дар бар намонд ва қути лоямут[1] ҳам набуд. Шайх Саъдӣ дар ин бора дуруст гуфтааст:

Аблаҳе к-ӯ рӯзи равшан шамъи кофурӣ ниҳад,
Зуд бошад, к-аш ба шаб равған набинад дар чароғ...

---

[1] Қути лоямут – хӯроки андак, ки фақат барои намурда мондан кофӣ аст.

Чи кор карданамро надониста се шабонарӯз гурусна ва ташна, бо лаби хушку дидаи тар дар кунҷи масҷиди харобе нишастам ва рӯи берун омадан надоштам. Рӯзи чорум сипоҳи гуруснагӣ ба мулки баданам ҳуҷуми сахт намуд ва лашкари сабру тоқатро шикаст дод. Аз он масҷид баромадам ва ба худ мегуфтам, ки ба куҷо равам ва ба кӣ илтиҷо барам. Ногоҳ хоҳарам ба хотирам расид...

Дарвешон! Аз ман қабеҳтаре бояд набошад. Чаро ки дар айёми собиқ борҳо хоҳарам ба талаби ман кас фиристод, ки ӯро рафта бинам, аммо ман аз канори маъшуқа дур шуда наметавонистам ва нарафта будам. Ҳоло дар чунин вақт равонаи хонаи хоҳар шудам. Хоҳарам саросема берун давида маро ба он ҳол дид ва гиряву зорӣ карда, мӯю рӯйканӣ намуда, маро дар бар кашид, рӯямро бибӯсид, ба хона дароварда таому шароб хӯронида, либоси тоза пӯшонид. Ман чанд шабонарӯз дар он ҷо будам. Шабе он оқила гуфт:

– Бародар! Мардон ҳамеша дар хона нишаста наметавонанд ва инро ҳам медонам, ки ту баъд аз ин дар ин шаҳр наметавонӣ будан ва албатта сафар карданат даркор аст. Якчанд рӯз ба шаҳрҳои дигар бирав ва гарму сарди рӯзгор бичаш ва сахтиву сустиро бидон, баъди аз сафар омаданат ба ягон шуғле машғул шав. Чаро ки эътибори туҷҷор дар сафар аст. Чун сафар карда бошӣ, туро марди кор ва сармоядор ва соҳиби эътибор ангоранд (гумон кунанд) ва ҳоло ҳарзагарду зоеърӯзгор шуморанд. Ман сукут ихтиёр кардам. Хоҳарам аз ҷо бархоста як халтаи панҷҳазортуманӣ оварда ба ман дод ва гуфт:

– Бародар, агар мехостам метавонистам беш аз ин ҳам ба ту дод, аммо андеша мекунам, ки агар нигаҳ дорӣ ҳамин қадар сармоя бас аст ва агар дар паи зоеъ кардани мол бошӣ, чиҳил хазор тумон ҳам ба ҷое намерасад. Бародар! Шунидам, ки дар ин рӯзҳо ҷамъе аз савдогарҳо ба тарафи Шом сафар карданӣ ҳастанд. Ту ҳам ба ин зар матое харида ба як одами мӯътабар дода, санад бигир, то ки дар Шом ба ту супорад. Худат чанд рӯз дар ин ҷо бимон, то ки ҳамдигарро бинем. Баъд аз он ба умри дароз равона шав ва басуръат бирав!

Ман сухани хоҳарамро қабул карда, рӯзи дигар ба харидани матоъ ва супурдани он кӯшидам. То як ҳафта ба ин кор

204744

машғул будам. Баъд аз рафтани корвон, якчанд рӯз дар хонаи хоҳарам мондам. Дар ин байн хоҳарам аспу харҷӣ, тӯшаи роҳ ва либос низ тайёр кард. Баъд якдигарро видоъ намуда ба Шом равона шудам. Дар роҳ чизе надидам, ки муносиби ба дӯстон гуфтан бошад. Баъд аз чанд муддат, дар вақти фурӯрафти офтоб буд, ки ба як манзил дуртар аз Шом расидам...

Аз машаққати сафар тоқатам тоқ гардида буд, ки дар он ҷо манзил накардам ва худи ҳамон шаб ба шаҳр даромаданӣ шудам. Бо ҳамин хаёл асп рондам, вақте ки ба таи дарвозаи шаҳр расидам, дидам дар нимшабӣ дарвозаи шаҳр баста ва пои омадшуди мардум аз кӯчаҳо гусиста, аммо дунё аз нури моҳ чун рӯз равшан буд. Ман дар канори хандақ аз асп ба зер омада ба сайри бурҷу бораи қалъа машғул шудам. Ногоҳ шахсеро дидам, ки ба яке аз бурҷҳои он ҳисор баромадааст ва аз боло сандуқеро поён мефиристонад. Ҳамин ки сандуқ ба лаби хандақ расид, он мард ресмонро ҳам партофту худаш ба даруни қалъа фуромада ғоиб гашт. Ман ба худ гуфтам, ки албатта ин бояд ягон дузд бошад, ки имшаб хонаи бое, ё ки ҳуҷраи савдогареро зада ин сандуқро овардааст. Ҳоло, шояд барои овардани моли боқимонда рафта бошад. Бо ин хаёл сабр кардам ва дар он ҷо нигарон истодам, лекин он шахс дигар барнагашт. Ман ба худ гуфтам, ки шояд ин луқмаро ба ман Худо расонда бошад ва аз шарофати ин сандуқ бори дигар молдор ва мӯътабар шавам.

Инак ба тамаи молу зар ба эҳтиёти тамом аз тахтапули дарвоза гузаштам ва ба ҷониби сандуқ рафтам. Ба назди сандуқ расида онро бардоштам ва бо сад тарсу ваҳм худро ба харобае расонидам. Дар он ҷо сандуқро кушодам ва нигоҳ кардам:

Дидам сарве ба хоку хун оғушта,
Ё товусе, валек бисмил гашта,
Аз дидани он чунон шудам саргашта,
К-аз каф додам ҳамон замон сарришта.

Дарвешон! Кош, ҳаргиз намедидам. Нозанине бо рӯи чун моҳ ва мӯе чун мушк сиёҳ, қад ба сони сарв хиромон, ҷони



ҷаҳон ва ҷаҳони ҷон... Аммо тани нозанинаш ба захми ханҷари ҷафо маҷрӯҳ гашта ва мӯҳои мушкнобаш аз зулфони пурпечутобаш ба хун оғушта, рухсораи арғувониаш заъфаронӣ гардида, аз ғояти заъф чашм аз сайри гулистони ҷаҳон пӯшида. Ба ҳолате, ки гумон бурдам, шарбати марг нӯшида! Дарвешон! Ман моили рӯй ва мӯи он зебонигор шудам; дар ҷунон ҳолате ки ҷои воҳима ва ҳангоми гурез буд... ман махви ҷамоли бокамоли он баландахтари шараф ва иқбол шуда, ҳайрон будам, ки оё аз куҷо ва ҷаро ин заҳмат ва ранҷ ба ӯ расида ва кадом золими сангдил ба ӯ ин зулмро кардааст. Вақте ки ба ҳоли ӯ мегиристам ва ба рӯяш менигаристам, ногоҳ он ҳушрабо ба ҳуш омада, овози гиряи ман ба гӯшаш расид ва бо нолаи ҳазин гуфт:

– Эй ёри номувофиқ ва дилозор, эй золими бераҳм ва ситамгор! Магар ин подоши меҳрубонӣ ва ҳаққи намак аст?!. Ҷаро ҳамаи некиҳои маро фаромӯш кардӣ ва ҷароғи умри маро хомӯш кардӣ?..

Дарвешон! Вақте ки ман овози ӯро шунидам, ба якбора бедилу девона шудам ва гавҳари ашк бо нӯги мижгон суфтам ва аз самими дил гуфтам:

– Балогардонат шавам, чашмам кӯр бод, то туро бад-ин ҳол набинам ва дастам бурида бод, агар ҷуз хори раҳат начинам.

Ҷун он нозанини моҳҷабин овози мани ғарибӣ ҳазинро шунид, гуфт:

– Эй мард, ту кистӣ ва нолон барои чистӣ?

Гуфтам:

– Фидоят шавам! Ғарибу бекасу бехонумонам, заифу мубталою нотавонам! Эй нозанин, банда мардеам яманӣ. Ту ҳам гӯй, ки сарви кадом ҷаманӣ ва шамъи кадом анҷуманӣ? Ин зулм ба ту аз куҷо расид?..

Он нозанин як оҳи пурсӯз аз ҷигар кашид ва гуфт:

Дарди дил бо ту нагӯям, тарсам,
Ки ба дарди дили ман дармонӣ!

– Эй ҷавонмард, ҷӣ шавад, ки маро ба гӯшаи хок супорӣ ва нодида ангорӣ ва ба ҳеҷ кас дар ҳеҷ ҷое ин ҳодисаро нагӯйӣ ва нақши ин сурати ғарибро аз сафҳаи хотир бишӯйӣ. Худо ба ту ҷазои хайр диҳад!

Вай ин суханҳоро гуфту аз ҳуш рафт. Ман аз парешонии хотир ба кори худ дармондам ва намедонистам чӣ кунам. Гоҳ ақлам роҳи гурез менамуд ва гоҳ ишқ бар суботқадамиам мефармуд... дар охири кор ба худ гуфтам, ки ӯро ба шаҳр барам ва дар муоличаaш кӯшам, шояд сиҳат ёбад. Бо ин фикр мунтазири рӯз шудам. То ки шаб ба саҳар расид ва дарвоза боз шуд. Ман бо ҳазор машаққат он сандукро пушти асп гузошта ба шаҳр даромадам. Дар кӯчаю бозор гашта-гашта, ниҳоят ба корвонсарое расидам. Дарҳол як ҳуҷра гирифта, сандукро ба дарун даровардам, аспро ба саройбон супорида, камтар пул додам, ки онро парвариш кунад. Баъд аз он ба ҳуҷра даромада он нозанинро аз сандуқ берун баровардам ва ба рӯи бистар хобонидам. Баъд, худам ба кӯча баромада, ба талаби ҷарроҳ афтодам. То он ки ба дӯкони ҷарроҳе расида салом додам. Марди ҷарроҳ аз ман пурсид:

– Фарзанд, хизмат чист?

Гуфтам:

– Беморе дорам аз зӯрии дард берун баромада наметавонад. Агар ба диданаш биёӣ ва табобат кунӣ, музди зиёде мегирӣ ва савоб меёбӣ.

Он мард бо ман ба ҳуҷра омада, духтаракро дид. Аз дидани он ҳайрон шуда монду баъд кашидаву кушода ба рӯям чунон як торсакӣ зад, ки лаззати онро ҳаргиз фаромӯш намекунам. Ман хаёл кардам, ки ин мард он парирӯро мешиносад. Бинобар он даст аз ҷон шустам ва мунтазири сад гуна ҷазо ва расвой шуда нишастам. Баъд аз он, он мард гуфт, ки:

– Эй золими сангдил, чаро ба ин саромади хубон ин зулмро раво дидӣ?

Ман дасти ӯро бӯсида нолидам ва гуфтам:

– Эй мард, ба ҳаққи худо, ки ин захмҳоро ман назадаам. Он чи бар ман гузашт, ба касе насиб нашавад. Ин бечора хоҳари ман аст ва аҳли байти мо аз хоки Яман аст. Мо ба сӯи Байтулмуқаддас мерафтем. Дишаб дуздон бародаронамро куштанд. Ман худамро ба канора кашидам. Вақте ки дуздон баъд аз ғорат аз паи кори худ рафтанд, ман ба ҷое, ки корвон истода буд, омада қатлгоҳе дидам, ҳама ёрон маҷрӯҳ ва берӯҳ шудаанд. Дар он байн овози нолаеро шунида, ба он сӯ рафтам ва ин хоҳарамро дидам, ки дар миёни кушташудагон

афтода ва ним ҷоне дорад. Вақте ки саравро ба канор гирифтам, чашм кушода маро шинохт ва гуфт ки: «– Эй бародар, зуд бархоста ба ман ёрӣ расон, ки фурсат нест.» Ман ҳам як сандуқи холиро ёфта, ӯро ба он хобонида, ба асп бор кардам ва ба ин шаҳр расидам ва умедворам, ки ин хоҳарам ба ёдгории азизон зинда бимонад.

Табиб инро шунида осудатар шуд. Боз ман гуфтам:

– Эй падар! Агар бо ёрии ту ин бечора сиҳат ёбад, ҳар чӣ хоҳӣ, ба ту медиҳам.

Он мард чун ваъдаи баста (сарбаста) шунид, гуфт:

– Эй писар, ҳар кас даст ба захми ин занад, ба хуни ӯ шарик мешавад.

Баъд аз он хеста рафт. Ман ба кори худ ҳайрон мондам ва фурсате ба ҳоли зори он нигор нигаристам ва аз дасту пояш бӯсидам...

Хостам, ки боз ба назди ҷарроҳ рафта зорӣ кунам, шояд раҳм кунад. Вақте ки аз сарой берун баромадам, ҳамон савдогареро, ки матоъамро ба вай супурда будам, дидам. Хеле шод шудам. Он мард аз аҳволи ман ва ҷои истиқоматам пурсид. Бо вай ҳолпурсӣ карда, матоъро ба дари ҳуҷра фуровардам. Баъд коғазҳои тафсил (рӯйхат)-ро бардошта ба назди ҷарроҳ рафтам ва гуфтам:

Ана ин тафсили (рӯйхати) матои хариди ямании ман аст. Инро бигир ва зуд ба ҳуҷра биё, ки дарвақттар ба он бечора ёрӣ расонӣ.

Он мард ба корвонсарой омада, матоъро дид ва хотираш ҷамъ гардид. Баъд аз он оби гарм талаб карда, тамоми аъзои ӯро шуст ва захмҳои ӯро баст ва марҳам гузошт, баъд аз он гуфт:

– Эй фарзанд, ман рӯзе ду бор ба тоза кардани марҳам меоям. Ту бояд аз вай хабардор бошӣ, ки ҳаракатҳои беҷо накунад, то ки бахяҳои захм наканад. Ва соат ба соат ба гулӯяш араки бедмушк чакон.

...Ман баъд аз ин ба болини он нозанин нишастам ва камари ҳиммат бар миён бастам ва хобу осоиш ба худ ҳаром кардам. Марди ҷарроҳ рӯзе ду бор омада, марҳам тоза мекард ва аз ҳоли бемор ҷӯё мешуд. Баъд аз даҳ рӯз табиб хотирҷамъ шуд ва ба сиҳат ёфтани бемор боварӣ ҳосил намуд. Дилам

якборагӣ гирифтори он зебонигор ва ишқам аз яке ҳазор гардид, то ба ҳадде расид, ки ҳар дам қасд мекардам маҷнунвор ҷома чок занам ва сар дар биёбон ниҳам. Боз маломати он дилнавоз домангир буд. Он маҳҷабини зӯҳраталъат ҳоли маро дида, ҳар замон аз рӯи шафқат ба ман дилдорӣ медод ва аз гиря манъам мефармуд.

Баъд аз чил рӯз тамоми ҷароҳатҳои бадани он нозанин сиҳат ёфт. Ҷарроҳ он моҳро рухсати ҳаммом дод. Ин хабарро шунида он духтар хурсанд шуд ва он шабро ба истироҳат гузаронида, рӯзи дигар ба ман гуфт:

– Эй фалонӣ, дилам хӯроки лазиз мехоҳад.

Дарвешон, ман ба чунон ҳолате афтодам, ки гуфта наметавонам! Чаро ки дар ин муддат орзу мекардам, як бор он нигор шарбати обе биталабад. Аммо муяссар намешуд. Ва он рӯз, ки ӯро хоҳиши таом шуд, ман ҳозир карда наметавонистам. Зеро ки он чи доштам, ҳама сарф шуда буд. Аз хиҷолат сар ба зер афкандам. Он нигор аз ҳолатам фаҳмид, ки пулам намондааст, бо меҳрубонӣ ба ман нигариста, гуфт:

– Эй азиз, аз набудани харҷӣ хафа нашав! Хез ва коғазу қалам биёр.

Мани шармсор ва парешонхотир берун баромада коғазу қалам ёфта овардам. Парирӯ ба ман дилдорӣ дода, ба коғаз якчанд калима навишт, баъд онро ба ман дода, гуфт:

– Дар сари чорсӯи шаҳр дӯкони ҷавоҳирфурӯшӣ ҳаст, дар он ҷо як марди мӯсафед ва соҳибнасабро мебинӣ. Ин мактубро ба вай супурда, ҳар чи диҳад, гирифта биёр.

Азбаски ман аз нодорамӣ дар хиҷил будам ва фикрам ба дигар ҷоҳо банд буд, он коғазпорaро нахондам. Вақте ки ба назди он мард расидам ва хатро супурдам, дидам, ки он кас коғазро бӯсида ба дида молид, баъд аз дӯкон давида фуромада дасти маро гирифт ва ба сӯи хонаи худ равон гардид. Дар роҳ нисбат ба ин хоксори дилфигор меҳрубонии бисёре мекард. Вақте ки ба ҳавлӣ даромадем, маро дар меҳмонхона гузошта худаш ба хилват рафт ва баъд аз андак муддат берун баромада, аз паси худ як ғуломеро овард. Он ғулом дар дасташ як табақи сарпӯшдор ва ба дастурхони заррин печидагӣ дошт. Он мард маро ба ғулом нишон дода, гуфт:

– Ҳар ҷо ки ин ҷавон гӯяд, рафта, инро супурда, биё.

Ман аз дидани ин ҳолат бисёр бедимоғ шудам. Бо худ мегуфтам: хок бар сарат, ки аз бадбахтӣ корат ба ҷое расид, ки барои як табақ таом ариза додӣ...

Дар роҳ низ ғаму ғуссаам ҳамин буд.

Аз хасмии рӯзгор зеру забарам,
Хоҳӣ, чи кунӣ, фалак, аз ин бештарам?
Ё фарши замин зи зери поям барчин,
Ё чатри фалак бибар зи болои сарам!

Чун ба корвонсарой расидем, ба ғулом гуфтам, ки дастурхонро ба дари ҳуҷра монда баргардад. Баъд худам аз қаҳр дастурхонро бардошта дидам, ки хеле вазнин аст. Тааҷҷуб кардам, ки гаронии ин аз чӣ бошад. Вақте ки ба ҳуҷра даровварда, дар назди он нозанин гузоштам, ӯ узрхоҳӣ карда, гуфт:

– Бикушо то бубинам он қайдӣ (лаънатӣ) чӣ фиристодааст? Ман аз дашноми ӯ он мардро боз ҳам хайронтар шудам.

Дастурхонро боз кардам, табақи лангарии сарпӯши нуқрагиндоре дидам, вақте ки сарпӯшро гирифтам, аз ҳар тарафи он табақ тилло рехтан гирифт. Он тиллоҳоро дида, боз як чизи дигар маро ҳайрон кард, ки оё ин сарви равон аз кадом хонадон аст, ки ба як коғазпорчаи бемӯҳр ва беэътибори ӯ он мард ин қадар зар дод. Аҷабтар он ки он мард аҳволи духтарро ҳам напурсид ва ба ғайр аз узрхоҳӣ бо ман дигар сухане накард... Ман дар ин хаёлҳо будам, ки он барно аз рӯи лутф ба ман гуфт:

– Фалонӣ, аз бепулӣ ҳеч фикре накун. Ман медонам, ки ту сармояи савдои худро ба роҳи ман сарф кардӣ ва ин кору некии туро то абад фаромӯш карда наметавонам. То зиндаам, туро бандаам:

Ман ба пояш афтодам ва гуфтам:

Ё раб, осеби замон бод зи аҳволат дур,
Ки маро сояи лутфи ту ҳамин аст зарур.

Духтари нозанин ба ман таом фармуд. Давида рафта таом овардам. Нозанин таом хӯрда шуда, баъд ба ман гуфт:

– Эй фалонӣ, агар дар даъвии муҳаббат содиқ бошӣ, аз гуфтаи ман набаро.

Гуфтам:

– Ҳар чӣ гӯӣ, ҳар чӣ фармоӣ, сар напечам.

Гуфт:

– Агар ин тавр аст, ҳозир ба бозор рафта, барои худ ду даст либоси нағз харида биёр.

Ман андак дар андеша шудам, вай ранҷидагӣ барин шуда, гуфт:

– Аз гуфтаву ваъдаат ҳамин қадар зуд мегардӣ. Агар ин тавр бошад, баъд аз ин муомилаи мову ту чӣ мешавад?

Дигар, ба ғайр аз иҷрои амраш чорае намонда буд. Ба бозор рафта ду даст либос харидам ва ба хизматаш овардам. Баъзе, ки андак камбаҳо буд, нахарид ва написандид. Ман чанд маротиба ба бозор рафта он чизҳоро муовиза мекардам. То ки ҳамаи либосам хотирхоҳи он нозанин гардид. Баъд аз он мувофиқи гуфтаи вай ба ҳаммом рафтам ва тағйири либос намудам. Чун ба ҳуҷра даромадам, бағал боз карда маро дарбар кашид ва дар паҳлӯи худ нишонид. Ман аз ниҳояти шавқ ва ғояти завқ мегиристам ва ӯ бо остини марҳамат аз рӯям ашкро пок мекард. Дарвешон! Лаззате, ки аз зиндагӣ бурдам, он дам буд. Он қадар меҳрубонӣ нисбат ба ин бедилу дин намуд, ки мехостам ҷон фидояш кунам ва ҳам сари худро фарши хоки пояш кунам.

Баъд аз он гуфт:

– Фалонӣ, акнун ту бояд ба қаҳвахона равӣ ва бо меъморон сӯҳбат кунӣ ва аз онҳо дараки ҳавлии фурӯширо фаҳмӣ. Вақте ки ҳавлиро дида писанд кунӣ, сурати вайро навишта оварда ба ман нишон медиҳӣ, то ки ман ҳам ба назар бисанҷам ва дар бораи нархаш ба ту маслиҳат диҳам, мабодо ки туро фиреб надиҳанд.

Ман аз дилу ҷон итоати фармони он нозанин намуда, як моҳи тамом қаҳвахонагардӣ кардам. То он ки хонаи хуб ва босафо ёфт шуд. Нозанин нақшаи онро маъқул донист ва ба ҳазор тумон харидам. Баъд аз он гуфт, ки:

– Акнун барои ман чодаре биёр!..

Чодар харида овардам. Он сарвқади хуршедрӯ даруни чодарро ба нури шамъи қомати худ мисли ҳуҷлаи фонус музайян ва мунаввар сохт ва фармуд, ки ба соҳиби саройи чанд динор бидиҳам. Ман ба фармудаи ӯ амал намуда, асбоби дар-

вешонаро, ки доштам, бардошта ба хонаи навхаридамон рафтем. Нозанин ҳавлиро дида, тамоми хонаҳои онро сайр карда баромад ва ба ӯ маъқул шуд. Баъд палосеро, ки доштам, ба як хона паҳн кард ва гуфт:

– Акнун ба ман ҳам либос лозим аст. Аз ин фалокат ба ҷон расидам.

Ман аз ин сухан хурсанд шуда, бо шавқ ба сӯи бозор давиданӣ шудам. Вале ӯ табассум намуда, гуфт:

– Ҳеч медонӣ, ки либоси тайёр ва муносиби мо дар куҷост?

Ман боз гашта ба фармони ӯ мунтазир шудам.

– Дар майдони сарои шоҳӣ як дӯкони калони либосфурӯшӣ ҳаст. Дар он ҷо ҷавоне ҳаст либосҳои шоҳона мефурӯшад, дар вай доимо либосҳои муносиб ёфт мешавад. Агар он ҷо равӣ, гумон дорам, ки ҳар чӣ хоҳӣ, ёфта метавонӣ.

Баъд аз ин гап хурсанд ва шодон ба сӯи Қайсария равон шудам. Чун ба он ҷо расидам, дар миёни раста дӯконеро дидам, ба сақфу девори он тилло ва лоҷуворд ба кор бурда буданд. Дар он дӯкон ҳар хел матоъ ва либосҳои заррин, атлас ва кимхоб дарё-дарё бар сариҳам рехта буд. Соҳиби он дӯкон ҷавони бистудусола, бо рӯи чун офтоб нишаста, ғуломони зарринкамар дар хизматаш камар баста истода буданд.

Ман пеш рафта салом додам, ҷавон чунон бо латофат ва назокат ҷавоб гардонид, ки наздик буд об шавам, ба атроф нигоҳ карда дар пои дӯкон сандалии оростае дидам, бар болои он нишастам ва аз ҳайрат дам фурӯ бастам. Он ҷавон аз рӯи лутф ва меҳрубонӣ ва меҳмонпарварӣ ба сухан даромада бо ман ба навъе сухан мекард, ки гӯё пеш аз ин мо бо ҳам ёру ошно бошем.

Ҷавон баъд аз хушгӯӣ ва дилҷӯӣ, гуфт:

– Агар хизмате бошад, фармоед.

Гуфтам:

– Бале, сарпӯшидае дорам, барояш либосе мехоҳам.

Ҷавон дарҳол ишорае кард. Ғуломони ҳушёр ва чобук давида буқчаҳои бисёре пеш кашида боз карданд, ба ман аз ҳар ҷинс матоъ ва либосҳои хуб ва аълоро нишон доданд. Ман аз онҳо ҳар кадомро, ки ба назарам беҳтар ва хубтар намуд,

ҷудо кардам. Ғуломҳо зуд букчае оварданд ва либосҳоро дар он гузошта бастанд ва дар назди ман гузоштанд. Ин муомила ва ҳаракатҳо боз ҳам маро шефтатар кард.

Ҷавон ба ман нигоҳ карда, пурсид:

– Бародар, боз хизмате дошта бошӣ, бифармо!

Дуояш карда аз нархи чизҳо пурсидам. Сӣ тумон будааст, маро шарм омад, ки дар он боб кӯшиш кунам, тиллои сурхро шумурда додам ва ба ғуломҳо ҳам хизматона додам. Он ҷавон чун ин тавр харидориро дид, ба ман бо чашми дигар нигарист ва пурсид:

– Бародар, мардуми кадом шаҳр ҳастӣ?

Гуфтам:

– Таваллудам аз хоки Яман аст.

Ӯ гуфт:

– Бародар, орзу дорам, ки шабе ба хизмати ту бошам.

Ман узр хоста, гуфтам:

– Бисёр муташаккир ва миннатдорам, агар саломатӣ бошад, боз меоям. Ҳоло азбаски рафиқи сарпӯшидае дорам ва ӯ ба ҷое баромада наметавонад ва худам ҳам ҳанӯз дар ин шаҳр ғарибам, танҳо гузоштани рафиқаам ноинсофӣ мешавад. Боз албатта вомехӯрем...

Ӯ гуфт:

– Бародар, бисёр баҳона ва узрхоҳӣ накун. Ман мехоҳам имшаб маро аз хок бардорӣ ва қадам бар чашмам гузорӣ.

Ва қасам медод, то он ки шарт кардам, ки аз хона баргардам.

Чун ба дари хона расидам, даст бар дар задам. Он дилбари нозанинам дарро кушод ва букчаи либосҳоро аз дасти ман даррабуд ва ҳамаро писандид ва аз аҳвол ва муомилаҳо пурсид. Ман ҳам тамоми меҳрубонӣ ва лутфи ҷавон ва ба меҳмонӣ талабидан ва бо баҳонаи дурӯғ халос шуда омадани худро гуфта додам.

Ӯ гуфт:

– Эй фалонӣ, агар ризои дили маро хоҳӣ, бояд ки биравӣ ва хилофи ваъда накунӣ.

Гуфтам:

– Ба ман, ба ғайр аз сӯҳбат ва хизмати ту дигар чизе даркор нест.

Гуфт:

– Агар хоҳӣ, ки ман аз ту розӣ бошам, бояд биравӣ ва хилофи ваъда накунӣ. Ту аз танҳоии ман андеша макун, боке нест.

Бо ҳамин тариқ, то қариби фурӯрафти офтоб он нозанин маро ташвиқ ва тарғиб мекард, аммо дили ман ӯро танҳо гузоштанӣ набуд. То он ки, агар наравӣ, меранҷам, гуфта, қасам хӯрд. Дарвешон, дар мазҳаби ошиқон ризои маъшуқ фарз аст. Ман ҳам бо дили дардолуд ба дӯкони он ҷавон равон гардидам. Вақте ба он макон расидам, дари дӯкон баста шуда ва он ҷавон дар болои курсӣ, дар интизори ман нишаста буд. Чун назараш ба ман афтод, бо чеҳраи хуш ба сухан даромада аз ҷо бархост ва бо ман ба сӯи ҳавлиаш равон шуд.

Чун ба ҳавлиаш даромадам, боғе дидам ирамосо, иморате олибино, фарши шоҳона густурда, асбоби айшу тараб омода карда, дар лаби ҳавз нишастгоҳ дуруст карда, нуқлу мурғу май ва мазаи бисёр муҳайё карда буданд. Дар пешгоҳ тахте гузошта, бар рӯи он кӯрпачаҳои бахмали парикудор паҳн карда буданд.

Он ҷавон зуд либосҳои рӯяшро кашида, маро ҳам ба кашидан таклиф кард ва мо ҳар ду гузашта аз болои тахт нишастем. Ҷавон қадаҳ пур карда нӯшид ва ба таклифи тамом ба ман нӯшонид. Ҳамин ки се ҷомӣ нӯшидем, димоғҳо саршор гашт, чор нафар муғанниёни навосоз ва мутрибони хушовози зариф ва мақбули хотир, ҳар як созе дар даст ба маҷлис даромаданд ва дар атрофи бисот нишастанд. Он ҷавон аз ҷо бархоста, ба онҳо якчанд ҷом май нӯшонид ва саршорашон гардонид. Он чор нафар ҳофизони хушхон, ки лаҳни хуши онҳо об аз ҷараён ва тайр аз тайрон[1] бозмедошт ва дар ҳар таркиб дувоздаҳ мақом ва бисту чор шӯъла ва чилу ҳашт гӯшаро ба мавқеъ мехонданд ва дар фунуни созандагӣ, ки ба нолаи вай занги кудурат аз дили ҳозирон мезудуданд, ба оҳанги навои ҷонфизои мусикор[2] ҳуш аз вуҷуди ушшоқ ва ҳиҷозу ироқ[3] мерабуданд, ба шӯълаи овоз оташкории даф

---

[1] Тайр аз тайрон – мурғ аз парвоз.
[2] Мусикор – номи асбоби қадимии мусиқӣ.
[3] Ушшоқ ва ҳиҷозу ироқ – дар ин ҷо ҳам ба маънои номи мақомҳои «Шашмақом».

намуда, сози дувоздаҳӯм рост карда, дар мақоми рост ин ғазал бархонданд:

Хуштар зи айшу суҳбати боғу баҳор чист,
Соқӣ, биёр май, сабаби интизор чист?

Зоҳид шароби кавсару Ҳофиз пиёла хост,
То дар миёна хостаи кирдигор чист?

Дарвешон! Аз бисёрии дилдории он ёри дилнавоз ва кайфияти бода ва нағмаи созу шӯълаи навози он мутрибон оҳиста-оҳиста аз даст рафта маст шудан гирифтам ва аз фикри он паризод, ки сармояи айш ва зиндагонии ман буд, берун рафтам. Дар асնои айшу суҳбат он ҷавонро гирён дидам. Меҳрубонона даст ба гарданаш даровардам, ба қурбону садқа ашк аз рухсораи гулнораш пок кардам ва ҷабакашро бародарона бӯсидам ва аз сабаби гиряаш пурсидам.

Дарвешон!

Бе ҳузури май нахезад шарми хубон аз миён,
Нашъаи майро ҳарифон хуб пайдо кардаанд...

Он ҷавон баъд аз қадаре фикр кардан сар бардошта, гуфт:

– Хуб, аз бародарон асрори дил пинҳон доштан аломати нифоқ аст.

Ҷавон ин бигуфту аз маҷлис берун рафт. Вақте ки бозгашт, аз дунболаш нозанине даромад, ки тамоми маҷлис аз нури ҷамолаш мунаввар гашт. Бо ишораи он ҷавон, духтари нозанин ишораро ба даст гирифта, як пиёла май кашиду ба ман дод. Нӯшидам. Он ҷавон худаш газакро пеш овард, ман гирифтаму аз дасташ бӯсидам. Ҳамин тариқ, мо май нӯшида суҳбат мекардем. Ниҳоят он ҷавон гуфт:

– Эй ҷону ҷаҳон! Чӣ шавад ки барои хотири бародарам як чанг навозӣ.

Духтар қабул кард, зуд ба ӯ чанг оварда доданд. Он зӯҳраи осмони накӯӣ дар назди чанг нишаста чунон навохт, ҳама об шуданд. Баъд аз овози форам ва дилнишини худ ҳамин байтҳоро хонд:

Агарчи бода фарахбахшу ҷом гулбез аст,
Ба бонги чанг маҳӯр май, ки, мӯҳтасиб, тез аст.
Сурохиею ҳарифе гарат ба чанг афтад,
Ба айш, кӯш ки айём фитнаангез аст.

Аҳли маҷлис аз нагмаи соз ва шӯълаи овози он дилнавоз ба хурӯш омаданд ва ман якбора аз даст ва аз по афтодам. Он ҷавон чун маро маст дид, аз ҷо бархоста, дастамро гирифта, бурда бар рӯи кати хотамбандӣ, ки рахти хоби муносибе дар вай паҳн карда шуда буд, хобонид. Вақте ки саҳар ба ҳуш омадам, дидам, ки он ҷавон бо он нозаниндухтар, дар пои кат нишастаанд ва дар наздашон маю ҷому хону маза. Дар он ҳол хоб кардани худро тарки адаб шумурда аз ҷо бархостам ва дар назди онҳо нишастам. Онҳо ба ман меҳрубонии зиёде намуданд. Он дилором зуд як қадаҳ май пеш овард, ман ҳам билотакаллуф бардоштам ва баъд ба сӯҳбат машгул шудем. Вақте ки рӯз равшан шуд, димогҳои мо чоқ буд, сар аз по намешинохтем. Сухан мухтасар, он рӯз, он шаб ва рӯзи дигар ва шаби дигар мудом маст ва лояъқил будем...

Шаби чорум хоб аз дидаам парид ва ба хотирам дилбарам омад ва ҳушам рафт. Охир, вай дар хона танҳо монда буд. Ман худамро маломат мекардам ва аз паҳлӯ ба паҳлӯ мегелидам. Саҳар он ду боз ба пои кати ман омада нишастанд ва ҳарчанд хостанд, ки ман ҳам бархезам ва бо онҳо ба сӯҳбат нишинам, барнахостам. Ниҳоят онҳо аз ман ноумед шуда, бархоста рафтанд.

Ман он ҳолро ғанимат шумурда, аз ҷо бархоста, сару тани худро шустам ва либосамро пӯшида, ба хона равон шудам. Дар роҳ худро таъна ва маломат менамудам, ки бо як ҳаракати ношоиста ҳамин қадар умед ва орзуро барбод додӣ. Чун ба дари хона расидам, дарвозаро кӯфтам, он нозанин зуд дарро кушод, маро парешонхотир дида табассум намуд. Ман ба пояш афтодам ва забон ба узрхоҳӣ кушодам.

Ӯ гуфт:

– Эй ҷоҳил, ин изтироб чист? Маълум аст, ки ба хонаи мардум рафтан ба дасти худ аст ва берун омадан ба ризои соҳиби хона...

Бо ин хел суханон маро тасаллӣ дода, чунон изҳори

хушнудӣ кард, ки дилам роҳат ёфт ва аз хиҷолат баромадам. Баъд аз он аз ман тарзи меҳмондорӣ ва аҳволи он хонаро пурсид. Ман ҳамаи воқеаҳои шудагиро як ба як гуфта додам.

Баъд аз он, шамъи шабистони нуктадонӣ ба шакарфишонӣ даромада, гуфт:

– Фалонӣ, ҳеҷ медонӣ, ки риндони қоидадон, нони мардон дар шиками мардон қарз медонанд.

Ман аз хиҷолат сар ба зер афганда бо худ гуфтам: «ҳоло бо киноя сарзаниш мекунад ва мегӯяд: «Модоме ки дар ивази меҳмонии ӯ меҳмонӣ кардан наметавонистӣ, чаро дар чунин меҳмонӣ мондӣ?» ва ба ӯ гуфтам:

– Эй меҳрубон, хиҷолати ман кифоят аст, чӣ эҳтиёҷ ба киноят аст?

Ӯ гуфт:

– Фалонӣ, сухани маро киноя мапиндор ва таъна машумор, балки матлаби ман он аст, ки ту ҳам чашм напӯшӣ (сартро ба дарун кашида нашин) ва ба муқобили зиёфати ӯ зиёфате бидеҳ!

Ман гиря карда, ба ӯ гуфтам:

– Дар хонаи мо, ки ба ғайр аз чордевор ва сақфу дар чизи дигар нест, ман чӣ тавр меҳмон хабар кунам?

Ӯ хандид ва гуфт:

– Аз ин ваҷҳ ғам мадор... бархез, рафта ҷавонро ба меҳмонӣ хабар карда биёр.

Дидам, ки намешавад, ба дил гуфтам, ки барои хотири нозанин аз хона мебароям ва ба пеши он ҷавон рафта, аз ҷиҳати аз хонааш ба ӯ нафаҳмонда ва беруxсат баромада омаданам узр металабам ва ба ӯ гуфтам:

– Ҳар чӣ фармоӣ, гардан ниҳам.

Ӯ гуфт:

– Мабодо, ки аз шармандагӣ тарсида, ӯро хабар накарда биёӣ. Аммо ман дар интизор ҳастам.

Дарвешон! Ҳарчанд фикр кардам, пай ба маънии суханҳои он нозанин набурдам. Боре аз хона берун омадам ва дар дил гуфтам: «ба пеши ӯ меравам ва барои амал кардан ба фармони ин нозанин ӯро ба меҳмонӣ таклиф мекунам. Аммо ба навъе, ки ӯ қабул накунад...»

Вақте ки ба дӯкони он ҷавон расидам, аз ҷо бархосту ба

ман меҳрубонӣ кард ва ба боло бурда дар паҳлӯи худ нишонид, аз аҳволам пурсид. Ман низ узри беадабии худ хостам ва аз ҷиҳати берухсат аз хонаи ӯ рафтанам бахшоиш пурсидам ва бо ӯ ба суҳбат нишастам. Он ҷавон шарбат ба ман дод, нӯшидам, хеле маъқул шуд.

Ӯ гуфт:

– Ин шарбат барои дафъи хумор фоиданок аст.

Чун он шарбат ба ман гуворо намуд, боз талаб кардам ва нӯшидам. Вақте ки се-чор пиёла нӯшидам, димоғам чоқ шуда, маст гаштам ва дар ҳамон ҳолат он ҷавонро ба хона таклиф кардам. Он ҷавон бе он ки узр гӯяд ё баҳонае ҷӯяд, таклифи маро қабул кард. Баъд то бегоҳӣ дар ҳамон ҷо нишаста, суҳбат кардем ва баъд аз дӯконро бастан ба сӯи хона равон шудем. Аз зиёдатии мастӣ даст ба гардани ҳамдигар андохта будем. Вақте ки ба қарибии ҳавлӣ расидем, ман андаке ҳушёр шудам, аҳволи хона ва бесомониям ба хотирам расид, кайф аз сарам парид ва поям аз рафтор монд... он ҷавон ба гумони он, ки маро кайф мебарад, ман ба фикри он, ки чӣ кор карда аз дасти ӯ халос шавам, калавида мерафтам ва аз дасти ӯ гурехтан мехостам. Охир ба ҷое расидем, ки дигар ҷои гурез ҳам набуд. Ноилоҷ чашм кушода ба роҳ даромадам ва хиёбони дари хонаи худро дидам, ки кӯча об пошида рӯфта шудагӣ, дар дами дар одами бисёре дар тараддуд... ман гумон кардам, ки аз мастӣ роҳро гум кардаам. Вале диққат карда бинам, ҳамон кӯча ва ҳамон ҳавлӣ. Он мардум омадани моро дида ҳама бо тавозӯъ даст ба пеш гирифтанд ва ба мо роҳ доданд ва як қисмашон аз паси мо хизматгорвор меомаданд. Вақте ки ба даҳани дарвоза расидем, ду ғуломбачаи озодалибос ба мо шароб ва газак доштанд. Ман чунон маст будам, ки парвои шаробам набуд. Аммо он ҷавон гирифта нӯшид. Баъд ба хона даромадем... Ҳавливу хона аз шӯълаи шамъу чароғу қандил монанди рӯз равшан ва музайян буд. Дар шохаҳои дарахтон қафасҳои булбулу қумрӣ овезон ва он паррандагон аз шӯълаи шамъ ва атру райҳон ба завқ даромада ғулғула ва шӯр барпо карда буданд. Ба даруни хона даромада дидам, ки фаршу палосҳои бисёр аъло паҳн карда шуда, дастурхонҳои атлас ва заррин кашида ва асбобу ишрат, ҳар хел неъмат ва хӯрданӣ ва май ва ҷомҳои булӯрин, нуқрагин ҷо ба ҷо монда буданд. Дар

шамъдонҳо шамъҳои кофурӣ месӯхт. Навозандагони хушсимо ва хушнавоз ба ҷои худ нишаста, соқиёни маъқул ба по истода, пешхизматони хушлибос аз ҳама ҷо бохабар ва ҳушёр... Он ҷавон ба ин тавр маҷлиси бодабдаба ва тумтароқ даромада ҳайрон шуд ва аз тартиби зиёфати худ хиҷолат мекашид. Аммо ҳайронии ман аз вай зиёдтар буд. Чаро ки дар вақти аз хона берун рафтани ман асаре аз ин чизҳо набуд. Ба ҳар ҳол он ҷавонро нишонидам ва худ ба ҷустуҷӯи дилбарам – он баҳри мақсуд – ба ҳар тараф мешитофтам. Ва ӯро дар ҷои худ наёфтам. Бо худ мегуфтам, ки ин нуқуши ғариб дар олами хоб ва ё дар нашъаи шароб ба назарам ҷилвагар аст... аз шарбатхонаҳо, аз ошхонаҳои серодам ва сертараддуд гузашта ба танӯрхона расидам ва дидам, ки он нозанин дар назди танӯри гарм истода фармон медиҳад ва кабоби танӯрӣ мепазонад. Ӯро дида пеш давидам, дасташро бӯсидам ва шарҳи ин ҳолро пурсидам. Аммо вай ба ман фарёд карда гуфт, ки:

– Расми одоб ва меҳмондорӣ ин нест, ки меҳмонро танҳо монда худ ба ҳар тараф гардӣ.

Гуфтам:

– Фидои сару пои ту шавам, аз надидани ҷамоли ту ва дидани ин нақшу нигорҳои аҷиб девонавор ақламро гум кардам...

Вай хандид ва гуфт:

– Вақти гап не, зуд рафта аз ҳоли меҳмон хабар гир, нагузор, ки малоли хотире ӯро рӯ диҳад. Ва ту гумон накун, ки соҳиби ин ҳама ғулом ва хизматгор нестӣ. Албатта чун хоҷа ба онҳо ҳукм фармо ва барои роҳати хотири меҳмон албатта маъшуқаи ӯро ҳам кас монда биёр! Зеро ки «бода бе маъшуқ хӯрдан хуни ишрат хӯрдан аст».

Дарвешон! Аз ин суханҳо хотирҷамъ шуда, ба маҷлис рафтам ва хурраму хандон ба айш нишастам, соқиён, ҳофизон ва навозандагонро ба гарм кардани ишрат амр фармудам.

Ранги соқӣ зи бода гул-гул шуд,
Қулқули шиша савти булбул шуд.

– Ман бародари туам, хонаи ман хонаи туст. Беҳтар буд, ки он нозаниндилбар, маъшуқаи ту ҳам дар ин маҷлис мешуд.

Ҷавон розӣ шуда, ба маъшуқааш кас фиристод ва ӯро ҳозир кард. Баъд аз он ба айшу нӯш машғул шудем; то шабонарӯз чунон сӯҳбат кардем ва чунон хурсандӣ намудем, ки ҳеҷ кас тасаввур карда наметавонад...

Дар шаби чорум аз худ рафта маст шудам. Вақте ки ҳушёр шуда чашм кушодам, офтоб баланд шуда буд. Ба ҳар тараф нигоҳ карда аз он мардум ва он ҳама асбоб асаре наёфтам. Саросема ба ҳар тараф давидам, ҳеҷ касро наёфтам. Фақат дар кунҷи хона гилемеро дидам печонида монда буданд. Онро кушода он ҷавонро бо маъшуқааш сарбурида, ба хоку хун оғушта ва дар он гилем печида дидам. Он ҳолатро дида аз хавф қариб буд, ки беҳуш шавам. Намедонистам, ки чӣ кунам ва чӣ сон худро аз ғарқоби бало берун кашам. Дарвешон! Бадтар аз ҳама ин буд, ки ман ошиқ ва шайдо будам Аз он шабе, ки ба Шом расидам, то ба он рӯз чандин ҳодисаҳоро дида будам, ки ҳамааш муаммо буд ва ҳал кардани он барои ман мушкил буд. Ман дар ҳамин фикру хаёл будам, ки касе ба ҳавлӣ даромада омад. Ман гумон кардам, ки аз хизматгорони он ҷавон аст, ки барои хабаргирӣ омадааст ва зуд хеста ӯро бардошта ба замин задам ва дидам, ки яке аз ғуломон буд, ки дар ин чанд рӯзу шаб хизмат мекард ва гуфтам:

– Он зебонигор куҷост, ки дилам аз дурии ӯ фигор аст; ту куҷо будӣ ва барои чӣ омадӣ?

Ӯ гуфт:

– Ту, чаро маро азоб медиҳӣ ва ҳол он ки он нозанин маро ба талаби ту фиристод ва туро ба хизмати ӯ мебарам.

Ман бо шунидани муждаи васл он ҳодисаро фаромӯш кардам ва бо завқи тамом аз паи ғулом равон шудам. Баъд аз хеле роҳ гаштан ба майдони васее расидем, ки дар як тарафи он девори баланде буд ва дарвозаи иморати бузурге менамуд. Дар рӯ ба рӯи дарвоза масҷиди васеъ бино ёфта ва аз пеши масҷид наҳри калоне ҷорӣ буд. Дар лаби наҳр дарахтон рӯида, соя афганда буданд. Ғулом маро дар сояи дарахте гузошта худаш ба дарун рафт ва баъд аз андак фурсат бо хоҷасарое берун шуда, бар дари хона истод ва маро ба ӯ нишон дод. Баъд худаш ба назди ман омада, гуфт:

– Фалонӣ, ту имрӯз дар кунҷи ҳамин масҷид ба сар бар, шабона ба назди дарвоза биё, то хоҷасарой туро ба назди малика раҳнамун гардад.

Дарвешон! Ман бо чашми хунафшон ва хотири парешон ба кунҷи масҷид хазидам ва рӯй аз халқ пӯшидам ва рӯзро ба шаб расонидам, посе аз шаб гузашт. Баъд берун баромада ба дарвоза наздик шудам ва ин байтро хондам:

Касеро дар шаби ҳиҷрон ба худ ҳамдам намебинам,
Ба марги хеш розӣ гаштаму он ҳам намебинам.
Магар гӯям дар ин олам ба Маҷнун шарҳи дарди худ,
В-агарна, ҳеҷ ҳамдарде дар ин олам намебинам.

Ногоҳ дарвоза боз шуд ва хоҷасарой маро ба дарун даровард. Он ҷо боғи васее дидам, ки бо ҳар гуна дарахтон ороста ва анвои гулу райҳон растааст. Аз миёни он наҳри азиме ҷорӣ буд ва дар лаби он наҳр қолинчаи абрешимӣ партофта ва дар шамъдони тиллокорӣ шамъи кофурӣ даргиронда буданд. Хоҷасарой маро дар он ҷо нишонид ва худаш рафт. Ман дар интизори он нозанин нишаста будам, ки ногоҳ аз як тараф он моҳи тамом, ба сад эъзору эҳтиром намудор шуд ва аз диданаш як ишқам ҳазор шуд...

Чашмеву ҳазор ноз бо ӯ,
Сад гуна карашмааш дар абрӯ.

Дар бараш либоси хеле гаронбаҳо, нимтоҷи пурзинатро дар гӯшаи сарбанд гузошта, хиромон ва доманкашон дарра-сид. Ба ман бо меҳрубонӣ назар карда, аз аҳволам пурсид. Мани бечораи мадҳуш ёрои нафас задан надоштам. Ӯ баъд аз дилҷӯиҳои бисёр ва меҳрубонии бешумор гуфт:

– Маро бубахш, ки барои ман озори бисёр кашидӣ ва аз даме ки маро дидӣ, ба фароғат соате нагузаронидӣ, моли тиҷоратии худро дар роҳи ман сарф кардӣ. Акнун, ана, ин андак харҷиро аз мо гирифта, узри моро қабул намо ва гоҳе ёд бикун.

Хоҷасарой бо ишораи малика ба назди ман ду халта зари тилло оварда монд. Баъд аз он малика ба хоҷасарой гуфт, ки:

– Фалон модиёнро ҳам ба ӯ диҳед, ки ҳамин шаб савор шуда аз шаҳр берун равад.

Инро гуфта вай аз ҷо бархост. Ман дидам, ки ҳозир аз даст меравад, даст дароз карда, дар аснои роҳ доманашро гириф-там ва гуфтам:



– Эй сарви хушхиром, ки хуш меравӣ ба ноз,
Ушшоқро ба нози ту ҳар лаҳза сад ниёз.

Ду калима васият ҳам аз ғамзадаи дилшуда гӯш кун.

Вай табассум карда истод ва гуфт:

– Бифармо, то чӣ васият дорӣ?

Гуфтам:

– Эй мояи ноз, ба умри дароз, дар ёд дорӣ, ки дар он шаб гуфта будӣ ки «эй ҷавони ғариб, маро бо зарбае ҳалок кун ва ба хок супор! Вале ман беадабӣ намудам, сухани туро гӯш накардам. Акнун ту ба гуфтаи ман амал намуда маро ҳамон тавр кун!

Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,
Пас, фарқ миёни мову ту чист, бигӯ!

Ӯ гуфт:

– Чӣ кор кунам?

Гуфтам:

– Яке аз ин ду корро кун: ё дар қатори хизматгоронат ҷо бидеҳ, ё бифармо, ки яке аз ин ғуломонат маро бо зарбае аз ғаму ғусса ҳалок кунад ва дар гузаргоҳи ту гӯр кунад.

Ё фикри дили фигор мебояд кард,
Ё куштанам ихтиёр мебояд кард.
Алқисса, аз ин умр надорам ҳавасе,
Як кор аз ин ду кор мебояд кард.

Чун инро шунид, табассум намуд ва гуфт:

– Фалонӣ, худро озор мадеҳ, ки ин аз ақл дур аст ва аз ин кор оқилро нуфур аст...

Гуфтам:

– Ин тавр бошад, ба ман баён кун, ки сабаби ин ҳамаи воқеаҳои аҷиб, ки ман дидам, чӣ буд?

Ӯ гуфт:

– Ин ҳам мумкин нест:

Пардаи хеш даридан на зи ақласту шуур,
Шамъ дар пардаи фонус диҳад беҳтар нур.

Малика инро гуфт ва равон шуд. Ҳарчанд сухане гуфтан хостам, хоҷасарой ва канизон нагузоштанд. Малика аз назар ғоиб шуд ва маро аз дар берун бароварданд ва тиллоҳоро ба ман доданд. Лекин ман қабул накардам. Онҳо дарро бастанд ва рафтанд ва ман бо дили кабоб ва чашми пуроб ба масҷид рафтам, дар он ҷо дар хилвате макон сохтам ва ба ҳеҷ кас напардохтам. Рӯзҳо ба кунҷе менишастам, лаб аз нолаву фиғон мебастам. Шаб то рӯз намехуфтам ва мегуфтам:

Дидӣ, ки фалак бо мани мискин чӣ ҷафо кард,
К-аз коми дилам боз ба ноком ҷудо кард...

Гоҳ мегуфтам:

Дидӣ, ки ёр ҷуз сари ҷавру ситам надошт,
Бишкаст аҳду аз ғами мо ҳеҷ ғам надошт.

То шаш моҳ аҳволам ҳамин буд. Баъд бемор шудам... то чил рӯз бемориам кашол ёфта, рӯз то рӯз аҳволам бадтар мешуд. То ба дараҷае расид, ки се рӯз беҳуд хоб кардам. Мардумоне, ки ба масҷид меомаданд, ба ҷавонии ман афсӯс мехӯрданд.

Аз қазо дар рӯзи охир хоҷасарой, ки аз воқеаи он шаб хабардор буд, ба масҷид меояд, ҷамъияти мардумро дида, ӯ ҳам бар сари ман омада, аҳволамро мебинад, маро мешиносад. Ба аҳволи ман раҳмаш омада гирякунон рафта, ин ҳоли маро ба малика мефаҳмонад. Ӯ ба хоҷасарой мефармояд, ки рафта ба болини ӯ нишин, агар то бегоҳ бимирад, шабона даровардa дар зери фалон дарахт гӯр кун. Агар ҳаёташ боқӣ монад, шабона, аз ҳама пинҳонӣ ба ҳарам дарор, то ки худ муолиҷа кунам...

Вақте ки чашм кушодам, дар сари болинам он нозанинро дидам, ки ба ҳалқам шарбат мечаконад. Ман боз гашта ҷон гирифтам. Табиби доно маро муолиҷа карда, дар муддати бист рӯз ба ҳол овард. Ҳар рӯз нозаниндилбарам ба сарам меомад ва ба ман меҳрубонӣ мекард. Ман ҳам ҳар рӯз ҷони тозае мегирифтам.

Дарди ошиқро давое беҳтар аз маъшуқ нест,
Шарбати бемории Фарҳод Ширин кардаанд...

Шабе дар аснои сӯҳбат гуфт:
– Фалонӣ, матлаб чист ва чӣ муддао дорӣ?
Гуфтам: – Фидоят гардам.

Дарде, ки дилам нуҳуфта дорад,
Пайванд ба бахти хуфта дорад.
Чун турраи дӯст нахли оҳам
Сад ғунчаи ношукуфта дорад...

Ӯ гуфт:
– Хуб! Ҳаққи ту бар ман бисёр аст. Ман ҳам баъд аз ин ризои туро меҷӯям ва тариқи салоҳи ту мепӯям.

Эй ҷавон, бидон ки ман духтари шоҳи Шомам. Падарам ба ғайри ман фарзанде надошт, бинобар он маро бисёр дӯст медошт. Ман аз рӯзе, ки худро шинохтаам, ба ишрату сӯҳбат пардохтаам, бе бодаву ҷом ва айши мудом насохтаам ва ҳамеша дар сӯҳбати гулъизорон будам. Як рӯз расида мондани моҳи рамазонро донистам. Дар вақти рӯза нӯшидани майро тарк кардан лозим шуд. Аммо ман азбаски ба шароб одат доштам, бе майнӯшӣ тоқатам тоқ шуд, дилам метапид ва дасту поям меларзид. Аҳволам бисёр бад гардид. Ман як хоҷасарои пире доштам, ки кӯкнор мехӯрд. Он пир ҳоли маро дида, раҳмаш омад ва гуфт:

– Агар малика андаке кӯкнор хӯранд, ба ҳол меоянд.

Ман ҳатто номи кӯкнорро ҳам нашунида будам, бинобар он фикр нокарда ба тайёр карданаш амр кардам.

Хоҷасарой ба талаби кӯкнор рафта, бо як калбачаи 8-9-сола бозгашт. Калбача либосҳои даридагӣ ва ифлос дошт. Азбаски ба куртааш кӯкнор рехта буд, ранги онро шинохтан мумкин намешуд... надонистам, ки матлаби хоҷасарой аз овардани ӯ чӣ буд... ман бо дидани он хамирмояи нагбат беҳузур шудам ва ба хоҷасарой итоб кардам. Хоҷасарой табассум карда, гуфт:

– Саломат бошед! Ба халқи Худо бо чашми ҳақорат назар кардан хуб нест...

Эй фалонӣ, магар тақдир ҳамин буд, ки гуфтаҳои хоҷасарой ба ман асар кард. Боре қадаҳ оварданд ва хоҷасарой соқӣ шуда кӯкнор кашида, ба духтарон нӯшонид. Бо таклифҳои онҳо ман ҳам андак нӯшидам, баъд аз андак фурсат кӯкнор кайф дода дафъи хумор кард ва аз дарди сар наҷот ёфтам. Дар ин дам канизон дар беруни хона бо калбача ҳазлу бозӣ карда, ӯро озор додаанд, ки вай фарёд кард.

Гуфтам:

– Ин беадаб кист? Чаро фарёд мекунад?

Хоҷасарой гуфт:

– Ин ҳамон калбачаи масхарабоз аст!

Гуфтам:

– Бо ин хурдсолӣ ӯ масхарабозиро чӣ медонад?

Хоҷасарой гуфт:

– Умрат дароз бод! Ин ҳаромзода ҳар рӯз дар кӯкнорхона надим ва сӯҳбаторои ёрони мо аст.

Гуфтам:

– Ӯро гирифта биёр! Бинам, ки чи гуна аст?

Хоҷасарой ӯро кашида даровард ва бо вай суханони ҳазломез гуфтан гирифт. Ӯ ҳам бо забони бачагона ва ширин ба хоҷасарой суханҳои талх ва бад мегуфт ва масхарагӣ мекард. Ман бисёр хандидам ва ниҳоят фармудам, ки кӯзаи кӯкнори ӯро пур аз танга карда бидиҳанд ва муқаррар кардам, ки ӯ ҳар рӯз кӯкнор биёрад. Вай ҳар рӯз кӯкнор меовард ва бо хоҷасарой ва доя шӯхиҳо карда, моро механдонд ва кӯзаи ӯро пури зар карда медоданд. Чун айёми рӯза гузашт, ман боз ба шаробхӯрӣ сар кардам, аммо дил ба ҷониби кӯкнор ҳам мекашид ва мехостам бо калбача ҳам сӯҳбат кунам ва муқаррар доштам, ки мисли пештара кӯкнорро овардан гирад.

То шаш моҳи дигар кори мо ҳамин буд. Калбача доимо дар сӯҳбат буд. Гоҳо ба ӯ ҳам шароб медодем. Аммо либоси кӯҳна ва кулоҳи намадини вай ҳеҷ дигар нашуд. Ман гумон кардам, ки тангаеро, ки ба вай медиҳам, ба баҳои кӯкнор мераваад ва ба ӯ чизе намемонад, ки ба худ либос бихарад ва фармудам, ки баъд аз ин кӯзаи ӯро пури тилло карда диҳанд. То шаш моҳи дигар ҳам ҳол ҳамон буд ва либосҳои ӯ дигар нашуданд.

Рӯзе ба ӯ гуфтам:

– Чаро либоси худро дигар намекунӣ? Ва он ҳама танга ва тиллоҳоро, ки вакилони ман ба ту доданд, чӣ кардӣ?

Ӯ ба гиря даромада, гуфт:

– Ман як сағири бекас ҳастам. Устодам маро ба иҷора гирифтааст, соле як тилло ва нони ҳаррӯзаамро медиҳад. Ман ҳар чӣ кор кунам, моли ӯст ва бурда ба ӯ месупорам.

Маро аз бемурувватии он номард (устоди вай) бад омад, ки ба воситаи ҳамин тифл сармояи калон ба даст оварда буд. Он ҳамон марди сарроф аст, ки ту аз вай як табақ зар оварда будӣ. Ман ба калбача гуфтам, ки:

– Худат кӯкнор тайёр карда метавонӣ ва дар назди мо мемонӣ?

Ӯ аз дилу ҷон қабул кард. Баъд аз ин ба вай асбоби кӯкнортайёркунӣ муҳайё карда доданд ва худи ӯро тоза карда, либосҳои оличанобона пӯшониданд, сарашро даво карда, дуруст карданд. Ӯ аз он касофат халос шуд. Як ҷавони хушрӯ ва ширинзабон гашт. Оҳиста-оҳиста вай калон шуда, як ҷавони тару тозаи хушқомат гашт ва мо аз сӯҳбаташ тоби ҷудой надоштем. Рафта-рафта кор ба ҷое расид, ки шавқи диданаш ба дидаам ҷо гирифт ва султони муҳаббаташ ба дилам маъво гирифт. Даме агар намедидам, дилам метапид, рангам мепарид, ба ҳолате, ки ҳамсӯҳбатонам ба ишқи ман пай burданд.

Аз париданҳои рангу аз тапиданҳои дил<br>
Ошиқи бечора ҳар ҷо ҳаст, расво мешавад.

...То се сол бо ҳамин тариқ ба ишқ мебохтам ва ба ҳар тариқ ба ҳаҷру васл месохтам. Баъд аз се сол доя чунон маслиҳат дод, ки дигар ӯ дар пеши назари мардум ба ҳарам надарояд, ки боиси маломат мешавад. Мулоқотро аз мардум пинҳонӣ кардан лозим. Бинобар он ба ҳамин қарор доданд, ки барои вай ягон хизмате бидиҳанд ва дар қатори хизматгорони мӯътамади даргоҳ бошад. Аз рӯи ин қарор фармудем, ки барои ӯ ба ду ҳазор туман матоъ харида, дар чорсӯ дӯкони бузурге тартиб доданд ва барои хотири мо аз ҳар ҷиҳат ӯро риоя мекарданд.

Баъд аз ин барои ӯ аз ҳамсоягии ҳарам як ҳавлӣ харида доданд. Хизматгор ва канизон бахшидам. Аз дигарон пинҳонӣ ба ҳавлии ӯ аз боғчаи нақб канондам ва ҳар шаб ӯро аз он нақб чеғ зада оварда, то субҳ сӯҳбат мекардам ва мафтуни ӯ будам. Як шаб он марҳами ҷонро дарҳам ва парешон дидам ва аз сабаби он пурсидам.

Гуфт:

– Дар канори шаҳр боғе ба фурӯш монда шудааст, ки дар ин вилоят боғе бо ин хубию сафо ва лутфу ҳаво нест ва бо ин ки ба се ҳазор туман меарзад, ба ҳазор туман мефурӯшанд ва ман зар надорам.

Бо он ки медонистам, эҳтиёҷ ба зар надорад, ризои ӯ ҷуста дилдорияш намудам ва қимати боғро адо фармудам. Чун боғро харидам, шабе бо ҳамроҳии ӯ боғро сайр карда дидам, ки ҳақиқатан ҷои фараҳфазо ва макони айш будааст. Бо ҳамин боз чанд гоҳ хурсанд будам... муддате бар ин ҳол гузашт ва боз як шаб ӯро хафа дидам. Сабабашро пурсидам, гуфт:

– Як канизаки Румияро мефурӯшанд, хеле хушовоз ва чангро хуб менавозад. Инчунин одоб ва расми зиндагиро ҳам хуб медонад. Агар рухсат диҳӣ, барои ту, маликаам, ӯро бихарам.

Чун донистам, ки ӯ мехоҳад, нархашро пурсидам. Дусад туман гуфт, дарҳол додам ва канизакро ба худаш бахшидам. Чун канизакро ба хонааш овард, шабе рафта ба сӯҳбат нишастем. Алҳақ аз ҳар ҷиҳат қобил ва аз ҳама сӯ комил буд. Хилъат ва зевараш бахшидам. Баъд аз ин чанд гоҳ бо хурсандӣ гузашт. Шабе хоҷасарой ба талаби он ҷавон рафт ва боз омада гуфт, ки бемор шудааст. Тоқат карда натавониста худ рафтам. Дидам, ки сар ба зонуи каниз гузошта ва ба рӯи ӯ маҳв буд. Нигоҳи ӯро дида фаҳмидам, ки дилаш ба ӯ моил шудааст. Ҳарчанд ки рашкам гирифт ва баданам ларзид, боз худдорӣ намудам. Онҳо маро дида парешон шуданд ва ҳар қадом ба кунҷе рафта нишастанд. Ман аҳамият надода ҳолпурсӣ намудам. Аммо вай нолида, ба худ мепечид... хулоса, баъд аз ин он ҷавон ба худ наомад. Шабҳои дароз ман дар таби фироқ месӯхтам. Як шаби дигар ҳам кас мондам, омада гуфтанд, ки дар хонааш нест. Ин хабарро шунидаму оташи

рашк синаамро сӯхт. Худро ба хоб андохтам. Вақте ки мардум ҳама ба хоб рафтанд, аз ҷо бархоста, як каниздухтарро ба канор кашидам ва аҳволи писаракро аз ӯ пурсидам:

Гуфт:

– Ба он каниз майли тамом дорад ва имшаб ба боғ рафтааст, ки бе ташвиш сӯҳбат кунад.

Ин хабарро шунида олам ба назарам торик гашт. Аз ҷо бархоста яккаву танҳо ба боғ рафтам. Чун он ҷо расидам, дарвозаи онро баста дидам. Ба машаққати тамом аз девор ба боғ фуромадам. Он шаб 14-уми моҳ буд ва моҳ ба болои сар омада буд ва дар моҳтобӣ шитофтам ва ҳар ду муштоқро дар як пераҳан ёфтам: чун ширу шакар ба ҳам омехта, даст ба гардани ҳамдигар андохта, дар бӯсу канoранд. Ин ҳолро дида корам шуд ва дар зери гулбуне нишастам, забонам аз гуфтор ва поям аз рафтор фурӯ монд. Вақте ки онҳо аз бӯсу канор фориғ шуданд, ба майгусорӣ нишастанд. Иттифоқо каниз ба ман рӯ ба рӯ нишаста буд ва он ҷавон бо пушташ менишаст. Ман беихтиёр ин шеърро хондам:

> Чи кардаам, ки фалак бевосила доғи ман аст,
> Аҷал дуаспа шабу рӯз дар сўроғи ман аст?
> Сиёҳбахтӣ аз ин бештар намебошад,
> Ки маҷлиси дигаре равшан аз чароғи ман аст?

Каниз овози маро шинохта қадаҳи майро ба дур андохт ва даст ба тарафи он ҷавон афшонда, гуфт...

– Чаро беҳуда ҳам маро ва ҳам худро озор медиҳӣ?

Писар маро дида, гуфт:

– Малика! Худо туро нигаҳ дорад. Магар ту ба мо асп ва ё шутуре фурӯхтӣ? Ё маро харида гирифтӣ? Мо тарки хонумон кардем, аммо ту моро тарк намекунӣ.

Гуфтам:

– Рост аст, инҳо чист? Чӣ шавад, ки ман ҳам ба сӯҳбати шумо ҳамроҳ гардам.

Ӯ гуфт:

– То ман худамро накушам, ту аз ман даст намекашӣ.

Канизаки фитнаангез бо хандаи таънаомез оташи ӯро тез мекард. То он ки писар аз миёни либосаш ханҷари обдореро,

ки худи ман ба ӯ харида дода будам, ба даст гирифта ва хост, ки бар худ занад. Ман пеш давида, ба досташ часпидам ва ба пояш афтода, гуфтам, ки:

– Қурбонат шавам, маро куш, ки куштанӣ манам.

Ӯ ҳам аз қаҳр ханҷарро ба пушт, ба паҳлӯ ва дасту бозуи ман задан гирифт. То ки ман беҳуд гашта надонистам, ки дигар чӣ шуд. Вақте ки ба ҳуш омада чашм кушодам, худро дар сандуқ ва туро ба болои сар дидам. Ба гумони ман ҳамин тавр мерасад, ки он ҷавон сандуқро ба хандақ партофтанӣ будааст. Лекин иттифоқо сандуқ ба хушкӣ афтода ва ту онро бардоштай ва сабаби ҳаёти ман шудӣ. Сабаб он буд, ки ман ба ивази хуни худ он чашмдаридаро бо он гесубурида ба қасос расонидам. Он кас ки ман ӯро аз он ҳолати пурнагбат халос карда, ба он дараҷаи аъло расонидам, бо ман ҳамин тавр кард...

Дарвешон! Ман ба ғайрат ва мардонагии он дилбар таҳсину офарин гуфта пурсидам, ки:

– Дар он нимрӯзӣ он қадар асбоб ва хизматгорро чӣ тавр пайдо кардӣ?

Гуфт: – Аз саркори падарам.

Гуфтам: – Дар рӯзҳое, ки аз хона ғоиб будӣ, падар ва модарат дар ташвиш наафтоданд ва ба онҳо чӣ баҳона пеш овардӣ?

Ӯ гуфт:

– Фалонӣ, подшоҳони Шом одат доранд, ки шаш моҳ дар пойтахт истода, шаш моҳ вилоятҳоро мегарданд. Иттифоқо муддати ғоиб шудани ман дар вақти ба сафар будани падарам рост омада буд. Модарам аз рӯи дурандешӣ ва боақлӣ ҳеч овоза накарда, махфиёна дар ҷустуҷӯи ман будааст. Вақте ки ту ба талаби он ҷавон рафтӣ, ман чодар ба сар гирифта ба хона рафтам. Модарамро дидам, ӯ аз аҳволам пурсид. Гуфтам:

– Ба ҳаққи худо, ки ба ихтиёри худам ғоиб нашуда будам. Вале ба ҳар ҳол ман сиҳат ва саломат ва номусам дар ҷояш аст.

Модарам аз ин хабар хурсанд шуд. Баъд ман ба дасту пои ӯ афтода зорӣ кардам ва боз се рӯз мӯҳлат ва баъзе чизу чораҳо ва мулозимҳо пурсидам. Азбаски модарам маро дӯст

медошт, ба ҳама рухсат дод. Ман ҳам бо одамони хосам зуд чизу чораҳоро ба он ҳавлӣ кашондам ва қасосамро аз он нобакорон гирифтам... ана ҳикояи ман ҳамин аст, акнун ту розӣ шудӣ?

Дарвешон! Ман ба ӯ гуфтам:

– Э паризод! Маро бо ҳамин хушнуд кардӣ, ки ба дилсӯхтагон ҳамдардӣ, аз ҳоли дилам бохабарӣ.

Ин сухани маро шунида, баъди фикри бисёр гуфт:

– Мо ки додем дилу дида ба тӯфони бало,
К-ӯ, биё, сели ғаму хона зи бунёд бибар!

Ҳоло ба ғайр аз ризои туро ба даст овардан дигар илоҷе надорам. Вале ризои туро ба даст овардан, дар ин шаҳр намешавад. Тарки ватан кардан лозим аст. Хуб, мунтазири вақт бош...

Аз ин сухан, хотири парешони ман осудатар шуд. Чанд рӯзи дигар дар посбонхонаи хоҷасарой будам. Як шаб, баъд аз хоб кардани ҳама, он нозанин либосҳои мардона пӯшида ва мусаллаҳ шуда омад ва гуфт:

– Зуд хез ки вақт аз даст меравад.

Ман ҳам аз ҷо ҷастам ва аз паси ӯ равон шудам. Вай ба аспхонаи хос даромада ду сар аспи модиёни давандро баровард ва ба ман дод ва худаш ба ҳарам бозгашт. Баъд аз қадаре ду хӯрҷин пур аз зару мол ва хӯрданӣ ва ду даст силоҳ бароварда ба аспҳо бор кард. Ман ҳам мусаллаҳ шудам ва ҳар ду савор шуда аз шаҳр баромадем. Шабу рӯз роҳ мегаштем. Рӯзонаҳо дар канори обшорҳо нишаста роҳат мекардем, хӯрок мехӯрдем. Баъд аз як моҳ асп рондан мо шабе роҳро гум кардем ва то чоштгоҳ бероҳа дар биёбон асп рондем. Ҳаво бисёр гарм буд. То ин ки аз пеши рӯямон як наҳри бузурге омада баромад. Ҳеҷ ҷои гузаргоҳе набуд, ки аз об гузарем. Дар канор танҳо як дарахти солхӯрда буд, ки ман дилбарамро дар сояи он монда худам ба ҷустуҷӯи гузаргоҳ ба боло ва поини наҳр асп рондам. Гашта омада аз он дилбар асаре наёфтам. Ман дар дил гуфтам, ки шояд аз паси мо таъқиб карда омада ӯро дар ин ҷо дида, боз ба Шом гирифта бурда бошанд. Бинобар он тағйири либос карда ба Шом рафтам.

Вале дар он ҷо ҳам бӯи умеде ба димоғам нарасид. Ва ҳамчунин ба талаби он моҳрухсор ба Димишқ ва дигар шаҳрҳо гардиш кардам. Вале аз ҳеҷ ҷо асар наёфтам. Баъд, қарор додам, ки худро ҳалок кунам. Бо ин мақсад ба домани кӯҳе расидам, худро ба камараш кашидам, ба қасди он ки худро ба зери кӯҳ андозам ва аз он марги ба ном зиндагӣ халосӣ ёбам ва дар фироқи ҷонон ҷон дарбозам.

Дар қуллаи кӯҳ марди зоҳидеро дидам, ки бар лаби чашма ва пои дарахте нишаста машғули ибодат. Чун маро дид, аз парешонии аҳволам пурсид. Ман ин ҳикояро ба ӯ нақл кардам ва аз иродаи худ низ ӯро хабар додам. Он мард лаб ба ханда кушода, гуфт:

– Хотир ҷамъ дор, ки гумшудаат мавҷуд аст ва ӯро сиҳат саломат хоҳӣ дид, ба висолаш хоҳӣ расид. Дар Қустантания дар роҳ ба ту се нафар дарвеш рафиқ хоҳанд шуд. Ҳар кадоми онҳо соҳиби матлаби азиманд. Занни ғолиб он ки подшоҳи он вилоят низ матлабе дорад. Шумо дар рӯзи аввал, ки ба он шаҳр медароед, ба назди шоҳ меравед. Баъд аз ба матлаб расидани шоҳ, шумо ҳам ба мақсад мерасед.

Чун муждаи дидор ва ваъдаи висоли дилдор аз он мард шунидам, аз рӯи шавқ равона ба ин сӯ гардидам. Имрӯз ба хизмати шумо расидам ва як ҳукми он мард рост баромад. Бинам то рӯзи дигар чӣ мерасад. Акнун ҳар кадоми аз шуморо ки димоғ вафо кунад ва табъ тақозо мекунад, аз саргузашти худ бигӯяд.



## БАЁНИ САРГУЗАШТИ ДАРВЕШИ ДУЮМ

Азизоне, ки бар сар ҳуш доранд,
Ки як соат ба ҳарфам гӯш доранд?

Дарвешон ва азизон, бидонед, ки бандаи шумо подшоҳзодаам, аз вилояти Аҷам ва падарам аз ҷинси фарзанд ҳамин маро дошт. Ба умеди он ки ҷонишини ӯ бошам, дар ҳини ҳаёти худ бандаро валиаҳди худ гардонида, корҳои мамлакатро ба ихтиёри ман гузошт. Банда низ бо вуҷуди хурдсолиам тамоми корҳои мамлакатро ба роҳ мебурдам ва ба айшу ишрати безаҳмат ва меҳнат фармонфармоӣ мекардам. Аз он ҷо, ки тақозои ҷавонӣ аст, аз ҷумлаи лаҳву-лааб[1] ба сайру шикор машғул ва моил будам.

---

[1] Лаҳву-лааб – бозии беҳуда, рӯзгузаронӣ бо шӯхиву бозӣ, рӯзгузаронӣ бо айшу нӯши барзиёд.

Навбате азми шикори чилрӯза намудам, амр кардам, то ки миршикорон бозу шоҳину шункору карчиғаю чарғ, трумтою тула ва тозӣ тайёр кунанд. Ҷарга ба вақти муайян ҷамъ шуданд ва мо ба соати хуб ба саҳро рафтем. Рӯзе, ки ба азми шикор савор шудам, амирзодагон ва ғозиён ба сайру шикор ва ба сайдафганӣ машғул шуданд ва худ савор шуда бар баландие истода тамошо мекардам, ки ногоҳ дар миёни ҷарга оҳуе ба назарам даромад, ки забон аз таърифи ӯ қосир (кӯтоҳ) аст. Он оҳу кулодаи (гарданбанди) мурассаъ дар гардан, ҷалоҷили[1] тиллоӣ дар даст дошт, шохҳои ӯ ба тилло бор гирифта ва донаҳои қимати мурассаъ карда шуда буд. Он ғизоли аҷоиб ба хилофи ваҳшиёни дигар ба осудагӣ дар ҳар тараф дар ҷавлон буд, сайркунон мехиромид, аз одамон намерамид. Ман хостам ки онро зинда гирам. Ғофил аз он, ки вай доми балост. Ба гирифтани ӯ амр кардам. Диловарон камандҳоро ба сари даст гирифта ба сӯи ӯ тохтанд. Чанд каманд якбора ба қасди гирифтани ӯ андохтанд. Аз қазо ҳеҷ каманд дуруст наафтод ва он ғизол аз онҳо ҷудо шуда ба тарафи ман рӯ кард. Ман низ ба ӯ каманд андохтам. Оҳу аз ман ҳам гурезон шуд ва ба тарафи биёбон чун об равон шуд. Гуфтам:

– Касеро ба ӯ коре набошад, худ ба гирифтани ӯ меравам. Касе аз паи ман наояд, ки оҳу аз издиҳом рам менамояд...

Ман, каманд дар бозу, аз дунболи оҳу дар такопӯ даромадам. Он роҳнамои ваҳшихӯ ҳамин, ки маро дур медид, ба ҷаро машғул мегардид, чун наздик мешудам ва каманд меандохтам, аз пеши ман бадар мерафт. Аз чошттоҳ то ба қарибии фурӯрафти офтоб аз паи ӯ дашту кӯҳ мепаймудам. То он ки аспам аз рафтор монд ва худам ҳам бетоб шудам, қаҳрам омад. Камандро ба дур партофта камонро гирифтам ва тири уқобпареро ба зеҳи камон пайвастам ва чилларо ба он фитнаҷӯ рост карда, гӯш то ба гӯш кашидам ва ба ҷониби ӯ шаст кушодам. Он тир ба ёрии қоиди[2] тақриб ба рони оҳу та-

---

[1] Ҷалоҷил – 1) ҳалқачаҳое, ки барои садобарорӣ ба гардиши дойра парчин мекунанд; 2) занғӯлачаҳое, ки дар гарданбанд ва ё пойбанди одамон ва ҳайвонот қатор мебанданд.

[2] Қоид – дар нусхаи аслӣ ин калима хато шуда, ба шакли «коида» навишта шудааст, ки дар ин ҷо ҳеҷ маънӣ надорад. Чунки «тақдир» коида надорад ва одатан ҳамаи чизҳои «бекоида»-ро ба тақдир ҳамл мекунанд.

розу шуд (расид) ва такутоз бозмонд ва кӯҳи рафие (баланде) дар он наздикӣ буд, ки бад-он сӯ рӯ намуд, ҳамин ки қадаре лангон-лангон роҳ паймуд, аз назар нопадид гардид.

Бо худ гуфтам: «Албатта аз по даромада бошад...» Пиёда шуда ба ҷустуҷӯи ӯ машғул гардидам. Бисёр ҷуста ӯро наёфтам. Шаб омад ва наздик шуд, ки ҷаҳон торик шавад. Ногоҳ кардам, дар камари кӯҳ гунбаде ва чанд дарахте дидам. Равон ба он сӯ шудам, ба азми он ки шабро ба он макон рӯз оварам. Чун наздик расидам, чашмаи обе дидам, ки ёд аз зулоли Хизр медод. Бар канори он чашма нишастам, дастурӯ шустам ва ба фикру хаёл ғарқ шудам. Ногоҳ овози касеро аз даруни гунбад шунидам, ки бо дилсӯзии тамом мегуфт:

– Э рафиқи ҳамдам ва э аниси[1] дили пурғам. Оё кадом золим ин зулм бар ту раво дида ва андешае накарда, ки баҳра аз рафиқон ва мусоҳибон набинад ва ба зудӣ ба рӯзи мани зори ҳазин нишинад...

Ин суханҳоро шунида дилам сӯхт, қадам ба дарун гузоштам: дидам, марди мӯсафеде нишаста ва оҳуро дар оғӯш кашида мебӯсид, мегирист. Либоси он марди соҳибдард монанди либоси руҳбонон[2] саропо сиёҳ буд. Ба он мард салом додаму ҷавоб гирифтам. Хост барои истиқболи ман аз ҷо хезад, ман узр хоста зуд нишастам ва гуфтам:

– Э марди аҳли дард. Ин хато аз ман сар зада, аммо дар ҳолате ки аз худ бехабар будам. Оре гуноҳи маро умеди авф ҳаст?

Он мард гуфт:

– Эй ҷавон! Худо гуноҳони ту ва ҳамаи бандагонро авф кунад.

Дарвешон! Ба рафоқати пир тирро аз ҷасади оҳу баровардем ва ҷароҳаташро бастем... баъд аз он ба сӯҳбат нишастем. Он мард таоме, ки дошт, ҳозир кард, баъд аз таом хоб бар ман ғалаба кард, ба девор такя намуда, ба роҳат ғунудам (хоб кардам).

---

Бинобар ин дурустии ин калима «қоид» аст, ки дар асли луғат «асокаш» гуфтан аст. Аммо дар адабиёт бо маънои лашкаркаш ва умуман ба маънои роҳнамо меояд. (Аз муҳаррир).

[1] Анис – ҳамнишини дилхоҳ, ҳамнишини улфатгирифта, унсгирифта.

[2] Руҳбон – зоҳид ва гӯшанишини дини христианӣ ва ғайра.

Дарвешон! Даруни гунбад чор суфа дошт. Пеши яке аз суфаҳо парда кашида шудагӣ буд. Нимишаб бедор шудам, овози навҳа ва гиряву зории он мард аз паси парда ба гӯшам расид. Чун диққат карда гӯш кардам, мегуфт:

Эй фалак, то ба чанд хунборам?
Раҳм овар бад-ин дили зорам.
Рӯзам аз ғусса гашт чун шаби тор,
Корам аз даст рафту даст аз кор.
Нолаам нест боасар, чӣ кунам?
Сӯхтам, сӯхтам, дигар, чӣ кунам?
Охир, эй сангдил, бикун раҳме!
Шӯхи паймоншикан бикун раҳме!
Дил зи теғи тағофулат хун шуд,
Дидаам ҳамчу рӯди Ҷайҳун шуд.
Як сухан з-он даҳон ҳавас дорам,
Гар ба бӯса на дастрас дорам.

Ва боз мегуфт:

Нола ҳарчанд боасар бошад,
Чи кунад бо диле, ки сангин аст.

Моро аз ҳол ва мақоли (гуфтори) он таааҷҷуб омад ва ба ақиби парда рафта, домани пардаро бардоштам ва назар ба даруни парда гузоштам. Тахте дидам дар пешгоҳи суфа гузошта шуда ва ба болои он тахт рахт густурда, нозанине бар болои тахту рахт нишаста ва либоси ба равиши хубони фаранг дарбар, кулоҳи шамсаи фарангӣ бо ҷиғаи навмурассаъ[1] бар сар, пойро дароз карда ва он пири бечораи фақир рӯй бар пои он хуршедсимо мемолид ва бо камоли аҷз[2] менолид. Он нозанинсанам аз ғурури ҳусн ба ҷониби ӯ илтифот намекард.

Дарвешон! Дар назари аввал ақл ва хирадам ба тороҷ рафт.

[1] Мурассаъ – ба маънии он чи ки дар он ҷавоҳирот ба зар нишонда бошанд.
[2] Аҷз – нотавонӣ, бемадорӣ, беиқтидорӣ, оҷизшавӣ.

### НАЗМ

Бибурд аз ман қарору тоқату хуш,
Бути сангиндилу симинбаногӯш.
Нигоре, чобуке, шӯхе париваш,
Ҳарифе маҳваше, турке қабопӯш.
Зи тоби оташи савдои ишқаш,
Ба сони дег доим мезанам ҷӯш.
Чу пероҳан шавам осудахотир,
Гараш ҳамчун қабо гирам дар оғӯш.
Агар пӯсида гардад устухонам
Нагардад меҳраш аз ҷонам фаромӯш
Дилу динам, дилу динам бибурдаст,
Бару дӯшаш бару дӯшаш, бару дӯш!
Давои ту, давои туст, Ҳофиз,
Лаби нӯшаш, лаби нӯшаш, лаби нӯш!

Беихтиёр наъра зада беҳуш шудам. Вақте ба худ омадам, ки он мард оби сард ба рӯям мезад ва гирён-гирён мегуфт:

Ҳар бедиле, ки гашт чу ман мубталои ишқ,
Бечоратар зи мост, бар ӯ раҳм воҷиб аст!

Гуфтам:

– Эй пири пур аз макр ва тазвир[1]. Ин турфа санам кист, ному насабаш чист? Ин гул аз кадом гулзор аст ва ин сарв аз кадом ҷӯйбор аст? Ба кадом дудамон (хонадон) шикаст додай ва ин ҳурвашро чӣ сон ба даст овардай?

Гуфт:

– Аз худаш пурс!

Сар бараҳна карда, пеш рафтам ва салом гуфтам:

– Бараҳна пеши ту оям ба расму роҳи фарангӣ,
Ки ман гадои фарангам, ту подшоҳи фарангӣ!

Ҷавоби салом нагардонд ва илтифот накард.

Гуфтам:

– Эй моҳи зӯҳраҷабин ва эй гулъизори нозанин! Тағофул

[1] Макр ва тазвир – ҳила ва фиребгарӣ, каллобӣ.

агарчи расми гулрухон аст, аммо начандон ки аз ҳад бигзарад. Охир, на ҷавоби салом воҷиб аст? Фидоят шавам! Агар аз пир озурдагӣ дорӣ, ишора фармо, то ӯро сазо диҳам.

Ӯ ҳеҷ ҷавоб надод. Ҳарчанд ҷазаъ (бетоқатӣ) кардам, қабул нашуд. Наздикаш рафтам ва сар ба пояш ниҳодам, сарам ба дард омад. Чун некӯ мулоҳиза намудам, дидам, ки он нозанинпайкарро аз санг тарошида буданд ва наққошони моҳирқалами мушкинрақам чеҳракушой намуда. Оҳ аз дил кашидам ва ба худ гуфтам, ки «дидӣ, охир дил ба чӣ сангдиле додӣ ва ба рӯи худ абвоби (дарҳои) меҳнат ва машаққатро кушодӣ!..»

Рӯй ба пир оварда гуфтам:

– Э ҷоҳили гумроҳ! Э пири дилсиёҳ! Э шайхи шӯъбада (найранг)-боз, э найрангфурӯши фусунсоз! Ин ҳама аҷибу ғариб сохта ва пардохтай, ин чӣ доми балост, ки андохтай ва бечорагонро ба ин васила мерабой ва ба бутпарастӣ роҳ менамой?!

Он мард табассум кард ва ҷавоб дод, ки:

– Э ҷавони тундхӯ! Кош, гузори ту ба ин макон намеафтод. Ман кай розиам, ки касе бо ман шарик бошад.

Гуфтам:

– Бале! Алҳол, ки ба доми тазвир (ҳила) банд шудаам:

> Дидор менамоиву парҳез мекунӣ,
> Бозори хешу оташи мо тез мекунӣ!

Ҳамоно дуое, ки аввали шаб кардӣ, муассир афтод: мегуфтӣ, ки илоҳӣ ба рӯзи ман нишинӣ. Алҳол фикри дили зори маро кун ва ҷораи ҷони фигорам намо! Аввал гӯй, ки соҳиби ин суратро куҷо дидай ва кист? Аз ин суратпарастӣ чӣ дидай? Матлаб аз ин канораҷӯии халқ чист? Туро чӣ но‹›
аст ва ин санам чӣ ком аст?

Гуфт:

– Э фарзанд! Ин ҳикоят нагуфтанӣ аст ва нашуданӣ. Ҳамон беҳ, ки аз ин моҷаро даргузарӣ ва ранҷи беҳуда набарӣ. Ин суратро нодида ангор (гумон кун) ва чунон пиндор, ки хобе дидай!

Гуфтам:

– Сурат надорад, ки то таҳқиқи ин сурат накунам, аз сари он даргузарам...

...Чӣ кунам оҳ, ки нақди дилу дин бохтаам,
Рафтаам сангдилеро бути худ сохтаам.

Алқисса пир насиҳати бисёр кард, нашунидам... ниҳоят гуфт:

– Э ҷавон, агар нагӯям, ту меранҷӣ.

Ман гуфтам:

– Ту бигӯ, баъд аз он маро ба ман бигузор!

Гуфт:

– Э фарзанд! Маро Нӯъмони сайёҳ мегӯянд. Ҷои таваллудам Ироқи араб аст. Аз падар моли зиёд ба мерос ёфтам ва дар аввали ҷавонӣ ба сафар шитофтам ва тамоми умр дар тиҷорат мепаймудам. Аммо дар ҳеҷ вилояте беш аз чанд рӯз намеистодам. Дар ҳафт иқлим рӯз мегузаронидам. То ба ҳадде ки ба сайёҳӣ машҳур шудам. Аз қазо навбате гузарам ба мулки фаранг афтод. Ба шаҳре ки онро Аржанги дунё меноманд, рафта расидем. Сифати он шаҳр ҳамин, ки ду маъмураи[1] васеъ буда, дар канори дарё воқеъ аст ва рӯдхонаи бузурге мобайни он ду маъмура ҷорист. Дар ҳар як аз он ду маъмура подшоҳе алоҳида фармонфармоӣ мекунад ва он рӯд ҳадду садди (девори) қаламрави онҳост. Мо ба яке аз он ду шаҳр, ки ба калонӣ аз они дигар мумтоз аст, фуромадем. Чанд рӯз, ки гузашт, овозаи омадани савдогарон дар он вилоят паҳн шуд. Рӯзе дар аввали сабоҳ дар ҳуҷра нишаста будам, ки хоҷасарой[2] бо пиразане ва чанд нафар мулозим дохили корвонсарой шуда, хосткори коло шуданд. Савдогарон онҳоро ба ман далолат карданд. Вақте ки онҳо ба дари ҳуҷраи ман расиданд, аз вазъи онҳо фаҳмидам, ки ходимони бузургонанд. Онҳоро баодоб қабул намуда, аз матлабашон пурсидам:

Хоҷа гуфт:

– Маликаи офоқ матоъ ва қумош талабида. Акнун ту аз ҳар ҷинс матои нафисе, ки дорӣ, бо худ бардор, то ба хизмати малика мушарраф шавӣ.

---

[1] Маъмура – ободонӣ, ҷои одамнишин.

[2] Хоҷасарой – сарпосбони ҳарам, мутасаддии корҳои ҳарам (барои подшоҳон ва табақаҳои болои феодалҳо)

Ман зуд матои бисёр, чи аз худ, чи аз савдогарони дигар гирифтам ва бо онҳо рафтам. Ба хонаи подшоҳ расидем. Маро ба дарун бурданд. Чун ба ҳарам даромадам, иморати олие дидам, пур аз нозанинсанамони фарангӣ... ҳама хуршедликои[1] моҳпайкар, ҳама нозукандоми симинбар, ҳама зӯҳрачабин ва рашки қамар. Дар он миён нозаниндилороме, нозукандоме, моҳрухсоре, оҳунигоҳе, мижгонсиёҳе, писталабе, симинғабғабе, мушкинмӯе, камандгесӯе, ғунчадаҳоне, ширинкаломе... чун оби ҳаёт дар сиёҳӣ ниҳон гашта, бар болои нимтахте нишаста ва дигар моҳпайкарон монанди ситорагон бар гирдаш саф баста. Лекин он подшоҳи сурату маънӣ дар айни бедимоғӣ сар ба зер афганда ва асари малол аз пешонаи ҳолаш намоён буд.

Чун ба он маҷмаи ҳуру парӣ ва он қутбаи фалаки дилбарӣ назарам афтод, дил аз дастам рафт ва тири ишқ дар синаам то пар нишаст: матои сабр аз каф додам ва ба доми ғам афтодам.

Ба сари зулфи дарозаш на дили шайдо рафт,
Ҷону сар низ ҳама дар сари ин савдо рафт.

Маҳви ҷамоли хуршедмисол гардидам. Наздик ба он расид, ки гиребон пора кунам! Боз худдорӣ кардам, вале...

...Аз муҳаббат чун шавам монеъ дили девонаро,
Кай тавонад манъ кард аз сӯхтан парвонаро!

...Ёрои гуфтор ва қуввати рафторам намонд, бар ҷо хушк шудам. Баъд аз ламҳае (лаҳзае) он саромади хубон сар баровард (бардошт) ва ба сӯи ман назар кард ва лаб ба табассум кушода, гуфт:

–...Муслимӣ[2], пеш биё, матои худро кушо!

Чун нигоҳи лутфомез ва ишваангезро дидам, пеш давидам ва ба ин мазмун тараннум кардам:

– Э, ба рӯи ту чашми ҷон равшан,
В-аз фурӯғи рухат ҷаҳон равшан!

---

[1] Хуршедлико – офтобрӯ.
[2] Муслимӣ – мусалмон.

Матои худро пеш бурдам, аммо аввал нақди ҷон пешкаш кардам. Вай баъд аз мулоҳиза ва боздид чанд ҷавоҳир ва чанд тоқа матоъ писандид ва гуфт:

– Муслимӣ, инҳоро мону фардо биё, баҳояшонро мегирӣ!

Ман гумон кардам, ки ба ман дунёро доданд. Зеро ки боз як бори дигар дидаам ба нури ҷамоли он фариштахисол мунаввар мешавад. Бинобар он забон ба дуо кушодам:

– Дорам уммед, ки нахли карамат хам нашавад,
Сояи марҳаматат аз сари мо кам нашавад.

Ва аз он маҷлис... бо дили ҳазин ва ҷони ғамгин берун омадам. Вақте ки ба ҳуҷра расидам, ба гӯшаи сӯгувор (мотамиёна) нишастам ва дар ба рӯи худ бастам ва ба гиряву нола дарпайвастам... гоҳ худро маломат карда мегуфтам, ки: «Э дили беҳосил! Ин чӣ нодонист?! Маълум аст, ки висоли он симинбар ба ту муяссар нахоҳад шуд. Акнун аз ҷоми фироқ хунҳои бисёр хӯрӣ ва бисёр рӯзҳо дар водии ҳиҷрон ба сар барӣ. Зани ғолиб он ки ҷони ширин ба ёди он лаъли ширин дарбозӣ (бой диҳӣ)!..»

Гоҳо мегуфтам: «Хушо ҳолат, агар ба зудӣ ҷон фидо кунӣ ва дар ҷаргаи (сафи) вафодорон нашъунамо кунӣ!..».

То он ки рӯзу шаб ба сад гуна тааб гузашт. Рӯзи дигар дар баробари баромадани офтоб, бо дили бетоб ба сӯи давлатсарои он хуршедлиқо рӯ овардам...

Чун он ҳурназирро назар ба ман афтод ва дид, ки музтарибам, меҳрубонӣ намуда, ба нишастан амр фармуд. Арз кардам:

– Умрат дароз бод! Инҳоро қадре нест. Он чи лутфи малика бошад, хуб аст.

Лабе ширин карда ба ходимон ишора кард, кисаи заре оварда дар пеши ман гузоштанд. Ман сар ба зер карда, аз хиҷолат дида пӯшидам, ба маломати худ кӯшидам ва ба ҳазор ҳасрату афсӯс гуфтам: «Э вой, баъд аз ин чӣ кунам?».

Хостам аз ҷо хезам, гуфт:

– Муслимӣ, ба ҷоят бинишин, ки ман ба ту коре дорам.

Аз ин ҳарф хушвақт шуда нишастам. Бо амри ӯ хизматгорҳо ширинӣ ва шарбат оварданд. Он фитнаангези балоҷӯ ҳар замон нигоҳи лутфомез мекард ва бо ин васила оташи ишқи маро тез мекард... ҳамин ки таоми чошт оварда,

дастурхон пахн карданд, он лолаизор беихтиёр чун абри баҳор, сиришки хунини монанди дурри шоҳвор бар сафҳаи рухсор фурӯ рехт... баъд аз ноладу оҳ чанд лукма ба зӯр тановул карда, даст пок кард. Баъд аз гундоштани дастурхон хизматгорҳо ба ҳар тараф рафтанд ва маҷлис бартараф шуд. Ӯ рӯ ба ман карда, гуфт:

– Муслимӣ, сармояи тиҷоратат чанд аст?

Гуфтам:

– Филони ту гардам, ба даҳ ҳазор туман мерасад.

– Дар як сол чӣ қадар фоида мегирӣ?

– Он чи Худо диҳад.

– Аз ин сафари фаранг чӣ қадар фоида гирифтан мехоҳӣ?

– Он чи Худо диҳад.

Гуфт:

– Хуб, оё ҳазор туман фоида мекунӣ?

– Якчанд матоъ дорам, агар фурӯхта шавад, шояд бирасад.

– Агар тавонӣ, ба ту як хизмат мефармоям.

Дар ҷавоб гуфтам:

> Бад-ин мужда гар ҷон фишонам равост,
> Ки ин мужда осоиши ҷони мост...

Гуфт:

Агар дар ин боб кӯшиши дуруст ба кор барӣ, аҷри хуб ҳосил мешавад.

Гуфтам:

– Аҷри ман, таваҷҷӯҳи ту асту бас!

Ӯ гуфт:

– Агар ба ту музди хизмат даркор набошад, ба мо ҳам хизмати бемузд лозим нест.

Гуфтам:

– Майл ва ихтиёр ба дасти туст.

Гуфт:

– Муслимӣ, коғазеро ба ту медиҳам, бояд ба ҷое, ки гӯям расонӣ ва ҷавоби онро гирифта биёрӣ. Аммо навъе ҳаракат кунӣ, ки касе хабардор нашавад. Зеро ки ин кори хатарнок аст, мумкин аст ҷон талаф шавад.

Ман гуфтам:

– Сар, ки на дар роҳи азизон бувад,
Бори гаронаст кашидан ба дӯш!

Гуфт:

– Эҳтиёт шарт аст. Алҳол ана ин кисаи панҷсадтуманиро гир, агар тавонӣ молу матоъҳои худро ба он тарафи рӯдхона – ба он тарафи ҳудуди қаламрави падарам, ки золим аст, гузарон ва биёву хизмати ба ту ҳаволашударо иҷро намо. Агар рафту душмане бохабар шавад, ту бояд зуд ба он тараф гузарӣ ва ба ин тараф чизе надошта бошӣ.

Аз ин тавр эҳтиёт карданҳои ӯ маро тааҷҷуб омад... боре зарҳоро гирифта ба ҳуҷра баргаштам ва ба рафиқон гуфтам, ки:

– Дар ин шаҳр мондани мо ба худамон зулм кардан аст. Зеро ки ҳокими ин шаҳрро хеле золим мегӯянд ва ҳокими он тараф одил будааст. Бинобар он ба он тараф рафтани мо беҳтар аст.

Раъйи ман ба савдогарон маъқул шуд. Мо зуд молҳои худро ба канори дарё бурдем ва ба заврақ гузошта ба он тараф гузаштем. Дар он сӯ ба сарое ҷо гирифтем... Шабро ба ёди он нӯшлаб ба сад азобу уқубат ба рӯз расонидам...

Вақте ки ман ба хизмати он ягона мерафтам, рафиқон гуфтанд, ки:

– Куҷо меравӣ?

Гуфтам:

– Барои гирифтани пулҳои моли ба малика додагиам меравам.

Чун аз об гузашта, ба хизмати он қиблаи офтобпарастон расидам, маро ба хилват бурда меҳрубонии беш аз пеш кард ва гуфт:

– Шарт он аст, ки то тавонӣ, чунон кунӣ, ки касе хабардор нашавад.

Баъд аз ин коғазе сар ба мӯҳр, рӯмоли зартор ва ангуштаре, ки номаш дар он нақш буд, ба ман дода, гуфт:

– Аз шаҳр берун, ба ҷониби шимол, як фарсах дуртар аз шаҳр боғест. Бар дари он боғ ҷамъе ба қаровулӣ машғуланд. Саркардаи онҳо Кайхисрав ном дорад. Ту ин ангуштаринро ба ӯ чун нишона бинамо ва ба ҳар кас, ки ӯ бигӯяд, коғаз ва рӯмолро супор, баъд ҷавобашро гирифта биёр. Чун назди он ғариби мазлум бирасӣ, ҳаминро гӯй:

– Саломат мерасонад нотавоне,
Ҳазине, мубталое, хастачоне;
Ки эй, ёри азизи меҳрубонам,
Таманнои дилу ороми ҷонам;
Маро худ дил зи ҳаҷрат ғарқи хун аст,
Ҷигар хокистар аз сӯзи дарун аст.

Замин бӯсидаму равон гардидам. Аз роҳе, ки гуфта буд, мерафтам, то ба дари он боғ расидам. Дар он ҷо ҷавони шерсавлатеро дидам, ки бар болои сандалии зар нишаста ва қариб сад нафар мусаллаҳ дар хизматаш саф бастаанд. Чун ӯ маро дид, пеш талабид ва аз аҳволам пурсид:

Гуфтам:

– Роҳ гум кардаам.

Гуфт:

– Муслимии тоҷир менамой?

Гуфтам:

– Дуруст мефармой!

Гуфт:

– Чизе ҳамроҳ дорӣ?

Ман ҳам фурсатро ғанимат дониста он ангуштаринро ба дасташ додам ва ба канор истодам. Чун ангуштаринро дид, сурху сафед гашт, баъд бархоста ба тарафи боғ рафт ва маро чеғ зада пинҳонӣ пурсид, ки:

– Инро аз куҷо овардӣ?

Гуфтам:

– Соҳибаш барои нишона дод ва ба хизмати ту фиристод.

Гуфт:

– Дигар чӣ дорӣ?

Гуфтам:

– Рӯмоли зарторӣ дорам, мехоҳам ба соҳибаш супорам.

Гуфт:

– Ба боғ даро, дар миёни боғ ҳар киро бинӣ, ба ӯ деҳ ва зуд берун баро!

Инро гуфта ба ҷояш баргашт. Ман чун миёни боғ расидам, дар зери дарахти беде қафаси пӯлодие дидам, ки ба даруни он ҷавоне дар синни бистсолагӣ... чун мурғи болбаста нишаста, сар ба зери зонуи тафаккур гузоштааст.

Аз ин ҳол ман дар ҳайрат шуда пеш рафтам ва салом кардам. Ҷавон сар бардошта ба ман гуфт, ки:

– Э мард, ту кистӣ, ки ба ман салом мекунӣ? Магар намедонӣ, ки саломат аз ман дур аст.

Гуфтам:

– Қосидам, нома аз муҳиббу муштоқ дорам.

Гуфт:

– Кадом дӯст, чӣ нома ва чӣ пайғом дорӣ?

Ман нома ва рӯмолро аз рахнаи қафас ба ӯ расонидам ва пайғоми забониро низ ба ӯ гуфтам. Вай аз чашм ашки гулгун равон карда, баъд аз хондани нома сар ҷунбонид ва гуфт:

– Э марди аҳли дард, ба он ёри вафодор бигӯ, ки Худо сабабе созад ва ин хоҳ аз ин раҳгузар хезад, вагарна тадбирҳо ҳама ҳеҷ аст. Инро ҳам гӯй, ки фидои ту гардам, ҳарчанд медонам, ки висол рӯзӣ нахоҳад шуд, аммо орзу дорам, ки як бор туро бинам ва ҷон диҳам. Инчунин гӯй, ки номаву пайғомро бас кун, ки мабодо сабаби фитна ва фасод гардад.

Ҷавон инҳоро мегуфт ва мегирист. Ман ба аҳволи ӯ нигоҳ карда дар ҳайрат будам, ки ногоҳ ғулғула ва ғавғои азимеро шунидам. Баргашта нигоҳ кардам, ҷамъе аз қӯрчиёни ғазаби подшоҳ аз дарвозаи боғ ба дарун даромаданд. Ҳар кадом ҳарба[1] дар даст доштанд. Инчунин чанд ҳабашии сиёҳи қавиҳайкал шашпарҳо дар даст пеш-пеши онҳо медавиданд. Вақте ки ба ман расиданд, ҳарбаро ба фарқи ман заданд, ки ду пари он ба фарқам ғӯтид.

Дарвешон! Он марди пир сари худ кушуд ва дар тарафи чапи сараш захми он шашпар менамуд, ки ҳоло беҳ шуда буд. Пирамард ба суханаш давом карда, гуфт:

– Ин захми он шашпар аст. Чун он захм хӯрдам, бехуд шуда афтодам. Дигар надонистам, ки чӣ ҳодисаҳо рӯй дод. Вақте ки ба ҳуш омадам, ҷаҳонро бар худ торик дидам ва худро бар дӯши шахсе ҳис кардам, ки роҳ мерафт ва ба рафиқи худ мегуфт: «Аҷаб, ки ба сабаби ин бадбахт аз тамошо мондем», они дигаре мегуфт: «Ин мардро партофта ба тамошо равем». Шахси аввал боз гуфт, ки: «Мехоҳӣ, ки он девона ҳар дуи моро сиёсат кунад (ҷазо диҳад). Аммо ҳайф, сад ҳайф, ки шоҳзода бегуноҳ кушта мешавад!..» Ман гуфтам, ки:

– Ёрон, ин чӣ тамошоест, ки аз нарафтани он таассуф мехӯред? Ва чӣ шавад, ки маро ҳам ҳамроҳи худ баред?

---

[1] Ҳарба – найзаи кӯтоҳ, умуман силоҳи ҷанг.

– Чӣ тамошо аз ин аҷибтар аст ки ошиқ маъшукро хоҳад кушт.

Гуфтам:

– Ёрон! Ман дар ин ҳол ин муамморо намефаҳмам. Бигӯед, ки ошиқ кист ва маъшуқ кист? Боиси қатли маъшуқ чист?

Гуфтанд:

– Ошиқ духтари подшоҳ, маъшуқ писари амаки вай аст, ки ту барои ӯ нома бурдӣ ва ин фитнаро барпо кардӣ.

Гуфтам:

– Чаро ӯро мекушанд?

Гуфтанд:

– Шарҳи он дуру дароз аст.

Гуфтам:

– Маро ҳам бо худ баред, ки ба сабаби шумо ин тамошоро бинам.

Онҳо чун орзуи маро дарёфтанд, аз роҳ баргаштанд ва ба хонаи подшоҳӣ даромаданд: маро ба замин гузошта, худ низ дар зери дарахтон ба сайр истоданд. Ман чун назар кардам, дар миёни боғ ҳавзе буд, дар лаби ҳавз подшоҳ бар курсии зар нишаста ва чанд машъал бар атрофи ӯ месӯхт. Ногоҳ хиёбон ба ҳаракат омад ва он нозанини дилрабо бо сари бараҳна, дар зару зевар намудор шуд. Вай чун ба назди падар расид, таъзим кард. Подшоҳ ӯро дар бар кашида, дар паҳлӯи худ шинонид ва нисбат ба он гулъизор меҳрубонии бисёр фармуд. Ман аз онҳое, ки маро бардошта оварда буданд, пурсидам, ки:

– Ёрон, ин чӣ рамз аст?

Онҳо гуфтанд:

– Он ҷавон писари подшоҳи бузурги мо буд. Ҳанӯз вай кӯдак буд, ки падараш бар бистари марг афтод ва бародари худ – ҳамин подшоҳи ҳозираро чег зада, ноиб ва вакили салтанати писари худ кард. Инчунин аз ӯ аҳд гирифт, ки чун ин писар калон шавад, тахту нигинро ба ӯ супорад ва духтари худро, ки ҳамсоли ӯст, ба занӣ ба ӯ дода, худаш ба гӯшаи фароғат нишинад... чун ӯ мурд, бародар ба тахти подшоҳӣ нишаст. Баъд аз он ки лаззати фармонравой чашид, васияти бародарашро фаромӯш кард ва ҷоми шароби ғурур ва ғафлат нӯш кард.

Чун ин ҳар ду амзода (амакбача) бо ҳам бузург шуданд, шефтаи муҳаббат ва фирефтаи улфати ҳамдигар гашта, ишқ меварзиданд. Чун писар ба ҳадди балоғат расид, осори қобилият аз симояш пайдо гардид. Подшоҳ дар бораи дафъ кардани он писар бо вазири худ маслиҳат кард. Вазир чунон маслиҳат дод, ки писарро ба девонагӣ муттаҳам созанд ва дар ҳабс нигоҳ доранд, то ки мардум ба ӯ майл накунанд. Подшоҳ низ маслиҳати ӯро салоҳи давлат дониста, писарро банд кард ва хабари девонагии ӯро паҳн кард. Духтар ин хабарро шунида ба дафъи он кӯшид ва пинҳонӣ, баъзе аз дӯстони шоҳзодаро аз ин сир огоҳ сохт. Ошкор шуда истодани асрорро баъзеҳо ба шоҳ хабар доданд. Шоҳ аз тарси он, ки мабодо писарро аз банд халос накунанд, бо машварати вазир ва ҳукамо[1] омӯхт, ки дар ҳузури хосу ом бардурӯғ ба девонагии писар шаҳодат диҳанд. Онҳо дар ҳузури ҳама гуфтанд, ки:

– Будани ин писар дар хонаи ҳавояш паст муносиб нест. Ҳамон беҳ, ки дар боғе бошад. Гулу райҳон ва обу ҳавои он ва нолаи мурғони хушилҳон ва холӣ аз мардумон будани он ҷо ба вай таъсир мекунад ва фоида мебахшад. Барои он ки ҳаракати номаъқуле накунад, бояд қафасе созанд, ки аз фӯлод бошад ва ӯро дар он қафас ҷо кунанд. То бо ин васила шояд ҳушаш ба ҷоояд.

Дар натиҷа писарро ба қафас андохтанд ва дар он боғе, ки ту дидӣ, бурда ба дарахт овехтанд ва ба қаровулии ӯ Кайхисрав ном ғуломи шоҳро бо сад нафар аз мулозимони мӯътамад муайян карданд. Чанд гоҳест, ки ба ӯ хӯрок ва давоҳои номуносиб мехӯронанд, шояд ки бимирад ва мақсади онҳо ҳосил шавад. Аммо дар зоҳир ба ӯ ҳеҷ даст намерасонданд, аз сипоҳ ва халқ метарсиданд. Боз духтар ба дафъи он зарар кӯшид: бо ҳар гуна роҳ Кайхусравро ба дасти худ гирифта, хату хабарро давом кунондан гирифт. Ҳамин номае, ки ту бурдӣ, мазмунаш ин буд, ки: «Дил хуш дор. Айёми ҳиҷрон ба охир расид. Ба ҳар ҳила, ки бошад, мо падарро мекушем ва худро ва туро аз меҳнату азоб мераҳонем». Як хабаркаш ин хабарро ба падараш расонд. Ӯ низ амр кард, ки кӯрчиён қосидро сару даст шикаста, писарро бо қафас ва Кайхусрав

---

[1] Ҳукамо – ҷамъи ҳаким – ҳакимҳо, донандагони илми ҳикмат.

ба даргоҳи ӯ ҳозир кунанд. Чун ба фармуди ӯ амал карда ҳамаро оварданд, ту ба сар захми мӯҳлик доштӣ ва беҳуш будӣ. Бинобар он ба ту аҳамият надода, ба кӯча партофтанд. Аммо подшоҳ бо вазири дилсиёҳ ба куштани он бегуноҳ машварат кард. Вазир гуфт, ки «ба фикри ман маликаро бар он дорем, ки маҷбур кунем, ки ӯро бикушад, то ки мардум аз шумо надонанд ва гӯянд, ки духтар аз барои дафъи бадномӣ ӯро кушт». Подшоҳ гуфт:

– Агар ин гесубурида розӣ шавад...

Бо фармуди подшоҳ вазир ба назди духтар омада, ба ҳилаву найранг сар карда ва духтарро маломат кард ва гуфт:

– Ин ба шумо барин шоҳзодадухтар магар нанг нест, ки мардум гӯянд: «Духтари подшоҳ ошиқи ҷавоне шудааст».

Аммо духтар ба маслиҳати вақт мункир шуд. Инро шунида, вазир гуфт, ки:

– Агар ту рост мегӯӣ ва мехоҳӣ, ки забони бадгӯён баста шавад ва падарат аз ту хушнуд гардад, бояд ки писаракро кушӣ.

– Майлаш! – гуфт духтар ва ба шаб ваъда кард. Вазир ба назди шоҳ рафта ин суханҳоро арз кард. Чун шаб даромад, вазир боз ба назди духтар рафта, гуфт: «Одами бошараф ҳар гоҳ, ки ваъда кард, вафо мекунад». Духтар бечунучаро аз ҷо хеста ба сӯи падар равона шуд. Дар сари роҳ туро афтода дида, гуфт, ки: «Ин бечораро ба канор баранд!». Чун туро ҳаракат додем, нола кардӣ ва нафас баровардӣ. Духтар чун донист, ки ту зиндаӣ, ба мо ду нафар фармуд, ки зуд туро аз рӯдхона гузаронем ва ба рафиқонат расонем ва баҳраманд шавем ва ба мо чанд ашрафӣ[1] барои муолиҷаи ту дод».

Гуфтам:

– Он пул ба шумо ҳалол бод!

Ногоҳ он ҷавонро аз қафас баровардаид ва дуртар аз духтар доштанд. Он хуршеди осмони вафодорӣ аз ҷо ҷаста, теғ баркашид ва ба қатли он ҷавон равон гардид ва чун раъд хурӯшон шуд. Вакте ки наздик расид, теғро ба канор андохт ва пеш тохта худро ба пои дилдори хеш андохт. Дар он дам ин байтҳоро вирди забон сохт:

[1] Ашрафӣ – пули тилло.



– Соқӣ, биё, ба ёди шароби ту сӯхтем,
Бо он ки оташем, зи оби ту сӯхтем.
Дар шабгузашти умр надидем субҳи васл,
Аз бахт дар гаронии хоби ту сӯхтем.

– Балогардонат шавам, матлаб аз ин беадабӣ ин буд, ки як бори дигар дида ба дидорат равшан гардад.

Духтар ин бигуфт ва беҳуш шуд. Ин адо (ҳаракат) ба ҷигари подшоҳ халид, фармуд духтарро ба канора кашиданд ва ба вазир итоби бисёр карда, гуфт:

– Мақсадат ин буд, ки адои (ҳаракати) ин гесӯбуридаро рӯирост бинам. Ҳоло бизан гардани ин писарро, ки дигар тоби шунидани ин ҳикоят надорам!

Вазир аз ғазаби подшоҳ тарсида теғ кашид ва ба қатли писар тохт. Ҳамин ки хост теғ ба кор барад, аз миёни духтарон тире омада ба синааш нишаст, ки соф аз пушташ берун шуд. Вазир оҳе кашид ва ғалтид. Баъд аз ин ғавғо баланд шуд. Подшоҳ низ аз ҷони худ тарсида ба ҳарам равона шуд. Садои «бигир, бигир» ба фалак печид. Ман аз даҳшат ва воҳима беҳуш шудам...

Вақте ба ҳуш омадам, ки худро дар ҳуҷраи ҷарроҳи фарангӣ дидам. Ҷарроҳ захмро мебаст.

Э ҷавон! Чун муддати умрам боқӣ буд, ҷароҳатам беҳ шуд. Аммо рӯз ба рӯз захми дилам носур (реширавон)-тар мешуд. Ҳанӯз асари беморӣ ва беқувватии ман боқӣ буд, ки рафиқон рафтанӣ шуданд, маро ҳам бо худ берун овардаанд. Ин маълум буд, ки васли он гавҳари якдона насиби ман намешавад, аммо хаёлаш бо ҷонам қарир буд... оҳиста-оҳиста кор ба ҷое расид, ки аз одамон безор шудам, дилам аз кори олам сард шуд:

Мӯе шудам аз ғами миёнат,
Мурдам зи ду чашми нотавонат.
Ҷонам ба лаб омаду надидам,
Коме зи лаби шакарфишонат.
Биншинаму бо ғами ту созам,
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам.

Дар вақти сафар гузорам ба ин макон афтод ва бо худ гуфтам:

Чун нест умеди васли дилбар,
Аз халки чаҳон канора хуштар.

Бинобар он дар ҳамин чо манзил карда, аз ҳар мамлакат меъморон, сангтарошон ва наққошони моҳирро чамъ кардам, барои ин сӯмиа[1] ва ин сурат (ҳайкал) маблағи зиёд сарф намудам. Боқии мол ва нақдинаи худро ба ворисон тақсим кардам, фақат ҳазор туманро нигоҳ дошта, ба ғуломи озодкардаи худ ки амин ва мӯътабар буд, додам. Вай бо он зар савдогарӣ мекунад ва сол ба сол озуқаи маро ба қадри кифоя расонда меистад. Аз он замон дар ин гӯшаи кӯҳсор бо тимсоли он зебонигор ишқ мебозам ва худро ба ҳамин сабаб тасаллӣ медиҳам:

Чун даст намедиҳад висолаш,
Дасти ману домани хаёлаш!

Дарвешон! Вақте ки ман васфи ҳусну чамол ва хулқу камоли он офтоби чоҳу чалолро шунидам, якбора фирефта ва парешон гардидам. Аз чо хеста дасти он марди аҳли дардро бӯсидам ва гуфтам:

– Э хоча! Роҳи ошноӣ, ҳиммат ва меҳрубонӣ дареғ надор, ки дилу динам аз даст рафт...

...Ҳучум овард бар дил бори ишқи бемуҳобоӣ,
Ба чӯш овард мағзу тоқатамро шӯру расвоӣ!

Он мард аз изтироби ман мутаҳайир ва мутаассир гардид ва гуфт:

– Ишқ ҳақиқист, мачозӣ магир,
Ин думи шерест ба бозӣ магир!

Гуфтам:

– Э мард, муҳаббат гувоҳ аст ки сар дар ин роҳ дареғ нахоҳам дошт. То ком нагирам, ором нагирам: «Ё тан расад ба чонон, ё чон зи тан барояд!».

---

[1] Сӯмиа – ибодатгоҳи тарсоён, монастир ва умуман ибодатхонаи калони гунбаздор.

Он қадар тазарруъ ва зорӣ кардам, ки ӯро бар сари тараҳҳум овардам. Баъд аз насиҳати бисёре, роҳу равиш ва одоби мусофирӣ, тарики ишқ ба ман омӯхт ва ба ҳаққи ман дуо карда, ба ман як мушт тангаву тилло низ дод. Ман тағйири либос намудам ва шарти видоъ ба ҷо овардем, ва аз он кӯҳ бо дили пурандӯҳ, селобвор ба зер омадам... шабу рӯз бо гиряву сӯз дар биёбон медавидам, дар ҳеҷ ҷо намеорамидам. Аҷоиб ва ғароиби бисёр дидам, заҳмат ва машаққати беҳадду бешумор кашидам, баъд аз заҳмати бисёр ва машаққати бешумор ба он диёр расидам. Мӯи сар то ба қамар расида, бадан заиф ва бемадор гашта буд. Муддате дар он диёр ба кофтукови он зебонигор, маҷнункирдор ба ҳар гӯша ва канор гардидам. Аз ҳеҷ тараф бӯи файз ва насими шафқате нашамидам. Ҳамчунин то як сол дар талаби давлати висол, ба он ҳол мани парешонаҳвол бозичаи атфоли (бачагони) он маҳол (он ҷоҳо) будам. Дар охир он ҳаёт ба ҷонам расид, ба мурдан розӣ шудам... як шаб гиряву зории бисёре карда хоб кардам... чун рӯз шуд аз кунҷи вайрона бо дили девона ба дар давидам ва ба сари бозор равона гардидам. Чун ба сари чорсӯ расидам, дидам, халқ гурезонанд: афтону хезон ба бомҳо ва баландиҳо мебароманд. Дар як дам бозор аз мардум холӣ шуд. Аз як тараф ҷавони пурсавлате, палангтабиате ва шерҳайате, бо рӯи чун офтоб, чашмон мисоли тоси пурхун, мӯй мисоли навдаҳои беди маҷнун; хафтони[1] чарм пӯшида, камари мурассаъ баста, занҷире ба даври сар ва як сипаре ба пушт овехта, аз ғазаб кафк бар лаб оварда, чун селоби бало ҷӯшон ва хурӯшон меомад. Аз паси ӯ ду ғуломи моҳталъат, ба сини чордаҳсолагӣ, саропо ба дурру гавҳар ғӯта зада, тобутеро ба дӯш бардошта меомаданд. Чун ба миёни чорсӯ расиданд, ба ишораи он ҷавон тобутро бар замин гузоштанд. Он ҷавон ба паҳлӯи он тобут омада зону зада нишаст ва фарёд бароварда, ба оҳанги ҷигарсӯз ва дилхарош ин байтро хонд:

– Э, бе ту зи дида хоб рафта,
В-аз ҳар мижа хуни ноб рафта;

---

[1] Хафтон – ҷомачаи пахтаноки ҷангӣ. Ҷомаи ҳарбӣ.

ва ба сони абри найсон ба гиряву фиғон даромад ва ба ҳадде, ки шӯр аз мардум баромад ва аксари мардум аз тобиши оташи ҷонсӯзи овози ӯ аз ҳуш рафтанд ва хурӯш баргирифтанд. Чандон гирист ва гирёнид, ки бетоқат гардида аз ҷо хест ва се навбат кафзанон ба гирди тобут гардид ва равон шуд. Ғуломон тобутро гирифтанду рафтанд.

Дарвешон!

Муҳаббат бо дили ғамдида улфат бештар гирад,
Чароғеро, ки дуде ҳаст дар сар, зуд даргирад.

Аз дидани он ҳол ва шунидани он мақол якбора девонавор аз худ бегона шудам. Баъд аз изтироби бисёр ба худ андешидам: «...Ин мушкиле, ки ту дорӣ, маълум аст, ба ғайри ёрии ёре ва мададгоре тадбирпазир нест. Ҳарчанд гардидӣ, ба хизмати муршиди камон беҳтар ки ба дари девонагӣ равӣ ва даст ба домани ин гавҳари фарзонагӣ занӣ!.. Шояд ки бо ин восита шоми ғамро сабоҳе ва ин дари бастаро мифтоҳе[1] падид ояд».

Бо ин фикр аз ақиби он ҷавон равон шудам. Мардум инро дида аз гиребони мани нотавон гирифтанд.

Гуфтанд:

– Э ғарибн ҷоҳил! Магар аз ҷон сер ва аз ҳаёт дилгир шудай?!

Аммо ман худро ба девонагӣ зада, ба суханони онҳо гӯш намекардам. Дар он миён дардманде (каси таҷрибадидае) пайдо шуд ва гуфт:

– Э ёрон! «Девона чу девона бубинад хушаш ояд». Бинобар он даст аз ин бечора бидоред ва дилашро ба нохуни мумониат наёзоред, ба ҳоли худаш вогузоред!

Мардум чун маро диданд, ки манъро қабул намекунам, даст аз ман бардоштанд ва маро ба ҳоли худ гузоштанд. Ман аз паси он ҷавон шитобон равон шудам. Мардум аз пешаш мегурехтанд ва ман аз пасаш медавидам. Ҳар кӣ маро бад-он ҳол медид, дасти таассуф ба дандон мегазид. Он ҷавон мерафт ва ин суханҳоро мешунид, аммо ба ақиб нигоҳ намекард. То ки ба дари хонаи олие расид ва даромада рафт. Ман

[1] Мифтоҳ – калид.

дар беруи ҳайрон мондам. Баъд аз лаҳзае (андак фурсат) як ғуломбачае дарро кушода маро ба дарун талабид. Ба дарун даромада боғе босафо ва иморати олибиное дидам. Вақте ки ба иморат даромадам, он марди мардона ба пешгаҳи хона нишаста буд. Дар болои як тахт тобут гузошта шуда ва дар пои он шамъи кофурӣ месӯхт. Он ҷавон дар даст ҳамон шашпар, сараш хам, бо хаёле фурӯ рафта буд. Чун қадам ба дарун гузоштам, забон ба дуо кушодам ва салом додам. Вай сипаҳдосо аз ҷо барҷаст ва гуфт:

– Э аблаҳ! Туро чӣ бар ин доштааст, ки сар дар пан ман мекунӣ?! Ва шашпарро ба сари ман ҳавола кард. Ман сарамро хам карда, аз ҷон даст шустам ва гуфтам:

– Э ҷавон! Ба ҳаққи дине, ки дорӣ, маро халос кун, ки зиндагонӣ бар ман талх аст.

Вай аз шунидани ин сухан даст боздошта, шашпарро ба як сӯ монд. Аммо он чунон торсакие ба таги гӯшам зад, ки ба сар даромадам, ғалтидам ва аз худ рафтам.

Баъд аз он ки ба хуш омадам, сари худро дар канори он мард дидам. Риояти адаб намуда, аз ҷо ҷастам ва дар рӯ ба рӯяш нишастам. Вай боз ба ман бо хашм нигоҳ карда, гуфт:

– Э беақли бечора! Чӣ дард, ки ақлу ҳушатро барбод додай? Аз чӣ рӯ кор ба ҷон ва корд ба устухонат расида ва аз ҷони худ сер ва аз зиндагонӣ дилгир шудай? Ҳаргиз касеро надидаам, ки аз ман нагурехта бошад. Магар ту (фақат ту), ки аз пан ман овехтай! Ҳоло дардатроаростӣ гӯй, ки раҳми ман ба ту омад.

Гуфтам:

– Э ҷавонмард!

Чу тифлон шиквае ҷуз гиря дар олам намедонам,
Намедонад касе дарди ману ман ҳам намедонам...

Инро гуфтаму гиря гулӯгирам шуд ва чандон гиристам, ки ӯро ба гиря даровардам. Баъд аз гирян бисёре гуфт:

– Э сӯхтадил, бас аст! Ҳоло аҳволи худатро гӯй, ки ба ҳаққи Худо барои матлаби ту бикӯшам, он чи лозимаи ёрист ва мададгорӣ ба ҷо орам; ба шарти он ки аз ман чизеро пӯшида надорӣ.

Ман ҳам он чи дида будам ва шунида будам, баён кардам...

Он ҷавон ба фикр рафта, баъд сар бардошт ва гуфт:

– Аз паси ин гесубуриҳо чӣ фитнаҳо, ки бар сари мардум наёмада! Он ҷавони мазлум, ки хокаш ба хуни падари ӯ баробар буд, ба заҳри ситам кушта шуд. Чандин касони дигар низ ба ғайри ҳақ кушта шуданд. Э ҷавон! Шахсе, ки дар он доругир вазирро ба тир зад, манам ва дар ин тобут ҷасади он подшоҳзодаи мазлум аст. Ман аз фироқи он ҷавон девонавор аз худ бегона шудаам. Муддате сару по бараҳна дар кӯчаву бозор мегаштам. Ба ғайр аз подшоҳ ҳар кас, ки ба кушта шудани шоҳзода ҳамроҳ шуда бошад, ба сазо расонидам. Подшоҳ чун ба зоҳир пушаймон буд, ба вай кордор нашудам. Аз он рӯз сар карда ҳар моҳ як бор тобути ӯро дар кӯчаву бозор мегардонам ва расми азодориро тоза мекунам. Мардум маро девона гумон мекунанд ва аз ман метарсанд ва ман ҳам дар куштани золимон кӯтоҳӣ намекунам. Акнун ки ту озори бисёр дар роҳи он гулъизор кашидай ва ниҳоят ба ман расидай, ҳақ ба ҷониби туст. Ин кор ҳам танҳо аз дасти ман меояд. Аммо ба шарти он ки мабодо дар вақти ӯро диданат оҳу зорӣ ва беқарорӣ накунӣ. Агар хилофи ваъда карда овоз барорӣ, дар ҳамон ҷо ду нимтаат карда мепартоям...

Ман шарти ӯро қабул кардам. Он рӯзро шаб кардем, рӯзи дигар вақти баромадани офтоб он ҷавон мукаммал шуда, ишора кард, то ки як даст либоси нав оварда, ба ман пӯшониданд. Баъд як сари тобутро ба ман доду сари дигаршро ба ғулом дода равона шуд. Он ҷавон пеш-пеш, мо аз қафо мерафтем. Хеле дур рафтем. Ниҳоят, ба дари боғе расидем. Одамоне, ки дар он ҷо буданд, гурехтанд. Мо ба боғ даромадем. Дар миёнаи боғ ҳавзе буд ва дар чор бурҷи он чор чинор рӯида буд. Ҷавон ишора кард. Мо тобутро бар лаби ҳавз ба замин гузоштем ва ба гӯшае нишастем. Он диловар аз дилу ҷигар чунон наърае кашид, ки тамоми он боғ ларзид. Он гоҳ фарёд кашида ин ғазалро хонд:

Бе ту, э сарви равон, бо гулу гулшан чӣ кунам?
Зулфи сунбул чӣ кашам, оразн савсан чӣ кунам?
Эҳ, к-аз таънаи бадхоҳ надидам рӯят,
Нест чун оинаам рӯӣ зи оҳан чӣ кунам?

Ҳофизо, хулди барин хонаи мавруси[1] ман аст.
Андар ин манзили вайрона нишеман чӣ кунам?

Ҷавон ҳамчун абри найсоп, дар он саҳни бӯстон сиришк аз чашмон мебориd. Ман аз шавқи ваъдаи дидор масту саршор; мунтазири он зебонигор шуда нигарон ба ҳар гӯшаву канор будам, ки ногоҳ... бахт ёр шуд, толеъ мададгор: аз як тараф он офтоби бурҷи шараф ва толеъ намудор шуд.

Аз шароби шабона он дилдор,
Нимаи масту нимаи ҳушёр;
Наргиси масти ӯ ба ном Эзид,
Масттар мешавад ба вақти хумор.
Ашк ҳамчун гулоб мебориd,
Бар гули оразу маҳи рухсор.
Чун бидидам хироми тамкинаш
Хираду ҳуш шуд зи ман безор.

Дарвешон, азизон, бародарон!.. Сару рӯй ба даст гирифтаму аз ҳуш рафтам. Вақте ба ҳуш омадам ва чашм кушодам ва он сарви нозро дидам, ки монанди оби ҳаёт ба сиёҳӣ ниҳон буд ва рӯмоли зарториро дар даст дошта, дар рӯ ба рӯи он диловар бар курсии зар менишаст. Он ҷавон сухан мекард, ӯ бо гӯши ризо мешунид. Сухан ба ҷое расид, ки он гулъизор ба зории зор чун абри навбаҳор ба гиря даромад. Ин ҳоли ӯро дида ба худ печидам, наздик шуд, ки фарёд барорам, ҷома бидарам. Дар ин дам он шермард аз рӯи хашм чунон заҳри чашме ба коми ҷонам рехт, ки аз воҳима бехуд шудам.

Гирам нишонд бахт ба паҳлӯи ӯ маро,
Ку тоқати мушоҳида бар рӯи ӯ маро?
Бигзор, э насим, ки чашмам бар ӯ фитад,
Як бор бехабар макун аз рӯи ӯ маро!

Боз вақте ки ба ҳуш омадам, онҳо сӯҳбат карда менишастанд. Дар вақти гап, нохост он маҳи офтобшиоъ ангушти

[1] Маврус – меросӣ.

қабул бар дида гузошт. Ман аз завқ боз ғаш кардам. Вақте ҳушёр шудам, ки он мояи ноз рафта буд. Дар ин дам он ҷавон низ аз ҷо хеста равон шуд. Аммо дили ман вайрон, чашмам гирён ва ин байтҳо ба ҳолам тарҷумон шуд:

– Менамояд тапиши дил раҳи парвоз ба ман,
Меравам, то чӣ кунад, толеи носоз ба ман.
Ошёнам чи шуд аз он ки баланд афтодааст,
К-офати ҷон шуда кӯтоҳии парвоз ба ман.
Дардро синаи озурдаи ман қонун[1] аст,
Шеван оғоз кунам, чанг наяндоз ба ман!
Баст гардун дари уммед ба рӯям шопур,
Магар аз ғайб дарe боз шавад боз ба ман.

Дар байни роҳ, зери лаб навҳакунону оҳкашон будам. Чун ба хонаи он мард даромадам, ба як хилват хазидам, танҳой гузидам ва дасти ҳайрат мегазидам...

Дарвешон! Баъд аз он ки он ҷавон соате хоб кард, бедор шуда маро талабид ва аз аҳволам пурсид.

Гуфтам:

– «Сарат гардам! Чӣ мепурсӣ зи ҳолам», «Рухи коҳиям, бину ашку оҳам!».

Гуфт:

– Фарзанд! Ситораи бахтат аз наҳсият баромад, муддати ҳиҷронат ба охир расид... хотир ҷамъ дор, ки кор ба мурод аст. Ҳеҷ донистӣ, ки дар бораи ту чиҳо гуфтам?

Гуфтам:

– ...Ҷуз олами бехабарӣ, хабаре аз олам надоштам. Фақат ду бор аз худ бохабар шудам.

Навбати аввал вақте буд, ки он нозанин гирист, бори дуюм дидам, ки ангушти қабул бар дида ниҳод.

Гуфт:

– Бале, он ҳар ду сабаб дошт. Ман саргузашти туро муфассал гуфтам, ин ҷавон одами дуруст, гуфтам, аз дасти ту чунин парешон ва дар талаби ту аз ватан дур гардида ва муддате дар биёбонҳо давида, озори бисёр дар орзуи дидори ту

[1] Қонун – ба маънии як олати мусиқӣ, ки тордор аст.

кашида, то худро ба ин диёр расонидааст. Алҳол ба ман илтиҷо овард. Акнун:

...Раво мадор, ҷавоне бимирад аз ғами ту,
Ту ҳам ҷавониву аз худ умедҳо дорӣ.

...Ва гуфтам, ки медонӣ барои ту хуни бисёр рехта шуд. Акнун, агар дилҷӯии ин дилаздастдода кунӣ, ман низ мамнуни эҳсон шавам. Духтар ба ман гуфт, ки аз чашми бадон чи гуна халос шавам? Он тарафи кор ба ман аст, гуфтам. Шуморо беҳтар аз ҳар кас муҳофизат мекунам. Чун инро шунид, сокит гардид. Ман ӯро шаб мефиристонам, гуфтам, ту ҳозир бош ва бе ҳеҷ ибо ба хонаи ман равон шав. Дар ин ҷо вай ангушти қабул ба дида гузошт. Акнун бояд ту шабона ба дари боғ равӣ ва ӯро гирифта биёрӣ. Аммо дар роҳ эҳтиёт кун!..

Ба муждагонӣ дасташро бӯсидам... он рӯзро ба шодмонӣ гузаронидам. Ҳамин ки шаб расид, он мард як ғуломашро чеғ зада бо ман ҳамроҳ карда ва ба ӯ супориш намуда, гуфт:

– Ин ҷавон мусофир аст, роҳро намедонад. Ӯро ба дари боғи духтар гирифта бар ва худат дар каноре исто, ки касе туро набинад. Дар вақти баргаштан ҳам пеш-пеши онҳо биё ва бохабар бош!

Дарвешон! Аз он ҷавон ҳиммат талабидам ва равона шудам. Чун андак роҳ рафтем, надонистам ғулом чӣ ғараз дошт, ки кӯчаро ба ман намуда, гуфт:

– Ин роҳ рост ба боғ меравад. Ман дар ин ҳавлӣ кор дорам. Ту дар вақти бозгашт, ҳамин ҷо бош ва ба ман мунтазир шав.

Ғулом инро гуфту рафт. Ман бошам бе ҳеҷ ибое, бо шавқи муҳаббат ба дари боғ расидам ва дару деворро бӯса зада, гуфтам:

– Чашмро боз ба ҷои дигаре дӯхтаам,
Ҳалқаи дидан худро ба даре дӯхтаам.

Чун ламҳае (лаҳзае) гузашт, ногоҳ овозе баромаду умрам ба сар омад. Вақте ки дар он шаб дида ба хуршеди ҷамоли он шакарлаби симғабғаб равшан кардам, аз шодӣ ба замин афтодам ва бӯса бар қадами он нозанин додам ва гуфтам:

– ...Ҳар ғам, ки насиби интизор аст,
Бо ваъдаи васл хушгувор аст.

Гуфт:

– Э ҷоҳил! Ҷои истодан ва маҳалли сухан кардан нест. Пеш бош (пеш даро)!

Ман ба роҳ афтодам ва он нозанин аз паи равон шуд. Дарвешон! Аз хурсандии дидани ёр, шуур аз сарам дур шуда, хонаи он марди мардона ва шери фарзонаро гум кардам ва то субҳ дар он шаҳр саргардон мегаштам ва роҳ ба ҷое намебурдам. Он хуршедрӯ ва шӯълахӯ ҳар дам эътироз карда, мегуфт:

– Э саргаштаи бахтбаргашта! Хонаи вайронаи ту дар кучост? Ҳамин ки рӯз шавад, ба дасти душман гирифтор шуда, расво ва бадном мешавем...

Аммо ман ҷавобе дода наметавонистам. Ба ҳар тараф саросема медавидам. Қариби баромади офтоб ба кӯчае расидам, инони ихтиёр аз даст додам. Хостам, ки худро кушам ва беш аз ин хиҷолат накашам. Ногоҳ чашмам ба кунҷи кӯча, ба дарвозаи як иморати олие афтод, ки аз берун қуфл зада шуда буд. Инро дида даст бар даст задам ва пушти даст хоидам. Он ягонаи офоқ гуфт, ки:

– Э бехабар! Чӣ хаёл мекунӣ!

Гуфтам:

– Фидоят шавам! Намедонам, ин чӣ ҳолат аст, ки ба ман пеш омада. Як ғуломи дуруст доштам, ба вай бовар мекардам. Аммо ҳамин, ки ман ба хизмати шумо рафтам, вай ҳам дари хонаро қуфл карда, намедонам ба кучо рафтааст.

Духтар ба сӯи ман даст афшонду гӯё маро ба соддагӣ ва беақлӣ маломат мекард, баъд сангеро гирифта қуфлро зад ва шикаст. Дасту пои ман меларзид. Ва бо худ гуфтам:

– Э вой, ки беҳ нашуд, бадтар шуд...

Он нозанин дарро боз карда ба дарун рафт. Ман низ лоилоҷ аз дунболи ӯ рафтам ва аз парешонии хотир дарро набастам. Он хона чи хонаи хубе будааст! Дарахтони сарв, санавбар, шамшод ва аръар, нор ва ҳар гуна дарахтони мевадор сар ба фалак кашида, гулҳои алвон дар ҳар тараф фаровон, ҷӯйҳои пуроб дар ҳар канор равон, ғунчаи гули сурх ба бевафоии мавсими баҳор табассум мекард, мурғони

хушилҳон дар шохсор дар тараннум буданд. Дар хонаҳо фарши зебо партофта шуда, асбоби маҷлис ҳама аз нукраву тилло ҷобаҷо монда шуда ва муҳайё... Он гуландом иморатро давр зада, хандон бар сари ҷойгоҳе, ки нарм печида шуда буд, нишаст. Ман бо фармуди вай дастурхони сарбастаро кушодам. Дар он нони майдаи латиф ва чанд мурғи бирён буд. Духтар табассум карда, гуфт:

– Э азиз! Агар ғуломат рафта бошад ҳам, асбоби айшро тайёр карда рафтааст.

Ва худ даст ба гардани мино (шишаи май) бурда пеш кашид ва ҷоме пур карда нӯшид. Баъд маро ҳам пеш талабида ҷоме дод. Ман ҳам суханашро ба ҷон гӯш кардам ва гузаштаву ояндаро фаромӯш кардам. Баъд аз нӯшидани ду-се ҷом димоғи он моҳи тамом саршор гардид ва ба ҳавои сайри гулзор баромад ва дар гӯшаи сарҳавз нишаст. Чун боз ҷоме нӯшид, майли маза кард. Ба дарун давидам, дастурхонро пеш кашидам. Баъд аз он он ёри ҷонӣ гоҳе худаш, гоҳе ба ман мехӯронд. Ман маст шудам, бо хурсандӣ мегуфтам:

Кӯ ба кӯ онро, ки меҷустам, ба домон ёфтам,
Ҳамчу субҳ ин давлат аз ҷоки гиребон ёфтам.
Дида лабрез аз нигоҳу дил зи толеъ узрхоҳ,
Иззатеро охир аз васлаш ба сомон ёфтам.

Аз он ҷониб, чун парасторони он зебосанам, аз гум шудани ӯ хабардор мешаванд, аз тарси ҷони худ ба пеши подшоҳ мераванд ва ӯро хабардор мекунанд. Подшоҳ дарҳол ба кофтукови ӯ сар мекунад: ба атрофи диёр кас фиристода ба посбонон менависад, ки бохабар бошанд. Инчунин чил зани маккораро дар шаҳр муқаррар мекунад ки дар байни маҳаллаҳо бароянд ва ба хонаҳои мардум дароянд, кофтуков кунанд, шояд он гулрӯро биёбанд. Яке аз кампирони фиребгар, бо қадди дуто, дар даст тасбеҳ ва асо, аз он кӯча мегузарад. Чун дари хонаро боз мебинад, ба дарун медарояд. Вақте ки ман хабардор шудам, вай асозанон ва дуогӯён ба дарун даромада омад.

Ӯ гуфт:

– Илоҳӣ, бо ҷавонӣ ва комронӣ ба якдигар арзонӣ бошед. Илоҳӣ, бадӣ ба пешатон наояд ва душманонатон фано шаванд, бадхоҳонатон гирифтори бало шаванд.

Кампир бо ин гапҳо чунон нолаву зорӣ кард, ки дили мо бар ӯ сӯхт. Духтар пурсид, ки:

– Э модар! Аз куҷой ва парешону гирён чарой?

Гуфт:

– Ҷонам балогардонаі шавад! Дар ин ҳамсоягӣ кулбаи вайронае дорам ва дар сояи давлатат шукргузорам ва ба луқмаи ноне ва либоси кӯҳнае қаноат кардаам. Духтаре дорам бори ҳамл дорад ва ду рӯз шуд, ки дард мекашад, аммо кушоише намеёбад. Қобила (доя) мегӯяд, ки агар чанд барги кабоб бӯ кунад, қувват меёбад ва сабук мешавад. Чун ба харидани кабоб дасти расо надоштам, қадам ба давлатхонаи шумо гузоштам, ки шояд ба тасаддуқи саратон раҳме ба ин пирканизи худ намуда чизе ба ман карам кунед.

Духтар ӯро талабида як-ду мурғи бирён ва чанд нон дод. Инчунин ҷомаи худро ҳам кашида ба ӯ инъом кард ва гуфт:

– Модар ҳар вақт – ҳар вақт омада исто, ман ба ту чиз медиҳам. Ҳоло зуд бирав, ки духтарат озор дорад.

Кампир ба ҳаққи он гулъизор дуои бисёре карда рафт. Духтар ба фикри он пиразан ба хоб рафт. Аммо ман дар фикри кори худ ҳайрон будам. Ногоҳ овози бастани дар баромад ва садои суми асп ба гӯшам расид. Чашм ба сӯи дари хона дӯхтам, касе пайдо нашуд. Баъд аз дақиқае овози нолаи он пиразанро шунидам. Бо изтироб аз иморат берун давидам, ба миёни боғ рафта, дар паси гулбуне ҷо гирифтам. Назар кардам, ҷавоне дидам, ҳамчун шере жаён[1] ва бабри дамон[2], бозу монанди шохсори чинор ё шамшод; рӯяш монанди курси қамар, маҳосинаш (ришаш) рашки мушки азфар, чакмани бахмали сиёҳ дар бар, телпаки барраи хуросонӣ бар сар, риштаи зартор ба даври кулоҳ печида, камарбанди мурассаъ дар миён баста, каманди шасти хашмӣ ба фитрок, шамшер ва ханҷар дар камар, шамшери дигар ҳамоил, ҷеба пуртир, сипари фароҳдомане ба пушт; ҳар ду ҷониби доман баргардонида ба камар банд карда, оҳуеро ба фитрок[3] баста, дар дасте найза ва бо дасти дигар аз гиребони он аҷуза медошт. Ба рӯи

---

[1] Шери жаён – шери бадқаҳр.
[2] Бабри дамон – бабри ғуррон, бабри зӯр ва бадқаҳр.
[3] Фитрок – тасмае, ки ба ду тарафи зини асп барои бастани шикор ва ғайра меовезанд.

ҳавлӣ расида, зуд аз асп фуромад ва аҷузаро чунон бардошта зад, ки ба замин нақш баст. Баъд найзаро ба дур андохту ба сари кампир тохт. Як пои ӯро аз дарахте овехт ва пои дигаращро ба даст гирифта, то ба ҳалқаш ба ду тақсим кард. Баъд аз он як нафас рост кард, оҳуро аз фитрок кушоду сар бурид. Ман чун ғазаб ва бебокии ӯро дидам, тамом ларзидам, тамаъ аз ҷон буридам ва яқин донистам, ки аз дасти он палангсавлат саломат халос шуда наметавонам.

Дар ин дам чашми вай ба ман афтод ва гуфт:

– Э ҷавон, пеш биё.

Лоилоҷ лоҳавлгӯён пеш рафтам.

Ӯ гуфт:

– Э бедавлат! Бе фикр мардум ин гуна корҳоро монанди ту мекунанд... Агар меҳмон намебудӣ, чунон ҳалқа дар гӯшат мекардам, ки тамоми ҷоҳилонро танбеҳ мешуд.

Чун ин сухан шунидам, ҷуръат пайдо карда пеш давидам, ки ба пояш афтам. Аммо вай бағал кушода маро дарбар кашид ва ҷабинамро бӯсид ва хандида, гуфт:

– Э золим! Касе ҳамчунин кори бузургеро пеш гирад ва боз чунин бепарво нишинад, лоақал дарро ҳам набандад?!

Инро шунидам, ба ёдам омад, ки дарро набаста будам. Донистам, ҳақ ба ҷониби ӯст. Забон ба узр кушодам ва дасташ бӯсидам.

Ӯ гуфт:

– Ин кушташударо мешиносӣ?

Гуфтам:

– Бале, даме пеш аз ин дида будам.

Гуфт:

– Сабаби кушта шуданаш чист?

Гуфтам:

– Намедонам!

Гуфт:

– Бародар, бахт ёр шуд, ки ман дар вақташ расидам ва ин кампири фиребгарро дидам. В-агарна, ҳамин дам ба хории тамом бар дори сиёсат кашида мешудӣ. Ин маккора яке аз ҷосусон буд, ки ба талаби шумо гирди маҳаллаҳоро мегашт. Ҳоло оташе дар ин шаҳр месӯзад, ки шарҳи он натавон кард! Ман аз шикор гашта, дар шаҳр ин хабарро шунидам ва ба ин



кӯча даромадам. Дидам, ки ин кампир мурғҳоро ба дур андохт ва мегуфт: «Ҳамин ҷома барои нишона бас аст!». Ман ба худ андешидам, ки дар ин кӯча ба ғайр аз хонаи ман хонаи дигар нест ва ин мурғи бирёнкардаи ман аст. Бинобар он кампирро ҷеғ зада аз ҳолаш пурсидам. Гуфт ки: «Духтарамро вазъи ҳамл (сабук шудан) наздик шуда озор мекашад. Бинобар он ба ин хона даромадам, ёрӣ талабидам. Хоҷа ва хоним, ки Худо умри дароз ба онҳо диҳад, инҳоро ба ман доданд». Аз ин гап шубҳаам рост баромад ва ба ӯ гуфтам: «Модар, биё, ки аз ин гӯшти шикорӣ ҳам ба ту қадаре диҳам!..» «Пиразан гуфт, ки: «Худо хайр диҳад, вақт мегузарад» ва хост, ки аз дастам гурезад. Ман зуд ӯро гирифта ба хона овардам ва сазояшро додам. Акнун дилхуш бош ва хотирҷамъ бинишин, ки агар сад сол дар ин хона бошӣ, эмин аз ҳар ошнову бегона бошӣ. Э фарзанд! Маро Беҳзодхони роҳзан мегӯянд, ки подшоҳони фаранг аз бими ман ва аз зарби шамшери ман хоби роҳат намекунанд. Ман чанд вақт пеш аз ин мулозими амаки ин духтар шуда хизмат мекардам. Вақте ки падари духтар бародарзодаашро кушт, тарки мансаби худро карда, роҳзаниро пеш гирифтам, подшоҳ ва сипоҳ бар ман тоб наёварданд... охир аз он кор тавба карда, дар хона танҳо менишинам ва гоҳ бедимоғ шавам ба шикор меравам ва бо касе мусоҳиб намешавам. Акнун ту гӯй, ки кайфияти аҳвол чист ва чи сон ба ин макон расидӣ? Ба чӣ сабаб дарро кушодӣ?

...Ман ҳам тамоми саргузаштамро аз аввал то ба охир гуфтам. Воқеаи ба дари хона расидан, дасти таассуф ба дандон газидан ва ба ғулом тӯҳмат задан – ҳама, ҳамаашро гуфтам. Он ҷавони бокамол аз шунидани ин мақол хушҳол шуд. Бори дигар чашмамро падарона бӯсид ва гуфт:

– Офарин, хуб кардӣ, мувофиқи хоҳиши ман сухан гуфтаӣ. Акнун аз ту ҳаминро хоҳиш мекунам, ки бузургона рафтор намоӣ ва ҳамон беҳ, ки маро ғулом гуфта хитоб кунӣ; агар ҳамин тавр кунӣ, ман аз ту хурсанд мешавам ва ба ҷону дил хизмат мекунам.

Ман сари хиҷолат ба пеш афгандам ва раҳмат гуфтам.

– Э бародар! – гуфт, – ба ҷои худ шин ва ғам нахӯр!

Аз бисёрии диллории он ҷавон шарманда ва сарафганда ба иморат рафтам. Он ҷавон оҳуро аз пӯст бароварда гӯшташро

пора кард ва ба сихкабобпазӣ сар кард. То ба хестани духтар сихкабобро тайёр карду дасти адаб баста рост истод. Духтар бедор шуду аз омадани ӯ хабардор шуда ба дӯғ задан ва эътироз кардан сар кард. Он ҷавони қоидадон, монанди ғуломон рост истода сари хиҷолат ба зер афганда, гуфт:

– Э маликаи ҷаҳон! Гуноҳи банда беш аз он аст, ки шумо мегӯед. Аммо аз марҳамати шумо умеди афв ҳаст. Дар вақте ки қиблагоҳиям ба хизмати шумо рафтанд, фақирро ба хотир расид, ки ҳайф сад ҳайф, ки тӯҳфае барои пешкаш надорам. Бинобар он бо ҳамин мақсад ба саҳро рафтам ва шикоре карда овардам. Дигар, ихтиёр ба валинеъмат аст.

Дарвешон! Он ҷавонмарди аҳли дард ба нафъе бо фурӯтанӣ (худашро паст зада) сухан мекард, ки аз хиҷолати ӯ наздик ба ҳалокат расидам. Аммо вай зуд шишаи майро ҳозир кард ва аз нуқлу маю мурғу маза дастурхони нав андохт. Баъд бо адаби тамом қадаҳ ба гуландом дод ва ба зудии зуд кабоби шикорӣ расонид. Он моҳталъат аз қобилияти ӯ хурсанд шуда, ба пешаш ҷеғ зада, ҷоми май ба ӯ бахшид. Вай гирифта таъзим карда, гуфт:

– Умрат бо комронӣ ва рӯзгорат бо шодмонӣ бод! Пас лоҷуръат даркашид.

Дарвешон! Қисса кӯтоҳ, се моҳ он мард камари хизмат бар миён баста дошт ва ягон чизи майдаро ҳам аз расму одоб фурӯ намегузошт. Баъд аз се моҳ, шабе маро ба хилват ҷеғ зада, гуфт:

– Бародар! То сад сол, агар дар хонаи ман бошӣ, агар зинда бошам, бандагиат мекунам. Дар ин бора чизе ба хотират нарасон! Аммо агар хоҳӣ, ки равӣ, ман дар хизматат ҷонфишонам ва туро бо маъшуқаат ба манзили мақсуд расонам.

Гуфтам:

– Ин маслиҳат дуруст аст, ин кори ту айни лутфу ёрист. Зеро медонам, ки падари пирамро аз аҳволи ман хабаре нест.

Чун ин суханро шунид, тайёрии сафарро сар кард. Рӯзи дигар ин маслиҳатро ба он симинбар гуфт. Вай низ фикри ӯро писандид. Рӯзи дигар он мард се сар асп, либоси сипоҳиёна, аслиҳа ва се хӯрҷини пур аз зару гавҳар ва тушаи сафар муҳайё сохт. Ман аспҳоро зин кардам ва худам мусаллаҳ ва мукаммал гардидам. Баъд хӯрҷинҳоро ба пушти аспҳо андохта савор шудем ва дари хонаро монанди пештара

қуфл карда ба сӯи дарвоза рондем. Мо гумон доштем, ки акнун ҳама роҳҳо аз ташвиш холӣ аст. Аммо баръакс, аз шабе, ки духтари подшоҳ ғоиб шуда буд, подшоҳ ҳукм бароварда буд, ки сипоҳиён дар шабҳо бар сари роҳ бошанд ва дарвозаҳоро банданд ва нагузоранд, ки касе берун равад. Касе, ки сафар карданӣ шавад, бояд подшоҳ аз ҳоли ӯ хабардор бошад. Мо аз ин воқеаҳо бехабар, чун ба дарвоза расидем, Беҳзодхон фарёд карда, дарвозабонро бедор кард ва гуфт:

– Э мардак, дарро кушо!

Дарбон моро дида, ларзид ва гуфт:

– Шумо чӣ касонед, ки аз ҳукми подшоҳ бехабаред?

Он ҷавон хандид ва гуфт:

– Э дузд! Магар кӯрӣ, ки ман Беҳзодхон ҳастам ва ин ҷавон домоди подшоҳ аст ва они дигар духтари подшоҳ. Мо ба вилояти Аҷам рафтанӣ ҳастем.

Баъд аз ин гап вай аз асп фуромад ва қуфли дарвозаро шикаст ва ба дарбон гуфт:

– Э сагбача! Мехоҳам, ки хоҷаи нодонат бидонад, ки бо нусрати шамшер духтарро мебарам ва нагӯяд, ки гурехтаам. Бинобар он ҳам ба ту амон медиҳам. В-агарна, як шамшер ба фарқат мезадам, ки то ҷигаргоҳат медарид... рафта ба сардори золимон хабар деҳ, ки аз ақиби мо як фавҷ аскар фиристонад ва боз як бори дигар худро биёзмояд.

Аз ин суханони қаҳрамононаи ӯ тааҷҷуб кардам. Аммо банд-банди ман меларзид. Беҳзодхон моро аввал аз шаҳр берун карду пас худаш аз ақиб омад ва ба аспон ниҳеб дода (чу гуфта) ба зудӣ рондем. То субҳ роҳ рафтем. Қариби баромадани офтоб ба лаби наҳри азиме расидем, ки дар сари пули он як гурӯҳ аз сипоҳиён нишаста буданд. Онҳо моро дида аҳвол пурсиданд. Беҳзодхон ба онҳо низ ҳамон суханонро гуфт, ки ба дарбон гуфта буд. Ҳамаи онҳо сухани ӯро шунида якбора аз ҷо ҷастанд ва ба аспон нишаста роҳи моро бастанд. Он шердил наъра зада, бо теғи буррон ба онҳо ҳуҷум кард. Дар як дам ҷамъияти онҳоро парешон сохт, чанд касро маҷрӯҳ, чанд касро берӯҳ карду роҳро аз онҳо холӣ намуд ва гуфт:

– Азизон, гузаред!

Чун фарсахе роҳ рафтем, боз аз паси мо аскар расида омад.

Беҳзодхон гуфт:

– Азизон! Аз равиши кор он аблаҳ ба гирифтани ман лашкар фиристодааст. Хуб, майлаш! Шумо асп давонда ба он пуле, ки аз дур менамояд, рафта истед ва корузорро тамошо кунед. Ман ҷавоби онҳоро гуфта, ба хизмати шумо мерасам.

Ин бигуфт, аз асп фуромада хӯрҷини худро ҳам ба ман доду пуштангро сахт баста ва чун шоҳини тезпар ҷаст ва бар зини таковар нишаст ва ба маҳмези хорангез аспро ба ҷасту хез даровард ва ҳамла бар он лашкар овард. Ба ҳар тараф, ки рӯ меовард, гурӯҳеро талаф мекард ва ба ҳар сӯ асп метохт, марди бисёрро аз асп ба поин меандохт ва ба ҳар ҷониб, ки ҷавлон менамуд, ҷамъияти ҷамоатеро парешон менамуд, бо ҳамин роҳ ҷангида-ҷангида ба сӯи байрақдор мерафт. То ин ки ба сардори лашкар расид. Онҳо бо ҳам ҳамла карданд. Ӯ низ яке аз диловарони номӣ буд. Дар вақти ҷанг ҳамлаҳои Беҳзодхонро далерона рад мекард. Охир Беҳзодхон наъра кашида, чунон шамшере ба фарқи он мард фуровард, ки сарашро шикофта то ҷигараш банд гардид. Баъд бо ҳамон шамшер байрақдорро бо байрақаш чор бӯлак карда партофт. Сипоҳиён сардорро кушта ва байрақро сарнагун диданд, рӯбоҳвор ба ақиб гашта гурехтанд. Он шерсавлат то ним фарсах аз ақиби онҳо метохт ва мезад. Баъд аз он ба канори наҳр баргашта, чангу чангол аз хуни хасм шуста, аз он ҷо бар асп нишаста, ба пои пул омад ва ба мо узрхоҳӣ карда гуфт:

– Э азизон! Имрӯз озори бисёр кашидед, ба карами худ бар банда бубахшед.

Мо ба мардонагии он шери нарин таҳсин ва офарин хонда савор шудем. Он шаби тираро буридем, рӯзи дигар ба марғзоре расидем. Дар он ҷо фуромада истироҳат кардему боз ба роҳ даромадем, то он ки аз сарҳади Фаранг гузаштем. Аз оянда бехабар, ман хушҳол шуда асп мерондам. То он ки баъд аз нӯҳ моҳ қадам ба вилояти Аҷам ниҳодем ва аз ин ҳол падарам хабар ёфта, бо хавоси боргоҳ ва ходимони даргоҳ ва раияту сипоҳ ба истиқбол шитофт. Дар панҷ фарсангии шаҳр рӯдхонаи азиме буд. Мо вақте ки ба канори рӯд расидем, дидам, ки падарам дар он тараф ҷилав кашида мунтазир аст. Чун ӯро дидам, аз ҳамон ҷо аспро ба об андохтам. Бо сад гуна азоб аз он дами марг аспро ба канор кашидам ва чун ба

назди падарам расидам, пиёда шуда рикобашро бӯсидам. Ногоҳ ғулғула ва ғавғо баланд шуд. Чун ба ақиб нигаристам, он шери болои мардумӣ ва муруввватро бо он дурри садафи иззу шараф дар миёнаи рӯдхона – дар ҳолати ғаркшавӣ дидам. Боиси ин кор ҳамин буд, ки аспе, ки ман ба ӯ савор будам, тои модиёна буд, ки он дар зери парипайкар буд. Модиён, ки тои худро миёни об дар изтироб мебинад, саркаш шуда худро дар миёни об меандозад. Ҳамин ки ба миёнаи рӯдхона мерасад, об ӯро мепечонад. Беҳзодхон инро дида ба сӯи вай асп метозад ва барои халосии духтар худро ба об меандозад. Аммо об ӯро низ меғалтонад. Мо он замон хабардор шудем, ки ҳар дуро кор аз даст рафта буд ва дасту пояшон аз кор монда, аз зарбу лати мавҷҳо гоҳ ба рӯй намоён шуда, гоҳ ба так мерафтанд. Оббозон, шиноварон ва ғаввосон худро ба об андохтанд, ҳарчанд ҷустуҷӯ карданд, ҳарчанд ба ҳар тараф шитофтанд, аз он ҷо асаре наёфтанд.

Дарвешон! Мани саргашта ва парешон он ҳама дида, то он ки ба васли чунин маъшуқа расидам, аммо баногоҳ он моҳ дар қабзаи чунин бало мубтало гардид. Ҷигарсӯзтар аз ин, ҳалокати он ҷавонмард аст, ки дар роҳи мо он ҳама ҷонфишонӣ кард ва ниҳоят ба сараш он бало расид! Бинобар он гиребон пора кардам ва сару по бараҳна ба биёбон баромадам. То он ки аз зиндагӣ сер шудам ва хостам, ки худро ҳалок созам. Иттифоқо ман ҳам дар он қуллаи кӯҳ расидам ва он пири доноро дидам. Он пир ба ман ҳама чизе, ки ба ин бародарам гуфта буд, баён кард. Инак ба умеди ҳусули матлаб ба ин сӯ равона гардидам. Шукр, ки ба хизмати бародарон расидам ва нишонаи аввали он пирмард гуфтаро дидам. То бубинам, охири кор ба куҷо меанҷомад?



## БАЁНИ АҲВОЛИ ХОҶА-САГПАРАСТ

...Чун дарвеши дуюм саргузашти худро тамом кард, бомдод шуд. Озодбахт бо дили пуршавқ ба боргоҳаш равона гардид. Ҳамин ки ба манзилаш расид, тағйири либос карда ба боргоҳ баромад ва дарҳол ду ясовулро ба талаби дарвешон фиристод...

Дарвешон нишаста буданд, ки ясовулони подшоҳ расиданд ва хоҳиши подшоҳро ба онҳо расониданд. Дарвешон аз ин хабар шод гашта, зуд равона шуданд. Чун ба даргоҳ расиданд, баъд аз рухсат ба боргоҳ даромада дуо карданд. Подшоҳ ба онҳо меҳрубонӣ карда пеш чеғ зад ва бо нармӣ аз чигунагии аҳволашон пурсида, гуфт:

– Э подшоҳони факр ва фано, хуш омадед! Аз куҷо меоед ва ба куҷо меравед? Чаро ғамгин ҳастед?

Онҳо арз карданд, ки:

– Бахтат ҷавон, давлатат бепоён бод! Дарвешонем, овораи

ватан ва бечора!.. Рӯи дунёро гашта, ҷавру ҳиҷрони бепоён кашида, як замон дар ҳеҷ макон наёромида ва заҳри маҳрумӣ нӯшидаем...

Озодбахт гуфт:

– Дарвешон! Аз ин аёнтар баён кунед.

Гуфтанд:

– Шаҳрёро! Умрат дароз бод! Моро на қуввати гуфтан ва на касеро тоқати шунидани аҳволи пурмалоли мост.

Озодбахт гуфт:

– Дарвешон! Ин сухан ҳақ ва рост аст. Чаро ки ман саргузашти ду нафари шуморо дар шаби гузашта шунидам ва мехоҳам дуи дигаратон парда аз рӯи кори худ боз кунед ва бо тартиб ба гуфтани саргузашти худ оғоз кунед.

Дарвешон аз савлат ва азамати подшоҳӣ ларзида ва тарсон хомӯш монданд. Озодбахт чун дид, ки эшонро ҳолати савол ва қуввати мақол нест, онҳоро ба ҳамнишинии худ ҳукм фармуд ва маҷлисро аз дигарон холӣ намуд. Баъд барои оромонидан ва ром кардани дарвешон саргузашти худро худ оғоз кард ва гуфт:

– Дарвешон! Ҳоло ки шуморо ҳаё монеи гуфтор аст, саргузашти маро, ки ҷанде пеш аз ин ба ман рӯ дода ва ҳақиқати онро ба чашми худ дидаам, шунавед.

Дарвешон хурсанд шуда, шоҳро дуо гуфтанд. Озодбахт гуфт:

– Баъд аз вафоти падар, ба тахти султонӣ ва маснади комронӣ нишастем: мулки Румро монанди мум дар зери нигини худ даровардем. Баъд аз андак замоне як тоҷири бадахшонӣ ба ин вилоят омада расид. Вай моли бениҳоят ва ҷавоҳиру қумоши беҳад дошт. Чун овозаи ӯ дар вилоят мунташир шуд, мо ҳам шунидем ва ӯро ба назди худ чеғ задем. Мақсад аз чеғ задани вай он буд, ки ба василаи ӯ рафтор ва мулкдории шоҳони ҳар диёр ва сифат ва зӯрии онҳоро фаҳмем. Чун он мард ба даргоҳи мо ҳозир шуд, дурҷе[1] ба расм армуғон пешкаши бандагони мо кард. Чун дурҷро кушодам, дар он як лаълро дидам, ки бисёр хушоб буд ва вазнаш ба се мисқоли санг баробар меомад, ки мисләшро ман на

[1] Сандукчаи ҷавоҳирот.

дар хазинаи падар дида будам ва на аз касе шунида будам. Бинобар он бисёр хушҳол шудам ва он мардро эҳтиром кардам, инъому икром ва хилъати фохира додам ва фармудам, ки аз моли ӯ боҷу хироҷ нагиранд.

Он мард чандгоҳ дар пеши мо буд. Худаш хеле ҷаҳондида, ширинзабон ва қоидадон буд. Аз сӯҳбаташ фоидаҳои бисёре мегирифтӣ. Хулосаи ҳикоят он ки азбаски ба он лаъл шавқи тамом доштам ва онро беназир мепиндоштам, бисёр вақтҳо дар ҳузури хосу ом онро ба даст мегирифтам ва таъриф медардам ва ба ҳар кас вайро нишон медодам ва бад-он менозидам (фахр мекардам). То он ки рӯзе элчиҳои мамлакатҳои бисёр барои салом ба даргоҳи мо омада буданд. Барои онҳо маҷлисе тартиб дода, умарои давлат ва аъёнро ҳозир карда будам. Ҳама ҷо ба ҷо нишаста, ходимон ва ясавулон саф баста буданд ва базми шоҳона тартиб дода шуда буд. Ниҳоят бинобар одати худ, ҳамон лаълро ба муносибате талабидам ва онро ба даст гирифта ба таърифаш кӯшидам. Элчии фаранг кӯшиши маро дида табассум кард. Ман як вазири соҳибтадбир доштам, ки аз замони падарам монда буд. Вай инро дида, одоби хизмат ба ҷо оварда ва баъд аз дуо ва сано гуфт:

– Арзе дорам, агар рухсат фармоянд, баён кунам.

Гуфтам:

– Бигӯ!

Ӯ гуфт:

– Аз подшоҳони азимушшаън, ки сарвари ҷаҳонанд, пораи сангеро ҳарчанд бемисл бошад ҳам, дар назари ошно ва бегона ин қадар таъриф кардан баднамост. Ва ҳол он ки ин санг он қадар мартаба дорад, ки марди тоҷире дар шаҳри Нишопури Хуросон дувоздаҳ донаи онро, ки ҳар як ба ҳафт мисқоли санг баробар меояд, ба гарданбанди саге шинондааст.

Аз суханони дурушти вай оташи ғазаби ман даргирифт. Ҳикояи тоҷири хуросониро дурӯғ гумон кардам, ба вазир хашм намудам, ӯро сиёсат карда молашро ба ғорат кардан амр кардам. Лекин элчии подшоҳи фаранг ба миёна даромада, гуфт:

– Илтимоси он дорам, ки шумо, подшоҳи мӯҳтарам, бифармоед, ки ин марди пир чӣ гуноҳ дорад?

Гуфтам:

– Аз дурӯғи бефурӯғ бадтар чӣ гуноҳ хаст.

Гуфт:

– Дурӯғаш аз куҷо ба шумо маълум шуд?

Гуфтам:

– Ақл бовар накунад, ки як марди бозорие, ки барои як танга ҷон медиҳад, дувоздаҳ дона санги ҳафтмисқолиро ба гарданбанди сагаш бандад?!

Элчӣ таъзиме карда ва гуфт:

– Шаҳрёро, давлатат зиёд бод! Ҳар сухан, ки мешунавӣ, эҳтимоли ростӣ ва ҳам эҳтимоли дурӯғӣ дорад. Шояд ки ин ҳикоят ҳам рост бошад ва аммо дурӯғ намояд. Инчунин барои калимае, ки дурӯғиву ростии он ҳанӯз маълум набошад, бандаи пири давлатхоҳи худро куштан хуб нест. Ҳаққи хизмати қадими ӯро донистан лозим аст. Шаҳрёрони гузашта зиндонро барои ҳамин сохтаанд, ки ҳар гоҳ ба касе хашм гиранд, ё аз касе шубҳа кунанд, чанд рӯз ӯро ҳабс кунанд. То он ки хашм фурӯ нишинад, ё бегуноҳии он шахс муайян гардад.

Суханҳои он марди боақл, маро аз куштани вазир боздошт.

Гуфтам:

– Алҳол қатли ӯро ба гуфтаи ту муваққатан бозмедорам ва ба ӯ як сол мӯҳлат дода ба зиндон мефиристонам. Агар ростии қавлаш зоҳир шавад, халос хоҳад шуд, в-агарна ба ӯ чӣ карданамро худам медонам.

Элчӣ таъзим кард ва сокит гардид. Вазирро ба зиндон бурда ҳабс карданд. Чун ин хабар ба хонаи вазир мерасад, доду фиғони аҳлу аёли ӯ баланд мешавад. Ин вазир як духтари ҳаждаҳсолаи бо хату савод ва пуристеъдоди боақлу бофаросат дошт. Вазир барои духтараш дар паҳлӯи ҳарамаш хонаи алоҳида сохта буд. Доим он бо амирзодагон ва канизони соҳибҷамол ба айшу ишрат ва бозӣ машғул буд. Он рӯз ҳам духтар ба кайфу сафои худ иштиғол дошт, ки модараш мӯпарешон, чашмхунфишон ва сару побараҳна, синакӯбон, додгӯён ба сари ӯ меравад ва ба ҳар ду даст ба сари ӯ зада, мегӯяд:

– Илоҳӣ духтар аз модар назояд, агар зояд, напояд! Э нанги падар ва ори модар! Кошкӣ, ба ҷои ту писари кӯре медоштам. Ба ҳар ҳол дар ин вақт ғамам набуд, ба ҳар ҳол вай аз ӯҳдаи ин кор мебаромад...

Духтар баъд аз дилдории модар мепурсад:

– Оё чӣ ҳодиса шуда бошад? Боиси ин изтироб ва гиря чист? Оё писари кӯр чӣ кор карда метавонист, ки ман наметавонистаам:

Модар гуфт:

– Хок бар сарат! Аз ин зӯртар чӣ ғам шуда метавонад, ки падари пиратро подшоҳ ҳабс кардааст. Сабаби ҳабси падар ҳамин будааст, ки вай гуфтааст: дар Нишопури Хуросон марди тоҷире ҳаст, ки дувоздаҳ дона лаъли ҳафтмисқолиро ба гарданбанди сагаш кардааст. Подшоҳ ин суханро дурӯғ ёфта, ӯро қариб куштанӣ шудааст ва бо сухани элчии фаранг ба зиндон партофта, яксола мӯҳлат додааст. Агар писар мебудӣ, дар ин кор фикре мекардӣ. Балки ба он вилоят сафар мекардӣ ва савдогарро ба назди шоҳ меовардӣ, ки он пир халос мешуд.

Духтар гуфт:

– Қавли ту қобили итоат аст (дуруст аст). Аммо ба тақдир тан додан, сабр кардан даркор аст. Ин гиряю зории ту хуб нест...

Ҳамчунин он оқилаи ботадбир модарашро тасаллӣ дода, гусел мекунад. Худаш бисоти айшро меғундорад ва то шаб дар гӯшае хомӯш менишинад. Шаб дояи худро, ки ӯ кафили муҳиммот ва идоракунандаи хоҷагии ӯ будааст, ба хилват металабад ва ба ӯ рози худро кушода мегӯяд, ки:

– Барои халосии падар бо ёрии ту ба Аҷам рафтанӣ ҳастам, барои исботи ростии сухани падарам маҳзари[1] мӯътабаре бо мӯҳри аъёни Хуросон ва Нишопур меорам.

Доя баъд аз ибо ва инкори бисёр маҷбур мешавад, ки таклифи духтарро қабул кунад. Онҳо баъд аз машварат ба ҳамин қарор медиҳанд, ки доя аз мардумон пинҳонӣ матои боби Аҷам ва Хуросон ҷамъ намояд. Ба қадри зарур ғулом ва ходим ба музд гирад ва дигар асбобҳои сафарро тайёр кунад. Баъд аз он ки бо кӯшиши доя тамоми чиз тайёр мешавад, он духтар либоси мардона мепӯшад ва тамоми ҷавоҳироти қимматбаҳои захира кардагиашро гирифта, шабона мебарояд ва худро ба корвон мерасонад.

---

[1] Маҳзар – 1) аризаи даъво дар маҳкамаҳои шариат; 2) ҳуҷҷати расмӣ, ки бо вай чизе собит шавад (дар ин ҷо ба маънии дуюм аст).

Модари духтар баъд аз шунидани ин хабар, аз тарси расвой ҳаракати духтарро махфӣ медошт.

Аммо хоҷазодаи сохта, ки дар ҳусн беназир ва дар синни ҳаждаҳсолагӣ буд, сиҳат-саломат ба шаҳри Нишопур рафта мерасад. Баъд аз ба корвонсарой фуромадан ва истироҳат кардан ба сайр мебарояд ва хиромон ба сари чорсӯи бозор мерасад. Дар сӯи бозор дӯкони ҷавҳариеро мебинад, ки дар он аз ҳар ҷинс ҷавоҳири бисёр тал-тал ғаллавор рехта шудаанд. Дар он ҷо марде ба синни чилсолагӣ, ба равиши одамони мӯътабар либоси хуб дарбар нишастааст. Ғуломон ва чокарон дар баробари ӯ саф задаанд, чанд нафар аз калонҳо ва аъён дар пеши дӯкони ӯ ба рӯи сандалиҳо нишаста сӯҳбат мекарданд.

«Хоҷазода» ин ҳолро дида бо худ мегӯяд, ки албатта он тоҷире, ки падарам гуфтааст, ҳамин аст. Бинобар он ба диққат ба ӯ нигоҳ мекунад. Дар баробари он дӯкон боз як дӯкони дигареро мебинад, ки тахта кашидаанд. Аммо дар он ҳеҷ чиз нест, магар ду қафаси фӯлодӣ, ки дар ҳар кадом як нафар шахс маҳбус, аз роҳат ва истироҳат маъюс нишастаанд. Мӯи сар ва риши онҳо то ба камар расида, нохунҳояшон дароз шуда, рӯяшон зард, мӯяшон пургард... ки рӯзгори ҷафокор мисли он ду ситамрасида дар рӯи замин касеро надида ва гӯши гардун низ ин азобро нашунида... дарҳои қафасҳо қулф, ду зангии сиёҳ ба онҳо нигаҳбон. «Хоҷазода» лоҳавл гӯён ба тарафи дигар рӯ мегардонад. Дар он тараф низ дӯконеро мебинад, ки дар он қолинчаи абрешимӣ паҳн карда, сандалии мурассаъ гузошта шудааст. Дар болои сандалӣ ҷули зарбофт партофта шуда, ба рӯи он саге хоб кардааст, ки бо занҷири тилло баста шуда ва дар гарданаш гарданбанди қиматбаҳо гузаронида шудааст. Дар пои сандалӣ лаганди тиллоӣ пур аз об гузошта шуда, ду ғуломбачаи зебои фарангӣ ба хизмати он саг муқаррар шудаанд... Хоҷазода диққат карда мебинад, ки ҳамон сангҳои қиматбаҳо ҳақиқатан дар гарданбанди саг мавҷуданд. Аз ин ҷиҳат вай хурсанд шуда фикр мекунад, ки оё чӣ кор кунад, чӣ санад ба даст орад, ки ҳақиқатан ростии сухани падараш ва ин ҳолро исбот намояд?

Иттифокро дар ин дам, ба ҳусну ҷамоли хоҷазода мафтун шуда, ба гирди ӯ чунон мардум ҷамъ мешаванд, ки роҳи

омад-шудро мебанданд. Хоҷаи ҷавҳарӣ нигоҳ карда мебинад, ки бозор монанди паргор даври он дилоройро гирифтаанд. Бинобар ин як ғуломи худро ба назди хоҷазода мефиристонад ва ӯро ба дӯкони худ чег мезанад. Он симои осмони некӯй низ ба дари дӯкони хоҷа рӯ мекунад.

Дарвешон! Хоҷазодаи сохтаро дида хоҷаи ҷавҳарӣ мафтун мешавад ва ба ишқи ӯ гирифтор мегардад. Хоҷазода пеш меравад, хоҷа бағал кушода ӯро чун ҷони ширин ба бар мекашад, рӯяшро падарвор мебӯсад ва дар паҳлӯи худ мешинонад... вай баъд аз пурсупоси расмӣ мегӯяд, ки:

– Э ҷавон! Ту гуле аз гулистони кистӣ ва сарви кадом чаманӣ? Дурри кадом садафӣ ва озими кадом тарафӣ.

«Писар» дар ҷавоб мегӯяд:

– Ҷои таваллудам Кустантания аст. Падаре дорам рӯзгори ҷавониро дар тиҷорат гузаронида, ҳоло, ки синнаш ба ҳафтод расида, чашмаш обрав гардида ва дар хона нишастааст, маро ба сафар амр кардааст. Ман ҳам аз ошӯби дарё ваҳмида ба ин тараф – ба вилояти Аҷам сафар кардам. Баъд аз ба ин иқлим даромадан овозаи шуморо шунидам ва барои дидани шумо ба ин шаҳр омадам. Шукр, ки ба дастбӯси шумо расидам.

> Гар мо ба гарди домани марде намерасем,
> Шояд ки гарди домани марде ба мо расад!

Он «писар» бо хоҷа чунон ба суханон дилрабоёна ва адофаҳмона даромад, ки шӯраш дар сар омад ва гуфт:

– Фарзандам! Карам кардӣ, заҳматҳо кашидӣ. Хуш бош (хуш омадӣ!), ки аз омаданат хушвақт шудем:

> Гузар фитод ба сарвақти куштагони ғамат,
> Ҳазор ҷони киромӣ фидои ҳар қадамат!

> Равоқи манзари чашми ман ошёнаи туст,
> Карам намову фуруд о, ки хона, хонаи туст!

Фарзанд! Ту ба куҷо манзил кардӣ? Фармо, ки чизҳоро ба бандахона нақл кунанд. Зеро ки будани ту дар манзили ғарибон (мусофирон) муносиб нест. Худоро шукр, ки қадр ва эътиборе дорам ва мардуми ин диёр маро қадаре риоят мекунанд. Ҳар гоҳ қадам ба дида гузорӣ, хуб мешавад...

Хочазода баъд аз узрхоҳии бисёре розӣ шуда ба ғуломони худ фармуд, ки бо ҳамроҳии мулозимони хоҷа асбоби ӯро аз корвонсарой ба хонаи хоҷа кашонанд. Худаш то охири рӯз дар бозор дар назди хоҷа нишаста сӯҳбат мекунад. Баъд аз он ки равона ба хона мешаванд, хоҷазода мебинад, ки он ду ғуломбача, яке сагро ба бағал гирифта, дигаре сандалии онро ба даст гирифта аз пас равона мешаванд. Ҳамин ки ба хона дохил мешаванд, дар канори ҳавз қолинча партофта сандалии сагро мегузоранд ва ғуломбачаҳо дар назди он ба хизмат рост меистанд. Қафасҳоро низ дар як тараф мегузоранд.

Хоча ба хоҷазода хуш омадед гуфта меҳрубонии зиёд мекунад. Ба фармони хоҷа ба маҷлис май меоранд. Хоҷа худ менӯшад ва бо таклифи тамом ба хоҷазода низ дода ба сӯҳбат менишинад. Баъд аз он ки димоғи ёрон чоқ мешавад, таом меоранд. Ба ишораи хоҷа барои саг низ як табақ таом мебаранд. Дар пои сандалӣ дастурхони зарбофт партофта табакро мегузоранд. Саг аз сандалӣ поён ҷаста ба қадре ки мехоҳад, мехӯрад ва аз лаганди тилло об нӯшида боз ба болои сандалӣ мебарояд ва хоб мекунад. Ғуломбачаҳо бо рӯмол дасту даҳони ӯро пок мекунанд. Он ду ғуломи сиёҳи зангӣ зиёдатии хӯроки сагро ба назди қафасҳо мебаранд ва аз хоҷа калидро гирифта қулфро мекушоянд ва фалакзадаҳоро берун мебароранд. Бо зарби қамчин боқимондаи хӯроки сагро ба онҳо мехӯронанд. Баъд аз хӯрок боз онҳоро дар қафас карда, қулф мекунанд.

Хоҷазодаро ин тавр рафтори дур аз муҳаббати мардӣ гарон меояд, мазҳаби хоҷаро ғайри ҳақ медонад. Бинобар он хӯрок нахӯрда аз дастурхон канор мешинад. Ҳарчанд хоҷа таклиф мекунад, зӯрӣ мекунад, қабул намеафтад. Ниҳоят сабаби нафрати ӯро мепурсад:

Хоҷазода мегӯяд:

– Маро таоми ту гуворо нест. Ин чӣ рафтор аст, ки ту дорӣ? Аввал сагро чаро ин қадар парастиш мекунӣ, ҳеҷ кас сагро ба ин дараҷа иззат накардааст, ин баст нест, ки ба он ду бечора ин қадар зулму азоб мекунӣ. Ин кор аз мурувват ва одамият нест. Ман намедонистам, шояд дини ту дигар аст ва ҳайвонпарастӣ мекунӣ!

Хоҷа мегуфт:

– Фарзанд, қавли ту мутоъ (мақбул) аст. Ман ҳам медонам, ки ин корҳо хуб наменамоянд. Аммо чора надорам. Зеро ман маҷбур шудам, ки чунин кунам. Ин ҳаракати маро дида мардумони зоҳирбин, ки ҳақиқатро намедонанд, муддатест, ки маро ба сагпарастӣ шӯҳрат додаанд. Аммо ман сагпараст нестам...

Хоҷазода қадаре таскин ёфта, боиси ин рафтори ӯро мепурсад:

Хоҷа гуфт:

– Э фарзанд! Сабаби ба сагпарастӣ машҳур шудани ман ҳам он аст, ки ин асрорро ба касе нагуфтаам. Алҳол чанд гоҳ аст, ки дар ин шаҳр ҳастам ва инъому бахшиши зиёд медиҳам, то ки ин сирри пинҳон ошкор нашавад. Фарзанд! Аз донистани ин қисса ғайр аз ғусса хӯрдан ва дилхун шудан фоида нест. Ту ҳам аз шунидани ин сир даргузар, ки туро ҳам ҳосиле нест.

Азбаски хоҷазода матлаби аслии худро вобаста ба зоҳири он ҳол медид, аз фаҳмидани сирри он ҳикоя даргузашта ба таом хӯрдан мешинад ва то муддати ду моҳ он оқила бо хоҷа ба навъе падар ва фарзандона рафтор менамояд ва дили ӯро мерабояд, ки ба ҳусни адаб ва ҷамоли аҷаб ӯро фирефта ва шефтаи худ месозад ва чунон ҳилагарӣ мекунад, ки хоҷа як дам ҳам бе ӯ зиндагӣ карда наметавонистагӣ мешавад. Ниҳоят як рӯз дар поёни мастӣ гиряи аҷиб мекунад. Хоҷа баъд аз қурбон ва садқа шудан сабаби гиряро мепурсад.

Хоҷазода мегӯяд:

– Э падар! Чӣ гӯям? Кош ба назди ту намеомадам, ки азоби ҷудоӣ дар пешам намебуд. Зеро лозим шудааст аз ту ҷудо шавам. Намедонам, ки ҳоли он пир чӣ шуд. Агар зинда монам ва имконият ёбам, бори дигар ба мулозамат мешитобам...

Хоҷаи ошиқи бечора ва дилдода, ки ин суханонро мешунавад, баъд аз гиряву зорӣ забонаш ба ин ашъор ҷорӣ мешавад:

– Чу афтодам мани бечора охир дар балои ту
Макун бегонагӣ, ҷонон, ки ҳастам ошнои ту!

Э ҷони азиз ва э нури чашм! Чӣ шудааст, ки ба ин зудӣ аз бандаи пири худ сер шудаӣ ва аз ҳузури ӯ дилгир!

Аввал рухи худ ба мо набоист намуд,
Дил аз мани бечора набоист рабуд.
Чун рӯй намудию рабудӣ дили ман,
Ночор ба коми мот мебояд буд.

...Нури дидаи ман! Ин хаёли маҳолро аз сарат берун кун, ин имкон надорад. То ман зиндаам, як соат ба дурии ту розӣ намешавам. Аҷам низ мамлакати хушобу ҳавост. Дар ҳама чиз кам аз Рум нест. Агар дар фаранг бозмондаҳо дорӣ, ҳар кадом аз мулозимони худро, ки амин донӣ бо чанд нафар аз одамони банда ба овардани онҳо мефиристонем. То ки ба андак фурсат сиҳат ва саломат ба ин ҷо оянд. Фарзанд! Ман дар ҳаётам ранҷи бисёр кашидаам ва дар ҷавонӣ беихтиёр гирди диёрҳо гардидаам, то он ки ба пирӣ расидаам, мол ва чизи бисёр дорам ва фарзанд ё ки хешу табор надорам, ки баъд аз ман барои ман фотиҳа хонанд. Мехоҳам ки ту ба ҷои фарзанди дилбанди ман бошӣ то зиндаам нури чашми ман бошӣ, вақте ки мурдам ба хокам супурда фотиҳа хонӣ, баъд ихтиёр дорӣ.

Хоҷазода дар ҷавоб гуфт, ки:

– Э падар! Мақсади ман аз хизмати ту дур шудан нест. Аммо чун ризои падар ва модар фарз аст ва онҳо пир ва оҷиз шуда мондаанд, рафтанам зарур аст. Падарам аз як сол зиёдтар ба ман рухсат надодааст. Вай ба интизори ман аст. Метарсам, ки маро оқ накунад. Бале, агар шафқат карда, бандаи худро аз хок бардорӣ ва шарти падар ба ҷо орӣ ва қадам ба хоки Рум гузорӣ, ман ҳам шарт мекунам, ки то зинда бошам, фармонатро банда бошам.

Баъд аз гуфтугӯи бисёр хоҷаи бечора ба ҷуз ҳамроҳии ӯ чорае намеёбад.

Ҳар киро товус бояд, ранҷи Ҳиндустон кашад,
Ҳар киро маҳбуб бояд, меҳнати зиндон кашад.

Онҳо чун азми сафари Рум мекунанд, туҷҷорони Хуросон ва Ироқ низ ба онҳо ҳамроҳӣ мекунанд. Хоҷасагпараст бо ганҷу гавҳари бисёр ва ғуломy чокари бешумор дар соати нек аз Шаҳри Нишопур берун меоянд ва дар беруни шаҳр дар саропарда манзил мекунад. Туҷҷорони дигар, ҳар як муноси-

би аҳволи худ бо молу матоъ ба ӯ омада ҳамроҳ мешаванд. Чун вақти сафар мерасад, сад шутур пур аз нуқра, сад шутур пур аз ҷавоҳир ва сад шутур пур аз тилло ва нуқра бор карда мулозимони хоҷа ба роҳ медароянд. Онҳоро сад нафар ҷавони қибчоқи заҳматкаши шамшерзани пурдил ва боҷуръат пайравӣ мекунанд, дар пеш-пеши ҳама он меҳри сипеҳри хубӣ ва моҳи осмони маҳбубӣ бо хоҷа қариб мерафт. Рафиқони дигар атрофи ӯро парвинвор печонда гирифта буданд. Баъд аз онҳо дар болои тахти равоне он саг нишаста ва соябоне бар сари ӯ бардошта буданд; аз паси он, ду кафаси он ду бадбахтро ба як шутур бор карда буданд. Бо ҳамин тартиб, дар ҳар манзил хурсандӣ ва шодӣ карда меомаданд. То ин ба як манзили Кустантания мерасанд. Хоҷазода рухсат металабад, ки пештар ба шаҳр равад ва барои хоҷа ва ёрон манзиле тайёр кунад. Хоҷа базӯр розӣ мешавад ва ҳаминро шарт мекунад, ки дар шаҳр аз як шаб зиёдтар намонад.

Хоҷазода чун яккаву танҳо аз он ҷо ба шаҳр меояд, шабона ба хона рафта ба ҳарам медарояд. Дар ҳарамбудагон аз ҷуръати марди бегона ҳайрон мешаванд. Аммо вай лоқайдона ба назди модараш меравад. Модар баъд аз итоб беҳад аз ҳоли ӯ мепурсад.

Духтар мегӯяд:

– Э модар! Ин корро ман маҳз барои халосии падарам кардам. Шукр, ки муддао ҳосил шуд, шоми ғам ба рӯзи шодӣ анҷомид. Хоҷаи тоҷирро бо сагаш ва гарданбандҳои он овардам. Акнун аз ту як хоҳиш дорам, ки боз маро як-ду рӯз ҷавоб деҳ, то ки ин корро ба охир расонам ва падарамро аз ҳабсу қатл халос кунам.

Модар аз дидани духтар ва шунидани ин хабар шод мешавад, ӯро чун ҷон дар бар мекашад ва ба ҳаққаш дуои хайр карда боз ҷавоб медиҳад. Он симинбар ҳамон саҳар боз ба сӯи хоҷа меравад.

Аммо он бегоҳӣ хоҷаи дилдода ба ҷудой тоб оварда натавониста дар ҳамон соат кӯч мефармояд.

Ҷилвагоҳи дӯстро бедӯст дидан мушкил аст!

Онҳо дар як фарсангии шаҳр ба ҳам расида, дар беруни шаҳр як ҷои хушобу ҳаворо интихоб мекунанд ва хаймаву чодар зада менишинанд.

Дарвешон! (Озодбахт мегӯяд). Иттифоқо яке аз миршикорони ман, ки аз шикор мегаштааст, гузораш ба он макон меафтад. Мебинад, ки хоҷа ва хоҷазода ва дигарон дар саропарда нишаста сӯҳбат мекунанд. Вай ҳайрон мешавад, ки оё онҳо кӣ бошанд. Подшоҳ ҳеҷ яке аз амиронро ба сафар нафармудааст, ба тозагӣ омадани ягон элчӣ ҳам маълум набуд. Бинобар он шотири худро барои хабар гирифтан мефиристонад. Шотир вақте ки ба чодари туҷҷор мерасад, хоҷа ӯро чег зада аз аҳволи хоҷааш мепурсад. Хоҷа кӣ будани ӯро донista хабар мефиристонад, ки агар малол наояд, манзили моро мунаввар намоед. Мири шикор ҳам, барои дуруст донista гирифтани онҳо ба наздашон меравад. Баъд аз салому пурсупос ба рӯи курсӣ мешинад. Он ҳама асбобу анҷом, он ҳама тантанаро дида ҳайрон мешавад. Чашмаш ба хоҷазодаи офтобталъат меафтад, дар як тараф саг ва қафасҳои мазкурро дида ҳуш аз сараш мепарад. Хоҷа ӯро хуб меҳмондорӣ мекунад. Ӯ низ баъд аз тафтиши аҳволи хоҷа, ном ва мақоми ӯ ба шаҳр меояд. Рӯзи дигар ба даргоҳи мо ҳозир мешавад. Мири шикор ин ҳикояро ба якчанд умаро нақл мекунад. Ҳамагӣ аз шунидани он ҳикоя ҳайрон мешаванд. Чун ба боргоҳ даромаданд, ба мо ин хабарро расониданд, тарзи рафтор ва бадкирдории хоҷаро чунон гуфтанд, ки оташи ғазаби ман шӯълавар гардид ва ҷазм кардам, ки он мардро сиёсат кардан лозим аст. То ки ба дигар беадабон танбеҳ шавад. Ва чанд аз қӯрчиёни пурғазабро фармудам, ки ӯро (хоҷаро) ба сазо расонанд (кушанд) ва молу ашёи ӯро ғорат кунанд.

Дарвешон! Иттифоқо ҳамон элчии фаранг он дам ҳозир шуд. Чун ин ҳукми маро шунид, беихтиёр хандид. Аз хандаи вай ман оташинтар шудам ва гуфтам:

> Ханда, ки аз дил накушояд гиреҳ,
> Гиря аз он хандаи беваққт беҳ!

Э мардаки нодон! Барои чӣ механдӣ!

Элчӣ гуфт:

– Шаҳрёро! Хандаи ман чанд сабаб дорад. Аввал он ки ростии сухани вазири мӯсафед зоҳир шуд ва он марди бегуноҳ аз зиндон халос мешавад. Хайрият, ки бо шафоати ман ҳамон рӯз шумо дасти худро ба хуни бегуноҳе олуда накардед.

Дигар он ки, шаҳрёро! Шумо ба ҷои он ки ҳамон марди тоҷирро ҷеғ зада, аҳволи ӯро фаҳмед, бо шунидани ҳарфе аз шахсе, ки ба хоҳиши худ ҳар чӣ мегӯяд, ӯро (тоҷирро) ба куштан амр кардед...

Дарвешон! Суханҳои элчиро шунавида вазир ба ёдам расид. Фармудам, ки рафта хоҷаро бо писараш ва он ду нафар маҳбус ва он сагро биёранд. Мувофиқи фармони ман мулозимон онҳоро зуд ҳозир карданд. Вақте ки хоҷа бо писараш даромад, аз тарзи либоспӯшӣ, одоб ва ҳусну ҷамоли он писар ҳама ҳайрон шуданд. Он нодираи ҳусн дар дасташ як себи тиллоӣ дошт, ки тамом ҷавоҳироти қиматбаҳо ва сангҳои бемисл шинонидашударо, ба пояи тахти мо нисор кард ва таъзим карда, ба канор истод. Хоҷа баъд аз таъзим забон ба дуо кушод. Аз хушгӯӣ ва ширинзабонии ӯ ҳама ҳайрон шуданд. Ман ба ӯ хитоб карда, гуфтам, ки:

– Э шайтони одамнамо... ин чӣ дом аст, ки афгандаӣ ва ин чӣ чоҳ аст, ки дар роҳи мардум кандаӣ?.. Миллат ва дин дорӣ ё на?

Ӯ гуфт:

– Шаҳрёро, умру давлатат поянда бод! Ман дин дорам, миллатро медонам. Лекин инҳо, ки дар назари шумоянд ва сабаби тӯҳмати мананд, боис дорад, ки гуфтан наметавонам.

> Дардест маро, ки гуфтанӣ нест,
> В-ин дард дигар нуҳуфтанӣ нест.

Шаҳрёро! Барои пинҳон доштани ин воқеа нанги сагпарастиро ба худ писандидам ва ба «Хоҷасагпараст» машҳур шудам...

Аз ин суханони ӯ оташи хашми ман бештар шӯълавар гардида, гуфтам:

– Э ғӯли биёбони ҷаҳолат! Ман на онам, ки ба фиреби ту дароям! Ҳоло ё ба далели маъқул боиси ин ҳолро баён кун, хирадмандонро писанд афтад, ё ба қасос тан деҳ, ки сабаби ибрати дигарон гардад!

Ӯ гуфт:

– Шаҳрёро! Чӣ шавад, ки аз хуни мани маҳзун гузаранд ва молҳои маро, ки беҳисобанд забт намоянд, маро ва ин писарро рухсат фармоянд.

Аммо ман аз ғазаб нафуромадам. Вай дид, ки дигар чорае нест, якбора гиря сар дод ва ба писар нигоҳ карда гуфт:

– Фарзанд, ман аз марг наметарсам, лекин ҳозир туро ба кӣ гузорам?!

Гуфтам:

– Беҳуда магӯ, баҳона маҷӯ, зуд бош!

Баъд аз ин вай пештар нишасту забон ба дуо кушод ва гуфт:

– Подшоҳо, агар муомила бо ҷон ва аз паси он фироқи ҷонон намешуд, ин суханро ҳаргиз касе аз ман намешунид. Ҳоло ки гап то ба он дараҷа расид, бифармоед он ду нафар шахсро, ки дар қафас мебошанд ва гӯё, мазлум менамоянд, пеш оранд ва шумо ба сухани ман андаке гӯш диҳед. Агар ман хатое кунам, онҳо ислоҳ менамоянд.

Ин сухани хоҷаро ман писандидам ва фармудам, ки бандиҳоро озод карда аз қафас бароварданд ва онҳо дар паҳлӯи росту чапи хоҷа нишастанд. Баъд аз он хоҷа гуфт:

– Ин марде, ки дар тарафи рости ман нишастааст, бародари бузурги ман аст ва инаш аз вай хурдтар мебошад. Ман хурдтарини онҳоям. Мо аз вилояти Форс ҳастем. Падари мо савдогаре буд, ки ҳашт ҳазор туман сармоя дошт. Вақте ки синни ман ба чордаҳсолагӣ расид, падарам бемор шуда вафот кард. Баъд аз даҳ рӯзи марги падарам бародаронам ба ман гуфтанд:

– Э фалонӣ, ҳар киро, ки аз хешовандонат амин донӣ, чег зан то ки як ҷо нишаста моли падарро тақсим кунем ва ҳар кадоме бо ҳиссаи худ ба кор машғул шавем.

Ман гуфтам:

– Бародарон ин чӣ сухан аст, ки шумо мегӯед! Ман ба шумо ғулом ҳастам. Падарам мурд, шумо ба ҷои падари ман ҳастед. Ман ҳанӯз ҷавонам, шумо соябони ман ҳастед. Ба ман либос ва луқмаи ноне диҳед, бас аст.

Онҳо дар ҷавоби ман гуфтанд, ки:

– Дуруст, бад фикр накардай!.. бо ҳамин ҳила мехоҳӣ, ки дар андак муддат моро мӯҳтоҷи нон кунӣ.

Ин суханро шунида ҳеҷ чиз нагуфтам, ба хобгоҳ рафта гиристам ва ниҳоят худро бо ҳамин тасаллӣ додам, ки «бародарон маро меозмоянд!».

Рӯзи дигар, вақте ки бародаронам берун рафтанд ва чошттоҳ шуд, мулозими қозӣ омада маро ба қозихона гириф-

та бурд. Рафта бинам, ҳамин ҳар ду бародар нишастаанд ва муддаои дирӯзаро даъво мекунанд.

Қозӣ ба ман нигоҳ кард ва гуфт:

– Чаро аз ҳукми шаръ сар мепечӣ!

Ман ҳар чизеро, ки шаб ба бародаронам гуфта будам, боз такрор кардам. Бародаронам ба ҷавоб гуфтанд, ки:

– Агар рост мегуфта бошӣ ва дилу забонат як бошанд, дар ин бора санад карда, бо мӯҳр ва имзои қозии шариат тасдиқ кунонда ба мо деҳ. То ки баъд аз ин агар даъвои мерос кунӣ, давоят ботил гардад.

Ман гумон кардам, ки бародаронам барои эҳтиёт ва дурандешӣ ин корро карданӣ ҳастанд. Бинобар он мувофиқи хоҳиши онҳо санад карда дода, бо дили беғаш ба хона омадам. Баъд аз чанд рӯз бародаронам ба ман гуфтанд:

– Барои худат як хонаи дигар ёб! Мо розӣ нестем, ки ту дар мулки мо бошӣ!

Бо шунидани ин сухан донистам, ки бародаронам маро фиреб додаанд. Ба онҳо чизе нагуфтам ва таклифи онҳоро қабул карда, як-ду рӯз мӯҳлат гирифтам. Дар ин миён баъзе чизҳоро, ки падарам аз сафарҳояш ба ман савғот оварда буд, фурӯхтам ва аз он маблағ ҳавлие харидам ва бо канизаке, ки онро ҳам падарам ба ман бахшида буд, ба он ҳавлӣ кӯчидам. Дар вақти кӯчидан ҳамин саг, ки бо ман аз хурдиаш одат карда буд, низ ҳамроҳ шуд. Бародаронам ба ман бераҳмӣ карданд, аммо ин саг бо ман ҳамроҳӣ кард.

Баъд аз ин аз бозор дӯконе гирифта, бо андаке сармоя ба дӯкондорӣ нишастам. Дар байни се сол сармоям ба чор ҳазор туман расид. Дар байни савдогарон эътибор пайдо кардам, аъёну ашроф ба ман мурочиат мекардагӣ шуданд.

Дар соли чорум, рӯзе дар хона нишаста будам, ки яке аз ғуломҳоям гирёну нолон аз кӯча баргашт. Сабаби гиряашро пурсидам, киноя карда гуфт, ки:

– Ту чӣ кор дорӣ, ба айши худ машғул бош!

Гуфтам:

– Магар ягон балое шудааст.

Ӯ гуфт:

– Бало магар аз ин бадтар мебошад, ки ту бо ин мол хушҳол ва фориғбол нишастаӣ, аммо бародаронатро дар бо-

зор барои сад туман даъвои як судхӯр ба дор овехтаанд ва чӯб мезананд ва касе онҳоро ҳимоят намекунад.

Ин хабарро шунида дилам ларзид, аҳволам бад шуд, тоқат накарда аз хона давида баромадам. Ба ғуломҳо фармудам, ки пул биёранд. Вақте ки ба сари майдон расидам, ин ду ҷавонро ба ҳоли хароб дидам. Беихтиёр аз чашмам ашк ҷорӣ шуд. Зуд ба мулозимони ҳоким пул пора дода, онҳоро аз сари бародаронам дур кардам ва ба назди судхӯр рафта гуфтам, ки:

– Чаро ба ин бечораҳо ин қадар ситам мекунӣ?

Ӯ гуфт:

– Агар ба инҳо раҳм мекарда бошӣ, дили маро ба даст ор, талаби маро адо кун! В-агарна суханҳои бефоидаро гуфта нагард.

Гуфтам:

– Талаби ту чанд аст?

Гуфт:

– Сад туман аст.

Зуд сад туман дода аз вай санадро гирифтам ва ин ҳар дуро, ки урён, гирён ва маҷрӯҳ буданд, ба хона гирифта овардам. Зуд ҷарроҳ чеғ зада, ба ҷароҳатҳояшон даво кардам. Баъд либосҳои хуб дода, ба ҳаммом фиристодам ва хеле меҳрубонӣ карда, дар хизматашон камар бастам. Ба ҷиҳати он ки мабодо инҳо хиҷолат накашанд, аз ваҷҳи моли падар чизе нагуфтам.

Инҳо азбаски дар пеши мардум бисёр хорӣ кашида буданд, дар хона нишастанро авло дида, ба кӯча набаромаданд. Баъд аз чанд гоҳ ба хотирам расид, ки инҳо мабодо ғусса нахӯранд ва аз хонанишинӣ ба танг наоянд. Бинобар он шабе дар асной сӯҳбат гуфтам:

– Бародарон, ба гумонам агар якчанд рӯз сафар кунед ва аз ин хонанишинӣ халос шавед, беҳтар аст. Чаро ки эътибори савдогар дар сафар аст.

Бародаронам ҳам сухани маро маъқул донистанд. Ман баъд аз он ба тараддуди асбоби сафари инҳо сар кардам ва ба ҳар кадом садтуманӣ харид карда додам. Инҳо бо сармоя ва мол ба корвоне, ки ба сӯи Туркистон мерафт, ҳамроҳ шуда рафтанд. Дар асной сафар ба дасташон ҳам ба қадри кифоя пули харочоти роҳ додам. Баъд аз рафтани инҳо рӯзу шаб

мунтазир будам, ки ба саломат баргарданд. Баъд аз як сол корвони рафта, бозгашт. Вале дар байни корвониён бародарони ман набуданд. Як кас гуфт, ки:

– Бародари калонат дар шаҳри Бухоро қиморбозӣ карда молашро бой дод ва ниҳоят ба фаррошии қиморхона даромад. Дигараш ба кӯзагарбачае ошиқ шуда, молашро ба роҳи ӯ сарф кард, холо ғуломи вай шуда монд.

Ин хабарро шунида ҷаҳон ба чашмам торик шуд. Тоқат карда натавонистам. Пинҳонӣ аз ёру дӯстон, зару ҷавоҳир бардошта бо зудии ҳар тамомтар ба сӯи Бухоро равон шудам. Баъд аз расидан, кофтукови бисёре карда онҳоро ёфтам, ба ҳуҷра оварда, сару либос додам ва ба ҳаммом фиристодам. Ва дар бораи он корҳояшон лаб накушодам, ки мабодо хиҷолат накашанд. Баъд аз он ба ҳар кадомашон садупанҷоҳтуманӣ матоъ харида додам ва асбоби сафарашонро муҳайё карда ба тарафи мамлакати худамон равон шудем.

Чун ба наздикии шаҳр расидем, бародаронамро дар деҳае монда, худам ба Бағдод рафтам ва чанд рӯз овоза кардам, ки бародаронам аз сафар бозмегарданд ва чандин нафар аз дӯстонамро барои пешвозгирии онҳо хабар кардам. Рӯзе, ки мехостам ба истиқбол бароем, аввали рӯз деҳқоне гирёну нолон ва ҳақораткунон омада гуфт, ки:

– Кошкӣ, бародарони наҳси ту ба деҳаи мо намеомаданд. Аз бехосиятии онҳо duздон ба деҳа ҳуҷум карда, тамоми моли онҳо ва чандин хонаводаро ба ғорат бурданд.

Гуфтам:

– Афсӯс!.. Ту, аз аҳволи онҳо хабар дорӣ. Худҳошон дар куҷоанд?

Гуфт:

– Дар беруни шаҳр урёну гирён нишастаанд.

Дарҳол барои онҳо либос бурдам ва ба хона овардам. Дӯстон ва хешон аз омадани онҳо хабар ёфтанд, ба диданашон шитофтанд. Ман то бист рӯз ба хизматашон камар бастам, меҳмондорӣ кардам. Баъд аз он хиҷолати бародарон дучандон шуд. Бинобар он дар кунҷи хона ба сар мебурданд ва майли берун омадан намекарданд. То ки ба ҳамин ҳол се моҳ гузашт. Ин тариқа зиндагӣ кардани онҳоро нахоста, баъд аз се моҳ ман салоҳ дидам, ки бо ҳамроҳии бародаронам худам ҳам сафар

кунам. Шабе ин хаёламро ба бародаронам гуфтам. Онҳо низ қабул карданд. Баъд ман ба тайёрии сафар сар карда, матои муносиби Ҳиндустонро харидам. Ниҳоят як рӯз бо бародаронам кӯч карда, ба сӯи дарё равона шудем. То вақте ки ба дарё расидем, ҳеҷ як воқеае рӯй надод. Аммо чун ба киштӣ даромада равон гаштем, дидам, ки дар соҳил ҳамин саг дар ҳаяҷон ва печутоб аст; нолаву фарёд мекунад ва ниҳоят худро ба об андохт ва ҳарчанд зӯр мезад, мавҷ боз ҳам онро ба соҳил мебурд. Ниҳоят ба завраке андохта онро ба киштӣ расонданд. Ҳайвони безабон ба киштӣ даромада, дар пеши пои ман хурсандӣ, лоба ва думҷӯлонӣ карда ором гашт.

Дигар муддати як моҳ киштӣ роҳ гашт ва ман бо бародаронам худро хушбахт ва осуда гумон мекардам ва доим бо онҳо хушгӯӣ ва сӯҳбат мекардам. Аммо намедонистам, ки инҳо ба фикрҳои бад ва андешаҳои нобоб будаанд. Воқеа ҳамин ки бародари калонам ба канизи хоссаи ман ишқ варзида, дар хилват бо бародари хурдам машварат карда мегӯяд:

– Бародар, беҳтар аст, ки ӯро аз миён бардошта худамон ором гардем. В-агарна хиҷолати вай моро мекушад...

Инҳо баъд аз фикри бисёр қарор медиҳанд, ки маро ба дарё андозанд. Пас, шаб дар яке аз ҳуҷраҳои киштӣ, бо хоссаи худ хоб карда будам, ки овози бародари хурдиамро шунидам. Бародари хурдам маро бедор кард ва гуфт:

– Зуд берун баромада, ин қудрати Худоро тамошо кун.

Ман ба берун тохтам. Дар он вақт саг низ бедор шуда буд. Чун ба рӯи киштӣ расидам, бародари бузургамро дидам, ки ба канори киштӣ даст зада, хам шуда тамошо мекунад.

Гуфтам:

– Бародарон, чи чиз аст?

Гуфтанд:

– Биё, нигоҳ кун, тамошои аҷиб, одамҳои обии бисёре шохҳои марҷонро ба даст гирифта, дар миёни об мерақсанд.

Агар ин суханро ба ғайр аз бародаронам каси дигар мегуфт, бовар намекардам. Аммо ман сухани онҳоро рост гумон кардам, саросема ва хоболуд ҳарчанд нигоҳ мекардам, чизеро намедидам. Ногоҳ бародари хурдам аз ақиб даст ба камарам дароварда, маро ба дарё андохт. Киштӣ монанди тир ба пеш мерафт. Мавҷи об бо сад зарбу лат маро ба ҳар тараф

мебурд. Гоҳ ба қаър фурӯ мерафтам, гоҳ мавҷ боло мебардоштам. Аз зарбаҳои мавҷ қариб буд, ки ҷонам барояд. Дасту поям суст шуд. Дар аснои даступозанӣ чизе ба дастам расид, ки дар рӯи об шино мекард. Вай ҳамин саг буд. Баъд аз он ба ёрии ин саги вафодор, ки зоҳиран, аз паси ман худро ба об партофта будааст, ҳафт шабонарӯз дар дарё шино мекардам. То ки ниҳоят ба ҷазирае расидам ва худро ба хушкӣ кашидам ва бехуд шудам...

Рӯзона бо овози саг ҳушёр шудам ва ба атроф нигоҳ кардам. Аз дур нишони шаҳре ба назарам расид. Ба умеди ба даст даровардани як даҳан нон лангон-лангон ва афтону хезон ба он сӯ равон гардидам. Азбаски мадори роҳ гаштанам набуд, то шаб ба шаҳр расида натавонистам, дар қарибии шаҳр шабро ба рӯз овардам ва аввали пагоҳ ба шаҳр даромадам. Чун ба сари бозор расидам, дар нонвойхона нон дида дилам задан гирифт, пуштамро ба девор такя дода ба зӯр нафас рост кардам. Дигар на диноре доштам, ки ба он нон харида гирам ва на рӯи он, ки пурсам ва гадой кунам... оҳ мекашидам «ва ба ҳасрат нигоҳ мекардам».

Нафси лаим ба гадой таълим медод, вале обрӯи одамзодагӣ манъ менамуд. Ниҳоят худро ба ҳамин тасаллӣ додам, ки аз он ҷо гузарам ва аз нонвойхонаи дигар талабам... бо ҳамин баҳона аз чанд дӯкон гузаштам, вале ноне талабида натавонистам. Дар охир кор ба он расид, ки қариб беҳуш шуда афтоданӣ шудам. Дар ҳамин дам ду нафар аҳли Аҷамро дидам, ки мастона, хандону шукуфон меоянд. Аз диданашон хурсанд шудам ва ба дил гуфтам, ки аз бегона дида ҳамшаҳрии худамон беҳтар аст, хуб мешавад, ки аз онҳо талабам, шояд ошно ҳам бошанд ва маро шиносанд. Вақте ки пеш омаданд ва хуб нигоҳ кардам, ҳамин бародаронам буданд. Инҳо душмани ҷони ман будаанд, аммо ман бо шодии дидани рӯи онҳо қувват ва мадор ёфтам ва ба пешвозашон тохта салом додам. Инҳо маро дида ҳайрон шуданд ва фарёд кашиданд. Бародари миёнаам ба рӯи ман як торсакӣ зада, маро ҳақорат дод. Бародари бузургам ҳам ҳамин тавр кард. Ҳар ду маро ба зери шаллоқ гирифтанд. Ҳарчанд тавбаву зорӣ мекардам, фоидае надошт. Инҳо маро мезаданд ва мегуфтанд, ки:



– Э золим, дигар аз мо чӣ мехоҳӣ?

То он ки халқ аз ҳар тараф ҷамъ шуда гуноҳи маро пурсиданд. Бародаронам гиребон дарида фарёд карданд ва гуфтанд:

– Ин бадбахти шум навкари бародари мо буд. Ӯ бародари моро ба дарё партофта, моли беҳадду ҳисоби ӯро дуздида буд. Ҳоло чанд вақт аст, ки мо дар тамоми шаҳрҳои Ҳиндустон ӯро кофтуков карда мегаштем. Ана имрӯз дар ин ҷо ёфтем.

Инҳо маро боз ба зери шаттаву шаллоқ гирифтанд ва мегуфтанд:

– Э ҳақношинос! Чи гуна тавонистӣ, ки бародари ҷавони моро аз ҳаёташ маҳрум кардӣ? Охир вай-ку ба ту ғайр аз хубӣ дигар коре накарда буд...

Ин ғавғоро шунида мулозимони ҳоким омаданд, сухани бародаронамро шунида маро гирифтанд ва ба пеши ҳоким бурданд. Дар назди ҳоким низ бародаронам доду фарёд карда, ба ман хун даъво карданд ва сад туман ба ҳоким пора дода хоҳиш карданд, ки маро ҷазо диҳад. Ҳоким ба ман рӯ оварда воқеаро пурсид. Азбаски азобу уқубати пай дар пай дида будам, ёрои гуфторам набуд, сар ба зер андохта будам ва ҷавоб намедодам. Аз сукути ман шубҳаи ҳоким зиёд шуда фармуд, ки маро ба майдон баранд, ба дор кашанд, то ки ибрати дигарон гардад.

Инак бо подоши он ки ман сад туман дода, аз пои бародаронам ресмон кушудам, инҳо сад туман доданд ва ба гулӯи ман ресмон андохтанд. Вақте ки худро бар дор дидам, ба ҳар тараф нигоҳ кардам, ошное ба назарам нанамуд, магар ин сағи бечора, ки дар он вақт ба пои одамони ҳоким меафтод, зорӣ мекард, ҳарчанд шаттаву шаллоқ мехӯрд, боз ҳам хомӯш наменстод...

Ман аз ҳар чиз ноумед шуда чашм пӯшидам ва беҳуш гаштам... дар ҳамин дам иттифоқи аҷибе рӯ медиҳад: нохост подшоҳ дарди шикам мешавад. Табибҳо ҳеҷ даво карда наметавонанд. Ниҳоят яке аз вазирҳо мегӯяд, ки:

– Хайру саховат кунед, зиндониёнро озод кунед, то ки ба ҳаққи шумо дуо кунанд, саломат шавед.

Бо амри подшоҳ як саркарда ба асп савор шуда, ба сӯи

зиндон меравад. Дар роҳ халоиқро дар сари дор дида асп меронад ва бо шамшери худ ресмони дорро мебурад ва худаш ба кораш меравад. Бародаронам корро ба ин ҳол дида аз тарси он ки ман зинда монам, мабодо боиси расвоии онҳо мешавам, ба назди ҳоким мераванд ва хостгори қасос мешаванд. Ҳоким азбаски ришват гирифта буд, мегӯяд, ки – дар ин вақт ӯро рӯирост куштан мумкин нест. Аммо ба хотири шумо ӯро ба зиндони Сулаймон меандозам, то ки аз гушнагӣ ва ташнагӣ бимирад...

Ин зиндон чоҳест, ки дар болои кӯҳ канда шуда, дарозтар аз рӯзи ошиқон ва тиратар аз шабҳои ҳиҷрон аст! Ҳар касе, ки ба ғазаби подшоҳони он вилоят гирифтор ояд, ба он чоҳ меандозанд.

Инак, бо фармони ҳоким чанд кас омада маро мебардоранд ва пинҳон аз мардум бурда, ба он чоҳ меандозанд. Бародаронам баъд аз ин аз ман осуда шуда баромада мераванд. Аммо ин ҳайвони ҳақшинос дар сари чоҳ мехобад.

Ман бехабар аз он ки дар зиндон ҳастам, нисфи шаб ба ҳуш омадам ва худро дар ҷои торик ва бадбӯе ёфтам. Худ ба худ гумон кардам, ки ин гӯр аст. Вале ҳаракат карда дидам, ки он ҷо аз гӯр васеътар аст. Боз ҳайронтар шудам... нолидам, гиристам. Ногоҳ овози ду нафар одам ба гӯшам расид. Тарсидам, ларзидам. Баъд аз он овози хӯрок хӯрдан ба гӯшам расид. Аз ин ҳайратам боз ҳам зиёдтар шуда атрофамро дастдаст кардам. Ба ғайр аз устухонмайдаи пӯсида чизи дигар набуд.. Воҳима кардам ва фарёдкунон пурсидам, ки:

– Э халқи Худо, ман кистам ва шумо чӣ хел одамед, ин ҷо куҷост?

Он ду нафар аз саволи ман хандиданд.

– Ин зиндони Сулаймон аст ва мо бандӣ ҳастем, – гуфтанд.

Гуфтам:

– Набошад ман зинда будаам.

Гуфтанд:

– Маълум аст, ки зиндаӣ.

– Чӣ шавад аз чизе, ки мехӯред, қадаре ба ман ҳам диҳед.

Онҳо хандиданд. Аммо ман боз ҳам талаб кардам ва ба ҷонашон расондам. Онҳо ба ман суханони сахт гуфтанду тао-

му шаробашонро хӯрда хоб карданд. Ман аз бекувватӣ ва гуруснагӣ гирёну нолон мондам. Охир, ҳафт шабонарӯз дар дарё аз ҷон даст шуста гирифтори мавҷҳои бераҳм шудан, ташнаву гурусна дар биёбон роҳ гаштан, аз дасти бародарон ва золимон ин қадар шаттаву шаллоқ хӯрдан ва то ба чӯбаи дор боло шудан... – осон нест! Ман гоҳ бехуд мешудам ва гоҳ ба худ омада менолидам...

Ҳоло маро ба ҳоли худ гузоред ва аз саг шунавед.

Саг дар сари чоҳ мехобад. Ними шаб мебинад, ки касе як дастурхонча нон ва кӯзаи оберо ба ресмон баста ба чоҳ меандозад, баъд ресмонро холӣ кашида мегирад. Он ҳайвони безабон маънои ин корро фаҳмида медонад, ки ягон шиноси ин кас бояд дар чоҳ бошад. Инак саг ҳам, ба ҳамин қарор меояд, ки вай ҳам бояд барои ман озуқа расонад.

Аввали рӯз саг ба шаҳр рафта, ба дари нонвойхонае меистад, ҳамин ки нонвой нони аввалро канда, ба рӯи тахта мепартояд, саг ҷаҳида нонро мегирад ва мегурезад, бо санг ва бо чӯб мезананд, аммо саг нонро намепартояд. Вай баъд аз оне ки аз нонвой халос мешавад, дар роҳ ба сад саги дигар ҷангу ҷидол карда нонро напартофта ба сари чоҳ мерасонад ва ба даруни чоҳ партофта, аз паси он ба даруни чоҳ нигоҳ карда ак-ак мекунад.

Ман дар таги чоҳ бечораву ноилоҷ нишаста будам, ки аз боло чизе афтод ва баъд садои саг ба гӯшам расид. Дарҳол атрофамро даст-даст карда нонро ёфтам ва ба боло нигоҳ карда рӯшноии рӯзро дидам, ки ба қадри ситорае метофт. Аз ин қадаре ба ҳол омада, нонро хӯрдан гирифтам. Баъд аз оне ки қадаре нон хӯрдам, ташнагӣ ба ман ғалаба кард.

Аммо саги вафодор аз паи ёфтани об афтода, аз кӯҳ поён мефуроянд ва ба деҳае расида, дар канори он деҳа ба хонае медарояд. Дар он ҷо кампире зиндагӣ мекардааст. Он кампир аввали рӯз кӯзаҳояшро аз об пур карда, ба ҷои хунук чида монда, худаш ба сари чарх нишаста будааст, ки саг даромада ба паси кӯзаҳо меравад ва боз мегурезад. Кампир чӯб гирифта ӯро рондани мешавад. Аммо саг ба пеши кӯзаҳо меравад. Аз ҳаракати вай як кӯза меафтад ва ба кӯзаи дигар мерасад ва он ҳам кӯзаи сеюминро меафтонад. Кампир дарқаҳр шуда, сагро хуб мезанад. Аммо саг нагурехта рӯяшро ба пои кам-

пир мемолад ва лоба мекунад. Ин ҳолро дида кампир раҳм мекунаду ба сафолпарчаи шикастагӣ дар назди ӯ об мегузорад. Аммо саг ба об нигоҳ карда, боз лобаву зорӣ мекунад ва аз бари кампир газида ӯро ба сӯи кӯҳ мекашад. Инро дида кампир дар дили худ мегӯяд, ки саг бояд бачагон дошта бошад, ки барои онҳо об талаб мекунад. Бинобар он кампир барои имтиҳон як кӯза об гирифта аз паси саг ба кӯҳ мебарояд. Чун ба лаби чоҳ мерасад саг домани ӯро гирифта бар сари чоҳ мекашад ва зорӣ мекунад. Аз ин ҳол кампир мефаҳмад, ки дар ин чоҳ бояд касе бошад, ки саг барои вай об расониданӣ аст. Бинобар он кӯзаро монда ба поён меравад, ки ресмон биёрад. Дар ин дам ҳам саг ӯро пайравӣ карда, лобаву зорӣ мекунад. Кампир ресмон оварда кӯзаро мебандад ва ба чоҳ мефурорад. Дар ин дам саг ак-ак кард ва маро хабар дод. Ман аз ҷо боло шуда кӯзаро гирифтам ва аз ресмон боз карда об нӯшидам. Баъд аз он ба қадри кифоя нон хӯрда осуда шудам ва худро ба гӯшае кашида хоб кардам. Ҳар рӯз ба ҳамин тариқ он ҳайвони безабон барои ман обу нон муҳайё мекард. Якчанд рӯз баъд, нонвой ҳам мебинад, ки саг ба ҳар ҳол нонро гирифта мегурезад, барои савоб дар вақти пайдо шудани саг ба ӯ нон мепартояд ва саг ҳам онро гирифта ба ман меорад. Агар кампир дар роҳ ва ё дар сари чоҳ набошад, саг зуд ба хонаи ӯ рафта боз кӯзаҳояшро шикастанӣ мешавад, кампир ҳам зуд кӯзаи обро бардошта, ҳар пагоҳ ба ман мерасонад. Саг баъд аз маро таъмин кардан, худаш ҳам нони хушке ва устухоне ёфта хӯрда, вақти боқимондаашро дар сари чоҳ мегузаронад...

Ман шаш моҳи тамом дар ҳамон таги чоҳ мондам. Аммо худатон инсоф диҳед, ки касе шаш моҳ дар таги чоҳи торик нишаста бошад, ба чӣ ҳол меафтад! Фақат пӯсту устухонам боқӣ монда буду бас!

...Як шаб аз ғаму ғусса гиряву зорӣ карда, хобам набурда нишаста будам, ки ногоҳ аз боло ресмоне дароз шуд ва овози мулоиме ба гӯшам расид, ки мегуфт:

– Э ғарибн ҷафокаш! Сари ресмонро ба миёни худ маҳкам банд ва сахт бо дастонат бигир, ки вақти аз чоҳи ғам баромаданат расид.

Ман ба дил гуфтам, ки бародаронам маро чанд гоҳ ба ин

чоҳ партофта боз раҳм кардаанд ва ҳоло барои халосиам омадаанд. Хулоса ба ресмон часпидам ва аз шодӣ чун мург паридам. Вақте ки боло баромадам, азбаски торик буд ва нури чашмам ҳам заиф шуда буд, шахси халоскорамро нашинохтам ва ӯ ҳам ба ман дуруст диққат накарда ва аҳволамро напурсид, вақте ки ресмонро аз миёнам кушод, гуфт:

– Зудтар биё, ки ҷои истодан нест.

Ман аз паси ӯ давидам. То ба ҷое расидам, ки ду сар асп ва ярок ҳозир буд. Он шахс маро ба як асп шинонда худаш ба дигар нишаст ва чизе нагуфта ба як тараф тохтем. То охири шаб асп рондем, дар рӯшноӣ он ҷавонмардро дидам, ки хеле зебо ва хушрӯй аст ва сар то по мусаллаҳ аст. Ӯ ҳам ба ман нигоҳ кард ва баногоҳ лаҷоми аспро кашиду истод ва пушти даст ба дандон газид. Баъд шамшерро кашида ба сӯям тохт ва заданӣ шуд. Ман худро аз асп ба хок партофта нолидам ва бо зориву тавалло гуфтам:

– Аввал он ҳама меҳрубонӣ ва дар охир қасди ҷонситонӣ барои чист?

Ӯ гуфт:

– Э шум, ту кистӣ ва аз куҷо ба ман вохӯрдӣ?

Ман гуфтам:

– Ғарибе мебошам, ки ҳиҷрон кашида ва заҳри даврон чашида...

Баъд аз ин он қадар зорӣ кардам, ки он ҷавонро ба гиря даровардам, дилаш мулоим шуда аз куштани ман даргузашт ва гуфт:

– Э фалакзада! Савор шав, ки вақти сухан кардан нест.

Худ аспашро гарми рафтан сохт ва дигар ба ман напардохт. Вале дар сар то сари роҳ дареғ мегуфт ва афсӯс мехӯрд. То ки дар нисфи рӯз аз асп пиёда шуд, маро ҳам фармуд, ки фуроям. Баъд, хӯрҷинҳоро аз болои аспҳо гирифта, аспҳоро ба ҷаро сар дод ва худаш аслиҳаро аз бар дур карда, ба рӯи сабза нишаст ва гуфт:

– Э фалакзада! Акнун аҳволатро баён кун ва кӣ буданатро фаҳмон.

Ман ҳам тамоми саргузашти худро бе каму кост гуфта додам. Саргузашти маро шунида ба ҳоли ман раҳмаш омад ва гуфт:

– Акнун ба ман гӯш деҳ! Ман духтари шоҳи ин вилоят

ҳастам, ки сарҳади Вазиробод аст. Дар ҳамин зиндоне, ки ту хоб мекардӣ, ҷавоне буд, Беҳрӯз ном дошт ва ӯ писари вазири падарам буд.

Як рӯз падарам фармон дода буд, ки амирзодагон дар майдони ҷилавхона бозиҳои сипоҳиёна ва гӯйбозӣ намоянд. Инчунин рухсат дода буд, ки аҳли ҳарам ба боми қаср баромада он ҷашнро тамошо кунанд. Бинобар он мо духтарон дар паси пардаи зарнигор нишаста будем ва аз ҳама ғамҳо раста ва дидаву дил ба тамошо баста...

Дар он ҷашн Беҳрӯз ба ҳама амирзодаҳо ғолиб омад, ӯ дар зебоӣ ва дилрабоӣ ҳам аз ҳама бартар буд. Бинобар он дилам ба муҳаббати ӯ майл намуд ва муддате ғоибона ошиқи ӯ будам. То он ки корам ба ҷону кордам ба устухон расид. Ба доя сирри диламро гуфтам ва садгуна инъом ваъда додам. Ниҳоят ӯ мададгори ман шуд ва бо ҳар роҳе, ки тавонист, кӯшиш карда он ҷавонро дар хилвати ман даровард... ҷавон ҳам ҷамоли маро дида вола ва шайдои ман гардид. Баъд аз ин чанд гоҳ мо аз ҳусну латофати ҳамдигар баҳравар будем. Вай шабҳо ба хилвати ман меомад. То он ки шабе ӯро посбонҳо дар атрофи ҳарам бо либос ва силоҳи хунрезӣ дастгир мекунанд ва аҳволро ба падарам мефаҳмонанд. Падарам ҳарчанд, ки мақсади ӯро надонист, бо вуҷуди он ӯро бо падараш ба куштан ҳукм фармуд. Лекин баъд аз шафоати вазирон онҳоро ҳабс кард. Ҳоло се сол аст, ки онҳо дар ҳабсанд ва ман ҳамеша пинҳонӣ худам ба онҳо обу нон мебурдам... Дишаб фикру андеша карда, ба ҳамин қарор омадам, ки аспу аслиҳа гирифта, ҷавонро аз чоҳ бар кашам ва аз ин вилоят дур шавам. Бо ҳамин қарор берун баромада асбоби сафар тайёр кардам, зару зевар гирифтам ва ба сари чоҳ рафтам. Лекин бахти ӯ хуфта ва давлати ту бедор будааст. Хуб, қисмат ҳамин будааст.

Духтар инро гуфту аз хӯрҷин нон, мурғи бирён ва арақи бедмушк берун баровард. Ба ман шарбат рехта дод, худаш нӯшид ва нону гӯшт хӯрдем. Инчунин ба саг ҳам хӯрок дод. Баъд дар сари чашма сару рӯи маро шуста, мӯйсар ва нохунҳоямро кӯтоҳ кард ва либосҳои нав пӯшонид. Ман аз он касофат халос шуда, нафаси роҳат кашидам ва боз ба асп савор шуда ба роҳ даромадем. Баъд аз ду моҳ ба шаҳре раси-

дем, ки дар миёнаи фаранг буда номаш Вазиробод буд ва басе обод буд, ки дар таърифаш шоир гуфта:

> Арӯси Исфаҳон баста нигораш,
> Шуда шаҳри Ҳалаб оинадораш!

Мо дар он шаҳр ҷо гирифта истиқомат кардем. Иттифоқо дар он шаҳр чанд нафар аҳли Аҷам буданд, ки ҳама обрӯю эътибор доштанд. Бо онҳо ҳамроҳ шудам ва тӯи никоҳ карда он дилбарро ба худ зан кардам. Баъд аз он сандукчаи ҷавоҳири он нодирaро дастмояи худ намуда, дӯкони ҷавоҳирфурӯшие кушодам. То се сол дар он диёр ба роҳат зиндагӣ кардам. Дар ин муддат дар байни бузургон ва аъён машҳур шудам ва баъзе савдогаронро дар таҳти фармони худ даровардам ва ба ҳама сарварӣ мекардам, рӯз ба рӯз аҳволам дар тараққӣ ва молам дар зиёдшавӣ буд. Зиндагиам бисёр нағз буд, бо он дилбари нозанин айши тамом доштам.

Як рӯз аз майдони шаҳр мегузаштам, ки мардумро ҷамъшуда дидам. Наздик рафта нигоҳ кардам ва сабаб пурсидам. Гуфтанд, ки ду нафар аҷамиро барои он ки дуздӣ ва хуни ноҳақ кардаанд, ҷазо медиҳанд. Ин хабарро шунида рӯзҳои аз саргузаронидаи худам ба ёдам расид. Бинобар он ба ҳаяҷон омадам ва пеш рафта дидам, ки ду бародари худамро ба хории тамом пову сари шикаста, дасти баста ва тани хаста ба рӯи замин мекашанд.

Ин ҳолро дида дилам пурхун шуд, тоқат накарда давидам ва як мушт динорро ба сардори мулозимони ҳоким дода, илтимос кардам, ки қасоси онҳоро андак дер мононанд. Вай қабул кард. Ман давида ба хонаи ҳоким рафтам ва шафоати бародаронамро талабидам. Барои ин як дона ёқути қиматбаҳо ба ӯ тақдим кардам. Ҳоким гуфт:

– Ба бародарони ту якчанд кас даъвогар ҳастанд. Акнун лозим аст, ки даъвогаронро бо зар фирефта кунӣ. То ки онҳо аз баҳри даъвояшон гузаранд.

Пас ба савобдиди ҳоким муддаиёнро талабидам ва понсад туман дода бародаронамро халос кардам, ба ҳаммом фиристодам ва аз он ҷо ба хона бурдам. Ин дафъа занамро ба онҳо нишон надодам. Худам дар хизматашон камар бастам, ба инҳо сару либос карда дода, тарбия кардам. То як сол дар

хизмати инҳо ба хушӣ гузарондам. Баъд аз як сол, рӯзе занам аз ҳаммом баргашта, беихтиёр аз дари берун чашмбандашро аз рӯ мегирад. Иттифоқо чашми бародари хурдиам ба рӯи занам меафтад ва ошиқи ӯ мешавад. Муддате дар оташи ҳичрон мегузаронад. То он ки ба куштани ман қарор медиҳад ва дар ин бора ба бародари бузург дар хилват маслиҳат карда, чунин қарор медиҳанд, ки бояд сафар кунанд ва дар ягон биёбон кори маро ба анҷом расонанд.

Онҳо дар фикри куштани ман буданд, аммо ман хурсанд ва хушнудӣ мекардам, ки бародаронам аз он феълу атвори худ баргашта, одам шудаанд. Як шаб дар вақти сӯҳбат бародари бузургам ёди ватан кард. Бародари хурдиам оҳ кашид. Шаби дигар бародари хурдам аз хубии Аҷам ҳикояте кард ва бародари бузургам гириста сар дод. Ман аз фикру андешаи бади онҳо бехабар, гуфтам, ки:

– Э бародаронам, агар шумо дар ёди ватан бошед ман ҳам дар орзуи он ҳастам. Бинобар он ғам нахӯред, ки дар ҳамин зудӣ меравем.

Чун ба хилват рафтам, ин ҳикоятро ба он хуршедталъат гуфтам. Вай ҳам қабул кард. Баъд барои хотири инҳо дар андак муддат тараддуди сафарро карда, ба роҳ даромадем. Савдогарони бисёре бо мо ҳамсафар шуданд ва маро сардори қофила қарор доданд. Як моҳ бе ҳеҷ як воқеа роҳ гаштем. Шабе дар як манзил нишаста будем, ки яке аз бародаронам гуфт:

– Агар фардо ҳам дар ин манзил истиқомат кунем, беҳтар аст. Зеро ки сайри хуше мекардем.

Ман гуфтам:

– Чи гуна сайр?

Ӯ гуфт:

– Мо як бор ба ин маҳал омада будем, ду-се рӯз тамошо кардем. Дар ин ҷо чаманзор ва сарчашмаҳои пургулу лола бисёр аст. Тақрибан дар як фарсах дуртар аз ин ҷо рӯдхонаи азиме ҳаст, ки обаш монанди зулол соф аст...

Гуфтам:

– Агар майли шумо дар истодан бошад, фардо ҳаракат намекунем.

Ба қофила фармон дода шуд, ки фардо накӯчад ва фармудам, ки барои чошт таоме муҳайё созанд.

Рӯзи дигар, ҳанӯз равшан нашуда бародаронам бархостанд ва ба рафтан тайёр шуданд ва маро ҳам чег заданд. Ман ҳам либос пӯшида, ба наздашон баромадам ва асп талабидам. Гуфтанд:

– Асп чӣ лозим, сайри гулшан пиёда хуб аст.

Ба ҳар ҳол як-ду нафар ғуломро ҳамроҳ гирифта, ба онҳо қалёну қаҳва ва нон бардорониданд ва чанд чӯба тир гирифта ба роҳ даромадем. Дар роҳ бозикунон, тирандозикунон мерафтем. Дар он ҷо ин саг ҳам мувофиқи одаташ ба ман ҳамроҳ буд. Баъд аз андак роҳ рафтан бародаронам яке аз ғуломҳоро бо баҳонае ба корвон фиристоданд. Баъд аз камтар роҳ гаштан ғуломи дуюминро аз паси ӯ фиристоданд. Маро бо забонбозӣ гирифта мебурданд. Аммо ҳарчанд, ки пештар мерафтем, на сабзае дидем ва на ба сарчашмае расидем. То ин ки як фарсах (8 километр) зиёдтар роҳ гаштем. Дар он дам ман тиру камонро монда, ба қазои ҳоҷат нишастам. Азбаски бародаронам ба қасди куштани ман буданд, ҳар ду ҳам дар зери либос теғи пинҳонӣ доштаанд. Онҳо нишастани маро дида ҳар ду ҳам бо шамшери бараҳна ба сари ман тохтанд ва ба ман теғ андохтанд. Ман аз пеш сояи шамшерро дида, ба пас гаштам. Дар ин дам бародари калонам шамшерро ба сарам зад, ки баногушамро бурида гузашт. Ман то ба он ки мегуфтам: «э золим, чаро ин тавр мекунӣ?» они дигар ба кифтам як зарба фуровард, ки чаппа шуда афтодам. Ин ду бераҳм ва сангдил ба пушт ва паҳлӯи ман захми бисёр заданд. Дар ин дам саг худро ба болои инҳо мепартояд. Аммо инҳо сагро ҳам захмдор мекунанд. Баъд баъзе ҷои бадани худро хуншор карда давон-давон ба корвон меραванд ва мегӯянд, ки:

–Duздҳо ба мо ҳуҷум карданд, зуд гурезед, ки аз паси мо омада истодаанд.

Корвониён ин хабарро шунида кӯч мекунанд. Он дилбари якто азбаски корҳои пештараи бародаронамро шунида буд ва медонист, худро бо ханҷар зада мекушад.

Дарвешон! (Озодбахт мегӯяд). Чун хоҷа воқеаро то ба ин ҷо расонид, дар дили ман бисёр асар кард ва беихтиёр сиришк аз чашмонам бар рухсорам давид. Хоҷа ҳам бетоқат шуда гиребони худро дарид ва сари худро бараҳна карда

захмҳои худро ба ман нишон дод. Дар баданаш ҷои дурусте намонда буд ва дар сараш ҳам захме буд, ки бо вуҷуди ба ҳам омаданаш лимуе дар вай мегунҷид. Бинандагон аз даҳшати он ҳол чашмони худро пӯшонданд. Баъд аз он ки аҳли маҷлис аз он ваҳшат орамиданд, хоҷа гуфт:

– Чун бародарони нодон маро нимҷон дар он биёбон гузоштанд ва рафтанд, ин ҳайвони безабон чун ёрони меҳрубон бо захми фаровон бар сари мани нотавон навҳа ва фиғон мекард. Ман аз бисёрии хуне ки аз захмҳоям рафта буд, ғаш карда будам. Куҷо ақл бовар мекунад, ки касе бо ин захм ҷонбар шавад...

Он биёбони хунхор аз ҷумлаи диёри фаранг буд ва шаҳре аз шаҳрҳои он мамлакат ба он макон наздик буд. Он шаҳр калонтарин шаҳрҳои фаранг буда, буткадаи бузурги фарангиён ҳам дар ин шаҳр буд. Бинобар он подшоҳони мамлакат ҳама боҷгузор ва фармонбардори шоҳи он шаҳр буданд.

Подшоҳи он шаҳр духтаре дошт дар камоли зебой ва ҳусну ҷамол, овозаи ӯ ба тамоми мамлакатҳо паҳн шуда, шоҳон ва шаҳрёрон мафтуни рӯи чун моҳ ва мӯи чун мушк сиёҳи ӯ гардида буданд. Азбаски дар он диёр занон аз мардон намегурезанд, он духтар ҳар рӯз бо нозанинони симинбар дар сайр ва шикор мегашт.

Дар як доманаи он биёбон подшоҳ як боғ доштааст. Дар он рӯзҳо духтар бо рухсати падар ба азми сайру шикори чилрӯза аз шаҳр берун баромада, дар он боғ истиқомат мекард. Дар ҳамон рӯз он офтоби оламафрӯз бо доягон, канизакон ва дугонаҳои худ шикор мебароянд. Иттифоқан он саромади нозанинон бо хеле аз парирӯён асп ронда, бар сари ман мерасад, бо шунидани нолаи саг ба сари ман наздик мешавад ва аҳволи маро мебинад ва зуд аз асп пиёда шуда дар паҳлӯи ман менишинад. Духтари раҳмдил зуд мефармояд, ки ҷарроҳи ҳамешагии рикобиаш пеш ояд. Вақте ки ӯ пеш меояд, духтар мегӯяд, ки:

– Агар ин маълумро аз ин ҳолат халос кунӣ ва дуруст табобат намоӣ, ман ба ту неъмат ва хилъат медиҳам ва меҳрубонии зиёд мекунам.

Ҳакими ҳозиқ ангушти қабул бар дида мегузорад. Баъд аз ин ба фармони он духтари олиҷаноб маро ба қолинча хобо-

нида хизматторон ба боғ мебаранд. Ин ҳайвони нотавон ва безабони парешон аз дунболи онҳо худро бар замин кашон-кашон ба боғ мерасонад. Дар он боғ ҷарроҳи фарангии доно ба муолиҷаи ман сар мекунад. Пеш аз ҳама бадани маро аз хоку хун пок месозад ва захмҳоро дӯхта марҳам мемолад. Вай бинобар қоидаи фаранг ба гулӯи ман ба оҳистагӣ ба ҷои об – гулоби ноб мерезад ва ба кори ман хеле саъй ва ғайрат нишон медиҳад ва ҳама рӯз он дурри дурҷи сарварӣ ва рашкфармои ҳуру парӣ ду-се бор ба болини мани бемор меояд ва ҷарроҳро ваъдаву воид менамояд, бо дасти худ ба ҳалқи ман шарбат мечаконад ва таассуф мехӯрад, ки оё кадом золим ин зулмро бар ин мазлум карда бошад. То ин ки баъд аз даҳ рӯз мани сияҳрӯз ба қуввати шарбатҳои мувофиқ аз сари нав зинда шудам, ба ҳуш омада дида кушодам. Ба ҳар тараф нигоҳ карда дар атрофи худ ҷамъи парирӯёнеро дидам, ки дар ҳаққи онҳо шоир гуфта:

Ҳама хуршедталъату моҳрӯ,
Сарвқад, нӯшлаб, камонабрӯ;
Ҳама ороми ҷону қуввати рӯҳ,
Ҳама саршор аз шароби сабӯҳ.

Ва он хуршеди осмони заррапарварӣ сояи лутф бар сарам андохта ва ба болини мани ғамгин такя карда буд...

Ман оҳи дарднок аз миёни ҷон баркашидам ва хостам, ки ҳаракате кунам, аммо дар худ қувват ва тавоное надидам. Он меҳри сипеҳри дилбарӣ, аз рӯи лутф ва заррапарварӣ ба ман ёру мададгор гардид ва аз чигунагии аҳволам пурсид ва дилдории бисёре намуда, гуфт:

– Ҳеҷ ғамгин нашав ва шод бизӣ! Агарчи кадом як золим ба ҳаққи ту чунин зулмро раво дошта, бути бузург маро ба хизмати ту боздошта (фиристод), ту аз марг растӣ ва аз бало ҷастӣ!

Ба шумо чӣ гӯям... дар ҳамон ҳоли парешонӣ маҳви офтоби ҷамоли бокамоли он маликаи мулки хубӣ ташнаву сарриштаи хуш ва ҳирадам аз каф берун рафт. Гӯё, он нозанини адофаҳм низ он ҳолро пай бурд. Зеро ки:

Дилро ба дил раҳест, дар ин гунбази сипеҳр,
Аз рӯи кина кинаву аз рӯи меҳр меҳр!

...Баъд аз бист рӯз бо кӯшиши он ҳакими ҳозиқ ҷароҳатҳои ман беҳтар шуданд. Он шоҳзоди шаккарлаб ҳар шаб, ҳамин ки мардум ба хоб мерафтанд, яккаву танҳо ба болини мани ҳазин меомад ва менишаст, арақу шароб ба ман медод, шафақату меҳрубонӣ ба ман беш аз пеш мекард. Чун аз ин ҳодиса як моҳ гузашт, захмҳои ман ба куллӣ сиҳат шуданд ва он нозанин мувофиқи ваъдааш ба ҳаким инъоми бисёр дод ва шафақат намуд ва аз ҳамин хурсанд буд, ки бо ёрии ӯ сиҳат шудам. Зеро дар сина хори муҳаббат дошт ва тухми ишқ дар замини дил мекошт. Вақте ки ман аз беморӣ ва нотавонӣ растам, сару танро аз олоиш шустам ва либоси наверо ки он дилором ба ман дода буд, пӯшидам. Аз ин ҳодиса чандин рӯз нагузашта буд, ки шодии ҷамоли он нозанин ва аз кайфияти шаробу таом аз аввала ҳам фарбеҳтар шудам. Ҳамин ки сарам аз нашъаи май саршор мешуд, ба гап даромада, гоҳо густохона суханон ба миён меовардам ва ҳар дам ӯро ба василае машғул месохтам ва қимори ишқ мебохтам...

Менозаму метарсам аз он шӯхи дағал боз,
Нақшест, чӣ гӯям: бинишинад, нанишинад.

То он ки як шаб он нӯшлаб ниҳонӣ аз агёр бо ман нишаста саргузаштамро пурсид. Ман ҳам тамоми саргузашти худро бе каму кост баён кардам. Он ҳама азобҳоеро, ки аз бародаронам дида будам, як ба як нақл намудам. Он нозанин бар аҳволи мани ҳазин бисёр гирист, баъд аз он бо меҳрубонӣ ба ман нигарист ва гуфт:

– Фалонӣ, агар аз дастам ояд, ман ҳамчунон кунам, ки онҳоро фаромӯш кунӣ.

Гуфтам:

– Фидои ту шавам, қурбонат гардам, ман ҳоли худро фаромӯш кардам, илоҳӣ сояи лутфат аз сарам кам нашавад...

Он чи мебоист, гуфтам ва аз он гули хандон меҳрубонии аз ҳад зиёда чашм медоштам. То ҳангоми саҳар бо ҳам сӯҳбат кардем.

Баъд аз ин ҳар шаб монанди ҳамин бо он зебонигор, холӣ аз ағёр гирифтори бӯсу канор будем. Чун ба шаҳр рафтанд, бе рухсати падар маро ба қатори мулозимони хоси худ гузаронид ва ҳар рӯз араку шароб бо мурғу кабоб ва таоме ба қадри кифоя муайян намуд. Ҳамин ки шаб мешуд, хизматгорҳо мехобиданд, он умри азиз ба сарвақти ман меомад ва то саҳар он рашки қамар равшанибахши дидаам мешуд. Баъд аз чанд рӯз дояи ӯ низ аз сир бохабар шуда, бо ӯ рафоқат менамуд...

Баъд аз чанд гоҳ, як шаб вай гуфт, ки:

– Ман андеша мекунам, ки асрори мо ба ҳама ошкор нагардад. Ҳоло бояд илоҷе кунем, ки аз шармандагӣ раҳоӣ ёфта ба ҳам бирасем.

Гуфтам:

– Рост мегӯӣ! Аммо чӣ илоҷ мекунӣ?

– Бояд гурехт ва ин силсиларо бояд гусехт!

Гуфтам:

– Чӣ тавр? Бо чӣ роҳ?

Ӯ гуфт:

– Ту бояд чанд рӯз аз хизмати мо дур шавӣ, ва дар байни савдогарони мусулмон нишинӣ, то ки ёрон ва муттаалиқони ман туро фаромӯш кунанд. Ман гоҳе дояро ба пеши ту мефиристонам, аз вай ба ту зару гавҳар дода мефиристам. Ҳар гоҳ донӣ, ки аҳли Аҷам аз роҳи дарё мусофират мекунанд, ту низ асбоби рафтан муҳайё кун ва маро хабардор соз, то ки пинҳон аз мардум шабона аз ҳарам берун баромада худамро ба киштӣ расонам.

Алқисса сухан ба ҳамин қарор ёфт. Рӯзи дигар он симинбар маро дар пеши назари парасторон аз хизмат ҷавоб дода, мушти заре инъом намуд. Ман низ ба ҷудоӣ тан дода, бо дили пурҳасрат аз хизмати он валинеъмат ба зарур дур шудам. Рафта аз корвонсарое, ки савдогарони Аҷам дар он буданд, ҳуҷрае гирифтам ва шабу рӯз бо гиряву сӯз ба сар мебурдам ва дар фироқи лаъли лабаш хуни ҷигар мехӯрдам. То ин ки баъд аз муддате савдогарони бисёр аз мардуми Аҷам, Туркистон ва Хуросон ва дигарҳо, ки дар фаранг буданд, ирода намуданд, ки аз роҳи дарё равонаи ватани худ гарданд. Баъд аз он ки азмро ҷазм карданд, онҳо моли худро аз шаҳр ба дар-

банд, ки як фарсанг буд, бурданд ва баъд аз рухсати шоҳи бандар моли худро ба киштӣ бор кардан гирифтанд. Баъзе аз ёрон маро таклифи рафтани вилоят карданд. Ман аввал барои эҳтиёт ва дафъи тӯҳмат аз худ, гуфтам, ки:

– Ман ба кадом сармоя ин иродаро намоям?

Онҳо гуфтанд:

– То кай дар ин мулк хоҳӣ монд. Биё, ягон кор мешавад.

Гуфтам:

– Хуб, ҳар гоҳ шумо чунин мехоҳед, ман ҳам меоям. Чизе ки ман дорам як саг, як каниз ва як сандуқ аст.

Баъд аз ин барои ман ҳам дар киштӣ ҷой муайян карданд. Баъд аз он ба шаҳр рафта, сандуқи худро ба киштӣ кашондам ва донистам, ки киштӣ, албатта, фардо субҳ бодбон баланд хоҳад кард, аз рафиқон барои ба шаҳр рафтан рухсат талабидам, ки бо баъзе ёрон видоъ карда, канизи худро гирифта меорам ва агар то вақти саҳар бошад ҳам, худро ба киштӣ мерасонам.

Аз он ҷо ба шаҳр рафта, ба дари хонаи доя омада, гуфтам:

– Э модари меҳрубон! Ба рухсати ту азми ватан дорам. Умедворам, ки як бори дигар бо ёрии ту ба побӯси малика бирасам. Фардо субҳ киштӣ равона мешавад, чӣ шавад, ки ҳамин шаб орзуи маро барорӣ.

Ҳамин гуна зориву таваллои бисёре кардам, то ки дилашро ба раҳм овардам.

Ӯ гуфт:

– Э аҷамӣ! Дар шаб ба фалон маҳал, ки дар қарибии ҳарам аст, мунтазир бош. Ман ҳамин дам ба ҳарам рафта арз мекунам, то шояд толеат ёрӣ ва бахтат мададгорӣ кунад.

Ҳамин ки шаб даромад, ба ҳамон маҳал, ки гуфта буд, рафтам ва мунтазир нишастам.

Чун доя ба малика арз мекунад, малика розӣ намешавад, ки маро ба хизмат роҳ диҳад ва дояро нигоҳ медорад. Ҳамин ки посе аз шаб мегузарад, канизонро рухсати хоб медиҳад. Баъд аз он дояро ба коре машғул сохта, аз ҳарам бо сандуқчаи ҷавоҳир ва либосашро табдил дода берун меояд.

Нимишабӣ буд, ки он моҳи тамом бо либоси канизонаи кӯҳна пайдо шуд, сандуқчаро ба ман дод ва ба роҳ даромад. То ба канори дарё дар ҳеҷ ҷое наистодем. Ва ба лаби дарё

расида завракро киро карда ба киштӣ рафта даромадем. Ин саги вафодор, ки дар киштӣ буд, бо дидани ман бар гирдам гардид ва ором гирифт.

Чун рӯз равшан шуд, ноҳудоён (киштибонон) лангар канданд ва бодбон баланд сохта киштиро ба роҳ андохтанд. Ҳамагӣ хуррам ва хушдил ба сӯҳбат нишаста будем. Киштӣ монанди бод ба рӯи об равон шуд...

То чошттоҳ киштӣ ба хубӣ равон буд. Ба ногоҳ аз тарафи бандар садои тири тӯп баланд шуд. Ноҳудо киштиро лангар андохт. Ҳамагӣ дар изтироб афтоданд, ки оё чӣ воқеа рӯй дода бошад ва ин золим, яъне шоҳи бандар ба чӣ хаёл афтода бошад?

Дар он байн якчанд савдогарон канизони қобил ва мақбул доштанд ва аз шоҳи бандар метарсиданд, ки мабодо талабгор шавад, эҳтиётан онҳоро ба сандуқҳо пинҳон карданд. Ман низ аз ин тасодуф хурсанд шуда, он кироми гавҳарро ба сандуқ андохтам. Дар ҳамин дам аз канори дарё як заврақ расида омад ва шоҳи бандар бо як фавҷ мулозимонаш ба киштӣ баромад.

Шаҳрёро! Сабаби омадани онҳо ин буд, ки чун рӯз равшан мешавад, ба подшоҳ хабар медиҳанд, ки малика нопайдост. Шоҳ аз рӯи хирад ва ҳушмандӣ ба пинҳон доштани он воқеа фармон медиҳад: ва ба ҳамаи роҳдорон, сарҳадчиён ва маъмурон қаторхат мефиристад, ки дар ҳамаи қаламрав ҳар тоҷир ва мусофире, ки канизе дошта бошад, ба назари мо расонанд ва бе рухсати мо аз мамлакат набароянд. Зеро ки барои саркор чанд канизи қобил ва мақбул зарур аст. Кадомаш, ки ба мо маъқул шавад, пулашро дода мегирем, в-агарна ба соҳибаш боз мегардонем.

Вақте ки ин фармон ба шоҳи бандар мерасад, аз бими бадгӯии душманон дарҳол шиллик карда, ба заврақ менишинад ва бар сари савдогарон меояд.

Шоҳи бандар ба киштӣ даромад ва ба болои сандуқи як марди кали номаълуме, ки канизи худро дар он сандуқ пинҳон карда буд, нишаст. Вақте ки шоҳи бандар муддаояшро гуфт, савдогарон якчанд канизе, ки дар хизмат доштанд, ба ӯ нишон доданд. Мулозимон бо фармони шоҳи бандар онҳоро ба заврақ бурданд. Дар ин дам марди кал дар рӯ ба рӯи шоҳи бандар истода буд. Шоҳи бандар аз рӯи шӯхӣ ба ӯ гуфт:

– Ҳоҷа, канизи ту куҷост?

Мардаки буздил гуфт, ки:

– Соҳиб, ба сари азизи шумо қасам, ки на (танҳо) ман дар ҳамин сандуқ пинҳон кардаам, балки аксари ёрон (канизони худро дар сандуқҳояшон пинҳон) кардаанд.

Шоҳи бандар инро шунида сандуқҳоро ковид ва ҳамаи канизонро (ёфта бароварда) ба заврақ шинонид. Баъд барои тарҷимон ва хароҷотҳои омаду рафт аз савдогарон дувист (дусад) туман ҷамъ карда гирифта тасаллӣ дод, ки «имшаб канизонро ба назари подшоҳ мерасонам, кадомаш, ки хуш ояд, қиматашро фиристода ва киштиро ба рафтан рухсат хоҳам дод» ва худ ба заврақ нишаста рафт.

Савдогарон ҳама озурдахотир ва парешон, сар ба гиребони ғам фурӯ бурданд ва хаёлҳои дуру дароз мекарданд. Аз ҳама бештар мани хароб, бо дили кабоб ва дидаи пуроб ба сад изтироб мунтазири сиёсат ва азоб будам. Бадтар аз ҳама он ки ҳоли худро ба касе гуфта наметавонистам ва худро маломат мекардам, ки «чаро ин фитнаро сохтӣ, ҷон ба абас дарбохтӣ ва худро дар маҳлака андохтӣ; аҷаб оташе афрӯхтӣ ва худро дар миён сӯхтӣ» ва дар тамоми он рӯз ба гиря ва сӯз будам...

Ҳамин ки шаб даромад, заврақи канизон аз тарафи бандар ба назар омад. Ҳамаи савдогарон ба хушнудии он шодиёна заданд. Аммо вақте ки заврақ ба киштӣ дарпайваст, нигоҳ карда дидам, ки ба ғайр аз он моҳрӯ ҳамаи канизон ҳастанд. Мулозимон барои ноҳудо рухсатнома ва ҳадяҳо расониданд. Чун аз канизи худ пурсидам, гуфтанд, ки албатта подшоҳ нигоҳ доштааст.

Савдогарон ба ман тасаллӣ дода, гуфтанд, ки:

– Хуб, ғам нахӯр, қимати онро аз байни худ ба ту ҷамъ карда медиҳем.

Лекин ман розӣ нашудам, бармегардам, гуфтам.

Пас ба мулозимони шоҳ илтимос кардам ва як миқдор зар додам, баъд сандуқи худро ба заврақ фаровarда худам ҳам ба он гузаштам.

Саг низ аз паси ман барҷаста, худро ба заврақ гирифт.

Чун ба бандар расидам, ғайр аз сандуқчаи ҷавоҳир тамоми асбобҳоямро ба мулозимони шоҳи бандар бахшидам ва худро дар пинҳонӣ кашидам. Чанд рӯз дар он диёр ба ҷустуҷӯи



он дурри шоҳвор, садафвор гӯш паҳн карда ба ҳар гӯша ва канор гардидам ва маҷнунвор умедвори дидори он Лайлизор дар водиҳо давидам ва аз он ҷо рӯ ба шаҳр овардам. Лекин аз ҳеҷ ҷое пай ба мақсад набурдам. То ин ки шабе монанди дуздон ба ҳавои он ганҷи шайгон худро ба хонаи подшоҳ расонидам. Вале дар он ҷо низ ӯро надидам ва суроғашро ҳам нашунидам. Баъд аз ин яқин ҳосил кардам, ки вай ба назди шоҳ нарасидааст. Боз аз он ҷо ба бандар омада ба ҷустуҷӯ машғул шудам. То як моҳ мегаштам ва ӯро меҷустам ва мегуфтам:

Зи бас хунин сиришк аз дида борам,
Дамад аз ҷайбу доман лолазорам.
Ба ёди рӯи ту чандон бигирям,
Ки рӯяд гулистоне дар канорам!

Инчунин ҳамин байт ҳам вирди забони ман буд:

Ҷудо з-он оразу лаб чун нишинам,
Дар оташ сӯзаму дар хун нишинам.
Чу гиряд дидаам дар мотами дил,
Ту гӯй дар тани Ҷайҳун нишинам...

То он ки шабе фикр карда ба худ гуфтам, ки шояд он моҳрӯ дар хонаи шоҳи бандар бошад. Бинобар он ба таи девори ӯ рафтам, ҳарчанд ба чор ҳад тохтам, ягон ҷои даромад ва рахнае наёфтам. Танҳо як обгузаре буд, ки дар он ҳам панҷараи фӯлодӣ шинонда буданд. Лоилоҷ либосамро кашида ба об фуромадам ва бо сад машаққат ба боғчаи ҳарами шоҳи бандар даромадам. Ин тараф, он тарафро ба оҳистагӣ дида рафта истода будам, ки ногоҳ овози он нозанинро шунидам. Ӯ бо нолаи ҳазин дар миёнаи дарахтон маро ёд мекард. Чун инро шунидам, пеш давидам ва дасту пояшро бӯсидам. Ӯ низ чун маро дид дарбар кашиду ҳар ду аз бисёрии шавқ аз по афтодем.

Баъд аз замоне ки ба ҳуш омадем, ман аз он хуршеди авҷи иқбол аҳвол пурсидам.

Ӯ гуфт:

– Вакте ки ба заврақ нишаста аз дарё ба соҳил расидам, шоҳи бандар канизонро як-як ба назди худ чеғ зада бо назари харидорӣ дид. То ки навбат ба ман расид ва аз дигарон маро баргузида ба худ писандид ва аз мардум пинҳонӣ ба хонаи худ расонид. Вакте ки канизони боқимондаро ба назди падарам бурданд, маро дар он миён намебинад ва мефармояд, ки ҳамаро ба соҳибонаш расонанд. Аз он рӯз ман дар ин хонаам. Шоҳи бандар ба ман ошиқ шудааст ва ҳар вақт зорӣ карда мехоҳад, ки бо ман ҳамхоба шавад. Ман ҳар бор ӯро бо баҳонае аз худ дур мекунам. Вай ҳам азбаски маро дӯст медорад, ризои маро шарт медонад ва озурдан наметавонад.

Гуфтам:

– Фидои ту гардам, охир ҳоли мо чӣ мешавад? Бигӯ!

Ӯ гуфт:

– Ростӣ, он ки то ҳол қасд доштам, ки агар он ҳаромзода ба номуси ман дастдарозӣ кунад, худро ҳалок намоям. Аммо алҳол фикри дигар ба хотирам расид ва умед аст, ки бо ин роҳ аз банд халосӣ ёбем.

Гуфтам:

– Бифармо он кадом аст?

Гуфт:

– Буткадаи бузургро дидай?

Гуфтам:

– Номашро шунидаам.

Ӯ гуфт:

– Дар соботи буткада, дар қарибии пойгаҳ паласи сиёҳе ҳаст, ҳар гоҳ ба касе ягон фалокате рӯй диҳад, ё савдогаре дар баҳр ё дар дарё моляшро ба ғорат диҳад ва рӯ ба ватан надошта бошад, дар он ҷо менишинад ва он паласро ба сар мекашад. То се рӯз мардуме, ки ба зиёрати буткада меоянд, ҳар кас муносиби ҳоли худ ба назди он кас садақа мегузорад. Дар саҳари чорӯм кашишон ва бараҳманон ва аҳли буткада ба он ҷо ҷамъ шуда, ҳар кадом низ чизе медиҳанд, баъд узр хоста фалокатзадаро бо моли бисёре равона мекунанд. Ба фикри ман ту рафта, ба дастуре, ки гуфтам, дар ҳамон ҷо нишин, вале баъд аз он ки ба ту узр гуфта равона карданӣ мешаванд, ту барнахез ва моли ҷамъшударо қабул накун. Гӯй, ки ба ман лозим нест. Омадаам, ки шояд ӯ ба дарди ман даво

кунад, в-агарна дар ҳамин ҷо он қадар нишинам, ки ҷонам барояд ва худро қурбон кунам. То ки доди маро аз золим ҳазрати руҳулло ва бути бузург ситонад.

Он касе ки ту дидани онро металабӣ, модари бараҳманҳост. Вай пиразолест, ки дувисту панҷоҳ (ду саду панҷоҳ) сол умр дорад ва дар тамоми умри худ аз буткада берун набаромадааст. Вай соҳиби бисту шаш фарзанд аст. Ҳамаи бараҳман ва бараҳманзодагон ва аҳли фаранг ӯро бузург ва маҳбуб медонанд. Аз ин ҷиҳат подшоҳон ва фармондеҳони фаранг маҳкуми ӯянд.

Баъд аз оне ки ӯ ба болини ту ояд ва ё туро ба назди худ чеғ занад, даст дароз карда доманашро гир ва ба зории тамом гӯй ки «э паноҳи мардумон, агар доди мани мазлумро аз золим нагирӣ ба хизмати бути бузург он қадар тазаррӯъ ва зорӣ хоҳам кард, ки супориши маро ба ту кунад». Чун аз аҳволи ту пурсад, гӯй ки «ман аз вилояти Аҷам, овозаи адолати шуморо шунида ва бо нияти зиёрати бути бузург аз роҳи дур омадаам. Зане доштам, ки андаке зебой дошт. Рӯзе, ки аз дарё баромадам, шоҳи бандар занамро дида ошиқ гардида, ӯро бо зӯр аз ман кашида гирифт. Қоидан мо он аст, ки ҳар гоҳ номаҳраме зани моро бинад, мо маҷбурем, ки ӯро кушем. То хуни номаҳрамро нарезем, он зан ба мо ҳалол намешавад. Вақте ки зан ҳалол нашуд, даст аз кору бори зиндагӣ мекашем, намехӯрем, намепӯшем...».

...Баъд аз шунидани ин суханон он симбарро видоъ кардам ва рафта ба ҷое, ки гуфта буд, ба дастури мазкур нишастам. Рӯзи чорум кашишон омаданд ва аз рӯи қоида ҳадяҳои ҷамъшударо ба назди ман гузошта, таклифи бархостан карданд. Қабул накардам ва гуфтаҳои он дилбанди донишмандро такрор кардам. Ман палосро аз сар нагирифта ба даруни буткада даромадам. Дидам, ки дар тахти бути бузург як нимтахти тиллокорӣ гузошта буданд. Дар рӯи тахт рахт партофта, пиразоли хушҳол, саропо сиёҳпӯш дар он нишастааст. Ду тифли даҳ-дувоздаҳсола ба тарафи чапу рости ӯ нишаста буданд. Пиразол бо онҳо ба бозӣ машғул буд. Ман пеш рафтаму пои тахтро бӯсидаму доманашро гирифтам ва ҳарчи он оқила таълим дода буд, гуфтам. Пиразол баъд аз шунидани аҳволи ман пурсид:

– Аҷамӣ, магар шумо занҳои худро пинҳон медоред?

Гуфтам:

– Бале, ин айбро мо дорем.

Ӯ гуфт:

– Ин қоида хуб нест. Ман ҳозир мефармоям, ки шоҳи бандарро бо зани ту хозир кунанд ва он золими бебокро, яъне шоҳро танбеҳ кунам, ки ибрати дигарон шавад ва то донад, ки киро амини мулк кунад. Баъд аз он аз дигарон пурсид – ин шоҳи бандар кист?

Кашишон гуфтанд, ки фалон кас. Чун номи ӯро шунид, гуфт, ки:

– Ҳоло он лаънатӣ ба ҳамон дараҷа расидааст, ки дастандозӣ ба сатри мардум мекунад?!

Баъд рӯи худро ба он ду писар баргардонда, гуфт:

– Фарзандон, зуд ба шаҳр равед ва ба боргоҳи шоҳ дароед. Ба он ғофили ҷоҳил бигӯед, ки: модари мо мегӯяд, ки ҳукми бути бузург шудааст, ту фалон касро, ки марди золим ва нобоб аст, шоҳи бандар кардаӣ. Ӯ ба дарвешони бисёр ситам кардааст ва мекунад. Аз ҷумла ин марди аҷамӣ аз мазлумони ӯст. Бояд ҳукми қатли шоҳи бандарро ба ӯ навишта диҳӣ ва амволи ӯро, агарчи бисёр ҳам бошад, ба ин мардак, ки назаркардаи мост, бубахшӣ ва ӯро аз худ розӣ кунӣ. В-агарна ҳамин шаб туро ба санги сиёҳ баробар хоҳам кард.

Он ду тифл бо фармуди модар аз буткада баромада савор шуданд. Ҷамъе аз кашишон пеш-пеши онҳо ноқусзанон ва зикргӯён ба шаҳр даромаданд. Аҳли фаранг хоки қадами аспи онҳоро табаррук гуфта мебардоштанд. Вақте ки ба дарбори шоҳ расидем, ба ӯ хабар расид. Вай зуд ба истиқбол давида он ду тифлро дарбар кашид, ва ба боргоҳ даромада онҳоро дар паҳлӯи худ шинонид. Баъд сабаби омадани онҳоро пурсид. Онҳо гуфтаи модарашонро баён карданд.

Подшоҳ андешае намуда, гуфт:

– Хуб аст, ҳозир мефармоям, рафта шоҳи бандарро биёранд ва дар рӯ ба рӯи ин мард шиноnанд, то ки ҳақиқати масъаларо пурсем.

Ман дар дили худ гуфтам, ки «Э вой, ки беҳ нашуд, бадтар шуд. Агар шоҳи бандарро биёранд, ман чӣ мегӯям...».

Он тифлони рамузфаҳм чун изтироби маро диданд, аз

карина фаҳмиданд, ки он ҳукм мувофиқи хоҳиши ман набудааст. Бинобар он даст бар домани зада аз ҷо бархостанд ва ҳар ду бо як забон гуфтанд, ки:

– Давлати дунё димоғатро гирифтааст, ки ба ҳукми бути бузург мухолифат мекунӣ, ё гуфтаи модари моро хилоф медонӣ ва мехоҳӣ, ки боз худ тафтиш кунӣ! Не, кори ту зоеъ шуда, ақлат нуқсон ёфтааст. Охир аз оташи ғазаби бути бузург андеша кун!

Тифлон берун рафтанӣ шуданд. Подшоҳ бетоқат шуд ва бо илтимоси тамом онҳоро гардонида ба ҷои худашон шинонид. Вазирҳо ва надимҳо ба подшоҳ муттафиқ шуда, ба бадгӯии шоҳи бандар забон кушоданд, ва ба подшоҳ арз карданд, ки:

– Гуфтаи модари бараҳманон дуруст аст ва ҳукми бути бузург ҳақ аст. Албатта ӯ воҷибулқатл аст.

Подшоҳ чун ҳукми ҷамоатро шунид, аз гуфтаи худ пушаймон шуд ва ҳукми куши шоҳи бандарро ба дасти худ навишта ба ман дод ва молу ҷои ӯро ба ман бахшида, ба илова мансаби шоҳибандариро ҳам ба ман супурд. Баъд ба ман либос ва асп инъом карда, ба он ду тифл зару ҷавоҳири бисёре бахшида, ба модарашон аризае навишта гусел кард.

Ман ба хушҳолии тамом ба бутхона рафтам. Модари бараҳманон аризаи шоҳро хонда ва тафсилро фаҳмида хушдил шуд ва фармуд, ки ноқуси буткардаро навозанд. Бо шунидани овози ноқус дарҳол понсад нафар сипоҳии мусаллаҳ бар дари бутхона ҳозир шуданд. Модари бараҳманон ба онҳо фармуд, ки ба ин мард ба бандар рафта, шоҳи бандарро гирифта ба дасти ин мард супоранд, то ба ҳар соат, ки хоҳад ӯро бикушад ва амволи ӯро муҳофизат бикунанд ва набояд касе ба хонаи ӯ дохил шавад. Баъд аз ин ба бандар равона шудем. Яке аз саркардагон пеш рафт ва ба шоҳи бандар гуфт, ки «ҳаракат макун!». Дар он дам аз ақиб ман расидаму ба вай ҳуҷум овардам ва сарашро аз танаш ҷудо кардам. Баъд аз он гумоштагон, мансубон ва мулозимони ӯро гирифта, дафтарҳои ӯро забт намудам ва ба даруни ҳарам шитофтам ва он дилраборо дарёфтам...

Баъд аз оне ки моли ӯро аз назар гузаронидам, маҷлисе барпо карда ба мулозимон ва одамони шоҳи бандар инъомҳо

дода, ҳар кадоми онҳоро ба амали худашон гузоштам; ғуломонро ҳам навозиш карда, аз худ хурсанд кардам. Ба ҳар кадом касоне, ки бо фармони модари бараҳманон ба ёрии ман омада буданд, мувофиқи ҳолашон чизе бахшидам. Барои подшоҳ ва модари бараҳманон низ, ҳадяҳо ва тӯҳфаҳо тайёр карда, рӯзи дигар рафта онҳоро дидам...

Баъд аз он бо осудагӣ ва хотирҷамъӣ бо ин симбар зану шӯ гашта, даст ба домани висоли якдигар задем...

Азбаски ҳамарӯза подшоҳ ва сипоҳро хизмати лоиқ мекардам, шоҳро нисбат ба ман шафқат зиёда шуд. То ки ба шарафи ҳамсӯҳбатӣ расидам. Ҳеҷ масъалае бе машварати ман ҳал намегардид.

Ростӣ дар он рӯзҳо ташвише, ки доштам, танҳо ҳамин буд, ки «ба сари бародаронам чӣ омада бошад?», то ин ки баъд аз се сол корвоне аз савдогарон ба лаби дарё ғун шуд. Онҳо, гӯё аз Вазиробод меомаданд ва ирода доштанд, ки аз роҳи дарё ба вилояти Аҷам раванд.

Шаҳрёро! Дастур чунон буд, ки корвонҳое, ки ба бандар меомаданд, ба ман армуғон меоварданд ва маро ба зиёфат таклиф менамуданд. Ман меҳмони онҳо мешудам ва молҳояшонро аз назар гузаронида, ушр мегирифтам ва рухсати рафтан мекардам.

Чун аҳли қофила ба дастури мазкур маро ба меҳмонӣ бурданд, дар вақте ки чизҳои онҳоро аз назар мегузаронидам, бародаронамро дидам, ки дар қатори човушон хизмат мекарданд, онҳо букчаҳои молро ба дӯш бардошта меоварданд ва чунон дасту по мезаданд, ки ҳеҷ ғуломи боихлос он қадар намекард. Инро дида ҳамият ва ғайрат маро домангирам шуд. Дар вақти бозгашт ба баҳонае онҳоро бо худ овардам ва чунон ки бояду шояд меҳрубонӣ кардам ва ба ҳар кадом як амалеро аз амалҳои шоҳибандариро додам. Вале ин ду бадтинат поси давлати худро надошта, боз қасди қатли ман карданд... чун дуздон бо теғи буррон ба болини ман омаданд. Нахуст (аввал) ин саги бовафо ва ҳушёр ба онҳо ҳамла кард. Баъд посбонҳо аз ҳар тараф тохта онҳоро гирифтанд.

Шаҳрёро! Дигар тоқатам намонд. Аммо бар қасосашон розӣ нашудам, хотир ба ҳабс карданашон қарор ёфт, бинобар ин, ба ин қафасҳо банд кардам, то ки дар назарам бошанд –

на аз дурии онҳо мушавваш ва на аз кирдори бади онҳо дар оташ бошам!

Ин аст сабаби зиллат ва заҳмати инҳо, ин аст ҳурмати саг.

Дарвешон! (Озодбахт мегӯяд). Ба мардӣ ва муруввати он ҷавонмард офарин кардам ва чӣ тавр ба даст дароварда шудани он дувоздаҳ дона лаъли пурбаҳоро, ки ба гардани саг баста буд, пурсидам – гуфт:

– Дар айёми шоҳи бандарӣ, бар болои қасри баланде, ки бар сари дарвоза сохта будам, барои ҳаво гирифтан ва тамошои саҳро ва дарё нишаста будам ва ба ҳар тараф нигоҳ мекардам. Ногоҳ сиёҳии ду нафарро дидам, ки дар биёбон меомаданд. Дурбинро гирифта дуруст нигоҳ карда дидам, ки аҳволашон бад аст. Бинобар он зуд барои овардanашон қаровулонро фиристодам. Вақте ки онҳоро оварданд, арз карданд, ки як нафар мард ва як нафар зан аст, ки дар дасташон кӯдак доранд. Фармудам, ки занакро ба ҳарам фиристанд, мардро ба боло биёранд.

Чун он мард даромад, дидам ҷавоне дар синни бистсолагӣ. Ранги рухсораш аз тобиши офтоб тира шуда, аз мӯй сараш фурӯ афтода, ошуфта ва жӯлида, нохунон монанди чанголи даррандагон дароз шуда... Маро аз ин ҳол аҷаб омад ва ҳайратам афзуда пурсидам:

– Э мард, аз кадом шаҳрӣ? Ин чӣ ҳол аст?

Вай аз чашмаш ашк рехта, ба домани ман часпид ва гуфт:

– Алҷӯъ, алҷӯъ! (Дод аз дасти гуруснагӣ, дод аз дасти гуруснагӣ).

Зуд фармудам, дастурхон партофта шарбат ва таом оварданд ва бисёр дилдорӣ додам. Ҷавон андак шароб ва таом хӯрда беҳуш гардид. Дар ин вақт ходимони ҳарам якчанд халтаи пур оварданд.

Гуфтам:

– Тафтиш кунед, ки ин ду нафар аз куҷо меоянд.

Чун халтаҳоро боз карда диданд, ҳар кадом пур аз як қисм ҷавоҳир буд, ки ҳар донааш ба хироҷи мамлакате меарзид. Аҷабтар он ки ҳар кадом аз якдигар беҳтар ва нафистар.

Чун он ҷавон ба худ омад, гуфтам:

– Э бародар, баён кун, ки инҳоро аз куҷо овардӣ, ҳамоно ба ганҷи Қорун роҳ ёфтай?

Ҷавон гуфт:

– ...Ҳикояи ман бисёр аҷиб аст. Асли ман аз вилояти Озарбойҷон аст. Падаре доштам, соҳибдавлат ва сертиҷорат ва аз барои молу давлат гоҳ дар об ва гоҳ дар оташ мегашт. Ба ғайр аз ман фарзанди дигар надошт. Бинобар он маро тарбия мекард. Чун синни ман ба шонздаҳсолагӣ расид, падарам иродаи сафари бандар кард, маро низ бо худ бурд. Ҳарчанд модарам ва дӯстонам гуфтанд, ки «ҳанӯз вакти сафари ин писар нарасидааст», аммо вай мегуфт:

– Акнун ман пир шудаам, кӣ медонад бори дигар дидори ӯро мебинам, ё не. Агар умрам ба охир расад, худи ӯ ба сарам бошад.

Қисса мухтасар, ки ба киштӣ нишаста ба Ҳиндустон расидем. Муддате дар он мамлакат гаштем, хариду фурӯхти худро кардем. Аз он ҷо ба шаҳри Вазиробод рафта, дар он ҷо низ хариду фурӯхт карда, ба тарафи Фаранг равона шудем. Баъд аз он ки ба дарёи кушод баромадем, ногоҳ боди мухолиф бархост, боду борон ва тӯфон ихтиёри киштиро аз дасти ноходо берун кард. Шабу рӯзро надониста, ба сад изтироб ба рӯи об ба ҳар тараф мерафтем, то он ки киштӣ ба кӯҳ бархӯрда шикаста ва ҳамаи молу амвол ва одамон ба дарё афтода ғарқ гаштанд. Ман ба тахтапорае расидам ва ба он савор шудам. Дигар надонистам ҳоли падарам ва дигарон чӣ шуд.

Инак, баъд аз заҳмат ва машаққати бисёр, баъд аз се рӯз он тахта дар гил нишаст. Ман рамақе надоштам, ки худро нигоҳ дорам. Охир ба ҳар машаққат, ки буд, худро ба канор кашидам ва бар замин афтода беҳуш шудам. Вақте ки ба ҳуш омадам, аз дур киштзореро дидам. Оҳиста-оҳиста худро ба он ҷониб расонидам. Дар он ҷо чандин хонаи хасин дидам, ки дар онҳо ҷамоате монанди қатрон сиёҳ, бараҳна ва урён, ба ҳоли табоҳ зиндагӣ мекунанд. Он киштзорҳо, нахӯдзор будааст. Он ҷамоа оташе афрӯхта буданд ва нахӯди сабзро бирён мекарданд ва мехӯрданд. Ҳамин тавр ба назар менамуд, ки аксари хӯроки онҳо нахӯд буд. Чун маро ба он ҳол диданд, ишора карданд, ки ту ҳам нахӯд чин ва бирён карда хӯр. Ман низ як мушт нахӯдро бирён карда бо оби ширин хӯрдаму дар гӯшае хобидам. Вақте ки бедор шудам, он ҷамоа хостанд, ки аз ман аҳвол пурсанд, вале на ман забони онҳоро

мефаҳмидам, на онҳо забони маро. Ба ҳар ҳол он шаб дар он ҷо хоб карда, рӯз ба роҳ даромадам ва муште наҳӯд бо худ бурдам... Се шабу рӯз дар биёбони хушк ва беоби сӯзон бо сад машаққат, бо ҷигари сӯхта ва лаби ташна равон будам. Хӯрокам танҳо ҳамон наҳӯд буд. Дар рӯзи чорӯм аз дур ҳисори фалакфарсоеро дидам. Чун наздик расидам, дидам ки қалъаи бузург, тақрибан давраш чор фарсах (ҳар фарсах – 8 километр) меомад. Девораш сар ба осмон кашида, тамом аз сангу гаҷ буд. Ҳарчанд ба чор ҳадди он гаштам, ба ҷуз як дар, даромаде надидам. Он дар ҳам аз ду тахтасанги мармар буда, бо се қуфли хеле калон, ки ҳар як баробари рони шутур меомад, баста шуда буд. Тааҷҷуб намудам, ки ин чигуна ҷоест. Ногоҳ ба тале расидам, ки хокаш монанди сурма сиёҳ буд. Вақте ки ба болои тал баромадам, тамом ҳайрон шуда мондам. Дар он сӯи сиёҳии шаҳре ба назарам намуд, ки шарафа ва кунгураи айвони ӯ бо қасри кайвон даъвии ҳамсарӣ мекард. Бурҷу борааш маъмур ва ороста ва ҳаддаш ба дарё пайваста. Инро дида бо шавқи тамом, аз сар қадам сохта, ба тарафи шаҳр шитофтам. Вақте ки аз дарвоза ба дарун қадам мегузоштам, бисмилло гуфтам. Дар он ҷо марде дидам бо либоси фарангиён, ки ба рӯи курсӣ нишаста буд. Вақте ки маро бо либоси аҳли Аҷам дид ва гуфторамро шунид, маро ба назди худаш ҷеғ зад. Рафтаму салом додам. Вай ба забони фасеҳ ҷавобам дод ва аз аҳволам пурсид:

Гуфтам:

– Э мард, ҳоло маҳалли савол нест, ки ман ёрои сухан надорам.

Ӯ гуфт:

– Гуруснай?

Гуфтам:

– Бале!

Гуфт:

– Бинишин!

Бинишастам. Дарҳол ба пешам дастурхон партофт, нону мурғи бирён оварда монд ва кӯзаи оби хунук ҳозир кард. Чун андак нону оби хунук хӯрдам, суст шуда хоб кардам. Бегоҳӣ аз хоб чашм кушодам, ки он мард таоме пухта, тайёр карда мондааст. Боз дастурхон паҳн кард, ҳар ду ба майл хӯрок

хўрдем. Баъд аз хўрок ва истироҳат, он мард чун дўстони мушфиқ аз чигунагии аҳволам пурсид. Ман ҳам тамоми саргузаштамро гуфта додам.

Ў гуфт:

– Акнун чӣ ирода дорӣ?

Гуфтам, ки:

– Дар ин шаҳр то ба охири умрам зиндагӣ мекунам. Зеро ки на тоби сафари дарё дорам ва на тўшаи роҳ. Аз асбоби сафар ҳамин дили пурхун ва пои пуробила дораму бас!

Он мард табассум кард ва гуфт:

– Фардо шавад, фикри фардоро мекунем.

Он шаб ба осоиш хоб кардам. Аввали рўз хостам, ки узри меҳрубонии он мардро хоста, ба шаҳр дароям, вай гуфт:

– Э фарзанд, азбаски ту аҳли Аҷам ва ҳаммиллати ман ҳастӣ, ман маҷбурам, ки туро насиҳат кунам. Фарзанд! Ин шаҳр ҷои ту нест, сухани маро гўш куну худатро ба доми бало наандоз. Зуд сари худ гиру бирав. Агар барои ба даст даровардани мол ба шаҳр даромадан хоҳӣ, имрўз ҳам сабр кун. Ҳозир ба ҳуҷра даромада белу каланд, ғирболу тўрбаҳо гирифта баро, баъд ман чӣ кор карданатро мегўям.

Ба худ гуфтам, ки «э вой, ба доми аҷаб одаме афтодӣ, ки дар бадали нони шаб имрўзат кор мефармояд». Вале илоҷ надоштам, ба дарун рафта чизҳои номбурдаашро баровардам.

Гуфт:

– Он талро ки дар дур аст, мебинӣ?

Гуфтам:

– Дирўз аз болояш гузаштам.

Ў гуфт:

– Ба канори он тал бирав, чанд қадам болотар баро ва хоки онро бикан ва канор андоз, то ки як чуқурии якгаза ба вуҷуд ояд. Баъд аз он ҳар чӣ канӣ ба ғирбол рез ва без, ончи дар ғирбол монад, ба даруни тўрба рез. Вақте ки тўрба пур шуд, гирифта биёр. Баъд ман боз чи карданатро мефаҳмонам.

Ман аз асли мақсад бехабар, ба он макон расидам ва ба гуфтаи ў амал карда дидам, дар он хок ҷавоҳири зиёде хоб кардааст. Дар андак фурсат он тўрбаро пур кардам ва чанд дона резаи онро пинҳон намудам, баъд тўрбаро ба дўш кашида, ба дарвоза овардам.

Он мард боз нон ва як миқдор мева ба назди ман овард ва гуфт:

– Ҳамаи ин ҷавоҳироти овардагиат аз они ту, ана ин тӯшаи роҳро аз ман гир ва ҳар чӣ зудтар аз ин ҷо гурез. Пеш аз он ки касе туро дар ин ҷо бинад, худро ба ҷои амне бирасон ва ҷони худатро аз ин бало бираҳон.

Гуфтам:

– Э падар, гирам ки ман хеле ҷавоҳир дорам, аммо тани танҳо, дар ин биёбони хунхор ва ба чӣ кор ояд. Гуруснаву ташна ба куҷо равам? Ҷон дар кафу сар дар наздикии талаф бас набуд, ки боз ин бор низ ба дӯшам бошад.

Дар биёбони хушку реги равон,
Шалғами пухта, беҳ зи нуқраи хом!

Он мард гуфт:

– Хуб, э ҷавони ҷоҳил! Ман он чи донистам, ба ту гуфтам. «Ту хоҳ аз суханам панд гиру хоҳ малол». Алҳол ки аз ин ҷо дур шудан намехоҳӣ, албатта ба шаҳр медароӣ, ин ангуштаринро гир, чун бар сари чорсу расӣ, як марди сафедришро мебинӣ, ки ба ман монанд аст. Ӯ бародари ман аст. Ин ангуштаринро ба вай деҳ, то ки шояд ӯ дар бораи ту фикре кунад. Зеро ки дар ин шаҳр дигар ман дӯсте надорам. Мабодо ту кушта шавӣ. Охирин насиҳати ман ҳамин ки он мард чизе гӯяд, бишунав ва чунон кун!

Суханони ӯро қабул карда ангуштаринро гирифтам ва ба ӯ миннатдорӣ карда ба шаҳр даромадам. Дидам, шаҳр ороста ва пероста, занон ва мардон дар бозорҳо ба дӯконҳо нишаста савдо мекунанд. Дар кӯча занон бо мардон шароб менӯшанд. Ҳама хурсанд ва шод менамоянд, ҳама либоси аҳли фарангро доранд. Дар миёни бозор аз бисёрии мардум роҳ гашта натавонистам. Камтар сабр кардам, то ки дар гашти рӯз бозор сусттар шуду мардум ба ҳар тараф пароканда шуданд. Баъд аз он ман ба чорсу даромада ҳамон шахсеро, ки дарвозабон дарак дода буд, дидам, ки ба рӯи курсӣ нишаста ва дар дасташ асои мурассаъ дорад. Пеш рафтаму салом додам. Вай ҷавоби саломро дода, ба рӯи ман тунд-тунд нигоҳ кард ва гуфт:

– Э писар, ба ин ҷо чи гуна расидӣ? Магар бародари гарданшикастаи маро надидӣ?

Гуфтам:

– Дишаб дар назди ӯ будам, ӯ маро аз даромадан ба шаҳр монеъ шуд, аммо ман гӯш накардам. Зеро ки он қадар риёзат кашида будам, ки гуфта наметавонам ва қуввати рафтор надоштам ва ба шаҳр даромадан хостам. Бинобар он бародар ин ангуштаринро ба ту нишона фиристод.

Он мард андак фикр карда истоду баъд асп талабида савор шуд ва маро бо худ гирифта ба хонааш бурд. Хонаи вай бисёр зебо ва хушнамуд буд. Имораташ ботакаллуф, асбобу анҷомаш бузургона, ходим ва хизматгорҳои бисёре дошт. То шаб сӯҳбат карда нишастем. Вай пинҳон аз ходимонаш саргузаштамро пурсид. Вақте ки ҳикояи маро шунид, гуфт:

– Ин ҳама сахл буд, ту акнун ба доми бало афтодӣ.

Гуфтам:

– Э падар, аз барои Худо, маро аз ҳолати ин шаҳр огоҳ кун, то ки бидонам сабаби ин ҳама манъи ту ва бародарат аз даромадан ба ин ҷо чист?

Ӯ гуфт:

– Бидон, ки мардуми ин шаҳр бутпарастанд. Подшоҳи инҳо бисёр мағрур ва мутаассиб аст. Қоидаи инҳо ҳамин ки агар ғарибе бар ин шаҳр дарояд, ӯро ҳеҷ кас ба манзили худ роҳ намедиҳад, то ба подшоҳ арз шавад. Он касро ба назди подшоҳ мебаранд, вай мефармояд, ки мусофири омада ба бут саҷда кунад. Агар аз ин амр гардан тобад сарашро мебурранд. Инчунин агар касе дар ин шаҳр ягон шаб хоб кунад, дигар бе рухсати подшоҳ ба ҳеҷ ҷое рафта наметавонад. Лекин ҳамин қадар ҳам дорад, ки ҳар кас ки ба бут саҷда кунад, ба вай зан гирифта медиҳанд.

Гуфтам:

– Э падар, акнун ҳоли ман чӣ мешавад?

Он мард гуфт:

– Хуб, ҳоло фикре мекунам, ки расво нашавӣ ва озоре набинӣ.

Баъд аз он камтар фикр карда истода, гуфт:

– Фарзанд, барои ту зани хубе ёфтам.

Гуфтам:

– Он кист?

Гуфт:

– Духтари вазири аъзам, ки дар ҳусну ҷамол монанд надорад. Синнаш ҳам ба понздаҳ расидааст.

Гуфтам:

– Вазири аъзам ба монанди ман як касе кай духтар диҳад?

Гуфт:

– Э фарзанд, расми ин шаҳр он аст, ки ҳар кас бутро саҷда кунад, гар ғариб бошаду духтари шоҳро талаб кунад ҳам, додан мегиранд. Ба ғайр аз он ман ҳам филҷумла қадру эътиборе дорам. Туро ҳанӯз надида ва нашинохтаанд. Ин тасодуфи хуб шуд, ки фардо рӯзест, ки подшоҳ ва сипоҳу раият ба зиёрати буткада мераванд. Мо ҳам меравем. Ту бояд аз рӯи зарурат бутро саҷда кунӣ. Баъд албатта корҳо мувофиқи муддао мешавад...

Шабро бо роҳат гузаронидем. Субҳ наздик шуд, маро ба ҳаммом фиристод ва либоси фохира дод. Вақте ки аз ҳаммом баргаштам, он мард савор шуд, маро низ бар маркабе шинонида ба сӯи бутхона ронд. Он бутхона дар канори дарё буда, чунон ботартиб ва ороиш буд, ки забон аз шарҳи он оҷиз аст. Дар он дам халқи он шаҳр аз ҳаштсола то ҳафтодсола, хурду калон дар он ҷо ҳозир буданд. Духтарони хуршедсимо ва писарони юсуфлиқо дар ҳар тараф саф зада, сайру сафо мекарданд...

Мо низ сайркунон, то ба ҷое, ки подшоҳ ва умаро ба хизмати бараҳман ба ду зонуи адаб нишаста буданд, рафтем. Онҳо ҳама сарҳо бараҳна, гӯшҳо бар овози бут доштанд.

Ман мувофиқи таълим бутро аз рӯи дил зиёрат кардам ва дасти бараҳман ва подшоҳро низ бӯсидам. Баъд домани вазирро гирифтам ва талаби духтар кардам. Подшоҳ аз он мард пурсид, ки:

– Ин кист, аз куҷо омадааст?

Он мард гуфт:

– Аз хешони ман аст. Ба умеди зиёрати бути бузург омадааст. Алҳол духтари вазирро дида, моили ӯ гардидааст. Ҳоло илтимос дорад, ки вазир бо амри подшоҳ ба ғуломии худ қабул кунад.

– Амри бути бузург фарз аст! – гуфт подшоҳ. Инро шунида бараҳман дарҳол риштаи сиёҳеро оварда, ба гардани ман андохт ва маро ба пои тахти бути бузург овард ва ба саҷда

фармуд. Баъд сухане чанд гуфта буд, ки аз даруни бути бузург овоз баромад, ки ӯ мегуфт:

– Хоҷазода хуш омадӣ! Аз марҳамати мо умедвор бош.

Инро шунида халоиқ фарёд карда, ҳама бар хок афтоданд.

Баъд аз ин подшоҳ ба ман либосҳои фохир бахшид ва дар берун нағора навохтанд. Дар ин дам овоза шуда рафт ки «ба аҷамӣ бути бузург назар кардааст ва духтари вазирро ба ӯ додааст...».

Он рӯз то шом дар буткада будем, вақти шом бо вазир, подшоҳ ва бараҳману кашишон савор шуда, ба хонаи вазир рафтем. Дарҳол духтарро оро доданд ва ба назди шоҳ оварданд. Ман ба рӯи ӯ нигоҳ карда ҳурвашеро дидам, ки назираш набуд. Бараҳманҳо бо расму оини худ духтарро ба ман никоҳ карданд.

Подшоҳ рафт. Ман бо он парипайкар хилват намуда, ба висоли якдигар расидем. Рӯзи дигар ба хизмати шоҳ рафтам. Шоҳ маро ба худ муқарраб кард ва инъомҳо медод. Вале ба инъоми ӯ маро эҳтиёҷ набуд. Зеро ки духтар молу зари бисёре дошт.

Алқисса якуним сол ба ҳамин ҳол гузаронидем. Дар ин муддат духтар ҳомила шуда бисёр азоб кашид. Ман гиря мекардам. Се шабу рӯз дард кашид ва мурд. Ман гиребони худро пора карда, ба болини ӯ нишаста мегиристам, ки ногоҳ аз тарафи дигар шеван ва фарёду фиғон баланд шуд. Занони бисёр ба дарун даромада, ҳамин ки ба ман мерасиданд, ба сарам як мушт мезаданд. Қариб буд, ки дар зери муштu лағади онҳо кушта шавам. Дар ин дам касе аз пушт гиребони маро гирифта пас кашид ва аз миёни бало ба канор бурд. Чун дидам, ҳамон мард буд, ки ба ман он занро гирифта дода буд.

Ӯ гуфт:

– Барои чӣ гиря мекунӣ?

Гуфтам:

– Э золим, намебинӣ, ки гавҳари якдонаам аз дастам рафт.

Он мард табассум карда гуфт:

– Ҳоло ба марги худ гиря кун! Вақте ки гуфтам, ба ин шаҳр чаро омадӣ, гуфтӣ, ки илоҷ надоштам. Акнун, ана, илоҷат ҳамин!

Ба ҳар ҳол маро ба девонхона овард. Дидам, ки подшоҳ,

умаро, бараҳманон, туҷҷорон ва ҳар хел табақаи аҳли шаҳр ҷамъ шудаанд. Тамоми молҳои ман ва занамро ба миёна рехта даллолон қимат медоданд. Ҳар кас ҳар чӣ мехост, гирифта, зар медод. То ки тамоми онҳоро нақд карданд. Баъд ба он зар ҷавоҳир харида, ба як сандуқча андохта ба ман доданд. Ба як сандуқ озуқа гузошта бар аспе бор карданд. Баъд як шутур оварда маро ба он савор карданд ва сандуқчаро ба канорам гузоштанд. Вақте ки ин корҳо шуд, кашишон ва бараҳманон зикркунон ва ноқусзанон пеш афтоданд. Халқи бисёре аз паси мо меомад. Бо ҳамин тантана ба беруни шаҳр баромадем. Аз ҳамон дарвозае ки рӯзи аввал даромада будам, берун шудем. Он марди дарвозабон маро дида оҳ кашид ва ба чашмаш об давид. Ниҳоят ба ҳамон ҳисор расидем, ки дар рӯзи аввал дида будам. Бараҳман аз кисааш калиде бароварда қулфҳоро кушод. Дусад нафар ҷавони зӯрманд бо зӯри тамом дарро кушоданд. Баъд ҷасади мурда, ман ва сандуқи хӯроквориро ба дарун даровардаанд ва ба замин гузоштанд. Бараҳмани бузург ба ман наздик шуда гуфт:

– Э ҷавонмард, рӯзе оянд, рӯзе раванд! Ана ин зану фарзанд ва молҳоят, ана ин озуқаи чилрӯза аст. Хӯрда хоб кун, то ки бути бузург ба фарёдат расад.

Хостам, ки аз ҷо хеста он чи бояд бигӯям, он марди аҷамӣ пеш омада ба забони аҷам гуфт:

– Хомӯш бош, дар фикри худ шав ва ҳарфе магӯ, ки ҳамин ҳозир месӯзонандат...

Боре, маро дар он ҷо гузоштанду худҳошон берун рафтанд, дарро бастанд. Ман аз бедимоғӣ сарамро ба зонуи ғам гузошта гирянi бисёре кардам. Баъд аз андак фурсат гармии ҳаво, бӯи бад ба ман чунон асар кард, ки қариб буд нафасам бурида шавад. Сарамро бардошта ба ҳар тараф нигоҳ кардам, дар ҳама ҷо устухонҳои пӯсида, рехта, ҷасадҳои шалхида, сандуқҳои зару ҷавоҳир афтода хоб мекард. Аз қаҳр хеста ба ҷасади духтари вазир чанд лағад задам. Баъд ба ҳар тараф давидам, шояд паноҳгоҳе биёбам, ки аз тобиши офтоб халос шавам. Вале наёфтам. Он рӯз ба ҳамин ҳол гузашт. Шаб ҳам аз тарсу воҳима ва ҳавои бадбӯ хобу ором надоштам.

Рӯзи дигар ба ҳамин қарор омадам, ки сандуқҳои шикастаро ҷамъ карда дар поёни ҳисор, дар ҷое ки тобиши офтоб

камтар буд, як паноҳгоҳе созам. Ман он тахтаҳоро болоиҳам чидам. Рӯз дар сояаш менишастам, шаб ба болояш хоб мекардам.

Аз як тарафи ҳисор як ҷӯйчаи майдаи оби гарм ҷорӣ буд. Рафта баромадгоҳи онро дидам, ки ба қадри даҳани офтоба аз ҳафт ҷош ба девор сӯрох гузоштаанд.

Бо он об ва озуқаи мазкур дар он кунҷи ҳисор чанд рӯз зиндагӣ кардам. Қариб дар чил рӯз тӯшаам тамом шуд. Аз ин ҳол хеле ба ғам афтода, бисёр гиря кардам ва хобам бурда мондааст.

Вақте ки бедор шудам, овози мардумро шунидам, мурда оварда буданд. Ман хомӯш нишастам. То ки дарро баста рафтанд. Оҳиста пеш рафта нигоҳ кардам. Дидам, ки марде мурда ва зани піреро ҳамроҳи ӯ оварда буданд. Сандуқи хӯрокворӣ низ дар пешаш буд. Ба худам гуфтам, ки «хубаш он ки ба озуқаи ӯ шарик шавам», сандуқи худро бардошта пеши ӯ рафтам, ки қисме аз озуқаи ӯ гирифта ба ин андозам. Аммо вақте ки ба пеши ӯ расидам, сандуқ аз дастам ба сари ӯ ғалтид ва ӯ нафасашро набароварда ҷо ба ҷо хобид, ӯ мурда буд. Ман ҳам сандуқи озуқаи ӯро гирифта зиндагӣ ба сар бурдам. Ҳанӯз он ба охир нарасида буд, ки боз мурдае оварданд, хӯрокам зиёда шуд. Ҳеҷ моҳе набуд, ки ризқи ман намерасид.

Баъд аз се-чор моҳ, бо мақсади шикор ба сари мурдаи нав овардашуда рафта дидам, ки нозаниндухтареро овардаанд. Синнаш ҳафтдаҳ-ҳаждаҳсола буд. Рӯяш ҳамчун офтоби анвар, либоси умарозодагон дар бар... Ӯро дида ошиқ шудам. Ӯ маро дида наъра кашид ва аз зӯрии воҳима беҳуш шуд. Ман пеш давида, ӯро дар бар кашидам ва ба кунҷи ҳисор бурдам. Дар он ҷо ба рӯяш об зада ба ҳуш овардам. Чун чашм кушод, боз воҳима намуда аз ҷо хеста гурехт. Дар дили худ гуфтам «хуб, ҳеҷ ҷо рафта наметавонад!». Ӯро ба ҳоли худаш вогузоштам. Аммо ҳар рӯз дур дар рӯ ба рӯи ӯ нишаста хӯрок мехӯрдам. Чун чанд рӯз гузашт дид, ки ман ба ӯ зарар намерасонам ва хӯрокворӣ дорам, андак ром шуд, нон талабид. Ман ҳам бо мулоиматӣ ӯро ба наздам чеғ задам, таому мева ва ғайра ба ӯ хӯрондам. Баъд бо забони хуш фирефта ба ҷои худ бурдам, аз аҳволаш пурсидам. Гуфт:

– Духтари вакилуссалтанати подшоҳ мебошам. Номзади писари амакам будам. Дар шаби никоҳ шавҳарамро дарди кулунҷ гирифту мурд маро ҳам ҳамроҳ оварданд. Аммо ту кистӣ?

Ман аҳволи худамро шарҳ додам ва гуфтам, ки:

– Худо туро барои ман фиристодааст.

Аммо ӯ хомӯш монд. Чанд рӯзе бо ӯ мадоро ва муросо ба сар бурдам... Охир ба ӯ таклифи зану шӯӣ кардам. Вай қабул кард ва бо он ҳурваш дар он ҷаҳаннами дунё се сол умр гузаронидам. Дар соли сеюм як писар зоид. Дар ин муддат кори мо он буд, ки ҳама рӯз барои саргардонӣ дар он ҳисор мегаштем ва сайри ҷавоҳирот мекардем. Ҳар чи ки ба назари мо хуш меомад, бардошта ҷамъ мекардам. То ин ки тифл ҳам дусола шуд ва аз шир ҷудо гашт. Рӯзе ба занам гуфтам, ки:

– То кай дар ин зиндон менишинем?

Ӯ гуфт:

– То вақте ки барои наҷот кӯшиш кунем.

Сухани зан ба ман рӯҳ бахшид ва маслиҳат карда қарор додем, ки ҷои оббароро васеъ карда бароем.

Баъд аз ин мехҳои сандуқ ва тобутҳоро ҷамъ кардам ва аз аввали рӯз то бегоҳ ва аксар шабҳо низ дар он обшор нишаста мехҳоро бо сангҳо зада, бо зӯр як порча ҳам аз он обгузар мекандам. Занам мех ҷамъ карда меовард. Гоҳ як хирман мех мешикаст, вале як парча аз он санг канда намешуд. Як сол зӯр задам, то сӯрохе пайдо шуд, ки аз он як одам баромада тавонад.

Пас ҷавоҳири ҷамъкардаамонро ба халтаҳое, ки аз остинҳои либоси мурдагон сохта будем, андохта бо худ гирифтем ва шабе таваккал карда аз сӯрох берун шудем. Ҳеҷ кас моро надида мо ҳам халтаҳоро ба китф партофта, баҷаро бардошта ба биёбон равон шудем. Як моҳу чанд рӯз роҳ гаштем. Шабу рӯз алаф ва гиёҳ хӯрдем. Аз тарси ҷон ба ҳеҷ ободоние нарафтаем... Ин аст ҳоли ман ва амволи ман...»

Вақте ки ҷавон ҳикояташро ба охир расонид (хоҷасагпараст мегӯяд) дилам ба ӯ сӯхт ва ӯро нигоҳ дошта, аввал имтиҳон кардам. Баъд аз он ки аз ҳама ҷиҳат озмудам, нозири саркори худ кардам ва дар ҳар ҳолат мӯнис ва ҳаммаҷлиси худ сохтам. Занаш бо шаҳзодахоним ҳамсӯҳбат

буд. Муддате бо ҳамин ҳол гузашт. Шоҳзодахоним ду-се фарзанд кард. Вале баъзе дар тифлӣ ва баъзе баъд мурда рафтанд. Шоҳзодахоним ҳам баъд аз чанд сол вафот кард. Айш бар ман талх шуд. Мулки фаранг бе ӯ ба ман хуш наменамуд. Ниҳоят ба подшоҳ арз карда вазифаи шоҳбандариро ба он ҷавон гирифта додам ва худ рухсат талабида, бародарон ва сагро гирифта равон шудам. Чун ба вилоят Аҷам расидам, аз ҷиҳати ин ки касе аз фаъол ва кирдори бародаронам огоҳӣ наёбад, нанги сагпарастиро бар худ писандидам. Муддатест, ки дар Аҷам истиқомат дорам, то ҳол ки ба далолати ин «писар» ба хизмати подшоҳ мушарраф гардида, аҳволи худро баён кардам.

Дарвешон! Ман аз хоҷазода пурсидам, ки:

– Ту аз мардуми кадом вилоятӣ?

Вай таъзим карду зинҳор (амон) талабид ва баъд аз он гуфт:

– Шаҳрёро, давлатат безавол бод! Камина духтари ҳамон вазирам, ки пеш аз ин подшоҳ ба он пири бегуноҳ хашм намуда, ҳабс карда буд. Вай ба ғайр аз ман фарзанде надошт. Бинобар он ба худ лозим донистам, ки ба халос кардани вай кӯшам ва пинҳон аз дастгирон ба Нишопур рафта ин мардро ба назди шумо овардам. Акнун ихтиёр дар дасти шумост.

Чун духтари вазир будани вай маълум шуд, хоҷа оҳи дарднок кашид ва беҳуд шуд. Вақте ки ба ҳуш омад, гуфт:

– Дареғ, ки ранҷам беҳуда ва зоеъ шуд! Дареғ, ки дар охири пирӣ ранҷи сафар кашидам ва пардаи худро даридам ва ба мақсад нарасидам...

Ба ӯ гуфтам:

– Мақсадат чӣ буд?

Ӯ гуфт:

– Подшоҳо! Азбаски фарзанд надоштам, ӯро ба фарзандӣ мехостам. Ана, ин ҳам аз найрангбозии рӯзгор гурге ба либоси барра будааст.

Дарвешон! Ба аҳволи он марди корафтода дилам сӯхт. Ӯро ба пешам чег зада ба гӯшаш муждаи васли он моҳвашро гуфтам. Ӯ як дараҷа таскин ёфт. Баъд фармудам, духтарро ба ҳарам бурданд. Барои падари духтар аспу либоси нав фиристодам ва аз зиндон ба ҳаммом бурда бо иззати тамом ба

даргоҳ оваронидам. Худам то дари даргоҳ рафта, ӯро пешвоз гирифтам ва падарвораш ба бар кашидам, дасташро бӯсидам ва аз сари нав ӯро боз ба мансаби вазирӣ барқарор намудам. Ба хоҷа хилъат ва мансаб инъом намудам ва шаҳрро оинабандӣ карда, дар соати нек никоҳ кунонда духтари вазирро ба хоҷа додам. Хоҷа чанд гоҳ бо он духтар зиндагӣ кард. Ду писар ва як духтар аз ӯ монд. Ҳоло яке аз писарони вай маликуттуҷҷор ва дигараш хазинадор аст...

Дарвешон! Мақсад аз ин нақл он буд, ки чун шаби гузашта саргузашти дуи шуморо шунидам ва мехостам, ки шумо ҷуръат пайдо карда, ду нафари дигаратон ҳам, нақли худро бигӯед. Чунон тасаввур кунед, ки дар чортоқ нишастаед ва ман ҳам яке аз шумоям...



## БАЁНИ САРГУЗАШТИ ДАРВЕШИ СЕЮМ

Дарвеши сеюм ба дузону даромада ҳамчун абри баҳорон сиришк аз дида борон гуфт:

– Шаҳрёро, ман аз аҳволи худ чӣ гӯям, ки номам гум бод!.. Банда подшоҳи мамлакат будам. Дар аввали ҷавонӣ ба тахти компронӣ салтанат мекардам. Рӯзе нишаста будам, хосон дар атрофам ҳалқа баста, ҷаҳондидагон ва доноён аз хубиҳои ахлоқи гузаштагон нақл мекарданд. Дар бораи адолати Нӯшервон ва карами Ҳотам суханҳои бисёре гуфтанд. Яке аз надимон ҳикояти карам ва ҷавонмардии Ҳотамро ривоят карда, гуфт:

– Вай аз қабилаи Банӣ Тай буд. Азбаски хубӣ ва некиро ба худ шиор карда буд, мардум аз ҳар тараф ба гирдаш ғун шуданд ва ӯро ба сардорӣ интихоб карданд. Сифати некӣ ва бузургии ӯ ба олам паҳн шудан гирифт. Аз ҷумлаи карами вай ин аст, ки як бор Нӯфал бинни Ҳомон ном сардори қабилаи

Банӣ Омир ба қабилаи Банӣ Тай тохт ва сарварии онро хост. Ҳотам ин хабарро шунида, барои он ки ба сабаби ӯ хуни мардум рехта нашавад, танҳо гурехта, пинҳон шуд. Нӯфал бе ҷангу ҷидол мулку моли Ҳотамро ба даст гирифт, дар саропардаи Ҳотам нишаст ва мунодӣ[1] фармуд, ки ҳар кас Ҳотамро, ё хабари ӯро биёрад, сад динор мегирад. Ин ваъдаро шунида барои ёфтани Ҳотам ба ҳар ҷонибу канор мардуми бисёре паҳн шуда рафтанд. Аммо он рӯз то шаб ӯро наёфтанд. Дар ин дам Ҳотам дар ғоре пинҳон шуда хоб мекард. Ҳамин ки шаб мешавад, пирмарде бо пирзане ва ду тифл ба даруни ғор медароянд. Гӯё он ғор мақоми мукаррариашон будааст. Баъд оташ афрӯхта, бе хӯрдани хӯроке мехобанд. Зан ба мард мегӯяд:

«Имрӯз чаро ҳезуми худро нафурӯхтӣ ва барои бачаҳо нон наовардӣ?».

«Нӯфали омирӣ, ба сари қабилаи Банӣ Тай тохт оварда Ҳотам гурехтааст. Ба он сабаб мардум шӯрида ва ошуфта буданд. Касе парвои ҳезум харидан надошт. Нӯфал мунодӣ додааст, ки ҳар кас Ҳотамро биёрад, ба ӯ инъом медиҳам. Бисёрии одамон ба ёфтани Ҳотам саргардон».

Зан оҳ кашида, мегӯяд:

«Кошкӣ, дар куҷо будани Ҳотамро мо медонистем, ба Нӯфал нишон медодем ва аз ин гуруснагӣ ва бечорагӣ халос мешудем».

Ҳамаи ин суханҳоро аз дарунтари ғор истода Ҳотам мешунавад. Ҳамин ки рӯз мешавад, Ҳотам пеши он мард рафта салом мекунад. Пирамард баъд аз салом мепурсад, ки:

«Ту кистӣ? Чаро дар ин мағора пинҳон шудӣ?»

«Ман Ҳотам ҳастам» мегӯяд Ҳотам. Он мард ба пои ӯ афтода мегӯяд, ки:

«Э ҷавонмард, ҷонам фидои ту бод! Имрӯз вақти он нест, ки номи худро маълум кунӣ. Хеле касон ба гирифтани ту ҳаракат доранд ва Нӯфал барои душман ба қасди ту камар бастааст...»

Ҳотам мегӯяд, ки:

«Шунидаам, ки ҳар кас маро ба назди Нӯфал барад, ӯ ба вай аз рӯи ваъдааш зар ва хилъат медиҳад. Акнун ман

---

[1] Мунодӣ – ҷарчӣ.

мехоҳам, ки ту карам намуда, маро ба назди Нӯфал барӣ, то ки он чи ӯ ваъда кардааст, ба ту расад...

Он мард гиребонашро гирифта, тавба мекунад ва ин таклифро рад менамояд. Аммо Ҳотам аз ҳад зиёд ӯро танг мекунад ва ниҳоят мегӯяд, ки:

«Бо хушӣ маро гирифта бар! Албатта маро дастгир карда пеши Нӯфал хоҳанд бурд. Дар он вақт мегӯям, ки фалонӣ маро ба тахти ҳимояти худ дошта буд. Медонӣ, ки ин барои ту хуб нест».

Он мард дармонда, ночор пеш медарояд ва Ҳотам аз дунболи ӯ равона мешавад. Иттифоқо, дар он водӣ халқи бисёре ба ҷустуҷӯи Ҳотам ба ҳар тараф дар такопӯ[1] буданд. Ду нафари онҳо расида Ҳотамро мегиранд. Инчунин дигарон ӯро иҳота мекунанд. Вақте ба саропардаи Нӯфал мерасанд, қариб панҷсад кас ба овардани Ҳотам даъвогар мешаванд. Нӯфал чун қасам хӯрда буд, ки албатта оварандаи Ҳотамро сарафроз мекунад, аз ин ҳол ҳайрон мешавад.

Дар ин дам марди ҷаҳондидае мегӯяд, ки ҳақиқатро аз худи Ҳотам пурс, ки ӯ рост мегӯяд. Нӯфал аз Ҳотам мепурсад. Ӯ мегӯяд:

«Инҳо ҳама дурӯғ мегӯянд. Маро як пирамард, ки фалон сифатҳоро дорад, гирифта овард.

Чун пирро суроғ мекунанд, дар дунболи халқ ӯро синакӯбон ва гирён меёбанд. Ӯро ба назди Нӯфал меоранд. Нӯфал аз вай воқеаро мепурсад. Он мард сӯҳбати шабона ва муомилаи рӯзонаро ба тафсил мегӯяд. Нӯфал аз шунидани он фикр карда, ба андеша меафтад ки «ин тавр одамро, ки ҷони худро ба як дарвеш фидо мекунад, куштан, ба ӯ душманӣ кардан, нашояд!» бинобар он аз ҷо бархоста, ба дасту пои Ҳотам меафтад ва ӯро ба ҷои худ шинонда, худаш даст пеш гирифта меистад.

Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр, зинда кунад номро!

Шаҳрёро! Чун ин ҳикоя шунидам, ба худ гуфтам ки «Ҳотам бо риши сафед ва чанд хонаи араб машҳур гашт, ту

[1] Такопӯ – давида кофтан; рафта кофтуковкунӣ, рафта ҷустуҷӯнамоӣ.

подшоҳи зарринсипар ва сулаймонфар бошиву аз ин ном маҳрум бошӣ: зиҳӣ тундрӯӣ ва камбахтӣ! Муддате дар ин фикр будам. Ниҳоят як иморат созондам, ки чил дар дошт ва хеле васеъ буд. Инчунин фармудам, ки барои хайрот ба вазни якмисқолӣ тилло сикка зананд. Рӯзҳо аксар вакт дар он иморат менишастам ва аз ҳар дар ятиме, ғарибе ва ё гадое меомад, ба ӯ як дона тилло медодам ва аз ин корам хурсанд будам. Рӯзе аввали рӯз дар он ҷо нишаста хурсанд ва хуррам будам, ки ногоҳ қаландаре аз як дар даромада «шайъанлилло»[1] кашид. Ӯро пеш талабидам, ӯ домани ҷомаи худро пеш дошт. Ман диноре ба доманаш партофтам. Вай дуо гуфта берун рафт ва боз аз дари дигар даромад; боз як динор додам, вай боз баромада, аз дари дигар даромад ва ҳамчунин дарҳоро як-як гардида, аз ҳар даре як динор мегирифт, то ки боз аз дари аввал омад ва ҳамчунон доман дар даст дошт, маро аз ӯ бад омад, гуфтам:

– Э нодарвеш! Ин исму либос ба ту ҳаром аст. Ҳоло гӯшмоле аз марде нахӯрдаӣ ва хизмати пире накардаӣ. Ин чӣ ҳирс аст, ки ту дорӣ! Дар тазкираи фуқаро шунидаам, ки дарвеше агар фулусе дошта бошад ва ба ӯ лозим набошад, инчунин дарвеши дигар ёфт нашавад, бояд партояд. Ту алхол чил динор дорӣ ва боз аз гадоӣ даст намекашӣ. Ман дигар туро мустаҳиқ[2] намедонам ва чизе намедиҳам.

Дарвеш ин суханони итобомези маро шунида, ба сӯи ман бо ғазаб нигоҳ кард ва гуфт:

– Э бандаи Худо! Агар ман хизмати пире накарда бошам, ту аз карам бӯе набурдаӣ ва камҳиммат ҳастӣ. Агар мехоҳӣ, ки номат ба қатори каримон гузарад, ба Басра рафта ин корро аз духтаре ки мансуб ба хонадони баромика аст, биёмӯз, баъд аз он биншин ва номи нек андӯз. Агар ин чанд динор ба ту қадр дошта бошад, ба ман қадр надорад:

> Дарёдилему дидаи мо маъдани дур аст,
> Гар дасти мо тиҳист, вале чашми мо пур аст!

---

[1] Шайъан-лилло – чизе барои Худо. Дар ин ҷо ба маънии фарёди гадоёна барои талаби чизе.
[2] Мустаҳиқ – лоиқ, муносиб, ҳақдор, соҳибҳақ.

Баъд аз ин сухан зарҳоро ба замин афшонду даст ба тарафи доман зада бадар рафт. Чун он подшоҳи мулки форс маро танбеҳе кард, ман нахостам, ки ба нохуни ҷавр захми дилаш харошида бошад. Ба узрхоҳӣ бархостам ва аз дунболаш рафтам, ҳарчанд ки хостам баргардад, розӣ нашуд ва ман розӣ будам, ки ҳар чи хоҳад ба ӯ диҳам ва охир қасам ёд кард, ки «гар подшоҳии худро ба ман бахшӣ, пас намегардам...». Баъд аз ин вай рафт.

Шаҳрёро! Сухани ӯ ба ман бисёр асар кард. Ҳарчанд кӯшидам, ки шояд аз он фикр раҳои ёбам, муяссар нашуд. Шабу рӯз дар баҳри хаёл ғӯтавар ва бе хӯру хоб будам. То охир раъям ба он қарор гирифт, ки ба Басра равам ва он духтареро, ки дарвеш таъриф мекард, бинам. Дар ин бора бо вазири худ маслиҳат кардам. Вай гуфт, ки:

– Ин кор аз подшоҳон айб аст, ки ба гуфтаи қаландари бесару по чунин ҳаракати беҷо кунанд ва ба гуфтаи дурӯғи маҳзи ӯ амал намоянд.

Гуфтам:

– Ба қавли ӯ амал накардам, вале сухани акобирро ҳақ донистам. Мехоҳам, ки маро монеъ нашавӣ...

Вазир гуфт:

– Чун азми сайри Басра кунӣ, чанд нафар аз сайёҳон ва хосонро ба рикоби худ бар.

– Не, ин сухан хилофи раъй ва тадбир аст. Агар ман бо хайлу ҳашам ба ҳар ҷо, ки расам, калонҳои он ҷоҳо пешкаш ва ҳадя мефиристонанд ва агар дар ин сурат сад ҳазор бахшиш кунанд, ҳамоно ки чашмдошти дучандон аз ман дошта бошанд. Ман қаландар – дарвеш шуда меравам. Аз ту мехоҳам, ки ба ваколат ба ҷои ман нишинӣ ва раиятро наёзорӣ, халқро ба қадри тавон аз худ хушнуд бидорӣ; агар бимирам, давлат ба ту боқӣ бод.

Баъд аз он бо баҳонаи шикорравӣ ӯро ба ҷои худ шинондам, умароро ба итоати ӯ фармудам, худам бо чанд нафар ба саҳро рафтам. Дар саҳро чандон сабр карда истодам, ки вай сарриштаи маҳоми[1] мамлакатро ба даст гирифта, ҳама халқро мутеъ ва фармонбардори худ гардонид. Баъд аз ин як шаб

[1] Маҳом – корҳои муҳим, муҳимҳо ҷамъи муҳим.

тағйири либос намуда, мушге дирҳам[1] ва динор, инчунин чанд дона дурри шоҳвор[2] бо худ гирифта, ба шакли қаландарон танҳо сар ба саҳро ниҳодам. Мулк ва подшоҳиро бар ҷо гузошта, ба ҷониби Басра равон шудам. Дар байни роҳ ҳеҷ воқеае рӯй надод, ки қобили арз бошад. Ниҳоят рӯзе ба Басра даромада рафтам, ба хиёбоне расидам. Дар миёни хиёбон қасри шоҳонае дидам, ки дарашро аз тилло сохта, бо ҷавоҳироти қиматбаҳо мурассаъ (нигинакорӣ) карда буданд. Дар рӯ ба рӯи он иморат лаҳзае истода, вазъи он иморатро тамошо карда аз он ҷо гузаштам. Чун қадре роҳ рафтам, овози кушода шудани дари он хона ба гӯшам расид ва аз ақиби ман касе давида мегуфт:

– Э марди азиз, э дарвеши сайёҳ, э меҳмон! Мебахшӣ, андак сабр кун, ки ман ба ту арз дорам.

Аз роҳ истода ба ӯ назар андохтам. Вай як марди хушсару либос буда, риши сафед ва дар даст асои мурассаъ дошт. Чун наздик омад, забон ба узрхоҳӣ кушода, гуфт:

– Э ёри азиз! Ман хизматтори дарвешонам, ин сарой меҳмонхона ва такягоҳи хоси онҳост. Илтимоси он дорам, ки қадам ранҷа фармой ва миннат бар ҷони ман гузорӣ ва маро дар назди маҳдума (бону)-амон шармсор нагардонӣ.

Бо ин суханҳо чандон таклиф ва зориву тавалло кард, ки ман розӣ шудам, бо вай ба хона рафта даромадам. Дидам боғи бисёр васее бо гулҳои алвон ва меваҳои гуногун ороста, ба наҳр ва ҷӯйҳои равон пероста...

Дидаро ранги сабзааш матлуб,
Бонги мурғаш фараҳфазои қулуб[3].

Иморати олӣ биное дар миёни он боғ воқеъ буд, ки аз диданаш чашмро сурур даст медод. Маро ба он иморат бурда шинонду икроми бисёр намуд. Баъд аз нишастанам зуд дар қадаҳи чинии фағфурӣ[4] шарбати қанду арақи бедмушк ҳозир карданд. Он мард ба таклифи тамом ба қадри хоҳиш ба ман

---

[1] Дирҳам – танга; 1/200 ва ё 1/400 тангаи исфаҳонӣ.
[2] Дурри шоҳвор – дурри бузург ва шоҳона.
[3] Қулуб – қалбҳо, дилҳо.
[4] Фағфурӣ – чинӣ.

нўшонид. Баъд аз қадаре дастурхон кашида шуд, нуқлу ҳалво ва нонҳои майда (кулча) ва меваҳои латиф ҳозир оварданд.

Ҳамаи ин чизҳо дар зарфҳои чинӣ, ғурӣ, фағфурӣ ва хитой буда, дастурхон зарбофт буд. Он марди мизбон бо ман дар сари хон нишаст ва ба ширинзабонии тамом он гуворхўришҳоро ба коми ман чошнибахш гардонид. Вақте ки дастухонро бардоштанд, зарфҳоро тоза пок карда ба каноре гузоштанд. Он мард то шаб маро бо ҳикояҳои аҷиб машғул дошт. Дар шаб боз дастурхон партофтанд ва чанд табақ таом оварданд. Ҳамаи он табақҳо аз нуқра буд. Чун таом хўрда шуд, зарфҳоро аз иморат берун бурданд. Баъд аз поси шаб рахти хоби акобирона партофтанд. Он мард маро таклифи хоб намуд.

Гуфтам:

– Э мард! Худо туро ҷазои хайр диҳад! Барои дарвешон ин навъ фарш дархўрд (муносиб) нест.

Ў гуфт:

– Э азиз, ба ҳар ҳол ба ту тааллуқ дорад, ихтиёр дорӣ.

Вай ба ду ходим супориш намуд, ки бедор ва аз меҳмон хабардор бошед! Баъд аз ин худаш ба хобгоҳ рафт. Ман ба дарёи ҳайрат ғўта хўрда такя намудам ва дар фикри он будам, ки оё ин мард кист?». Ин навъ ғарибнавозии ўро сабаб чист? Ходими бедордил ва соҳибфаросат тафаккури маро фаҳмид: омада дар пеши ман нишаст ва гуфт:

– Э дарвеш! Ин хона соҳибе дорад, ки бо хушахлоқӣ, карам ва сахо машҳура. Вай ҳаминро одат кардааст. Ин мард яке аз ходимон ва фармонбардорони вай аст.

Чун ин сухан шунидам, гуфтаи он дарвешро ба ёд овардам ва хотирҷамъ шуда ба хоб рафтам. Ҳамин ки рўз равшан шуд, ва хонсолори фалак гирдаи нони хуршедро ба канори осмон ҷо дод, он марди мизбон ба назди ман омад. Дарҳол дастурхон партофт ва меҳрубонӣ кард. Ман ҳарчанд рухсат талабидам, қабул накард ва гуфт:

– Э нури чашм! Мувофиқи фармудаи бонуи мо то се рўз бояд ҷо дар дидаи мо бидорӣ, баъд ихтиёрат, то ҳар вақт ки хоҳӣ ҳокимӣ. Вақте ки рафтанӣ шавӣ ё коре дошта бошӣ, ман ба бонуи худ арз мекунам, он чи фармояд, ба он амал мекунем.

Қисса кӯтоҳ, он се рӯз бад он тариқ он марди халиқ (хушхулқ) маро нигоҳ дошт ва дақиқае аз саъй ва хизматгузорӣ фурӯ нагузошт. Рӯзи чорӯм вақте ки офтоб баромада дунёро ба нури ҷамоли худ мунаввар гардонид, он мард боз монанди собиқ меҳрубонӣ ва мизбонӣ кардан гирифт. Ман шукр гуфта аз ӯ рухсат талабидам.

Ӯ гуфт:

– Э ёри азиз! Магар аз мо бандагон, камхизматӣ ва кӯтоҳӣ гузашт, ки ба табъи шариф гарон расидааст?

Гуфтам:

– Худо накунад, ки аз шумо ба ғайр аз меҳрубонӣ ва одамият ва эҳсону неъмат чизе кам надидаам... Аммо сабаб он аст, ки:

Матлаби марди мусофир ба ҷаҳон дидор аст!

Хусусан мақсад аз саёҳат ва сафари ман он аст, ки:

> Мо худ ба гарди домани марде намерасем!
> Шояд ки гарди домани марде ба мо расад!

Инро шунида, гуфт:

– Андак сабр кун, то ба арзи малика расонам ва изн ҳосил кунам. Акнун ки рафтанӣ ҳастӣ, ҳар чи ки дар ин иморат зарфи нуқра ва ғайра бошад, ба ту тааллуқ дорад. Ба фикри бурдани онҳо бош!

Гуфтам:

– Онҳоро ба куҷо барам?

Гуфт:

– Набурдан илоҷ надорад, агар инро бонуи мо шунавад, моро аз дараҷаи эътимоду ихтиёр ва эътибор дур меандозад. Бале, чун ту марди ғариб ҳастӣ ва ҷое надорӣ, он қадар метавонам, ки дар хонае гузорӣ ва қуфлу мӯҳр кунӣ, ки амонат бошад.

Чун якраҳагии ӯро дидам, ба маслиҳати ӯ амал кардам ва мунтазири рухсат будам. Дидам, ки чанд нафар аз дар даромада омаданд ва пеш-пеши онҳо ҳоҷасарои хушлибосе асои мурассаъ дар даст меомад. Вай наздик расида забон ба тавозӯ кушод ва гуфт:

– Э меҳмони азиз, ва э нури дидаи мо! Сабаби зудсайрӣ чист? Набояд ки маро аз ин файз маҳрум гардонӣ ва бояд ду

рӯзе қадам бар чашми ман дошта боши. Агар малика шунавад, ки меҳмоне омада ва аз мо даргузаштааст[1] вай аз мо дарнагузарад, балки сари мо бардорад.

Бо ин суханҳо, хоҳӣ-нахоҳӣ маро ба хонаи дигар бурд, ки дар қатори он хона буд. Ин хона низ ба сад зебу зинат ороста буд. Он хоҷа низ лозимаи мизбонӣ ва меҳрубонӣ то се рӯз баҷо овард. Дар муддати ин рӯзҳо ҳар он чи зарф, ки аз тилло ва нуқра буд, ҷамъ карданд. Рӯзи чорӯм хостам, ки берун равам, он хоҷа гуфт:

– Э мард, агар ҳоҷате дошта бошӣ, бигӯ, то ба малика арз кунам.

Шаҳрёро! Хаёл кардам, ки аз моли дунё ҳар чи хоҳиш кунам, мумкин аст. Аз он ҷо ки тамаъ ва зиёдталабӣ дар сиришти инсонӣ аст, ба худ қарор додам, ки хоҳиш ва хостгории маликаро намоям. Вале чун дар либоси фақирӣ ва дарвешӣ будам, бо худ гуфтам: «ин чӣ хоҳиши беҷост?». Боз гуфтам, ки «изҳори матлаб кунам, бинам, ки чӣ мешавад!». Бинобар он ба хоҷа гуфтам, ки:

–Ҳоҷате дорам, ба восита имкон надорад. Агар аз маслиҳат донед, хатчае нависам.

Гуфт:

– Хуб аст.

Ман ҳам коғаз гирифта баъд аз шукри неъмат навиштам:

«Бандаи ҳавохоҳро ба василае гузар ба ин шаҳр афтод ва ба сӯҳбати гумоштагони даргоҳи олия мушарраф гардидам, чанд рӯз ба сари хони эҳсони бепоён меҳмон будам. Асли мақсад ба омадани ин шаҳр ҳамин буд. Шукр, ки ба мақсад расидам, ва ҳар чи ки дар бораи атвори ин малика шунида будам, дидам. Алҳол мулозимони шумо мегӯянд, ки матлабе арз намо! Шукр ки ман ба моли дунё ҳоҷате надорам. Дар вилояти худ фармонраво ва соҳибихтиёрам. Азбаски медонам шеваи мардӣ ва карам баъд аз Ҳотам имрӯз ба шумо хос аст, такя бар он намуда, илтимос дорам, ки ба никоҳи ман дарой... узри густохии мо чандон ки густохии мост».

---

[1] Даргузаштан – ба маънои монда гузаштан, партофта рафтан. Аз мо даргузаштааст – яъне аз мо гузашта рафтааст, моро партофта гузаштааст, аз баҳри мо гузаштааст.

Хатро печонда, мӯҳр карда ба хоҷа додам ва ба ҳарам фиристодам. Баъд аз андак фурсат маро ба дари ҳарам чеғ заданд. Чун ба он ҷо рафтам, як тӯда хоҷасароён ва ришсафедонро дидам, ки ҳама саропо мурассаъ, саф зада истодаанд. Дар он ҷо дар болои курсие пирзани ҳаштод-навадсолае нишаста буд, ки саропо дар миёни дурру гавҳар ғӯта зада буд. Чун пеш рафтам, салом гуфтам, ба нармӣ ва меҳрубонӣ ҷавоби саломамро дода, ба нишастан таклиф намуд. Ман ба рӯи курсии дигар нишастам. Кампир забон ба меҳрубонӣ кушода, гуфт:

– Э ҷавон, хуш омадӣ! Ту магар маликаро хосткорӣ кардӣ?

Ман сари хиҷолат пеш афганда ҷавоб надодам.

Гуфт:

– Э ҷавон! Малика дуо мерасонад ва мегӯяд, ки маро аз шавҳар кардан оре нест. Ту матлабе дорӣ, ки ба шараф дуруст ва табиист. Дар ин боб туро мазаммате нест. Аммо таърифи худ намудан ва подшоҳии худро сутудан[1] беҷост. Зеро ки ба-нинавъи инсон аз ҷинси якдигаранд ва дар ҳақиқат:

> Ин хурду бузург, ки ба ном инсонанд,
> Дар дасти замона ҳамчу ангуштонанд;
> Имрӯз агар пасту баландӣ доранд,
> Фардо, ки бихобанд, ҳама яксонанд!

...Хуб аст, ман ҳам муддатест, ки ба шавҳаре чун ту муштоқам. Аммо ҳар занеро маҳре ва шарте ҳаст. Акнун, чунончи ту эҳтиёҷ ба мол надорӣ, шукр ки ман ҳам мол дорам. Маҳри ман ва шартҳои ман як чиз ва шарт аст, ки агар аз ӯҳдаи он баромада тавонӣ, ба никоҳи ту медароям...

– Он чӣ шарт аст, – гуфта пурсидам.

Доя гуфт:

– Ту имрӯз меҳмони ман ҳастӣ. Ман саволи туро ба малика арз мекунам, то яқин намояд ва баъд аз он гӯему шунавем.

Маро ба қабулхонаи ҳарам бурданд. Ришсафедон ва эшикоқоён, мӯътамадони хос бо ман ба сӯҳбат нишастанд. Доя ба ҳарам рафт. Баъд аз қадре берун баромада, ба сӯҳбати мо нишаст... чун таом хӯрда шуд, доя гуфт:

---

[1] Сутудан – таъриф кардан, хубии чизе ва касеро гуфтан.

– Э ҷавон! Ҳоло маликаи мо номзади туст, ба шарти он ки аз ӯҳдаи шартҳои ӯ бароӣ.

Гуфтам:

– Бифармоед, ки шартҳои малика чист?

Доя гуфт:

– Беҳрӯзро ҷег занед!

Ходимон ба талаби ӯ рафтанд; баъд аз қадре мардеро оварданд, ки либоси акобирона пӯшида буд ва қариб ҳазор калиди тилло ба миён овехта дошта, ки ҳар як калид аломати як хазина буд. Он мардро ба паҳлӯи ман ҷо доданд.

Доя гуфт:

– Беҳрӯз! Ҳар чи ки дар вилояти Нимрӯз дида бошӣ, ба ин ҷавон нақл кун.

Он мард ба ҷониби ман рӯ гардонда гуфт:

– Э ҷавон! Бидон ва огоҳ бош, ки махдумаи мо ҳазор ғуломи тоҷир дорад, ки камтарини онҳо ман мебошам. Бонуи мо ба ҳамаамон сармоя дода ба атрофи олам – ба Рум, ба Шом, ба Ҳалаб, ба Мағриб[1], ба Фаранг, ба Хитой ва Хутан, ба Чину Мочин ва ба Бадахшон ва ба тамоми диёри Шарқ ба тиҷорат мефиристонад, мо ба ҳар тараф сафар мекунем. Аксар вақт як сафари мо ба чанд сол мекашад ва ҳар гоҳ аз сафар боз оем, малика аз мо намепурсад, ки ба куҷо рафтед ва чӣ овардед, вай аз мо тарз ва вазъи он вилоятро, ки рафта дидаем, аз аҷоиб ва ғароиби сафар ва аз он чи дида бошем, мепурсид. Армуғоне, ки барои малика меорем, ҳамон аст.

Чанд сол пеш аз ин гузори ман ба шаҳри Нимрӯз афтод ва тамоми мардуми он шаҳрро сиёҳпӯш дидам. Аз ҳар кас, ки сабаби онро пурсидам, ҷавоби маъқуле нашунидам. Чанд рӯз гузашту моҳ нав шуд, субҳи рӯзи аввали моҳ ҳамин ки офтоб баромад, халқ ба ҳаяҷон омаданд. Аз ҳар кас, ки пурсидам, сабаб ҷустам, ҳеҷ кас ба ман аҳамият надод. Танҳо марди дарвозабон гуфт, ки «Ту ҳам биё, то бидонӣ ки чист!». Ман бо онҳо равон шудам. Дидам, ки халқи шаҳр, хурду калон давон-давон аз дарвозаи шаҳр, ки ба тарафи машриқ буд, берун омаданд ва чоряки фарсах роҳ рафта, ба саҳрои васее расиданд. Дар рӯ ба рӯй наистоне менамуд. Тамоми мардуми

[1] Мағриб – ба маънои мамлакатҳои қитъаи Африка.

сиёҳпӯш дар он ҷо саф кашида истоданд ва маълум буд, ки интизорӣ мекашанд. Чун се соат аз рӯз гузашт, наистон барҳам хӯрда[1] ҷавони шерсавлате омада баромад, ки ба гови зарде зини тилло ва лаҷоми мурассаъ зада савор шудааст. Он ҷавон ба тан ҳафтони суфи мушкин пӯшида, шамшери бароки муррассае ҳамоил карда, камарбанди сафед ба камар баста буд. Мӯи сар ба камар расида, парешон ба ҳар ҷониб афтода, ду чашм чун тоси пурхун, ҷӯшон ва хурӯшон, чун баҳр кафк бар лаб оварда буд... Як ғуломи чордаҳсола, аз ақиби ӯ меомад, вай чизеро ба ду даст бардошта меовард.

Чун он ҷавон як тирпарто роҳ ба халоиқ расида буд, ки аз гов пиёда шуд ва ҷилави онро ба банди даст дошта шамшер бараҳна сохт ва якзону шуда нишаст. Мувофиқи ишораи вай, ғулом ба наздики мардум омад ва чизе, ки дар даст дошт, ба мардум менамуд. Ҳама тамошо карда таҳсин менамуданд. То ки ба ман расид. Дидам, ки мартабони[2] чинӣ аст, дар он нихоли сарвро бо роҳи заргарӣ бо ҳунари зиёд сохта ва онро аз зумуррад мурассаъ карда буданд. Ҳақиқатан чизи пурсанъат буд. Ғулом онро ба ҳама нишон дода ба назди он ҷавон баргашт. Вай аз ҷо ҷасту мартабонро гирифта, бар замин зад, ки реза-реза шуд, баъд чунон шамшер ба гардани ғулом зад, ки сараш ба даҳ қадам дур афтод. Аммо худаш ба ҳамон тариқ нишаста, ба нолаву фиғон даромад ва ин ду байтро хонд:

> Аз хасмии[3] рӯзгор зеру забарам,
> Хоҳӣ, чи куни фалак аз ин бештарам?
> Ё фарши замин зи зери поям барчин,
> Ё чатри фалак бибар зи болои сарам!

Ҷавон он қадар нолид, он қадар гирист, ки реги биёбонро ба ҷӯш, халқи ҷаҳонро дар хурӯш овард, моҳиёни дарёро бетоб ва мурғони ҳаворо кабоб кард. Баъд аз он ки заминро аз оби дида

---

[1] Наистон барҳам хӯрда – яъне наистон ҷунбиш карда, найҳо ба якдигар расида.

[2] Мартабон – зарфи лӯндаи даҳантанг аст, ки аз чинӣ, шишаи махсус ва сафол сохта мешавад.

[3] Хасм – 1) душман; 2) тарафи муқобил. Аз хасмии рӯзгор – аз душманини рӯзгор.

гил кард, барчасту ба гов савор шуд ва аз ҳамон роҳ баргашт. То асараш пайдо буд, халқ гирён буданд ва чун аз назар пинҳон шуд, мардум бо чашми гирён ва синаи бирён баргаштанд. Ман аз ҳар гӯша ва канор тафтиш намудам, пурсидам, ки он ҷавон кист ва он шӯридагиаш аз баҳри чист? Ҳарчанд мардумро ба зар фирефта кардам, аммо кайфияти он ҷавонро нагуфтанд. «Ҳамин қадар медонем, ки – гуфтанд, – сиёҳпӯшии раият ба мутобаати подшоҳ аст, дигар намедонем!».

Муддате дар он шаҳр гаштам ва дар аввали рӯзи ҳар моҳ ин муомиларо медидам. Баъд аз он ки аз сафар боз омадем ва ба хизмати малика мушарраф шудем, вай аз аҷоиботи он сафар пурсид. Ман ҳамин ҳикояро баён кардам. Малика ба сухани ман бовар накарда, яке аз ғуломони мӯътабарро ба он вилоят фиристод. Ва фармон дод, ки агар ин ҳикоят ҳақиқат бошад, ба ҳар роҳ, ки тавонад сабаби онро фаҳмида бозгардад. Он ғулом рафта дид ва муддати зиёд дар он шаҳр саргардон буд. Умраш ба таҳқиқ кардани ин аҳвол вафо нанамуд. Мулозимон ва одамони ӯ чун баргаштанд, аризаи ӯро ба малика расонданд. Вай навишта буд, ки «он ҳикоя рост аст, аммо таҳқиқи асли воқеа амри мушкил... Ман умрамро ба бандагии остон додам (яъне мурдам), боқӣ ихтиёр ба шумост!».

Баъд аз он доя гуфт, ки:

– Э ҷавон! Шунидӣ! Инак шартҳои маликаи мо он аст, ки ба он вилоят равӣ ва таҳқиқ кунӣ ки он ҷавони говсавор кист ва ба халқ мартабонро намуда шикастан ва куштани ғулом аз баҳри чист? Он ҷавонро маскан куҷост? Саворан гов чарост? Ва халқи он шаҳр чаро сиёҳпӯшанд ва дар аввали моҳ чунон дар ҷӯшу хурӯшанд? Агар аз ӯҳдаи он баромадӣ, ба матлаб расидӣ, в-агарна, сари худ гиру бирав!..

Гуфтам:

– Меравам, ё ба мурод бар сари гардун по мениҳам, ё дар ғами ишқи малика ҷон медиҳам!

Ман ғоибона он қадар шавқи мулоқоти он зубдаи хубонро доштам, ки хабар аз сар надоштам...

Ба доя гуфтам:

– Ба малика арз дорам, ки бояд рӯ ба рӯ гӯям.

Доя ба ҳарам рафт арз намуд... Чун шаб шуд, маро ба ҳарам бурданд. Дидам хонаи бузург оро дода шуда, чароғон,

шамъҳои кофурӣ равшан ва гулъизорон саф бастаанд. Малика дар паси дар нишаста буд. Маро ба курсие нишониданд. Ман арз намудам, ки:

– Мехостам аз куҷо будани ин ҳама хароҷотро бидонам.

Малика гуфт:

– Падари ман подшоҳи ин вилоят буд, ҳафт духтар дошт. Як рӯз ҷашн кард ва гуфт: «Агар ман подшоҳ намебудам, шуморо малика кӣ мегуфт?». Ман дар он вақт ҳафтсола будам. Гуфтам ки «Ман худ малика мебошам!». Ин сухани ман ба подшоҳ бад расид. Фармуд, ки инро бараҳна карда, ба рӯи намадпорчае шинонда, ба саҳро гузошта биёянд. Чокарҳо шабона маро ба саҳро монда баргаштанд. Чун субҳ шуд, бедор шуда дидам, ки бараҳна дар намадпорчае ҳастам. Ҳайрон шуда аз ҷо бархостам ва дар саҳро мегаштам, ки ба як марди фақир дучор шудам. Ӯ маро духтар гуфта (духтар хонда) дар саҳро нигоҳ дошт. Ҳар рӯз худаш ба шаҳр рафта, гадоӣ карда нон ёфта меовард. Як рӯз ба ман гуфт: – камтар заминро канда хокро тӯда кун, ки девор созам. Чун заминро кандам, дарвозае пайдо шуд. Он дарро во кардам, дар миёни ҳуҷраҳои зеризаминӣ зари беинтиҳо баромад. Ман як мушт зарро бароварда пинҳон кардам. Вақте ки фақир омад, гуфтам ки «аз шаҳр рафта меъморонро биёред, ки иҳота созанд». Ӯ рафта меъморон ва мардикоронро овард ва иҳотаро тайёр карданд. Баъд аз он фармудам, ки дар ин ҷо боғ ва ободонӣ намоянд ва ин шаҳрро шаҳри Малика гӯянд. Чун иморатҳо, боғҳо ва гулзорҳо бино шуд, овоза шуда рафт, ки маликае аз мулки хориҷа омада иморат сохта ва раият обод кардааст. Ин хабарро шунида подшоҳ хабар фиристод, ки «Маликаро гӯянд, орзуи дидани шуморо дорам». Арз кардам, ки «Биёянд, хона хонаи шумост». Шабона тайёрии зиёфатро кардам. Чун рӯз шуд, подшоҳ омад. Хони ҷавоҳирот пеш бурда, тасаддуқ кардам. Баъд худам ҳам омада салом додам ва бо адаби тамом истодам. Подшоҳ пурсид, ки «Малика аз кадом шаҳр меоянд?». Арз кардам, ки «Э падар, ман худам Малика мебошам!». Падарам бархоста, аз пешонаам бӯсид ва ҳамроҳи худ гирифта, назди модарам овард. Падарам чун вафот кард, ман ба ҷои ӯ ба тахт нишаста подшоҳӣ мекунам. Кайфият ин аст. Ҳоло бирав, зиёда аз ин дарди сар надеҳ!

Чун роҳӣ шудам, дар ҳеҷ манзиле наистодам. Муддати як сол пои саломат бар санги маломат мезадам ва сахтии ранҷ мекашидам... то ки ба он вилоят расидам.

Шаҳрёро! Агар шарҳ диҳам, ки дар он роҳ чӣ дидам ва чӣ кашидам, боиси дарозии сухан мешавад. Боре, чун дохили он шаҳр шудам, мардуми он шаҳрро ба он сифат дидам, ки аз он мард дар Басра шунида будам. Чун моҳ нав шуд, рӯзи аввали моҳ ба дастури мазкур аз унос ва зукур (зану мард – ҳама) ба саҳро рафтанд. Ман ҳам бо онҳо будам ва тамошо мекардам. Ниҳоят он ҷавони говсавор омад...

Аз дидани аҳволи он ҷавон ва шунидани сухан ва чолокии ҳаракати ӯ аз ҳуш рафтам. Чун ба ҳуш омадам, он ҷавон рафта буд ва халқ бармегаштанд. Боре, ноилоҷ шуда ба шаҳр баргаштам ва то муддате шабу рӯз мешумурдам ва ҳар нафасе ба соле баробар буд... Боре ба сад хориву зорӣ он моҳро ҳам ба охир расонидам. Дар рӯзи аввали моҳи нав ба саҳро рафтам ва он ҷавонро ба қоидаи мазкур дидам, ба ҳоли он дилсӯхта гиря кардам. То он ки баъд аз гиря карда шудан он ҷавон майли саворӣ намуда баргардид ва аз сафи халоиқ ҷудо гардид. Ман ба ақиби ӯ давидам. Ҳамон дам чанд нафар маро гирифта нагузоштанд. Э аҷалрасида, – гуфтанд онҳо, – аз паси инчунин бало кӣ рафтааст? Магар ту аз ҳаёти худ сер шудай?». Ҳарчанд хостам, ки раҳоӣ ёбам ва аз дунболи ӯ равам ва бинам, ки ба куҷо меравад; шояд ба як роҳе маълум карда тавонам, ки ӯ кист ва чикора? Аммо муяссар нашуд. Боз ба шаҳр баргаштам ва ғуссаи бисёре хӯрдам, тарки хобу хӯр кардам. То аввали моҳи дигар аз бемадорӣ чун ҳилол (чун моҳи нав) гаштам. Чун моҳро нав кардам, ба худ андешидам, ки фардо боз ҳамон муомила хоҳад буд. Фикри дуруст бояд кард, ки касе хабардор нашавад ва монеъ нагардад. Охир раъям ба он қарор гирифт, ки дар шаб аз шаҳр берун омада ба миёни наистон, ки дар сари роҳи он ҷавон буд, рафта нишастам... Мунтазир нишаста будам, ки он ҷавон ба суръати тамом ба ҷои муқаррарӣ рафт ва корҳои аз ин пеш кардагиашро карда бозгашт. Ман ҳам бархоста аз паси ӯ равон шудам. Ҷавон говро ба суръат метохт. Чун қадаме чанд аз паси ӯ рафтам, вай фаҳмид, ки аз ақиби ӯ касе меояд. Бинобар он ҷилав баргардонид. Чун маро дид, наърае зада дар хашм шуд ва кафк бар лаб

оварда, шамшер кашида, говро ҷониби ман ронд. Ман бо худ гуфтам: «кушта шуданро омода бош, ки ҷои гурез нест!..». Боз фикр кардам ки «кори девона чаппа аст. Аз зери теғи ӯ гурехтан хуб нест ва дуруст нест. Зеро ки далертар мешавад...». Боре карор бар фирор[1] ихтиёр кардам ва аз кисаам ҷавзе – муносиби ҳоли дарвешон бароварда ба кафи даст гирифтам ва пеш бурдам ва гардан баркашида, таслими теғи он шерсавлат гаштам. Ӯ бо тундӣ ва салобати тамом меомад. Ҳамин ки расид, маро ба он ҳол дид ва даст нигоҳ дошта, гуфт:

– Э вой, дарвеш будай! – ва теғро ба ғилоф карда гуфт: – лаънат ба шайтони гумроҳ!

Вай аз камараш ханҷарро кашида, ба сӯи ман андохт ва гуфт:

– Э аҷалгирифта! Бигард, ки муфт кушта шуда будӣ!

Шаҳрёро! Гӯё маро сеҳр карда буданд, ки ёрои гуфтор ва пои рафтор набуд. Он ҷавон боз ба роҳаш давом кард. Чун кадаре рафт, кариб буд, ки аз назар пинҳон шавад, ман якбора ба худ омада ва ба худ гуфтам, ки «акнун бармегардӣ? Ин камоли беҳимматӣ ва норасоист! Илоҷ ҷуз ин нест, ки боз аз дунболи максад равӣ. Ё кушта шавӣ, ё ба матлаб расӣ». Бо ин андеша аз паси он ҷавон равон шудам:

Ҳарчанд даруни парда роҳат надиҳанд,
Навмед мебошу ҳалкае бар дар зан!

Он ҷавон боз аз ман хабардор шуда, ба навъе говро ба ҷониби ман тохт ва шамшер ба касди ман андохт, ки маргро аён дар дами ӯ дидам ва гуфтам:

– Э марди мардона! Зарби шамшери худро аз ман дареғ надор. Маро аз ин ғаму ғусса ва биёбонгардӣ халос кун, бахилӣ накун!

Ин суханро шунида ба сӯи ман бо ғазаб нигоҳ карда сар ҷунбонид ва гуфт:

– Э золими бемурувват! Чаро мехоҳӣ, ки хун бар гардани ман гузорӣ... тарки ҷаҳл карда баргард, ки ин бор ҳам ҳуҷҷат бар ту тамом кардам.

---

[1] Фирор – гурехтан. Карор бар фирор ихтиёр кардан, яъне нагурехтан ва истоъан, карор додан.



Боз ҷилав баргардонида говро бо суръат ронда рафт. Ман боз аз дунболаш равон шудам ва ин мазмунро вирди забон сохтам:

Меравам то инони шаҳ гирам,
Кунам аз дасти хубрӯён дод.
Ақл гӯяд, марав, ки натвонӣ,
Ишқ гӯяд, ки ҳар чи бодо бод!

Он ҷавон дар арзи роҳ харчанд маро аз гӯшаи чашм дид ва дида нодида ангошт ва худро бад-он надошт. Қариб ду фарсанг роҳ гаштем, ки девори боғе намудор шуд. Он ҷавон чун ба дари боғ расид, аз ҷигар чунон наъра кашид, ки он ҳисор ва атрофи он ларзид. Дари боғро кушоданд, он ҷавон говро ба дарун тохт. Ман дар берун мутафаккир ва ҳайрон истода будам, ки ғуломе берун омад ва маро пеш талабида, гуфт:

– Э аҷалгирифта! Аз куҷо дучори ин девонаи хунхор шудай?

Гуфтам:

– Қисмат чунин буд.

Гуфт:

– Ҳоло биё, ки туро металабад. Худо раҳмат (ба ту раҳмат) кунад ва аз шарри ин заҳмат нигоҳ дорад.

Чун ба дарун рафтам, боғе дидам хуррам ва ободон... Шаҳрёро! Забон аз таърифи он оҷиз аст. Дар миёни боғ иморати олибино дидам, ки шарафааш бо ғурфаи моҳ баробарӣ мекард. Дар он ҷо шаҳнишини васее буд; он ҷавон бо дили ғамгин дар он шаҳнишин нишаста, дар пешаш натъ[1] паҳн карда, авзори заргарӣ ба рӯи натъе рехта, мартабони дигар дар он буд... Он ҷавон як-як зумуррад дар миёни мартабон ба кор мебурд. Ғулом маро ишора ба нишастан кард. Нишастам ва хомӯш мондам. Он ҷавон ба сохтани мартабон машғул шуда, ба касе аҳамият намедод, то ин ки рӯз ба охир расид; даст аз кор кашид ва сар бароварда чунон бадард хурӯшид, ки тамоми он боғ биларзид. Ғуломон ва парасторон ба ҳар тараф гурехтанд. Бар даври шаҳнишин ҳуҷраҳои бисёр буд. Ман ҳам, чун чунон дидам, ба ҳуҷрае хазидам. Он ҷавон дарҳоро як-як баст ва

---

[1] Натъ – бисот ва фарши чармин.

ғурришкунон аз иморат ба зер равон шуд. Ҳуҷрае ки ман дар он ҷо будам, даре ба тарафи боғ дошт. Дар ақиби он ҳуҷра панҷарае буд, як чӯби он пӯсида афтода, чунон буд, ки аз он ҷо касе берун баромада метавонист, ман ба худ гуфтам ки «мебояд аз паи ин ҷавон рафт ва донист, ки ба куҷо ва аз барои чӣ меравад...» бинобар он баромадам. Аз кунҷи боғ нола ва фарёди гов ва садои чӯб заданро шунидам. Ба миёни дарахтон рафтам, ки касе маро набинад. Ҳамин ки наздик расидам, дидам ки он ҷавон чӯб кашида бар пушту паҳлӯи гов мезанад, гов нола мекунад. Ҷавон баъд аз он ки ба танг омад, чӯбро ба дур андохт ва аз киса калид бароварда, ба сӯи иморате, ки дар он ҷо буд, равон шуд ва қуфли онро кушода, худро ба тариқи мадҳушон ба дарун афканд. То аз шаб ним соат гузаштан дар он ҷо буд, гиря ва нола мекард, қурбон ва садқа мешуд. Ман ҷуръати пеш рафтан надоштам. Баъд аз он ки берун баромад, пеши гов рафта сару чашми онро бӯсид ва ба ӯ чун ба инсон узрхоҳӣ намуд; дасту пояшро пок карда, алафи бисёре пеш оварда партофт ва ба сӯи иморат равона шуд. Ман аз миёни дарахтон худро ба ҳуҷра расонидам ва дар гӯшае хобидам. Он ҷавон чун ба иморат омада даромад, дарҳоро як-як кушода фарёд кард:

– То кай мехобед, берун бароед.

Ғуломон берун давиданд, чароғ афрӯхта ба маҷлис оварданд. Вай боз фарёд карда, гуфт:

– Он дарвеши золим дар куҷост?

Ман берун давидам. Чун ба наздаш расидам, ишора ба нишастан кард. Хизматгорҳо таом оварданд, дастурхон партофтанд. Вай маро пеш талабида таклифи таом хӯрдан кард... Куҷо таом аз ҳалқи ман фурӯ мешуд?! Аммо ба ҳар тариқ, ки буд, чанд луқма хӯрдам. Чун дастурхонро бардоштанд, ғуломонро рухсат дод. Вакте ки маҷлис хилват шуд, рӯ ба ҷониби ман карду гуфт:

– Э мард! Барои Худо, бигӯй матлаби ту чист? Чаро ба абас ҳалокати худро мехоҳӣ ва ба чӣ сабаб аз паси ман меой? Медонам, ки то касеро корд ба устухон нарасад, маргро ба зиндагӣ намегузинад.[1] Маълум шуд, ки ту ҳам ба ватираи[1]

---

[1] Гузидан – интихоб кардан, хоста гирифтам. Намегузинад – интихоб намекунад.

ман беморӣ ва аз барои маслиҳате дар ин роҳ қадам мондай, ки ин сар дар ақиби ман гузоштай, албатта муддаое дорӣ. Ба мардони олам қасам, ки агар рост гӯӣ ва агар матлаи ту ба дасти ман бошад, барорам ва то ҷон дорам ҳамроҳӣ кунам. Агар дурӯғ гӯӣ ва аз дари ҳила дароӣ, ба ҷон амонат надиҳам.

Чун ин шунидам, ҷуръат карда тамоми саргузаштамро гуфтам. Чун сухани хоҳиш ва тааҷҷубқро дид, монанди абри навбаҳор гирист, биҷӯид ва бихурӯшид ва бехуд гардид. Сарашро ба канор гирифтам ва бо нармиву мулоямит ба ҳуш овардам. Чун ба ҳуш омад, гуфт:

– Э мард, ту наёмадай, магар ба харобии бунёди сабру ороми ман, омадай, ки маро аз биёбоннавардон кунӣ! Қасам ёд кардаам, ки мақсади туро раво кунам ва ба ҷон музояқа накунам[2]. Агар туро маҳрум гузорам, ҷавоби султони ишқро чӣ гӯям? Зеро ки қадри парешон, парешон донад! Хуб, аввал ту ба мақсади худ рас, то бинам, ки оқибати ман ба куҷо расад...

– Э бародар, бидон ва огоҳ бош, ки ман писари подшоҳи ин шаҳрам. Падарам ба ғайр аз ман фарзанде надорад. Маро ҳам солҳо умед ва орзу карда ёфтааст. Ба муждаи зоида шудани ман се сол хироҷ аз раият бармедорад ва коҳинон ва мунаҷҷимонро талабида аз толеъ ва аҳволиояндаи ман мепурсад. Онҳо баъд аз гирифтани иртифо[3] ва фикри бисёр арз мекунанд, ки «ин писарро то ба охири синни чордаҳсолагӣ қироне дар толеъ аст[4] ва он қирон ва рӯъияти[5] офтоб ва моҳтоб тавонад буд. Аглаби гумон он аст, ки то аз синни вай чордаҳ сол нагузарад, бояд офтоб ва моҳтобро набинад. Агар ин қирон аз вай гузарад, басо комрониҳо кунад. Ва илло ранҷҳо кашад ва мумкин аст, ки девона шавад, хун бисёр бирезад, аз одамон гурезад...». Э мард! Падаре, ки ба он ҳама

---

[1] Ватира – роҳ, тариқ, ҳол, тарз, равиш. Ба ватираи ман – дар ин ҷо ба маънои: ба ҳоли ман.

[2] Музояқа накардан – яъне дареғ надоштан.

[3] Иртифоъ – баландӣ; нуқтаи баланд. Др ин ҷо иртифоъ гирифтан – ба маънии баландиро санҷидан.

[4] Қироне дар толеъ будан – ба маънии хушбахтӣ, ё бадбахтӣ дар толеъ будан.

[5] Рӯъят – ба чашм дидан ва донистан.

орзу фарзандро мебинад, аз шунидани ин хабар чӣ мешавад? Ҳамон дам маро бо дояҳо ба зери замин мефиристад. Баъд аз он некандешон ва корпардозон машварат мекунанд, ки «будани ин тифл то чордаҳ сол дар зери замин дуруст нест». Баъд аз маслиҳат ба он қарор медиҳанд, ки дар беруни шаҳр боғи нав тартиб дода, ниҳоли бисёре мешинонанд ва деворашро бағоят баланд мекунанд, баъд болои боғро бо чорчӯбаҳо пӯшида, ба онҳо шишаҳои ғафси соф мегузаронанд. Аз болои он ҳам ба намадмолон намади махсус молонда мепартоянд, аз ҳар тараф домони онро маҳкам мекунанд. Баъд маро бо доя ва марде, ки адиби комил ва муҳандиси соҳибтабъ буд, ба он боғ мефиристонад.

Муддати ҳафт сол маро дар он ҷо парвариш мекунанд. Чун ба синни ҳаштсолагӣ расидам, он мард ба ман хондан ва навиштанро таълим дод. Ҳар моҳе як дам ғоиб мешуд. Ман намедонистам, ки ба куҷо меравад. Ва ҳол он ки вай ба назди падарам ва овардани озуқа мерафтааст.

Боз муддати панҷ соли дигар ба дарсхонӣ ва баҳс гузашт. Доно шудам, аз маънии китобҳо бохабар шудам. Аммо, чун ба ғайр аз муаллим ва доя касе ва сивои он боғ ҷоеро надида будам, он маконро биҳишт ва онҳоро Одаму Ҳаво медонистам.

Ҳар рӯз аз аввали рӯз дар боғ мегаштам, гули бисёр мечидам ва ба иморат мепошидам. Баъд ба мутолиа машғул мешудам. То он ки муаллим ба таълими ман менишаст.

Дар баҳори сенздаҳӯм, аввали рӯз ба дастури мазкур ба гул чидан рафтам. Гул чида гашта будам, ки ногоҳ дар канори боғ гули аҷиберо дидам, ки ҳаргиз ба он рангу бӯ гул надида будам. Даст бурдам ва нишастам, ки онро бичинам, аммо вай ғоиб шуд. Ҳайрон шудаму қад рост кардам, дида бар он гул дӯхта ва дил аз оташи ҳайрат сӯхта будам. Ҳар замон он гул бузургтар мешуд. Маро аз дидани он шӯру шавқе дар дил пайдо шуда, маҳви тамошо гардида будам, намедонистам, ки он чист. Ногоҳ аз боло овозе шунидам, ки ханда мекард. Сар боло кардам, ки бинам кист ва сақфи боғ шикофта шудааст. Сабаб он буд, ки чанд шудани он намад гузашта, барфу борон ва офтоб хӯрда, кӯҳна шуда буд. Ба иловаи он ниҳоли санавбар саркаш гашта, он намадро пора карда буд. Он гул, ки маро ба таааҷҷуб оварда буд, шӯълаи офтоб буда-

аст, ки ман ҳаргиз надида будам. Дар он дам тахте дар ҳаво дидам, ки ба дӯши чор нафар буд ва овози ханда аз болои тахт меомад. Онҳо ба тарафи замин мефуромаданд. Ман чашмамро аз онҳо наканда нигоҳ кардам. То ин ки ба замин расиданд, тахтро ба замин гузоштанд ва ба канор истоданд. Нозанинсанаме бар он тахт нишаста дидам, ки аз ҳуснаш боғ равшан мешуд.

Сарвқад, хушадо, камонабрӯ,
Маҳҷабин, симғабғабу гулрӯ.
Шӯхи бедодгар, паризоде,
Нигаҳ оҳуфиреб сайёде.
Ҷодуаш фитна, ғамзааш хунрез,
Мижа қаттолу зулф ғолиябез.
Гесувонаш каманди гардани дил,
Оҳувонаш ба корбурдани дил.
Ғабғабаш ҷонишини оби ҳаёт,
Шакарин пистааш чу ҳабби набот.
Даҳанаш ҳамчун ҳуққаи ёқут,
Намакин бӯсааш равонро қут.
Хол дар кунҷи он лабон чун қанд,
Буд аз баҳри захми чашмсипанд.
Лаби лаълаш чу ғунчаи хандон,
Силки гавҳар мисоли он дандон.
Синаи ҳамчу тахтае аз оҷ,
Оҳувонро аз ӯ ба гардан боҷ...

Нимтоҷи ҷавоҳиркорӣ ба сар ниҳода, ба тамкин ва виқор бар он тахт нишаста, минои мурассаъ[1] ва ҷоме аз як дона лаъл дар пеш дошт. Вақте ки маро ҳайрон дид, чун гули сероб хандид ва якбора намак бар ҷароҳатам пошид ва аз рӯи меҳрубонӣ маро пеш талабид. Саросемавор пеш давидам, пояи тахти ӯро бӯсидам. Он нозанин дасти мани ҳазинро гирифта дар пеши худ нишонид ва аз мино ҷоме пур карда нӯшид ва ҷоме ҳам аз он май ба ман бахшид ва рӯямро бӯсид. Баъд аз ғояти дилрабой гуфт:

---

[1] Минои мурассаъ – шишаи мурассаъ, шишаи маи рангин ва зарнигор.

– Ҳайф, ки одамизодро вафо нест. В-агарна дил ба меҳри ту мебастам...

Ман ёрои дам задан надоштам. Ҳамчунин он нозанин ду ҷоми дигар нӯшид ва ба ман дод. Ба ман ҳолати ғариб ва қуввати аҷиб рӯй дод. Наздик буд, ки аз хурсандӣ ва нишот ҷонам ҷон фано кунам ва худро гум карда будам. Соате шуд, ки ман мегиристам, ӯ табассум мекард ва рӯи маро мебӯсид. Ногоҳ чанд нафар аз ҷинси онҳо аз ҳаво расиданд, ва бо забони худ чизе гуфтанд. Он санам афрӯхта шуд, боз аз рӯи ман бӯсид ва маро аз тахт бар замин гузошт ва гуфт:

– Эй ёри азиз! Мехостам даме бо ту бошам, аммо рӯзгор нопойдор мебошад...

Рафтему доғи ҳаҷри ту бурдем ёдгор,
Бар ёди мо ту ҳам дили моро нигоҳ дор.

Боре, фаромӯш накун ва ҷоми бевафоӣ нӯш макун.

Забони ман ҳамин қадар ёрӣ кард, ки гуфтам:

– Э қиблаи дилу ҷон! Туро куҷо талаб кунам ва суроғи ту аз кӣ пурсам?

Вай гуфт:

– Ин кор аз ту дур аст, бори дигар мулоқот миёни мову ту амри маҳол аст ва одамизодро қуввати дарёфтани мо нест...

Гуфтам:

– Боре гӯй, ки гуле аз гулистони кистӣ ва сарве аз бӯстони чистӣ?

Гуфт:

– Подшоҳзодаи париёнам! – дар ин дам тахти ӯро ба ҳаво бурданд ва ман ба он маҳв гардидам. Ҳамин ҳисси босираам ба ҷо монда буд, ки он ҳам бар асари ӯ мебуд. Боқӣ ҷон монда буд, ки он ҳам бар ӯ медавид. Дигар дасту по, ақлу ҳуш аз забону гӯш аз кор монд.

Ақлу ҳушу хирадам рафт, чу дилдор бирафт,
Дастам аз кор фурӯ монд, дил аз кор бирафт!

Э дарвеш! Чӣ гӯям, аз ҳоли худ, ки надонам ба кадом забон тақрир кунам. Монанди тани беҷон, ошуфта ва парешон бар хок афтодам ва сиришк аз дида кушодам.

Доя ва муаллим баъди кофтукови бисёр, маро ба он ҳоли зор ёфтанд. Ҳарчанд муаллим бо ман сухан кард, аммо маро сари гуфтугӯ ва ҷавоб набуд. Лекин ашки-ғаммоз[1] ҳама ҷо ҳоли дил ба рӯям боз мегуфт[2].

Муаллим гуфт, ки албатта ӯро чин зарар расондааст. Дуову таъвиз[3] бар сарам хонд, аммо ба ҳоли ман суде надошт. Он рӯзу шабро бад-он тариқ гузаронидам. Чун он дардро чорае надиданд ва тамаъ аз ман бириданд, муаллим ба назди падарам рафт ва сурати ҳолро гуфт. Падарам инро шунида саросема ба боғ давид, маро ба он ҳол дид ва дар бар кашид, рухсорамро бӯсид. Ҳарчанд сухан мекард, аз ман ҷавобе намешунид. Дар охир амирҳо, вазирҳо, аркони давлат ва ҳукамо, фузало ва табибҳо даромаданд. Падарам аз ғояти изтироб ба онҳо зорӣ, беқарорӣ, ваъда, мужда ва таҳдид ва он чи бояд ва шояд, намуд... Боре чун кор аз даст рафта буд, маро ба шаҳр бурданд. Ман аз он вақт боз, ки гули офтобро дида будам, ҳар лаҳза аҷоиби дигар медидам. Аз ин боз ҳам ҳайронтар мешудам ва аз гиряву оҳ намеосудам, шабу рӯз дар ғусса ва ранҷ будам; рӯз ба рӯз зору назортар мешудам. Ҳакимҳо, табибҳо ба даво шарбат; уламо ва шайхҳо ба дуо ва таъвиз меафзуданд. Аммо онҳо саъйи беҷо ва бефоида менамуданд... Ҳеҷ кадомашон воқиф аз ҳоли дили ҳайрон ва дидаи гирёни ман набуданд. Ман, худам забони гуфтугӯ надоштам. То он ки се сол гузашт. Дар ин муддат шабу рӯз падарам ба андӯҳ буд. Дар ҳар вилоят, ки мешунид, ҳакиме ё марди доное ҳаст, ба ҳар тариқ, ки буд ҳозир менамуд, аз онҳо талабгори давои мани зор ва хостгори илоҷи дили бемор мешуд. Баъди давокунии бисёр, чун бӯи асар намешунид, ба ноком ва ночор маъюс мегардид...

Баъд аз се солу ним ба ин вилоят як тоҷир, ки ҷаҳонгашта ва аксар умр дар сафар гузаронида буд, омад. Азбаски одами

---

[1] Ғаммоз – ғайбаткунанда, гӯянда, сиркушоянда. Ашки ғаммоз ҳама ҷо – ашки сиркушоянда ҳама ҷо...

[2] Дар ин ҷо дар нусхаи дигар – дар нусхае, ки дар соли 1318 ҳиҷрӣ чоп шудааст, ба ҷои ин ҷумла «лекин ашк аз дида ба рӯям ҷорӣ буд» навишта шудааст, ки ҳамин дуруст барин менамояд. Аз муҳаррир.

[3] Таъвиз – тӯмор. Ба дуо ва таъвиз меафзуданд – ба дуо ва тӯмор меафзуданд.

машҳур буд, тӯҳфае чанд ба назди падарам ба расми армуғон (савғо) овард. Падарам аз вай ҳакими ҳозиқро ҷӯё шуд. Вай гуфт ки «дар Ҳиндустон як ҷазираи хушобу ҳаво ҳаст, ки ҷазираи Ҳаким меноманд. Зеро ҷӯгие дар он ҷазира боғе сохтааст, ки девори он ба фалак мерасад, ҳеҷ касро маҷоли ба он даромадан нест. Соле як бор табобат мекунад. Азбаски овозаи ӯ ба кулли Ҳиндустон ва Чину Хӯтан ва тамоми дигар мамлакатҳо паҳн шудааст, ҳар ҷо беморе, ки табибҳо аз илоҷи ӯ оҷиз шаванд ва дастраси бурдан ба он ҷазира дошта бошанд, аз яксола роҳ (ҳам бошад) ба он ҷазира мебаранд. Дар рӯзи ид дар баробари боғи ҷӯгӣ, агар сад, агар ҳазор ва даҳ ҳазор нафар бемор бошанд, дар паҳлӯи ҳам мехобонанд. Ҷӯгӣ чун аз оббозӣ фориғ шавад, як-як беморонро бар бошара нигоҳ мекунад ва бе он ки набз гирад, ё аҳвол пурсад, нусха навишта ба канораш меандозад ва мегузарад. Чун ба нусхаи ӯ амал кунад, бемор сиҳат мeёбад. Гумон дорам, ки агар шоҳзодаро ба он ҷо фиристанд, шифо ёбад. Банда метавонам, ки дар шаш моҳ шоҳзодаро ба он ҷо барам.

Падарам аз ин мужда хурсанд шуда, яке аз вазирҳои худро, ки соҳибақл ва ба кифоят буд, бо сад нафар хизматгор ва корвони сафаркаш ба тоҷире ҳамроҳ намуда, ба далолати он марди ҷаҳондида ба он ҷазира равон кард. Муддати шаш моҳ порае дарё, порае саҳро мепаймудем. То он ки ба он макон расидем. Аз он ҷои хушобу ҳаво бӯи фараҳ ва шодӣ ба димоғи ҷонам расид.

То қосиди хушхабар зи ҷонон омад,
Аз файзи ҳавош дар танам ҷон омад.
Бо дил гуфтам, ки эй асири ғаму дард,
Хуш бош, ки шоми ғам ба поён омад.

Чун ба ҷазира расидам фараҳ ва осудагӣ ба дилам ҷо шуд. Аммо забонам ёрои гуфтугӯ надошт ва ашк беихтиёрона аз чашмам мерехт. Дар он ҷазира қариб панҷсад бемор ҳозир шуд. Чун бист рӯз гузашт, мардуми дар он ҷо ҷамъшуда шодӣ кардан гирифтанд. Онҳо мегуфтанд, ки «фардо рӯзи иди мост!». Он шаб то рӯз бемордорон, ки ду-се ҳазор нафар буданд, хурсандӣ мекарданд. Чун рӯз равшан шуд, ҳамаи беморонро ба дастури муқаррарӣ дар макони махсус ба тартиб

шинонданд ва парасторон худ ба канор рафтанд. Ду соат аз рӯз гузашта буд, ки дари боғ кушода шуд, писари ҳиндуи жӯлидамӯе бо тани урён пешқабзае[1] баста, китобе дар даст ва қаламдони мурассаъ дар бағал аз боғ берун омад. Вай рост ба канори дарё рафта, худро шуста, камтар сайр карда, хиромон-хиромон ба ҷониби беморон омад ва ҳамон тавр, ки тоҷир гуфта буд, аз дасти рост як-як беморонро нигоҳ мекард ва нусха менавишт, баъд нусхаро ба канори онҳо гузошта мегузашт. То ки ба ман расид. Чун маро дид, мутафаккир гардиду баръакси дигарон ба сару пои ман бисёр мулоҳиза ва тааммул кард. Баъд дасти маро гирифта ишораи бархостан кард ва рост истодам, вай мулоҳизаи бисёр кард, даст бари ман гузошта фикри бисёр кард ва бе он ки нусха диҳад, ё ҳарфе занад, гузашта рафт ва ба дидани дигаре сар кард, ин ҳолро дида вазири падарам ва ёрони дигар малӯл шуданд, аз дармони дарди ман маъюс гашта гиристанд ва зориву фиғон мекарданд. Чун ҳаким аз дидани дигарон фориғ шуд, назди ман омаду аз дастам гирифта ба боғ бурд.

Дар миёни боғ иморати чорсуфае (айвоне) воқеъ буд. Дар як суфа (айвон) аз замин то ба сақфи он китобҳои илми ҳакимӣ, табиӣ, риёзӣ ва дигар илмҳо ба хатти арабӣ, юнонӣ, сурёнӣ ва ҳиндӣ чида шуда буд. Дар суфаи дигар зарфҳои тиллову нуқра, либос ва чизҳои нафис буд. Дар суфаи дигар мартабонҳо, сандуқчаҳо, қуттиҳои пур аз даво ва маъҷунҳо, шарбатҳо, доруҳо буд. Дар суфаи дигар чизе набуд. Аммо дар миёни он даре буд, ки он дар ба даҳлезе кушода мешуд. Ҳаким маро ба он чорсуфа нишонид ва худ дари даҳлезро кушода ба дарун рафт ва дарро баст, ба ман чизе нагуфт.

Дарвеши азиз! Ҳамин ки он рӯз гузашт, дилам андаке сокит гашт, гиря кам шуд, майли хӯрду хӯрок кардам ва димоғам андаке рутубат пайдо кард. Ҷӯгӣ рӯзи чилӯм берун баромад. Чун маро хушвақт дид, табассум кард ва гапе, ки ба ман гуфт, ин буд:

– Сайри боғ кун ва ҳарчи мевае, ки рағбат дорӣ, бихӯр!

Инчунин қуттиеро намуда, гуфт:

---

[1] Пешқабза – ханҷар (азбаски ханҷарро ба пешкамар мебанданд, онро ба ин ном номидаанд).

– Рӯзе ба қадри як наҳӯд аз ин маъҷун майл кун.

Баъд аз ин суханҳо боз ба он макон рафт. Ман бо дастури вай нишон додагӣ амал мекардам ва рӯз ба рӯз қувват ва ҳолат пайдо мекардам, аз заифӣ берун мешудам. Аммо ишқи он санам фаромӯш намешуд. Рӯзҳо барои машғулӣ китобе бардошта мехондам. То ин ки ба аксари илмҳои ғариба моҳир шудам, бо хосияти ҳамаи гул ва гиёҳ ва филлизот ва ҷавоҳирот ва бо мизоҷи онҳо, бо нафъу зарари онҳо шиносо гардидам. Инчунин ба кор бурдани чизҳои дигар, сохтани таркибҳо ва дигар доруҳоро донистам. Аммо шунидан кай бувад монанди дидан! Чун надида будам, худ тааҷҷуб мекардам, ки ин давоҳо кадом аст.

Сухан мухтасар, то муддати як сол дар он макон будам. Дар ин муддат ҷӯгиро ҳамон як бор дида будам. Аз он ҷониб дар рӯзе, ки ҷӯгӣ маро бо худ мебарад, ёрон ва парасторонам ҳайрон ва саргардон дар он ҷазира мемонанд. Мардуми дигар беморҳои худро бардошта, ба вилояти худ мебаранд. Парасторони ман дар он як сол ба меваҳои тар ва хушки он ҷазира қаноат карда рӯз мегузаронанд. Ҳамин ки рӯзи иди ҷӯгӣ расид, вай аз хилват берун баромаду қаламдону коғаз ба дасти ман дод ва гуфт:

– Бо ман биё!

Аз ақиби ӯ равон шудам. Вақте ки дари боғро кушода берун баромадам, дидам, ки мардуми бисёре ҷамъ омада буданд. Чун ёронам маро сиҳат ва саломат бо ҷӯгӣ диданд, фарёд кашида нидои хурсандӣ баланд карданд. Ҷӯгӣ табассум менамуд. Аммо ман намедонистам, ки инҳо киёнанд ва он шӯру ғавғо барои чист. Чун ҷӯгӣ аз оббозӣ фориғ гашт, ба дидани беморон омад. Аз ман коғаз талабид, ман зуд ба ӯ коғаз додам ва қаламдон дар даст, аз рӯи адаб ба пушташ истодам. Ӯ ба нусха навиштан сар кард. Ман нигоҳ карда донистам, ки ҳар беморе чӣ дард дорад. Қариб ҳамаро тамом карда буд, ки ба як ҷавони зеборӯ расид. Он ҷавон офтобрӯ, мушкинмӯ бошад ҳам, аз заъф бисёр бетавон ва бетоб шуда афтода буд. Чашмҳо фурӯ рафта. Ранги рӯяш зард гашта буд. Чун ҳаким ба ӯ нигоҳ кард, нусхае навишт ва даво нафармуд, аз ӯ даргузашт. Чун аз ҳама фориғ гашт, ба сӯи боғ равон шуда, ба ман фармон дод, ки он беморро биёр. Амрашро ба

чо оварда, он чавонро ба зӯр бардоштам ва ба боғ даровардам. Онро чӯгӣ ба даруни хилват бурд ва дарро баст. Ман мутафаккир шудам, ки оё ба ӯ чӣ хохад кард?

Ниҳоят тоқат накарда ба боми имора г баромадам. Аз он чо сӯрохие ба ҳучра буд. Оҳиста назар кардам, дидам, ки ӯро беҳуш кард ва ба чормех кашида гирдогирди косахонаи сари ӯро бурида, бо ҳикмати тамом устухонро чудо карда, ба канор гузошт. Дар як сӯ оташе афрӯхта буд. Ба он оташ анбӯрро гузошта гарм кард. Чун онҳоро дидам, дарди чавонро фаҳмидам, зеро китобе аз китобҳои ӯ хонда будам, ки агар ҳазорпо ба гӯши касе равад, ба косаи сар чо мегирад, ва одам рӯз ба рӯз аз зӯрии дарди сар аз хӯрду хӯрок ва қуввату тоб меафтад ва мекоҳад. Оқибат мағзи сар табоҳ[1] ва сиёҳ мешавад ва ӯро мекушад. Илочи он ҳамин аст, ки устухони сари ӯро ба ҳикмат чудо кунанд ва бо анбӯри нимгарм он ҳазорпоро бардоранд. Агар анбӯр гарм набошад, ҳазорпо поҳояшро ба пардаи димоғ банд мекунад ва парда медарад. Агар анбӯр пургарм бошад, парда месӯзад. Баъд аз дур кардани ҳазорпо устухони фарқи сарро ба чо гузошта, бо фалон равған ва доруҳо захми ӯро беҳ кунанд. Дигар илоч надорад.

Дар ин дам чӯгӣ анбӯрро бардошт ва хост, ки ҳазорпоро дур кунад. Ман донистам, ки ғалат мекунад ва он чавон кушта мешавад. Бинобар он тоб наёвардам, фарёд кардам, ки:

– Э устод, анбӯр гарм аст.

Чун овози маро шунид, сар боло карда маро дид. Қаҳраш омад ва анбӯрро ба дур андохт ва сару синазанон дарро кушода ба кунчи боғ рафт. Ман аз бом ба зер омадам ва ба дарун даромадам. То он вақт анбӯр ширгарм шуда буд, онро гирифта бо дилпурӣ ҳазорпоро баргирифтам, аз таъсири гармии анбӯр ҳазорпо поҳояшро ба худ кашид. Ман ҳам ӯро аз мағзи сари ӯ бардошта ба дур андохтам. Баъд фарқи он бечораро ба чои худ гузошта, дору, марҳам ва равған, ки чӯгӣ ба он чо ҳозир карда буд, ба чароҳати ӯ молидам ва маҳкам бастам ва аз ӯ хотирчамъ шуда берун баромадам ва ба кофтукови чӯгӣ машғул шудам. Баъд аз чустучӯи бисёр дидам, ки худро бо мӯи сари худ аз дарахте ба ҳалқ кашида, аз ғояти

[1] Табоҳ – вайроншуда, беҳударафта, бар абас талафшуда.

ҷаҳл ва таассуб худро куштааст. Сабаби ин худкушӣ ҳамин, ки чаро ман дониста ва фаҳмидаам, ки ӯ чӣ мекунад.

Борҳо таассуфи бисёре хӯрда аз дарахт ҷудо кардам ва дар он ҷо чуқурие канда хостам, ки ӯро гӯр кунам. Дар он дам аз миёни мӯҳои ӯ ду калид ёфтам. Онҳоро гирифта ба киса андохтам. Баъд ӯро гӯр карда ба иморат омадам ва ба хилвати ӯ рафтам. Аввалан аз бемор хабар гирифта хотирҷамъ шудам. Баъд ба маконе, ки нишемани ҷӯгӣ буд, рафтам. Дар он ҷо як дари қулф кардашударо дидам. Калидро ба он қулф андохта кушодам ва даромада дидам. ки дар он хона зару зевари бисёре рехта шуда буд. Дар он байн сандукчаи мурассаеро ёфтам, ки калид ба он рост омад. Қуфли онро кушода дидам, ки як китоби ҷилдмурассаъ истодааст. Китобро кушода хондам, ки дар он тамоми доруҳо, исми аъзам ва дастури чилланишастан ва тасхири ҷин, арвоҳ ва афсунот навишта шуда буд. Чун онро дидам, аз шодӣ наъра зада беҳуш гардидам. Баъд ба худ омада, бо ғайрати ҳар чи тамом ба нигоҳубини он ҷавон кӯшидам, то ки ҷароҳати вай сиҳат ёфт. Баъд аз гузаштани ҳашт рӯз бо он ҷавон аз боғ берун баромадем. Ёрони ҳар ду тараф ба саломатии мо шукр карданд...

Вазири падарам, марди тоҷир ва боқӣ парасторон масрур ва хуррам аз он ҷазира озуқа ҷамъ намуда, бо асбоб ва амволи бисёр ва зару ҷавоҳире, ки дар ҷӯгӣ буд, ба киштӣ даромада, равонаи вилоят шудем. Он ҷавон низ амирзода буд, вай ҳам бо ёрони худ ба мамлакаташ рафт.

Вақте ки сиҳат ва саломат аз дарё ба канор омадем, ба назди падарам қосиде равона карданд ва муждаи саломатӣ бурданд. Худамон кӯч бар сари кӯч омадем. То ки ба ин мавзеъ расидем. Аз он ҷониб, чун хабари саломатӣ ба падарам расид, шаҳрро оинабандӣ ва чароғон фармуда, худ бо умаро ва вузаро ба истиқбол берун омад, мо дар ин мавзеъ рӯ ба рӯ шудем. Ман азбаски аз бисёрии мардум ваҳшат доштам, ба падар гуфтам, ки:

– Ман ба шаҳр намедароям. Дар ҳамон хона ва боғ зиндагӣ мекунам.

Падарам гуфт, ки:

– Э нури дида! Чун ба ту дард аз он боғ рӯй дода буд, ман фармудам, ки он боғро хароб кунанд.

Ин суханро шунида, аз асп худро партофтам ва ба хок ғелида ба гиря даромадам. Ҳарчанд падарам хост, маро тасаллӣ дода, ба шаҳр барад, ризо надодам. Дар охир маслиҳат чунон диданд, ки ба ҷиҳати ризоҷӯии ман дар ҳамон макон боғе созанд.

Ҳамон рӯз ба банноён[1], муҳандисон ва деҳқонон фармон доданд ва ҳамин боғро дар андак рӯз обод намуданд. Иморатеро, ки мебинӣ, ба дилхоҳи тамом карданд. Баъд сад нафар ғулом ва хизматгор мукаррар фармуданд ва худ аз ислоҳи ман маъюс гашта, бо сад дареғ ва афсӯс ба шаҳр рафтанд.

Ман ба хилват нишаста ба хондан сар кардам. Чил рӯз тарки таомҳои ҳайвонӣ ва ғайра намудам. Ҳар рӯз ва ҳар шаб аҷоиби беандоза медидам ва машаққати бисёр мекашидам. Аммо ба умеди он, ки шояд домани васли ӯ ба чанг ояд, аз ҳеҷ чиз натарсидам, дар шаби чилӯм баъд аз соиқа ва тӯфон ва ғурриши раъд ва тапиши замин ва овозҳои аҷиб ва ҳавлнок, аз ҳаво тахте пайдо шуд. Чун ба замин расид, дидам, ки пирамарде бар сар тоҷи мурассаъ ва либоси марвориддӯзӣ дарбар ба болои тахт нишастааст. Ба вай салом додам. Гуфт:

– Э ҷавон! Чӣ аз ҷони ҷиниён мехоҳӣ? Ҳоло бас аст, наздик шуд, ки тамоми моро бисӯзонӣ. Боре матлаб чист? Бигӯ то ҳосил кунам. Агар мақсади қатли ом дошта бошӣ, ихтиёр бо туст.

Гуфтам:

– Агар қасам ёд кунӣ, макр ва ҳила накунӣ ва дурӯғ нагӯӣ, мақсадамро мегӯям.

Он мард қасам ёд кард. Ман гуфтам, ки:

– Дар паси парда духтаре дорӣ. Агар ба аҳд вафо карданӣ бошӣ, мехоҳам, ки муроди маро ҳосил кунӣ ва духтаратро ба ҷиҳати таскини дили ман ҳозир кун!

Он мард хандид ва гуфт:

– Матлаби ту ҳамин аст?

Гуфтам:

– Кадом матлаб аз ин азимтар аст? Ин шарафи давлат ва иқбол ва мададгории бахти мани бечораи саргашта ва ҳиҷрон

---

[1] Банно – бинокор.

расидааст, ки як бори дигар дидаи ғамдида мунаввар кунам, як бори дигар қурбон шавам, то ки сар андар қадамаш бозам ва ҷон пешкаш созам...

Ӯ гуфт:

– Э ҷавон! Духтари ман қобили сӯҳбати ту нест. Мо ҷинниён аз тоифаи сиёҳем. Ҳамаи мо сиёҳ ва қавиҳайкалем.

Гуфтам:

– Узр ва макрро бигузор!

Ӯ гуфт:

– Шарт ҳамин, ӯро дида аз озори мо даст мекашӣ.

Гуфтам:

– Бале. Чунин аст!

Ҷинҳо рафта зуд тахтеро овարданд. Нигоҳ карда бинам, бачаи ифрате дар он нишаста, ки забон аз таърифи ӯ оҷиз аст. Як чизи сиёҳ, бадафт ва аҷиб, аммо дар миёни дурру гавҳар ғӯта зада буд. Чун ӯро дидам, ба падараш гуфтам:

– Э пири сангдил! Ин чӣ найранг аст? Чӣ тавр дилат шуд, ки он суратро ба ин ҳайъат мубаддал кунӣ ва қасам ёд кардӣ, ки ғадр (хиёнат) накунӣ...

Аммо вай боз қасамҳои бисёр хӯрд, ки:

– Духтари ман ҳамин аст ва ҳайъати ӯ ҳамон аст.

Донистам, ки рост мегӯяд. Боз ӯро қасам дода, аз матлаби худ нишон талабидам.

Гуфт:

– Он подшоҳзодаи Уммон аст. Агар онҳоро тасхир карда тавонӣ, шояд вай ба даст афтад. Э ҷавон! Баростӣ, ки аз сари ин муддао бархезӣ беҳтар аст. Занни ман он аст, ки аз ин кор ҷуз ранҷу бало чизе нахезад... Обу оташро куҷо улфат ҳосил мешавад.

Ӯ боз насиҳати бисёр кард. Лекин ба ман асар накард. Ошиқ куҷо насиҳати мардум шунидааст!

Боре аҳд кардам, ки дигар эшонро наёзорам. Баъд аз ин ӯро рухсат додам. Боз ба нияти тасхири ҷиниёни вилояти Уммон ба хондани китобча сар кардам. Дар шаби охирӣ бӯи роҳат ба машоми ҷонам расид. Дидам, ки як-як аз бузургони ҷиниёни он вилоят меомаданд. То он ки падари он симинбар, дар рӯи тахти мурассаъ аз рӯи ҳаво пайдо шуд ва фуруд омад. Баъд аз салом ва таслимшавӣ гуфт:

– Э ҷавони одамизод! Манзури ту чист, ки бо ин ҳама саъю ғайрат ин дуогӯйро ҳозир кардӣ?

Ман баъд аз шароити таъзим ва эҳтиром, ӯро қасам додам ва гуфтам:

– Э малик! Муддатҳост, ки ба ишқи духтари кироми шумо гирифтор ва аз фурқати он сарвқад бероому беқарорам. Хоҳиши онро дорам, ки марҳамат намуда ин фақири шикастаҳолро ба зулоли висоли он фархундамаол[1] расонӣ! Ва маро ва худро аз ин машаққат бираҳонӣ?

Ӯ гуфт:

– Э ҷавон! Ту одамизод ва мо ҷамоати ҷиниён ҳастем. Наздикии одамӣ ба ҷин ғайримумкин ва аз ақл дур аст.

Ҳарчанд ӯ мумониат менамуд, ман зиёдтар мепурсидам. То ин ки дар байни ман ва ҷиниён аҳду паймон шуд, ки он подшоҳи мулки хубӣ дар пеши ман бошад, ба шарти он, ки ба назари шаҳват ба ӯ нигоҳ накунам. Ман ҳам қабул намудам.

Ӯ гуфт:

– Ҳоло мегӯӣ, аммо куҷо ба шарт вафо хоҳӣ кард?!

Гуфтам:

– Аз чӣ донистӣ?

Ӯ гуфт:

– Одамизодро вафо набувад!

> Ман он шарти балоғ[2] аст бо ту мегӯям,
> Ту хоҳ аз суханам панд гир, хоҳ малол.

Ҳоло вақт ҳаст, ба ту мегӯям, ки агар иродаи ту аз рӯи шаҳват набошад, ӯ дар хизмати ту бандавор хоҳад буд. Ман ҳам аз ҳаводорони туам. Агар бо ӯ мубоширaт, ҳуфтухоб кунӣ, боиси марги ӯ хоҳад шуд. Марги ӯ боиси меҳнат ва машаққати ту хоҳад буд...

Гуфтам:

---

[1] Фархундамаол – охираш нек, охираш босаодат. Дар ин ҷо ба маънои амалаш нек – босаодат.

[2] Балоғ – расонидан, расониш (хабаре ё супориштеро ба касе), шарти балоғ – адокунии вазифаи расониши ягон маълумот, ё супориши чунон ки бояд. Дар адабиёт балоғ ба маънои панд кор фармуда мешавад ва шарти балоғ – адои вазифаи пандлиҳӣ, чунон ки бояд.

– Э малики аъзам, ту он санамро як назар ба ман бинамо ва ҳар балое, ки расад, маро роҳат аст.

Ниҳоят баъд аз муоҳида...

...Ман тарки ҷон гирифтаму дилдор ёр шуд,
Шукри Худо, ки мавсими бӯсу канор шуд.
Он ёри дилнавоз, ки сабрам рабуду рафт,
Миннат худойро ки ба ман боз ёр шуд.

Якбора он зебонигор аз дар даромад. Инони дили шайдо аз кафам даррабуд. Баъд аз муддате боз дидаи ҳиҷрондидаро аз нури ҷамолаш зиё ва нурдили меҳнаткашидаро нишот ва сурур рӯй намуд. Чун ҷон дарбар кашидам ва қадамаш бӯсидам. Он нозанини маҳҷабин меҳрубонӣ ва дилҷӯӣ ва изҳори муҳаббат аз вафодории ман мекард.

Муддате бо якдигар дар ин иморат, ки дар кунҷи боғ воқеъ аст, ба сар мебурдем. Он ороми ҷон ба ман мегуфт, ки:

– Э ҷони азиз! Ту ғофил аз худ мабош, ки ҷиниён дар камини ту мебошанд. Ва аз китоби худ бохабар бош, ки мабодо надузданд. Соҳироне дар миёни ҷиниён ҳастанд, ки агар лаб бар ҳам зананд, оламеро барҳам мезананд.

Боре, дар шаб, дар вақти масти шайтон ғалаба кард, хостам, ки даст дар гардани он нигор дарорам. Дар он дам овозе шунидам, ки мегуфт: «Китобро ба ман деҳ, ки ҳама исми аъзам аст ва хуб нест, ки дар чунин вақт бо ту бошад!». Ман чун маст будам, тафтиши соҳиби овоз накардам ва китобро аз бағали худ берун бароварда ба ӯ додам ва рӯ ба мақсад ниҳодам. Он нозанин ба ман бонг зад, ки:

– Э золим! Насиҳати маро фаромӯш кардӣ, кор аз даст рафт.

Бо ин суханон вай беҳуд шуда афтод. Ман ба ақиби ӯ нигоҳ кардам, пири ифрите дидам. Хостам озор диҳам, дигарашро дидам, ки китобро аз вай рабуда гурехт. Ман он қадар ёд доштам, аз афсунҳои он китоб якеро хонда дамидам ва он ифратро ба сурати гов даровардам. Он соҳири дигар ба соҳирӣ дуоҳоро аз хотирам маҳв кард ва худаш гурехт. Ч··ч ба болини он нозанин омадам, ӯро беҳуш ва хомӯш ёфт

Аз он рӯз боз он сарви ноз ба ҳамон ҳолати рӯзи аввал б

аст. Ман яқин медонам, ки ин аз асари сеҳр аст. Говро ҳама рӯз аз қаҳр ва хашм шаллоқ мезанам ва айш ба ғам мубаддал шуд. Инак тарки мардум карда, дар кунҷи боғ, ба сад дарду доғ рӯз мегузаронам. Сохтани ниҳоли зумуррадин барои машғулӣ ва рафъи савдост. Ҳар моҳ як бор ба он макон рафтан ва ниҳоли мартабонро бурдан ва ба халқ намудан ва шикастан, инчунин ғуломро куштан барои он аст, ки халқро дил ба ҳоли ман бисӯзад. Шояд дардманде дар ҳаққи ман дуои бериё кунад, то ки ба он васила пеши роҳам кушода шавад ва ба мақсадам бирасам... Э дарвеш, ҳоли ман ҳамин аст!

Ҷавон баъд аз тамом кардани саргузашташ наъраe кашиду кафк бар лаб оварда, гиребон пора намуд ва зорию беқарорӣ намуда, ба шитоб роҳи биёбон пеш гирифт.

Шаҳрёро! Оташи ӯ дар дилам чунон асар кард, ки худро фаромӯш кардам. Қасам хӯрдам, ки то ӯро комрон набинам, ба мақсади худ нашитобам. Бинобар он сар дар биёбон ниҳода, ба ҷустуҷӯи анҷоми кори ӯ машғул шудам. Сарупо бараҳна то панҷ сол гаштам. Дар ҳар ҷо дарвеш ва дардманде ва поктинатеро бинам, аз вай давои он дард ҷустам. Дар охир ба ҳамон пирмарди обид вохӯрдам, ки дарвешонро ба Қустантания далолат карда буд. Вай маро ҳам, монанди онҳо ба ин тараф фиристод. Гуфт, ки:

– Дар роҳ ба се дарвеш во мехӯрӣ, ки ҳар кадомашон матлаби бузурге доранд. Шумо ҳар чор ба назди подшоҳ меравед, ӯ низ матлабе дорад. Дар он ҷо матлаби ҳамаи шумо ҳосил мешавад...

Бинобар он банда ба ин савб (ҷониб) равона шудам. Ҳоло ду нишони он мард гуфтагӣ зоҳир шуд. Умед он аст, ки подшоҳ ба мақсадаш расад ва мо бечорагон низ ба орзуи худ расем.



## БАЁНИ САРГУЗАШТИ ДАРВЕШИ ЧОРУМ

Э дӯстон, зи ҳоли мани зор бишнавед,
В-аз достони ин дили афгор бишнавед;
Ҳарчанд нест манзалату қадр бандаро,
Аммо кашидаам зи бас озор, бишнавед!

Бандаи шумо, ки ба ин хирқаи фано дар хизмататон забондарозӣ мекунад, подшоҳзодаи вилояти Чинам. Аз шиддати ҷафои рӯзгор ва ситами амаки ғаддор аз мамлакати хеш бегона шуда гаштаам...

Падарам фармонфармои мулки Чин буд, бисёрии аз фармондеҳон дар тахти фармони ӯ буданд. Вай ба ғайр аз ман фарзанде надошт. Чун ҳақир ба нӯҳсолагӣ расидам, падарам рахти зиндагонӣ баст ва дар ҳини (вақти) мурданаш ба бародари худ чунин васият кард:

– Чун писари ман ҳанӯз тифл аст ва қобили подшоҳӣ нест, бояд ки ту валиаҳд ва кафили корҳои мамлакат бошӣ ва тарбият намуда, назари шафқат аз ӯ бознадорӣ. Вақте ки писарам калон шавад, духтари худро ба ӯ деҳ ва сиккаву хутбаро ба номи ӯ кун, худат ба гӯшаи фароғат бирав!

Чун пир шудӣ, Ҳофиз, аз майкада берун шав!
Мастиву тарабнокӣ, дар аҳди шубоб[1] авло.

Агар ҳамин тавр кунӣ, давлат аз дудмони[2] мо берун наравад. Баъд аз писари ман набераи ту ба тахт менишинад.

Бо ҳамин суханон қавлу шарт намуда, аксари хос ва аркони давлатро ба он муддао шоҳид гирифтанд. Аммо баъд аз фавти падарам, амакам чун бар тахти салтанат, карор гирифт ва лаззати фармонравоиро дарёфт, фармуд, ки маро дар ҳарам нигоҳ доранд. Ман то ба чордаҳсолагӣ сивои даруни ҳарам ҷоеро надида, ба ҷуз нозаниндухтарон ва тифлон бозие надоштам. Чун шунида будам, ки духтари амакам номзади ман аст, бо ҳамон дилхушӣ мекардам. Муборак ном хизматгоре доштам. Вай ғуломи сиёҳ буд, ки дар хизмати падарам бисёр гашта, ба падарам мӯътамад ва ҳамроз буд. Ман дар он муддат, агар гоҳе аҳли ҳарамро ғофил карда берун бароям, ба назди ӯ мерафтам. Вай меҳрубонии зиёд карда, бо ҳасрат ба ман нигоҳ мекард ва мегирист.

Рӯзе дар ҳарам бо духтарон бозӣ мекардам, ки канизе маро як торсакӣ зад. Ман гирякунон берун давидам. Муборак чун маро гирён дид, аз меҳр ба бар кашид ва сабаби гиряро пурсид. Ман воқеаро ба ӯ гуфтам. Вай ҳам ба ҷои тасаллӣ маро боз як торсакӣ зад ва гуфт.

– Худоё! Ин тоқати мардӣ надорад, занаш гардон! Э хокат бар сар, мебоист ҳоло ту соҳиби тахту тоҷ бошӣ ва олам зери нигини ту бошад. Аммо ту гиря мекунӣ, ки канизон маро задаанд...

Гуфтам:

– Гуноҳи ман чист? Ман (то ҳол) сивои канизон бо касе ихтилот накардаам ва ҳеҷ чизро намедонам.

---

[1] Шубоб – ҷавонӣ.
[2] Дудмон – авлод, насл.

Ӯ гуфт:

– Биё! Туро ба назди амакат мебарам. То бидонад, ки ту бузург шудаӣ ва лоиқи тоҷу тахт ҳастӣ. Акнун бояд ҳаққи туро таслим кунад.

Гуфтам:

– Кадом ҳақ?

Гуфт:

– Номзад ва мансаб! Ман хушнуд шудам, ҳамроҳи Муборак ба боргоҳи амакам рафтам. Чун амакам маро дид, ба истиқбол давид ва ба бар кашид, ҷабинамро бӯсида ба паҳлӯи худ нишонид. Баъд аз Муборак пурсид, ки:

– Фарзандам ба чӣ сабаб ташвиш кашида омадааст?

Муборак баъд аз дуо гуфт, ки:

– Бо арз ва илтимос омадааст...

– Яъне номзади худро мехоҳад? – гуфта сухани ӯро амакам бурид, – ин Муборак аст. Мунаҷҷимбоширо чеғ занед!

Дарҳол мунаҷҷимбошӣ омад. Амакам пурсид, ки:

– Дар ин чанд ҳазор сол кадом сол хуб аст? Мехоҳам, ки фарзандамро домод кунам.

Мунаҷҷим баъд аз гирифтани иртифоъ ва фикри бисёр гуфт:

– Дар ин ду-се ҳазор сол қамар дар ақраб аст, аторуд дар хонаи зуҳал... агар иродаи кори хайр дошта бошед, баъд аз чор ҳазору нӯҳсаду навад сол рӯзи нек ва соати хеле некӯ мерасад.

Амакам гуфт:

– Муборак шунидӣ! Акнун фарзандамро ба ҳарам фирист, то иншоолло соати некро ихтиёр кунам ва амонат ба ӯ гузорам.

Муборак бархосту подшоҳро дуо гуфт, ҳамроҳ берун баромадем. Баъд аз ду рӯзи дигар аз ҳарам берун баромада, ба пеши Муборак рафтам. Чун назараш ба ман расид, зор-зор гирист. Аз ин кори вай ба дили ман шак пайдо шуд. Аз ӯ пурсидам, ки чаро маро дида, дарҳол гиристӣ?

Ӯ гуфт:

– Балогардонат шавам! Кошкӣ гардани Муборак мешикаст ва туро назди ин золим намебурд.

Гуфтам:

– Чӣ шудааст?

Ӯ гуфт:

– Вақте ки туро ба боргоҳ бурдам, умаро туро қобил диданд ва хушҳол гардиданд ва дарҳол миёни онҳо қилу қол (гапу гапча) афтод. Онҳо ба забони ҳол гуфтанд, ки ана, подшоҳи ҳақиқӣ бузург шудааст; имрӯз ё фардост, ки ҳақ ба марказ қарор хоҳад гирифт. Амакат ҳам, аз дидани ту ғамнок ва аз умаро хавфнок гардид. Ҳоло салоҳи давлат ва маслиҳати вақтро дар он дидааст, ки туро нобуд созад ва роҳи фитнаву фасодро бандад. Дирӯз маро ба хилват чеғ зада ба ман ваъдаи зару мол ва баландии ҷоҳу мартаба дод ва фармуд, ки туро нест кунам. Ман ҳайрон шудам, намедонам, ки чӣ кор кунам. Ман то зиндаам, намегузорам, ки ба ту заpape расад. Аммо бад-он сабаб андеша мекунам, ки мабодо ба худи ман балое оранд ва баъд аз он туро зоеъ кунанд... Ин фитнаро ман хезондаам, зеро ки агар ман туро ба боргоҳи ин золим намебурдам ва изҳори ин муқаддима намекардам, шояд ин ирода ба хотири ӯ намерасид...

Чун хабари куштан шунидам, тамаъ аз зиндагӣ буридам ва домони Муборакро ба даст печидам ва нолида, гуфтам:

– Ту маро аз ғарқоби бало ба соҳили наҷот нарасонӣ, даст аз домани ту барнамедорам!

...Боре, чун Муборак нолаву беқарории маро дид, гуфт:

– Ғам нахӯр! Фикре ба хотирам расид, ки ба он васила дафъи он балоро кардан мумкин аст.

Гуфтам:

– Он кадом фикр аст?

Ӯ гуфт:

– Биё, ба ту мегӯям.

Бо ӯ ба иморате, ки падарам дар он ҷо дафина гузошта буд, рафтам... Чун дохили иморат шудам, тахту ҷойгоҳи падарамро дида беш аз пеш гиря гулӯгирам шуд. Маро Муборак таскин медод.

Бо ишораи Муборак дукаса тахти падарро аз ҷо бардошта фаршро ғундоштем. Баъд қадаре заминро кандем, ки як дар пайдо шуд. Муборак аз кисааш калид бароварда, қуфли он дарро кушод ва дарро боз кард. Дар он ҷо чанд поязина буд. Муборак аз он зинаҳо поён фуромада, маро ҳам таклиф намуд. Дар аввал ба дил гуфтам, ки «сиёҳ макр кардааст, мехоҳад, ки дар ин ҷо кори туро тамом кунад».

Аммо чӣ илоҷ, маҷбур шуда ба поён фуромадам. Дар он ҷо чил суфа ба назар расид, ки сап-сафед буданд. Дар ҳар суфа як хуми хисравонӣ бо занҷирҳои тилло банд карда гузошта шудааст. Бар сари ҳар як хум хишти тиллое ва дар он ҳайкали маймуни забарҷадин нишастааст. Танҳо як хум бемаймун буд. Ҳамаи он хумҳо пур аз тилло буд. Дар миёни суфаҳо як ҳавзи калони пур аз ҷавоҳир буд.

Гуфтам:

– Аз дидани онҳо чӣ мешавад, ба ман чӣ фоида дорад? Гирам сад чандин дошта бошам, аз ман мусибатро дафъ карда наметавонам.

Сиришк аз руҳам пок кардам, чӣ ҳосил?!
Илоҷе бикун к-аз дилам хун наёяд...

Ӯ гуфт:

– Э фалонӣ, ин ганҷи ниҳонӣ ҳикояте дорад. Мақсад аз нишон додани ин маймунҳо ғараз ҳаст...

Гуфтам:

– Чӣ ғараз?

Ӯ гуфт:

– Кайфияти ин маймунҳо он аст, ки падарат дар аввали ҷавонӣ бо малик Содиқ, шоҳи ҷинҳо, алоқа ва дӯстӣ дошт. Сабаби ин дӯстӣ ба ман маълум нашуда монд. Падарат ҳар сол аз атриёт ва хӯроквориҳо ҳадя гирифта, ба он мулк мебурд. Чанд рӯз дар назди ӯ мешуд ва дар вақти бозгашт малик Содиқ ба ӯ як маймуни забарҷад медод. Онро падарат оварда дар ин макон мегузошт. Муддате буд, ки маро ҳам бо худ мебурд. Навбате аз ӯ пурсидам, ки: «Соҳибо! Ҳар бор ба малик Содиқ маблағи зиёд тӯҳфа ва ҳадя мебаред, ба ҷояш фақат як маймуни беҷон мегиред. Аз ин ба шумо чӣ фоида?». Падарат табассум намуда гуфт: «Ба касе ин сирро магӯ! Ҳар як маймуни забарҷадро ҳазор нафар ҷин дар тахти фармон аст. Аммо бинобар гуфтаи малик Содиқ, то чил маймун тамом нашавад, ҷинҳои маймунҳо коре карда наметавонанд...». Ҳанӯз як сол ба вақти ваъда монда буд, ки падарат вафот кард. Алҳол ба хотири ман мерасад, ки туро ба назди малик Содиқ барам ва чигунагии аҳволро баён кунам. Шояд барои хотири падарат он як маймуни боқимондаро ба ту бахшад. Ба ин роҳ ту метавонӣ мулки иросӣ

(меросӣ) ва амонати худро соҳиб шавӣ. Агар ин мақсад муяссар нашавад ҳам, боре аз кушта шудан халос мешавем.

Гуфтам:

– Ихтиёр ба туст, ба ҳар тариқ ки тавонӣ, бикуш ва аз ҳақ чашм напӯш!

Муборак маро ҳарам фиристода худаш ба тайёр кардани тӯҳфаҳо ва ҳадяҳо машғул гашт. Баъд аз тайёр кардани чизҳо дар хилват бо амакам машварат кардааст, ки: «Агар савобдиди подшоҳ бошад, ба азми сайру шикор ин писарро ба саҳро барам, дар ҷое бикушам, ки касе хабардор нашавад...». Амакам ин фикрро писандид. Муборак маро бо тӯҳфаҳои мазкур аз шаҳр берун баровард.

Шаҳрёро! Мо ду аспро зину лаҷом карда, то муддати як моҳ ба тарафи шарқии вилояти Чин роҳ паймудем, аз хавфи душман дар ҳеҷ ҷо наёсудем.

Шабе дар аснои роҳ ба тале расидем. Чун ба болои тал баромадем, дар он тараф марғзоре ва чамане дидам, ки сабзу хуррам буд, аз атои гулу райҳон ва сунбулу нозбӯ кӯҳу дашт муаттар буд. Дар он ҷо ғулғуле ба гӯш расид ва он ҷо аз нури шамъ ва фонус монанди рӯз равшан буд.

Гуфтам:

– Э Муборак! Ин ҷоро чӣ ном аст ва ин чӣ ғулғули ом аст?

Муборак аз асп фуромада, гуфт:

– Шукр, ки бахти баландат ёр шуд ва ба мақсад расидем. Ин лашкари ҷинҳост ва боргоҳи малик Содиқ дар ин ҷост!

Гуфтам:

– Ман ба ғайр аз нури чароғ чизе намебинам!

Муборак дарҳол аз кисааш сурмае бароварда, ба чашми ман кашид ва ман ин дафъа нигоҳ карда, халқи бисёреро дидам, ки ҳама хушрӯй ва сияҳмӯй буданд. Аммо поҳои онҳо монанди поҳои гӯсфандон сумшикофта буд.

Чун ба миёни онҳо рафта даромадем, онҳо Муборакро шинохтанд ва бо ӯ ба ҳазл ва шӯхӣ машғул шуданд. Мо ба онҳо аҳамият надода мерафтем, то ки ба ҳавлии боргоҳи малик Содиқ расидем. Боргоҳ бо ҳама зебу зинат ороста, ба ҳар гӯша кату авранг[1] ва курсиҳо гузошта шуда, умаро, вузаро ва

---

[1] Авранг – тахта, кувва, зӯрӣ, номус.

уламои чинҳо бар онҳо нишаста буданд. Дар пешгоҳ тахти пурзебу зинате монда шуда, дар он малик Содиқ ба сар тоҷ гузошта такя зада буд.

Ман пеш рафтам ва аз тарики ихлос дуо гуфтам.

Малик Содиқ меҳрубонӣ карда ба нишастан амр кард. Барои ман шарбат ва таом оварданд. Баъди хӯрок малик Содиқ Муборакро пеш талабида, аз чигунагии аҳвои ман пурсид. Муборак саргузашти маро гуфта дод.

– Чаро шаҳзода ба диданн ман намеояд? – гуфта пурсид малик Содиқ.

Муборак гуфт:

– Давлат бодавом бод! Чун ҷоҳил буд ва худро қобили хизмат намедонист, бинобар он ба мусаддеи[1] авқоти фархундасоти бандагони малик намегардид. Чун ба ҳадди балоғат расид ва филҷумла неку бадро фарқ карда метавонистагӣ шуд, ба хизмат шитофт. Ҳоло орзу дорад, ки монанди падари худ дар қатори чокарон ба ҳисоб равад ва ҳазрати малик назари отифат[2] ва шафақат (аз ӯ) бознадорад; аз барои хотири падараш аз ҷумлаи бандагони боихлос шуморад ва инъоме, ки ба падараш муқаррар шуда буд, ба ӯ низ муқаррар шавад; яъне маймуни чилӯми забарҷадиро ба ӯ бахшад. Зеро ки ӯ ҳоло корафтода, мазлум ва бекас аст. Амаки золим ба ӯ он қадар ситам раво медорад, ки (ҳатто) ба зиндагии ӯ розӣ нест, чӣ ҷои он аст, ки тоҷу тахтро ба ӯ диҳад.

Малик Содиқ баъд аз андак тафаккур гуфт:

– Муборак! Мо дар бораи ӯ кӯтоҳӣ намекунем. Чӣ ёрӣ ва мададгорие, ки лозим бошад, ба ҷо меорем. Аммо ноозмударо натвон сарварӣ дод... Ту нагӯй, ки вай подшоҳзода аст. Зеро ҳар як фарди инсон чӣ тавре ки гуногунранг ва гуногуншакланд, ҳамон тавр ҳам гуногунтабъ ва гуногунсират мебошанд. Дар ин шакке нест!.. Ба ғайр аз ин нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад.

Ҷон бародар! Мо ба падари ин писар беҳуда шафқат накарда будем. Ӯ борҳо ҳаққи хизмати шоиста бар мо собит

[1] Мусаддеъ – дарди сар расонанда. Мусаддеи авқоти касе – ба беҳуда, бо дарди сарҳои бариеёд зоеъкунандаи вақтҳои кас.
[2] Отифат – меҳрубонӣ, марҳамат, шафқат.

карда буд... Аммо чун ҳаққи ӯ бар гардани мо мондааст ва имрӯз фарзанди ӯ ба назди мо омадааст ва илова бар он ӯ ситам дидааст, мо ба як имтиҳон ҳар чи хоҳад ба ӯ бо зиёда меҳрубонӣ мекунем (медиҳем). Лекин шарт ҳамин ки ҳар чи фармоем, ба ҳаққи мо хиёнат накунад ва ба ростӣ ва дурустӣ ба итмом расонад.

Ман аз ин сухан хушдил шудам ва надонистам, ки бало ба сарам хоҳад омад.

Чун аз маҷлис берун шудем, барои мо меҳмондорие муайян карданд, ки вай маро хеле эҳтиром мекард. Шаби дигар чун ба маҷлис рафтем, Муборак илтимос кард, ки хизматро бигӯяд. Малик Содиқ гуфт:

– Муборак! Ман гумон мекунам, ки ӯ хизматро бехиёнат ба анҷом намерасонад.

Муборак гуфт:

– Ин тавр нест. Агар малик шафқат карда хизматеро, ки лоиқ донанд, ба ӯ фармоянд, мувофиқи дилхоҳ ба итмом мерасонад.

Малик «худаш бигӯяд» гуфт ва ба ман нигоҳ карда, шарти бехиёнатиро ба миён монд. Ман ангушти қабул бар дида гузоштам.

Ӯ гуфт:

– Э писар! Ҳанӯз ҷоҳил ҳастӣ, бо худ андеша кун, мабодо, ки дар охир ба балое афтӣ, ки ба ҳеҷ ваҷҳ халос шуда натавонӣ ва дардат бедармон шавад.

Гуфтам:

– Агар шафқати малик бошад, ҳар чӣ ки фармоед, ба ҷон мекӯшам...

Гуфт:

– Фардо ҳам фикр карда бин! Шаби оянда мегӯям.

Шаби дигар вақте ки мо ҳозир шудем, малик фармуд, ки хазинадорро чег зананд. Хазинадор ҳозир шуд. Малик ба ӯ гуфт, ки фалон сандукчаро ҳозир кун! Ганҷур (хазинадор) он сандукчаро зуд ҳозир кард. Малик сандукчаро кушода аз он ҷо тӯмори коғазе баровард, маро пеш талабида ба дасти ман супурд ва гуфт:

– Он чи ки дар ин коғаз нақш ёфтааст, монандашро аз ҷинси одамӣ мехоҳам. Ту бояд чашму дасту дили худро

нигоҳ дошта, ба роҳи хиёнат ва норостӣ напӯӣ (наравӣ) ва ин сирро ба ҳеҷ кас нагӯӣ ва он духтарро пеши ман оварӣ ва бидон, ки баъд аз итмоми ин хизмат ба шарти мазкур, чашмдошти туро бо зиёда ба ту медиҳам. Вагарна ҳар чӣ бинӣ, аз худ бинӣ!

Ман тӯморро кушодам, чизеро дидам, ки кош ҳаргиз намедидам...

Шаҳрёро! Дар васфи он парипайкар, ки забон аз таърифи ҳусн ва зебоии он қосир аст, чӣ гӯям?

> Кай тавонам сифати зеби ҷамолаш кардан,
> З-он ки рашк оядам аз ғайри хаёлаш кардан!
> Сурате дидаму бегона шудам аз дилу дин,
> Ишқро сурати дигар набувад беҳтар аз ин!

Боре дар он вақт нигоҳдории худ кардам, ки мабодо малик ва ёронаш аз ишқи ман хабардор шаванд. Баъд аз он ки аз назди ӯ баромадам, ба Муборак гуфтам, ки:

– Соҳиби ин суратро чӣ тавр пайдо кунам? Чаро малик Содиқ маро ба ҷустани ӯ мефармояд? Охир ҷинҳо худашон ба ҳама ҷо рафта метавонанд, онҳо ба ҳар кор қудрат ва ба ҳама чиз дастрасӣ доранд. Маро ба хотир чунин мерасад, ки ин суратро монанд ёфт намешавад. Чунон ки машҳур аст зоҳиран малик маро ба «нахӯди сиёҳ мефиристад»[1].

Муборак гуфт:

– Хаёли ғалат кардаӣ. Малик Содиқ ғаддор[2] нест. Агар ҳамчунин бошад, матлабаш имтиҳонест, ки мехоҳад бидонад, ту дар корҳо таҳаммуле ва тааммуле дорӣ ё не... Ба ҳар ҳол мо бояд чанд вақт ҷаҳонгардӣ кунем, шояд ба мақсад ҳам расем...

Аз он ҷо ки ғайрати ишқ аст, рози худро ба Муборак ҳам нагуфтам. Бо маслиҳати вай ду дарозгӯш[3] ва асбоби сафар ихтиёр кардем... Шаҳр ба шаҳр, қишлоқ ба қишлоқ мегаштем ва ба ҳар элу улус ва қабилаҳо, ки мерасидем, талабгори он дурри шоҳвор мешудем...

Ҳафт сол доим саргардон, ҳайрон ва парешон, дар дашту

---

[1] Ба нахӯди сиёҳ фиристодан – киноя аз фиристодан ба кори намешудагӣ.
[2] Ғаддор – хиёнаткунанда.
[3] Дарозгӯш – маркаб.

биёбон ва ободониҳо гашта, охир ҷазм кардам, ки он суратро монанд нест, малик Содиқ маро паси сар кардааст. Муборак ҳам ба ҳамин қарор омад, ки баъд аз ин ба ҳар шаҳре, ки расем, дар он ҷо сокин шуда, тарки ҳарзагардӣ ва биёбонневардӣ кунем. Зиндагиро ғанимат дониста, боқимондаи умрро ба фароғат гузаронем. Баъд аз чанд рӯз, дар ақсои Мағриб (дар Мағриби дур) ба шаҳре расидем. Чун бар дари шаҳр расидем, ду одамро дидем, ки нишаста қуръон мехонанд. Инчунин дар болои қалъа, дар сари ҳар бурҷ халоиқ ба дуохонӣ ва тиловати қуръон машғул буданд. Он аҳволро дида ман ҳайрон шудам. Чун ба шаҳр даромадам, дар ҳама ҷо касро машғули дуохонӣ дидам ва аз ҳар хона овози қироат шунида мешуд. Дар баробари ҳамин аз он шаҳр бӯи хуррамӣ ба машоми ҷонам расид...

Боре дар корвонсарой фуромадем. Он рӯзу он шаб осудем, рӯзи дигар, аввали пагоҳ ба ҳаммом рафта, худро аз гарди сафар тоза кардем. Баъд аз он ба сайру гашти шаҳр баромадем. Дар сари бозор марди пиреро дидем, ки чашмаш кӯр, шикастаасое дар даст (мисли обфурӯшон) кӯзаи оберо бардошта лангон-лангон мерафт. Аз афту башарааш маълум буд, ки одами дуруст буда, вале бо чӣ бадбахтие ба ин ҳол афтодааст. Ман ба наздики ӯ рафтам ва дами обе гирифта нӯшидам. Раҳмам ба ҳоли ӯ омада, аз киса як ашрафӣ баровардa ба ӯ додам. Вай гумон кард, ки нимпулӣ аст ва гуфт:

– Э ҷавон! Худо туро бой кунад, ки ба ин фақири худ нимпуле додӣ.

Гуфтам:

– Э падар! Ин динори тилло аст, дониста бош!

Чун ин суханро шунид, оҳе аз дил кашид ва гуфт:

– Э ҷавон! Илоҳӣ корат ба муддаои дилат шавад.

Пирамард рафт. Ман бо Муборак аз он ҷо ба сайри маҳаллаҳо рафтем. Иттифоқо дар аснои роҳ, дар миёни хиёбон бар дари хонаи олие расидем. Агарчи аз тақозои давр (замон) вайрон шуда, афтода буд, аммо аз асос ва заминаи бинои он маълум буд, ки хонаи яке аз бузургон будааст. Ҳоло бинои иморати он барбод, вале нишони курсӣ барҷо монда, аз ҳар тараф деворҳо афтода ва боғчаҳои он хароб гаштааст. Баъд аз сайри рӯи ҳавлии он, ба тамошои кӯҳнаиморате, ки дар миёни



он ҳавлӣ буд, рафтам ва ба он хонаву ҷо нигоҳ карда ҳайрон будам. Чӣ буд, ки аз он иморати кӯҳна бӯи истироҳат ва роҳат ба машоми ҷони мани нотавон расид. Бо худ гуфтам, ки: «Кошкӣ, он ганҷи шойгон[1] дар ин вайрона пайдо шавад!». Ман дар ин хаёл будам, ки он пирмарди кӯр – ҳамон пире, ки ман ба ӯ як динор дода будам, асозанон ба он макон даромад ва ба зеризамине, ки (таҳхонае ки) дар он иморат буд, дохил шуд. Ман ба он ҷо гӯш додам. Овози касе баромад, ки ба он мард гуфт:

– Э падар! Хайр бод, ки имрӯз ба зудӣ баргаштӣ?

Пир гуфт:

– Фарзанд, имрӯз ҷавоне ба ман меҳрубонӣ намуда, як тилло дод. Шояд вай ғариб ва соҳиби умед буд. Аз он пул камтар таом гирифтам. Зеро муддате шуд, ки орзуи таоми бомаза доштам. Инчунин карбосе гирифтам, ки ту аз он барои худ куртае дӯзӣ. Агарчи надонистам он ҷавон чӣ ҳоҷат дошт, аммо дар дунё ҳеҷ кас бе ҳоҷат намешавад. Ман барои ӯ дуо кардам, мехоҳам, ки ту ҳам дуо кунӣ!

Аз шунидани ин суханҳо хеле раҳмам омад ва донистам, ки бечорагии онҳо ба камол аст. Бинобар он пеш рафтам, ки ӯро ҷеғ занам ва ба ӯ муште тангаву тилло бидиҳам. Чун ба дарун нигоҳ кардам, дар он ҷо монанди ҳамон суратеро, ки дар тумор доштам, дидам. Чунон ки дар тасвир буд, ӯ нишаста ва мӯҳои анбарини диловезаш ба атрофаш парешон аст.

Чун баъд аз ҳафт соли он ҳама машаққати бепоён ва биёбоннавардӣ, дарбадаргардӣ назарам ба он гавҳари мақсуд афтод, наъра зада беҳуд шудам. Муборак ин ҳолро дида ба сӯям давид ва ба ҳар роҳ, ки буд, маро ба ҳоли худ оварда, пурсид, ки:

– Ба ту чӣ шуд?

Ман ҷавоб надода ба ҷониби мақсад нигоҳ кардам. Он нозанин фарёд кард, ки:

– Э ҷавон, шарм дор ва назар аз номаҳрам дур кун.

Баҳори гулистони хубӣ ҳаё аст,
Адаб аз ҷавонон аҷаб хушнамо аст.

---

[1] Ганҷи шойгон – ганҷи бисёр, ганҷи шоҳона, ганҷи фаровоне, ки бе меҳнат ба даст даромада бошад, ганҷи лоиқ.

Ман чун фасоҳати баён ва латофати забони он қиблаи ҷаҳониён шунидам, ба тозагӣ вола ва шайдо гардидам. Муборак чун маро ҳайрон ва парешон дид, он симбарро низ ба назар санҷид, ба хотираш расид, ки аз расидан ба сарҳадди мақсад ғаш кардаам ва аз ҳоли дарунамам хабар надошт...

Дар ҷавоби он париваш гуфтам:

– Э сокинони ин макон! Марди ғариб, саргашта, фалакзада ва аз ватан овора гаштаам. Илтимос дорам, ки фурсате маро ба назди худ роҳ диҳед.

Он пирамарди доно овози маро шинохт ва ба қувваи сомиа донист, ки ман кистам. Вай асо дар даст берун баромад. Ман пеш давидам, дасташро бӯсидам. Ӯ низ маро падарона дарбар кашид ва ба меҳрубонӣ аз ҳолу аҳволам пурсид:

Гуфтам:

– Э падари азиз!

> Ман кистам? Фалакзадаи хонумонхароб,
> Саҳронаварду бодияпаймой чун сароб;
> Дур аз диёру ёр, ба ғурбатфитодае,
> Маст аз маи муҳаббати ҷонона бе шароб.

Он мард маро даруни хона бурд. Он сарви озод ба кунҷе хазид, овози моро мешунид, худи моро медид. Он марди аҳли дард аз аҳволи ман пурсон шуд. Ман ба ҳукми он ки «Дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» (аст), ҳикояи малик Содиқро баён накардам ва гуфтам:

– ... Э падар! Банда шоҳзодаи мулки Чинам. Барои дурри садафи ту мулки Чинро гузоштаам. Сурати ӯро чанд гоҳ пеш аз ин аз дасти як савдогар харидам ва тарки падару модар, хешу табор карда, тоҷу тахтро партофта, ба ҷустуҷӯи ӯ ба ҳар гӯшаю канор гардидам. Инак, ҳоло ба мақсад расидем, дигар ихтиёр дар дасти туст.

Он мард оҳи сард аз дили пурдард бароварда, гуфт:

– Э ҷавон! Духтари маро балое дар пай аст, ки касе маҷол надорад, ки дасти ҳавас ба оғӯши он кунад. Меваи боғи маро офате ҳаст, ки ҳеҷ кас ҳосили онро ба муроди дил чида наметавонад. Ин ганҷи боморест, ки дасти касе ба он расида наметавонад.

Гуфтам:

– Он кадом аст?

Он мард гирист ва гуфт:

– Э ҷавон! Ман калонтар ва бузургтари ин шаҳр мебошам. Бобо ва аҷдоди ман ҳама ашроф ва бузургон будаанд. Чун баъд аз орзуи бисёр ин фарзанд шуд, ӯро доягон ба шири ҷон парвароданд. Вай ба сарҳадди балоғат расид ва дар ҳусну ҷамол ва истеъдоду камол саромади хубон ва ягонаи даврон гардид, ба ҳадде ки дар ин ҷаҳон афсона шуд, ҳар ки бишунид, аз ишқи ӯ девона шуд. Подшоҳи шаҳр, ки бо ман пайваста дар шафқат ва эҳсон буд, торафт қадр ва мартабаи маро меафзуд. Вай писари ягонаи зебо дошт, ки ба ҳадди булуғ расида, чашми бинанда монандаш надида буд... Ӯ низ ғоибона саргарми савдои духтари ман буд. Падараш чун аз дарди дилаш хабар ёфт, ба тайёрии домодиаш шитофт. Маро ба хилват талабида, он хушхабариро дод. Ман аз он хабар хушҳол шуда, ба тайёрии тӯй сар кардам. Баъд аз он ки аз ҳар ду тараф корҳо сохта шуд, соати саид ҷустанд, уламо ва фузало як ҷо нишастанд ва онҳоро ақд бастанд. Чун шаби зуфоф (домодбарӣ) расид, писар хост, ки дасти висол ба гардани духтар дарорад, вақте ки маҳрамон аз хона берун шуданд, овози нола ва ғулғулаи зиёд аз хона баромадан гирифт. Онҳо ҳарчанд хостанд, ки дарро кушоянд ва ба хона даромада воқеаро фаҳманд, аммо муяссар нашуд. Баъд аз он ки фитна ва ошӯб баланд шуд, дарро шикаста, ба дарун даромаданд. Писарро диданд, ки аз ҳалқаш кашида (овехта) шуда ва духтар кафк бар лаб оварда мӯҳо баҳам печида, ба хоку хун ғӯтида бехуд афтодааст. Подшоҳ чун он ҳолатро шунид ва фарзанди худро кушта дид, духтари маро ба куштан фармуд. Боз ошӯб баланд гардид. Подшоҳ аз ҷони худ тарсида фармуд, ки ӯро аз хона берун кунанд. Дар ҳамон шаб ин хабар ба шаҳр афтод. Парасторон духтарро ба хона оварданд.

Азбаски қатли он писари зебо ба василаи ин духтар воқеъ шуд, подшоҳ ва раият ба ман ва духтарам душман шуданд. Баъд аз азодорӣ умаро ва хос, балки тамоми халқ ба куштани ману духтарам ва ғорат кардани молу амволи ман подшоҳро тарғиб карданд. Подшоҳ қӯрчиёни (силоҳдорони) ғазаби худро ба ин кор фиристод. Ҳамин ки онҳо ба наздикии ҳавлии мо расиданд, аз бому девор ба болои онҳо санг бори-

дан гирифт. Дар айни замон ба хонаи ҳар як аз онҳо, ки подшоҳро ба ин кор ташвиқ карда буданд, сангборone шуд, ки шарҳаш мушкил аст. Кор ба ҷое расид, ки аз мо даст кашиданд ва ба ҳоли худ (амон) гузоштанд. Инчунин шабе ба гӯши подшоҳ овозе расид, ки: «Мабодо ба куштани онҳо азм накунӣ, ки он чи писарат аз дӯстии онҳо дидааст, ту аз душмании онҳо хоҳӣ дид!». Подшоҳ аз ин воҳима бемор гардид. Вай муддате дар бистари беморӣ афтода буд. То он ки қасам ёд кард ва аз қатлу ғорат даргузашт. Аммо муқаррар фармуд, ки аз хона берун наоем. Мунаҷҷимон ва ҳакимон ба подшоҳ гуфтанд, ки ба ин шаҳр ҷинҳо ҳуҷум кардаанд; бемории подшоҳ ҳам аз онҳост. Инак, баъд аз маслиҳат ва савобдиди оқибатандешон муқаррар фармуданд, ки кориён шабу рӯз дар ҳама ҷо дуо хонанд, тиловат кунанд. Хусусан бар даври ҳисор (қалъа) бар дарвозаҳо нишаста хондан гиранд. Ба ҳамин дастур солҳо мегузарад. Ман намедонам, ки сабаби ин фитна чист. Ҳамин қадар медонам, ки як бор аз духтарам ба сад илтимос пурсидам, ки: «Ба ту ҳеҷ чиз маълум аст?». Вай гуфт, ки: «Шаби никоҳ, ки писар ба ман майл карданӣ шуд, ҳамин тавр ба ман намуд, ки сақфи хона шикофта шуд, аз он ҷо ҷамъе пайдо шуданд. Онҳо тахтеро ба замин гузоштанд, ки тамом ҷавоҳиркорӣ буд. Дар болои тахт касе нишаста буд, ки нур аз рӯяш метофт. Ҳамроҳони вай андомҳои аҷиб доштанд. Аз ин чизҳо маро воҳима гирифт. Он ҷамоат қасди писар карданд, он мард қасди ман кард. Ман аз тарс ғаш кардам. Дигар намедонам чӣ шуд. Ҳамин қадар дар ёдам ҳаст, ки пои онҳо монанди пои гӯсфандон буд...».

Э ҷавони ғариб! Баъд аз он мулку мол аз дастам рафт, дӯстонам канора гирифтанд, ходимон ва одамонам ҳар як ба тарафе гурехтанд. Ман дар кунҷи хонаи вайрон нишастам. Ҳамин ки касе дар пешам монд ва ба ҷое нарафт, ин духтарам буду бас. Мо ҳар ду ба ҳоли зори худ чандон гиристем, ки ҳар кас бар мо гузашт, бар ҳоли мо бигирист ва чашми ман аз биноӣ бозмонд. Бинои хона ва иморат хароб шуд ва вайрона гардид. Ман то тавонистам, нишастам. Ҳар чӣ захира доштам ба баҳои ҳеҷ ба мардум дода ноне гирифтам, ва бо духтарам сарф кардем. Ниҳоят ҳама чиз тамом шуд. Ман ба ин хастагӣ ва шикастагӣ бо асо берун рафтам ва ба он тарик,

ки дидӣ касби рӯзӣ кардам. Мардуми шаҳр аз хавфи подшоҳ ба ман раҳм намекарданд. Баъзеҳо диламро ба санги суханони сахт мешикастанд ва ба нохуни дурушт захми хотирамро мехарошиданд ва аз шӯрии забони таън намак мепошиданд.

Бале, агар гоҳе ғарибе ба ҳоли ман раҳм мекард, фулусе, ё дирҳаме ба ман медод. Ба ҳар ҳол хушкноне пайдо мекардем ва рӯз мегузаронидем. Алҳол муддате шуд, ки маро орзуи таоми балаззат буд. Духтарам ҳам урён монда буд. Муроди ҳардуи мо имрӯз бо ёрии ту ба амал омад. Дигар, фарзанд, агар аз ҷони ту наметарсидам, ба Худо, ки духтари худро ба канизии ту медодам. Аммо боиси рехтани хуни ҷавоне шудан хуб нест. Беҳтар, ки ту ҳам дидаву даниста балоро ба худ написандӣ ва аз ин водӣ даргузарӣ!..

Гуфтам:

– Э дӯст, қавли ту некӯст...

... Чун ба ман ёр ошно бошад,
Гар балое расад, ато бошад!

Шаҳрёро! Ман ҳамин тавр зорӣ мекардам, он мард розӣ намешуд. То ин ки рӯз ба охир расид. Ба ноком ӯро дуо гуфта ба корвонсарой омадам. Муборак аз шодӣ ба пӯст намеғунҷид. Ман пой аз сар намешинохтам. Аз як тараф орзуи шодии ҷонона; аз тарафи дигар фикри чӣ шудани охири кор. Бо худ хаёл мепухтам ва мегуфтам: «Э дил! Агар ин мард розӣ нашавад, чун кунам? Ва агар ӯ розӣ шавад, бо Муборак чӣ ҳила бозам, ки ӯ мехоҳад духтарро ба Малик Содиқ диҳад? Агар ӯро ҳам розӣ ва ё дафъ кунам, бо ҷинҳо чӣ кунам? Агар ҷинҳо даст ёбанд, балое бар сари ту хоҳанд овард ва висол наёфта, ҷон ҳам аз даст биравад. Агар дар ин шаҳр бимонам, шояд аз шарри ҷинҳо эмин монам... ё ягон душмане ба подшоҳ хабар расонад ва ман ба дасти мири ғазаб гирифтор шавам...».

Он шаб то рӯз гиря кардам. Рӯзи дигар ба бозор рафта, барои он париӯ ва падараш либос, таому меваи бисёре гирифта равонаи мақсад шудам. Он мард баъд аз меҳрубонии бисёр гуфт:

– Э ҷавон, ҳам ба ту раҳмам меояд, ҳам аз ҷони ту метарсам. Ту ба гардани ман ҳаққи хизмат дорӣ. Агар ба ту аз рӯи

дурушти ҷавоб диҳам, дуруст намешавад. Зеро ки ғарибу дилсӯхтай. Агар омадани шумо ба пеши мо давом кунад, шояд фитнае бархезад...

Ман дасташро бӯсидам ва гуфтам:

– Гар сар биравад ба роҳи ҷонон,
Бодо чу манаш ҳазор қурбон!

Э падар! Дерест, ки дар ҳавои ин нигори офтобизор зарравор бо дили фигор ва ҷисми низор дар ҳар шаҳру диёр ба гӯшаву канор гардидаам. Алҳол, ки ба сарчашмаи висоли ӯ расидаам, аз доманаш даст раҳо намекунам...

То муддати як моҳ ҳама рӯз то шаб дар назди он мард будам ва ба зорӣ меафзудам, хостгории он дурри гаронбаҳо менамудам ва дар охир ба ӯ гуфтам.

– Умрро вафо нест. Ту худ пир ва оҷиз шудай. Имрӯз ё фардо аз дунё мегузарӣ. Дар он ҳол духтарам ба дасти дигар кас меафтад. Шояд, нокасе бошад, баъд хуб намешавад. Ту он чи хайрхоҳӣ ва маслиҳатандешӣ, ки боист дар ҳаққи ман кардӣ ва маслиҳат додӣ, насиҳат кардӣ ва ман ба ҳама балое, ки дар васли дилдор расад, розӣ ҳастам. Ҳамон беҳтар, ки маро ба ғуломии худ гирӣ! Агар худат ҳам бо ман биёӣ, беҳтар аст.

Он мард чун ин сухан шунид, гуфт:

– Э ҷавон! Як имшаб ҳам бо худ фикре ва бо духтар маслиҳате кунам.

Аз ин мужда хушнуд шуда ба ҳуҷра баргаштам.

Ваъдаи васл чун шавад наздик,
Оташи шавқ тезтар гардад.

Дар он шаб ман аз шодӣ ором нагирифтам. Рӯзи дигар ба назди он мард рафтам, ӯро ранҷур ёфтам. Бар сари болинаш нишастам, аз аҳволаш пурсидам.

Гуфт:

– Сухане, ки дирӯз туро бар забон омад, алҳол аён шуд. Зоҳиран аз умри ман чизе боқӣ намондааст. Боре духтари худро ба ту месупорам, ба шарти он ки ӯро аз ман дур насозӣ ва аз аҳволи ман бохабар бошӣ. Чун ман аз ин ҷаҳон чашм пӯшам, корсозии маро карда, баъд ихтиёр ба дасти туст.

Шаҳрёро! Ин шартро ба ҷон миннат дошта қабул намудам. Ҳафтае он мард бемор буд, хизматашро ба дилу ҷон кардам. Чун вай аз дунё чашм пӯшид, Муборак духтарро ҷодаре ба сар андохта ба ҳуҷраи ман овард. Ман ба корсозии мурда пардохтам. Баъд аз саранҷоми кор ба ҳуҷра рафтам ва хостам худро ба пои он санам андозам. Муборак бо забоне, ки он нигор намефаҳмид, гуфт:

– Э фалонӣ, ба худ ой! Малик Содиқ он ҳама супориш дар ин бора мекард. Ин аз ҷумлаи хиёнат аст, ки туро ба хотир мерасад. Алҳол вақти мардӣ ва худдорӣ аст. Золим! Коре накунӣ, ки ҳамаи азоб ва озорҳои кашидаамон мабодо бекор ва табоҳ шавад...

Ман сар ба зер афканда, ба каноре рафтам, гавҳари ашкро бо нӯги мижа суфтам (гиристам) ва бо сӯзи дил гуфтам:

Э фалак, то ба кай ситамгорӣ?
Чанд бинанд некувон хорӣ?
То ба кай ҳамчу гард бе сару по
Гардаму сар ниҳам ба роҳи ҳаво?
Э ситампеша, аз ҷафо бигзар!
Як раҳе аз вафо ба мо бингар!
Баъди умре, ки ёр пайдо шуд,
Коми дил андаке муҳайё шуд.
Ин рақобатпаноҳро чӣ кунам?
Ин дарунаш сиёҳро чӣ кунам?

Шаҳрёро! Чанд рӯз бо гиряву зорӣ гузаронидам. Дар шаби охир ба Муборак хотири худро баён кардам. Чун ин шунид, оҳ кашид ва гуфт:

– Ҳайф, ки давлат дар сар надорӣ! Дареғ аз ин ҳама ранҷ, ки ман барои ту кашидам... Э писар, андаке ба худ ой, рӯзи худро сиёҳ накун! Ту он нестӣ, ки аз дасти малик Содиқ ҷонатро халос кунӣ. Духтарро ба зудӣ, сиҳат ва саломат бе ҳеҷ хиёнат ба малик Содиқ барем ва аз ӯ хоҳиш кунем, шояд ӯро ба ту вогузорад.

Чун ман исрори ӯро (ба сари гапи худ сахт истодани ӯро) дидам, дам фурӯ кашидам ва ба кунҷе хазидам. Он сиёҳи сангдил ҳарчанд ишқи маро бештар дид, ниқоби бераҳмӣ бар рӯи

(худ) кашид. То кор ба ҷое расид, ки маро аз дидани он нозанин монеъ гардид...

Аз ҳама сахттар он буд, ки он моҳваш аз аҳвол бехабар буд. Гоҳе ҳайрон шуда аз Муборак мепурсид. Муборак ӯро бо ҳамин таскин медод, ки:

– Иншоолло, чун ба диёри Чин расем, баъд аз ҷашн ва оини шаҳр бо тумтароқи тамом арӯсӣ намуда, шоҳзода кадхудо хоҳад шуд.

Муборак ҳарчанд ба рафтан таъҷил мекард, ман илтимос менамудам, ки як-ду рӯзи дигар бошем. Як лаҳзаро ғанимат мешумурдам. Ниҳоят, кор чун аз ҳадди илтимос гузашт, ба Муборак гуфтам, ки:

– Ман аз мулки Чин ва васли духтари амакам гузаштам. Чӣ шавад, ки дар ин шаҳр бимонам ва рухсат диҳӣ то даст ба гардани висоли ин нозанин дароварам.

Ӯ гуфт:

– Ин хаёли ботил аст! Малик Содиқ даст аз ин бознамедорад. Яқин, ки охир ба ҳар васила, ки бошад, ин шаҳрро мусаххар, балки зеру забар намояд. Он вақт моро ба балое мубтало гардонад, ки ҳар соат ба марг розӣ шавем. Ҳамон беҳтар аст, ки даст аз ин бидорӣ, шояд, ки малик Содиқ ӯро ба ту бидиҳад:

Гуфтам:

– Э золим, ӯ куҷо даст аз чунин маъшуқа бозмедорад?

Муборак гуфт, ки:

– Чизе медонам: малик Содиқ чун духтарро бинад, аз ӯ нафрат кунад.

Гуфтам:

– Кадом аст?

Ӯ гуфт:

– Навбати аввал, ки падарат ба миёни ҷинҳо мерафт, онҳо маро ба миён мегирифтанд ва озор медоданд, шӯхӣ ва ҳазл мекарданд. Ман ба падарат шиква кардам. Дигар бор, ки рафтем, вай равғане сохт ва як шиша аз он пур карда ба ман дод ва гуфт, ки «аз ин ба бадани худ мол!». Чун чунон кардам, ҷинҳо аз бӯи он равған аз ман нафрат мекарданд ва ба ман наздик намеомаданд. Ҳоло аз он равған камтар ҳаст, ба бада-

ни ин духтар мемолем, то ки малик Содиқ аз ӯ нафрат кунад. Баъд аз он илтимос намуда, духтарро барои ту мегирам.

Муборак бо ин афсун маро сокин (ором) кард ва ба тайёрии сафар машғул шуд. Барои хизмати он гулизор як каниз харид, инчунин як шутури боркашӣ барои кадҷоваи онҳо ва дигар чизҳои лозимаро тайёр кард. Баъд аз он ба роҳ даромадем. Дар роҳ ҳама дам Муборак ресмони он шутурро дар даст дошт ва маро наздик шудан намемонд. То ки се моҳ роҳ паймудем. Дар аснои роҳ ба ӯланге[1] расидем. Дар он ҷо ғулғулаи ҷинҳо ба гӯши мо расид. Онҳо фиристодагони малик Содиқ буданд, ки ба тафтиши ҳол ва ба ёрии мо омада буданд. Малик Содиқ ҳамоно дониста буд, ки он нигорро мо ба даст даровардаем. Ҷинҳо маро ва Муборакро муборакбод мегуфтанд. Баъд аз он гуфтанд, ки:

– Малик Содиқ ба шумо интизор аст. Агар розӣ бошед, шуморо зудтар наздик расонем.

Муборак гуфт:

– Инро маслиҳат намебинам, зеро ки мумкин аст духтар аз дидани шумо ваҳмад ва ягон кор шавад.

Баъд аз ин ду-се нафар ба назди малик Содиқ рафтанд, ки башорат диҳанд, боқӣ дар дашту ҳомун парешон шуда рафтанд. Аммо духтарро аз онҳо хабар набуд. Ман боз бетоқатӣ кардам ва хоҳиш намудам, ки Муборак аз он равған ба бадани духтар молад. Муборак гуфт:

– Аввал ба худи духтар диҳем ва бинем канӣ ӯ дар чӣ хаёл аст?

Чун ба духтар масъаларо фаҳмонид, вай гиряву фиғон кард ва зорӣ намуд, ки:

– Ёрон, гуноҳи ман чӣ буд, ки аз ватан овора ва асир карда, ба дасти ҷинҳо маро месупоред? Магар раҳм дар дили шумо нест! Ман дар шаби никоҳ тоқати дидани ҷинҳо надоштам...

Чун духтар ин суханҳоро гуфт, дили Муборак ба ҳоли ӯ сӯхт. Аммо илоҷе надошт. Баъд аз он ки маро ба худ овард, ба ҳазор забон, ки буд, ҳар дуро таскин дода, аз он равған

---

[1] Ӯланг – сабзазор, марғзор.

бад-он нозукбадан молид. Аммо дили ошиқ аз куҷо ба гуфтугӯ таскин ёбад?!

Рӯз бо ҳамин ҳол гузашт. Шаб дар ҳолате ки Муборак дар хоб буд, ба оҳистагӣ худро ба назди он зебопарӣ расонидам ва сар дар қадамаш гузошта, ба узрхоҳӣ машғул шудам.

Гуфтам:

– Ба ҷонат қасам, ки ба ман халале нест. Аз он рӯзе, ки сурати туро дидаам, меҳратро ба ҷону дил харидаам, дил аз зиндагӣ буридаам ва ҳаётатро бар худ гузидаам...

Суханони ман ба дили он нозанин асар намуд ва гуфт:

– Фалонӣ, чун медонистӣ, ки чунин балое дар пай аст, чаро аз он шаҳр баромадӣ?

Гуфтам:

Аз тарси подшоҳ, эҳтимол дошт, ки душмане ба подшоҳ хабар медод, баъд фитнае барпо мешуд ва малик Содиқ хабардор шуда, бар сари ҳама ягон балоеро меовард.

Гуфт:

– Хуб, бинам, канӣ, чӣ мешавад... Аммо э ҷавон, ман дил дар вафои ту бастам, ту ҳам фаромӯш накун!

Ҳар ду даст дар оғӯши якдигар даровварда беҳуд шудем. Овози ҷинҳоро шунида ба худ омадем. Аз чодар берун баромадам. Дидам, ки чанд нафар аз мӯътамадони малик Содиқ омадаанд. Онҳо ду даст либоси фохира барои мо оварда, барои он санам ҳавдаҷи[1] марворидкорӣ оварда буданд. Онҳо зуд духтарро ба ҳавдаҷ шинониданд ва ману Муборакро ҳам ба тахте шинонида, ба ҳаво парвоз карданд. Баъд аз се рӯз моро ба назди малик Содиқ оварданд. Малик он чи лозимаи эҳтиром ва таъзим буд, дар бораи мо ба ҷо овард, таҳсини бисёре кард ва ба сӯи ҳарам ба дидани духтар равон шуд. Ҳамин, ки ба наздики ӯ меравад, он бӯи нохушро мефаҳмад ва асари малол дар симои ӯ мушоҳида мекунад ва рӯи ӯро ба ҷо намебинад. Баъд аз он берун омада, маро металабад. Ҳамин ки пеш рафтам, дидам он малик Содиқ набуд, ки ламҳае пеш аз ин дида будам. Ранг барафрӯхта, ба оташи ғазаб сӯхта ба Муборак хитоб намуд:

---

[1] Ҳавдаҷ – каҷоваи занона, ки як ҷуфти онро ба шутур бор мекунанд ва дар ҳар тарафаш як зан менишинад.

– Э пири баҳонаҷӯ! Худ шарт накардӣ, ки хиёнат накунӣ? Ин рангубӯ чист? Ва ин ҳол аз кист?

Муборак дарҳол аъзои пинҳонии худро нишон дод ва гуфт:

– Хиёнат аз ман чӣ тавр мешавад! Рӯзе, ки ман ба ин хизмат даромадам, худро аз қувваи мардӣ маҳрум кардам.

Пас малик рӯ ба ман намуда хитоб намуд:

– Маълум мешавад, ки ин хаёли ботил ва савдои хом дар сари ту будааст. Акнун чӣ карданамро медонам.

...Ҳамияти ҷоҳилият ба ман чунон асар кард, ки худро нашинохтам, давида аз камари Муборак ханҷарро кашидам ва ба малик Содиқ андохтам. Аммо надонистам, ки нӯги ханҷар ба бадани ӯ расид, ё не. Ҳаминро медонам, ки дар пеши пои ман бар пушт ғалтид ва нафасаш аз тараддуд истод. Ман гумон кардам, ки мурдааст. Ҳайрон шудам, ки зарби ман-ку он қадар сахт набуд, ин чаро мурд. Дидам, ки вай оҳиста-оҳиста хурдтар мешуд, то он ки ба монанди иштӣ кулӯла шуда аз замин баланд гардида, ба ҳаво рафт ва аз назар ғоиб шуд. Ногоҳ аз ҳаво чун раъд хурӯшанда ва чун барқ ҷаҳанда шуда фуромад ва як ҷуфт лагад ба тахтаи синаи ман зад, ки мӯҳраи пуштам ба замин часпид, дард ба дилам печид ва беҳуд шудам...

Чун ба ҳуш омадам, дар биёбоне будам, ки дар ҳар чор тараф ба ғайр аз реги равон ва хори мағелон чизе набуд. Чашм ба ҳам ниҳодам, зориву тавалло кардам, фоида накард, оҳу нолаам асаре набахшид. Баъд маҷнунвор ба кӯҳу дашт афтодам. Дар миёни мардумон даме намеосудам, хӯрду хобро тарк кардам. Дар ҳар гӯшаву канор он дилбарро меҷустам. Ҳар киро медидам, аз мақоми малик Содиқ мепурсидам. Касе аз ӯ ному нишон намедод. Оқибат аз даҳр ноумед шуда, ба худ қарор додам, ки аз ин зиндагонӣ марг беҳтар аст. Худро ба кӯҳе кашидам, ки шояд худро ба зер андозам ва аз озор наҷот ёбам. Иттифоқо он ҳамон кӯҳе буд, ки ин дарвешон рафта буданд. Дар он ҷо он марди обидро дида, ба ишораи ӯ ба ин тараф равон гардидам. Алҳол ҳамагӣ дар хизмати подшоҳ нишастаем. То бинем баъд аз ин рӯзгор бо дарвешони ҷигарсӯз дар чӣ кор аст?..

# ХОТИМА

Ровӣ гӯяд, ки чун дарвеши чорӯм ҳикояи худро ба охир расонид, аз ҳарами подшоҳ ғулғула ва овози хуррамӣ баланд шуд. Хоҷасароён ба боргоҳ давиданд, ва мужда доданд, ки ба шоҳ писар шуд... Шоҳ аз шунидани ин хабар беҳуш гардид. Чун ба ҳуш омад, пурсид ки:

– Аз аҳли ҳарам касе ҳомила набуд. Ин писар аз кӣ шудааст?

Гуфтанд:

– Фалон хоссаро, ки султон чанд моҳ қабл аз ин ғазаб карда буданд ва ӯ дар гӯшае пинҳон буд, касе ҳам ӯро аз тарси шоҳ парасторӣ намекард, номи ӯро ба шоҳ намегуфтанд, мунтазир буданд, ки ҳамлаш чӣ мешавад. Хайрият писаре зоид.

Подшоҳ сарупо бараҳна ба ҳарам тохт ва писарро ба бағал гирифта, берун овард ва ба қадами дарвешон гузошт. Ҷумла дарвешон сару чашми тифлро бӯсиданд ва ба ӯ шоҳзода Бахтиёр ном доданд. Баъд аз он шоҳ ӯро ба ҳарам бурда, ба доягон супурда боз гашт ва ҳамон рӯз раиятро се сол аз андоз озод кард, қалами авф бар гуноҳгорон кашид, зиндониёнро халос карда, дари хазинаҳоро кушод... Хайру эҳсон ба фақирон кард ва фармуд ҷашни шоҳона тартиб доданд.

Ҳанӯз ҷашну сурур тамом нашуда буд, ки аз ҳарам бонги навҳа ва фарёд баланд шуд. Подшоҳ ва ёрон биларзиданд. Аз ҳарам хабар омад, ки чун тифлро шуста ба ҳарир печида, дар канори модар хобониданд, ногоҳ абри тирае дар ҳаво пайдо шуд ва ба замин нишеб шуда, он тифлу модарашро иҳота намуд. Баъд аз бардошта шудани он дуд, модари тифл беҳуш, тифл нопадид гардид...

Шоҳ ва ёрон гирён шуданд, аз ин ҳодисаи аҷиб ҳайрон ва парешон нишастанд, лаб аз ханда бастанд.

Баъд аз ду рӯз он тифлро бо гаҳвораи мурассаи марворидкорӣ боз оварданд. Боз ҳама хуррам ва шодон шуданд. Аммо ҳеҷ кас намедонист, ки он чӣ ҳодиса буд. Подшоҳ дар назди давлатхона барои дарвешон такя сохта дод ва ротиба (хӯроки рӯзмарраи доимӣ) мукаррар фармуд. Худаш ҳар рӯз, ки аз девон фориғ мешуд, ба назди онҳо мерафт.

Дар сари ҳар моҳ як навбат ба дастури мазкур писар нопадид мешуд. Чун ӯро меоварданд, бо вай тӯҳфаҳо – либосҳо ва дигар чизҳо буд, ки дида аз шуниданашон тира мешуд. То он ки синни ӯ ба ҳафтсолагӣ расид ва ҳамадам ин қоида давом мекард. Подшоҳ бо машварати дарвешон аризае ба ин тарз навишт:

«...Саломи муҳиббона ва муштоқона аз ин маҳҷурони аз мулозимат маҳрум ба хизмати саркори баландиқтидор расонида маълум медорад, ки агар шафақат мабзул фармуда, ин бечорагонро аз ин водии ҳайрат наҷот дода, ба сарманзили мақсуд, яъне ба ҷиҳати пойбӯси остон ва мулозимати бандагон далолат намоянд, ба ҷо ва сазост».

Дар рӯзи нопадид шудани шаҳзода Бахтиёр аризаро дар бағали ӯ гузошта мунтазири ҷавоб буданд. Чун писар ғоиб шуд ва шаб даромад, вақте ки Озодбахт дар такяи дарвешон ба сӯҳбат машғул буд, ногоҳ коғазе дар доман печида диданд. Чун гирифта диданд, ҳамон ариза буд, ки бар пушти он чунин навишта шуда буд: «Озодбахт! Хоҳиши мулозимати мо кардай. Ба ҷиҳати ҳурмати шоҳзода Бахтиёр, ки ба ҷои фарзанди азиз аст, хоҳиши туро қабул мекунем. Чанд нафар кас фиристода шуд, ки шуморо биёранд. Аз қазо ҷашне дорем ва мунтазири шумо ҳастем»...

Ёрон хуррам ва шод шуданд. Ногоҳ чор-панҷ кас ба гиребони ёрон часпида баланд карданд. Чун ба худ омаданд, дар ҷое буданд, ки ба умри худ дар сафо монанди он ҷое надида буданд.

Боғе, ки ирам нишонаи ӯст,
Дар ҳар гӯша фасонаи ӯст.

Чун Озодбахт ва ёрон ончунон босафо маҳаллеро диданд аз бӯи гул ва савти булбул маст ва мадҳуш гардиданд. Чун ба худ омаданд, овозе шуниданд, ки мегуфт: «Ҳукми малик аст, сурмаи сулаймонӣ ба чашм кашанд!». Чӣ шуд, ки чашми онҳо ба сӯзиш даромад ва чанд қатра об рехта равшан гардид. Назар карданд, ҷамъи париёнро диданд, ки дар баробари онҳо истодаанд. Ёрон зуд аз ҷо бархостанд. Париён гуфтанд, ки:

– Малики муаззам – малик Шаҳбол бинни Шоҳрух шуморо металабанд.

Озодбахт ва дарвешон равона шуданд. Ҳарчанд назар карданд, он боғи биҳиштоинро канор пайдо набуд, то ин ки ба як иморати бошукӯҳ расиданд. Аз дарун овози созу навоз ба гӯш мерасид. Чун ба дарун даромаданд, маҷлисе диданд, бемислу бемонанд. Дар ҳар гӯшаву канор сандалӣ, курсӣ ва тахтҳо монда, паризодони симинъизор нишаста буданд. Дар сари пешгоҳ тахте аз зари ноб гузошта шуда, бар рӯи он шоҳаншоҳи париён малик Шаҳбол такя карда буд. Нозанин паризоде ба синни ҳафтсолагӣ дар канораш нишаста, бо шоҳзода Бахтиёр бозӣ мекард. Озодбахт ва дарвешон аз тантанаи дарбори малик Шаҳбол дасту по гум карда, ба зери арақ монданд ва сари хиҷолат афканданд.

Малик Шаҳбол эъзоз ва икроми онҳоро баҷо оварда, онҳоро ба курсиҳо таклиф намуд. Баъд аз он боз маҷлиси базм давом кард. Он рӯзро ба ишрат гузарониданд. Рӯзи дигар малик Шаҳбол аз кайфияти рафоқати Озодбахт ва дарвешон савол кард. Озодбахт ба сухан даромада, ба таърифи дарвешон оғоз кард ва саргузашти худ ва дарвешонро аз аввал то ба охир гуфта дод дар ниҳояти суханаш илова намуд, ки ҳоло ба хизмати шоҳаншоҳ мушарраф гаштаанд ва чашми муованат аз ӯ доранд...

Чун малик Шаҳбол ҳоли онҳоро шунид, дилаш ба он фақирон сӯхт ва муждаи ёрӣ ба онҳо дод. Баъд фармуд, ки девон, ифритон ва паризодон ба тамоми дунё паҳн шуда, ба подшоҳони ҷину парӣ, ки дар тамоми баҳру бар сокин ҳастанд, нома баранд ва онҳоро ба зудӣ ба дарбори шоҳ ҳозир созанд. Дар номаҳо дарҷ карданд, ки агар одамизоде назди онҳо бошад, бо худ биёранд. Агар аз фармони шоҳаншоҳ сар тобанд (мавриди) танбеҳ ва сиёсат хоҳанд буд.

Амри шоҳаншоҳ ичро шуд. Ба ҳар тараф париён парвоз карда рафтанд...

Малик Шаҳбол бо ёрон ба сӯҳбат машғул шуд ва дар аснои сӯҳбат гуфт, ки:

– Ман ҳам муддате буд, ки аз Худо фарзанд мехостам. То он ки модари ин ҳомила шуд. Ба шодии он ба худ аҳд кардам, ки агар духтар ва агар писар бошад, ҳар тифле, ки аз забони одам ҳамзоди ӯ бошад, номзад гардонам. Чун модараш ӯро сабук шуд, дидам, ки духтар аст. Дарҳол ифритонро ба тамоми рӯи замин паҳн кардам, ки дар ҳар куҷо дар он дам тифле таваллуд шуда бошад, биёранд. Иттифоқо дар он дам шаҳзода Бахтиёр таваллуд ёфта буд. Чун оварданд, меҳру муҳаббати вай ба дили ман ҷойгир шуд. Фармудам, ки доягон – паризодҳо ӯро шир доданд. Аз он вақт боз ҳар моҳ як навбат ӯро талабида мебинам, ӯ домоди азизи мост.

Аз ин муждагони Озодбахт пои тахти маликро бӯсид. Малик ӯро навозиш кард. Баъд аз ҳафт рӯз подшоҳон, бузургони ҷину парӣ ба девони гулистони ирам ҳозир шуданд. Малик барои онҳо маҷлис фармуд. Дар он маҷлис аз малик Содиқ он гулизори анбармӯйро талаб кард. Малик Содиқ баъд аз печу тоби бисёр фармуд, ки он симинбарро ҳозир карданд. Баъд аз малик Уммон, ки писари малики Нимрӯз ба духтари ӯ гирифтор буд, оварда шудани ҳамон духтар, ҳамон писарро талабид. Ӯ низ баъд аз узргӯии бисёр онҳоро ҳозир кард...

Шаҳболшоҳ аз тамоми онҳо аҳволи духтари подшоҳи Фаранг ва Беҳзодхонро пурсид. Ҳама қасам хӯрданд, ба ғайр аз подшоҳи дарёи Қулзум, ки сар пеш афганда буд. Малик Шаҳбол ӯро қасамҳои зӯр дод. Қулзум гуфт, ки:

– Рӯзе ки падар ба истиқболи онҳо баромад ва халқро ҳам фармудаш, ки ба тамошои онҳо раванд, ман низ баромадам. Духтарро дида гирифтор шудам ва ҷилави аспи ӯро гирифта ба об кашидам. Чун он ҷавони фарангӣ – Беҳзодхон ба халос кардани он париваш асп ронд, ба мардонагии ӯ қоил шудам ва фармудам, ки аз об раҳонданд ва ҳоло дар роҳи ӯ озори бисёр кашидааст. Ҳозир ба мо илтиҷо овардааст, духтарро ба ӯ бибахш, ки аҳд бастаам!

Гуфт:

– Амр – амри маликулмулук (шоҳаншоҳ) аст! – ва фармуд, ки онҳоро ҳозир карданд.

Баъд аз ин ҳарчанд духтари подшоҳи Шомро пурсиданд ва ҳакофтуков карданд, наёфтанд. Ҳама қасам мехӯрданд, ки хабар надоранд. Малик пурсид, ки:

– Ҳеҷ кас аз маликҳои ҷинҳо наёмада мондааст.

Гуфтанд:

– Танҳо Мусалсали ҷоду мондааст, ки вай бо илми сеҳр қалъаи мустаҳкаме сохтааст ва дар он ҷо нишастааст. Касеро бо вай дӯстӣ ва алоқа нест.

Малик фармуд, сипоҳи азими ифритон барои ҷангаш рафтанд. Ба илми сеҳр ва ғайра ҷанг намуда, қалъаи ӯро гирифтанд ва Мусалсалро бо хазинаи бисёре ба назди малик оварданд. Азбаски малик ӯро тарсонда, баъд ваъдаву ваид кард, ӯ нишони духтарро дод.

Малик фармуд, ки ҷинҳо ба Басра рафта, маликаи олӣ Бармакро ва подшоҳи мулки Чинро бо духтараш ва подшоҳи Аҷамро ба мулки Аҷамро ба гулистони ирам оварданд. Занонро ба ҳарам фиристоданд, мардонро ба маҷлис бурданд. Баъд аз он базми калоне барпо карда, дар соати нек аввало никоҳи машоҳзода Бахтиёрро бо маликаи Зарринпӯш, ки духтари малик Шаҳбол аст, бастанд. Баъд аз он духтари подшоҳи Шомро барои хоҷазодаи яманӣ, духтари подшоҳи Фангро ба писари шоҳи Аҷам, маликаи Басраро ба подшоҳи Форс ва духтареро, ки дар ҳабси малик Содиқ буд, ба подшоҳзодаи Чин, духтари малик Уммонро ба подшоҳзодаи Нимрӯз, духтари шоҳи Чинро ба малик Содиқ ва духтари шоҳи Нимрӯзро ба Беҳзодхон доданд ва чил шабонарӯз дар боғи ирам ба ишрат нишастанд. Баъд малик Шаҳбол ба ҳар яке хилъат ва неъмат ва ганҷи бисёр дод. Ҷинҳоро фармуд, ки ҳар касеро ба вилояти худ расонанд. Онҳо ба вилоятҳои худ рафта ва ба мурову мақсади худ расиданд...

# ОХИРСУХАН

Дар бораи китоби «Чор дарвеш» ва аҳамияти он дар бораи он ки хонандагони советӣ ба вай аз кадом нуқтаи назар бояд нигоҳ кунанд, устод С.Айнӣ дар сарсухани худ гуфтаанд. Ба ҳиссаи ман якчанд сухан дар бораи мавқеи ин китоб дар тараққиёти насри тоҷик ва мавқеи он дар адабиёти ҷаҳонӣ гуфта гузаштан мондаааст.

Нависанда Ҷалол Икромӣ кори хубе мекунад: вай дар бадали бисёр солҳо хонандагони тоҷикро бо ҷавоҳироти насри бадеии классикии тоҷик шинос мекунад. Қариб зиёда аз бист сол пеш аз ин хонандагон дар шумораи чаҳорӯми журнали «Шарқи Сурх» – «Саргузашти Хоҷасагпараст». (Як порча аз қиссаи «Чор дарвеш»-ро хонда буданд, ки онро Ҷалол Икромӣ ба чоп тайёр карда буд. Дар соли 1951, вай матни пурраи ин китобро бо сарсухан ва таҳрири устод Айнӣ ба чоп тайёр кард, ки онро Нашриёти Давлатии Тоҷикистон худи ҳамон сол аз чоп бароварда, нашр намуд. Ҷалол Икромӣ дар мақолаи худ, ки бо сарлавҳаи «Дар бораи баъзе хусусиятҳои насри тоҷик», дар шумораи 11 «Шарқи сурх» (соли 1958 чоп намудааст, дуруст қайд мекунад, ки мо мутаассифона ба насри классикии тоҷик нагз аҳамият намедиҳем; ва ҳол он ки бо адабиёти даҳонакии халқӣ дар иртиботи қавӣ буда, аз ҷиҳати услуби соф ва равшан ва забони сода ва ширини худ фарқ мекунад ва дар байни хонандагон шӯҳрати бузург дорад. Ниҳоят, Ҷалол Икромӣ дар соли 1959 матни тоҷикии «Ҳазору як шаб»-ро ба чоп тайёр карда баровард.

Ҳеҷ як адабиёти бузург анъанаҳои гузаштаи худро ба тавri эҷодӣ наомӯхта ва аз худ накарда, сабзида наметавонад. Ҳарчанд ки дар мо назми классикии тоҷик омӯхта мешавад, санъат ва маҳорати вай ба кор бурда мешавад, вале то ба

имрӯз насри классикӣ манзури дидаҳои аҳлаш нашудааст ва ба он диққат намедиҳанд. Шояд, дар натиҷаи ҳамин аст, ки чунин як ақидаи нодуруст паҳн шудааст, ки гӯё, дар собиқ ҳеҷ жанри насрӣ дар адабиёти тоҷик набошад.

Бояд гуфт, ки ин фикр маҳз хатост!

Дар адабиёти собиқи то ба Револютсияи Октябр ду шакли асарҳои насриро қайд кардан мумкин аст: аввалаш осори насрии муаллифони маълум, ки ба онҳо насри классикии *таълифӣ* ном додан мумкин аст; дуюминаш осори насрии муаллифони номаълум, ки онҳоро *«Китобҳои халқӣ»* меномем. Шакли аввалинаш гуногун буда, ба онҳо ҳам вақоеъномаҳои таърихӣ, ки ба таври нимбадеӣ навишта шудаанд, масалан «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд: ҳам асарҳои дедактикӣ, ба монанди «Гулистон»-и Саъдӣ, «Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайни Воизи Кошифӣ; ҳам саёҳатномаҳои муаллифони маъруфро даровардан мумкин аст[1]. Шакли дуйуми насри бадеии классикӣ низ дар гуногунӣ ва боигарӣ аз аввала монандӣ надорад. Дар ин маврид як китоби дастхатиеро мисол овардан мумкин аст, ки бузургии ин боигариро нишон медиҳад.

Вақто ки бо китобҳои дастнависи фонди китобхонаи давлатии Сталинобод шиносо мешудем, китоби дастхатеро дидам, ки бо рақами 319 ишора шуда, «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» номида шудааст. Ин китоб ҳаҷман хеле калон буда, 850 саҳифаи зич ва маҳин навишта шуда мебошад. Ин на он китоби маъруфи Муҳаммади Авфӣ аст, ки «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» ва «Лавомеъ-ур-ривоёт» номида мешавад. Ин «Қомуси афсонаҳо» буд, ки маҳз ба ҳамон *«Китобҳои халқӣ»* оид буд[2] Дар ин китоб, ба ғайр аз қисса ва ҳикоёти кӯтоҳ ва хурди бисёре, қариб сӣ то повестҳои калон ва пурраи афсонавӣ ҳаст, ки «Бахтиёрнома», «Ҳафт вазир», «Сайфулмулук», «Ҳафт кишвар», «Нӯҳ манзар», «Норисо туҷҷор ва маликаи Гуландом», «Солеҳи хиштрез ва духтари қозии

---

[1] Дар китоби «Очеркҳо аз таърихи адабиёти тоҷик» (Сталинобод, Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1956, саҳифаҳои 376 ва пас аз он). Ман обзори насри бадеии тоҷикро додаам.

[2] Ин китоб ҳоло дар фонди дастхатҳои Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон нигоҳ дошта мешавад.

Бағдод» ва дигарҳо ба он медароянд. Ба ғайр аз ин, китобҳои «Ҳафт сайри Ҳотами Той», «Синдбоднома» ва ғайра, ки Ҷалол Икромӣ дар мақолаи дар боло зикрёфта қайд кардааст, низ васеъ паҳн шудаанд. Дар фондҳои китобҳои дастнависи китобхонаҳои давлатии Ленинград ва Тошкент низ намунаҳои бисёри ҳамин тавр «китобҳои халқӣ»-и муаллифонаш номаълум мавҷуд аст. Агар ҳамаи ин осори қадимаи насри бадеии классикии тоҷикро баргашта чоп кунем, даҳҳо, садҳо ҷилдҳои калон-калон мешаванд.

Олими маъруф, марҳум А.А.Семёнов дар сарсухани каталоги дастнависҳои шарқӣ навишта буд: «...Дар қатори адабиёти бадеии насри муаллифони маълум, инчунин адабиёти халқии муаллифони номаълум мавҷуд буд. Бисёрии аз ин асарҳо ҳамаи хусусиятҳои такомули бадеиро доро буда, ба гумон, аз давраҳои хеле қадим, шояд аз асарҳои то ба ислом омада баромадаанд. Дар паҳновардаштҳои Осиёи Миёна ва дар водию нишебиҳои Эрон, дар шабнишиниҳои гуногун ва сӯҳбатҳо ва маҷлисҳо (гап, гаштак, машварат, базм ва ғайра) ҳамеша ин асарҳои муаллифони номаълумро, ки ба шакли повестҳои афсонавии маҳзун, саргузаштҳои романтикии аҷоиб ва ғароиб ва умуман воқеаҳои гуногуни диққатангез ҳастанд, мехонданд ва бо диққат гӯш мекарданд[1].

Агар насри бадеии классикии шакли аввалин, яъне таълифӣ бо забони пур аз иғроқ ва пур аз печутоб ва баъзан бо забони хеле мураккаб ва мушкил ва номафҳум навишта шуда бошанд (масалан, «Мақомат»-и Мирхонд, «Анвори Суҳайлӣ», асарҳои насри бадеии классикии шакли дуюм), «Китобҳои халқӣ» одатан бо забони хушобуранг ва зебо, бо забони мафҳум ва раво навишта шудаанд. Ба ғайр аз ин дар онҳо тафсилотҳои бисёри зиндагӣ-маишӣ, воқеаҳои реалистона ва ҳаётӣ тасвир ёфта ифодаҳои зебо ва ибораҳои хушмазмун, ҳаҷв, зарбулмасалҳои хуб ҳастанд, ки бартарии ба назар намоёни онҳо мебошанд. Ин асарҳо сазовори онанд, ки нависандаҳо, пропагандистҳо, журналистҳо дар кори эҷодии худ аз онҳо нағз истифода баранд.

[1] Маҷмӯаи дастнависҳои Шарқии Академияи фанҳои Ӯзбекистон, ҷилди II, Тошкент, 1954, саҳифаи 11.

Бешубҳа ҳамаи ин китобҳо, ки як вақтҳо аз тарафи муаллифони номашон номаълум навишта шудаанд, самараи эҷодии худи он муаллифон набуда, балки гуфтори гӯяндагон, ноқилон, қиссагӯёни халқӣ буда, аз авлод ба авлод гузашта ва ниҳоят аз тарафи кадом шахсе ба қалам гирифта шудааст. Аз ин нуқтаи назар ин тавр асарҳоро халқӣ, дурусттараш асарҳои дар байни халқҳои эронӣ – тоҷикон ва форсҳо ба майдон омада гуфтан мумкин аст. Аммо халқҳо аз қадим бо ҳам дар иртибот ва муносибат мебошанд ва бинобар он аз ҳамдигар осори маданият ва ҷавоҳири эҷодиро ба иваз мегиранд. Васеъ паҳн шудани зарбулмасал, мақол, тамсил, латифа ва афсонаҳо ба ҳамин тариқа шудааст. Халқҳои эронӣ хусусан бо халқҳои туркизабон ва халқҳои ҳинд зичтар дар муносибат будаанд. Ин муносибат дар бадали асрҳо давом мекунад. Бинобар он маъхази ин ва ё он афсона мумкин аст, масалан Ҳиндустон бошад, вале ин боис намешавад, ки бигӯем: афсонаи тоҷикӣ иборат аз *тарҷимаи* афсонаи ҳиндуги бошад. Не, аз халқе ба халқе асосан дона, реша мубодила мешавад, масалан дар сарзамини тоҷик аз донаи Ҳиндустонӣ халқ – боғбон дар муддати умри як авлод самараи махсуси худашро, ки рангу бӯи алоҳида ва шоху барги ҷудогонаи тоҷикиро дорад, ба вуҷуд меорад. Аксаран ҳамин тавр ҳам мешавад, ки масалан афсонаи ҳиндугӣ, ки аз маъхази тоҷикӣ баромадааст, худаш як вақтҳо ба Ҳиндустон аз ин ҷо, аз халқҳои эронӣ бурда шудааст ва баъд, гӯё, боз ба халқҳои эронӣ баргаштааст. Инро чун таъсири дуҷониба, чун доду гирифти як халқ ба халқи дигар тавҷеҳ кардан дуруст мешавад. Аксаран маъхази афсонаҳои тоҷикӣ на афсонаҳои ҳиндугӣ буда, балки афсонаҳои Эронӣ қадим – ривоёти Авесто ва қиссаҳои суғдиёнӣ будаанд.

Услуб ва устухонбандии «Чор дарвеш» барин асарҳо яке аз услубҳои адабӣ-бадеии хеле аҷоиб ва мароқоваре мебошад, ки онро мо дар баъзе дигар китобҳои халқӣ ва ҳатто дар эпосҳо (масалан, дар «Гӯрӯғлӣ») низ мебинем. Ин услубро дар илми адабиётшиносӣ – «Чаҳорчӯба» (рамка) ё ки «Афсона дар афсона» «Повест дар повест» меноманд.

Дар китоби «Ҳазору як шаб» воқеаи Шаҳрбоз ном подшоҳе, ки аз занҳо ранҷида ва ҳар саҳар ба куштани

ҳамхобаи дишабаи худ амр медод ва қисса гуфтани Шаҳрзод ном духтари вазир, ки дар бадали ҳазору як шаб ба шоҳ афсона гуфта, мароқ ва ҳаваси ӯро барангехта ва ба худ ром намуда, дар натиҷа зинда мондааст, «чаҳорчӯба»-и китоб шудааст. Дар ин чаҳорчӯба қисса ва афсонаҳои бисёре дохил шудаанд. «Бахтиёрнома», «Тӯтинома» ва монанди ин асарҳо низ ҳар кадом чаҳорчӯбаи худро доро мебошанд. Инчунин эпоси «Гӯрӯғлӣ» низ чаҳорчӯбаи худро дорад, ки он дар халқҳои ӯзбек ва тоҷик ва халқҳои дигар як чаҳорчӯбаи умумии худашро дорад. Ба подшоҳи мулки ободи Ҷамбул (дар озорбойҷониҳо «Ҷенли Бил» Гӯрӯғлӣ, ки аспи қанотдор – Қратро дорад, чиҳил нафар диловарон – паҳлавонон хизмат мекунанд ва беҳтарини онҳо писархонди ӯ Аваз мебошад. Дар ин чорчӯба достонҳои тамоман гуногун (дар ҳар халқ ҳар хел), дар бораи диловариҳои паҳлавонон, дар бораи корномаҳои худи Гӯрӯғлӣ ва атрофиёни ӯ (дар тоҷикҳо асосан Авазхон) гузошта шудаанд. Ин услуби «чаҳорчӯба» ва инчунин жанри «повести чаҳорчӯбадор», ки аз он омада баромадааст, шубҳа нест, ки маҳсули эҷодии шарқзамин аст ва таърихаш ба замонҳои қадим рафта мерасад. Инчунин Папируси маъруфи мисрӣ (Весткарӣ), ки ба асри XVIII қабл аз милод оид аст, яъне қариб 4000 сол пеш аз ин ба ҳамин услуб навишта шудааст. Дар он гуфта мешавад, ки Хеопс ном фиръавн дар вақти хафагӣ ва зиқии худ чаҳор нафар писарони худ – шаҳзодагонро ба наздаш чег мезанад ва ҳар як аз онҳо ба вай ҳикоя гуфта медиҳанд. Афсӯс, ки то ба замони мо тамоми он ҳикояҳо боқӣ намондаанд.

Аз мисолҳои болой мо фақат як хусусияти он услуб: «повести чаҳорчӯбадор»-ро дидем. Вале он услуб боз як хусусияти хеле муҳимми дигар дорад. Ин хусусият ҳамин, ки дар ин услуб ҳикоя ва қиссаҳои ҷудогона на фақат дар як чаҳорчӯба, умуман гирифта шудаанд, балки ҳамаи он қиссаҳоро якҷоя, як натиҷаи умумӣ ва як мақсад дарбар мегирад. Масалан, дар баъзе повестҳои чаҳорчӯбадор ғояи асосӣ, ки иборат аз басабр будан, дар ҳалли масъала саросема нашудан, ҳартарафа фикр карда дидан (дар «Бахтиёрнома» мебошад, натиҷаи умумии он шудааст.

Олимон чунин медонанд, ки жанри повести чаҳорчӯбадор

бо ин ду хусусияти худ ва ҳатто бо сюжети ягонаи асосӣ дар Ҳинди қадим, дар адабиёти санскрит ба майдон омадааст. Муҳимтарин ва намоёнтарин асарҳо дар ин услуб дар санскрит иборат аз «Панчатанра» («Панҷ китоб» ки дар адабиёти Эрон кор карда шудаи он «Калила ва Димна» ном дорад). «Витала панча винатти» («25 афсонаи Виталӣ», ки тарҷимаи русии он мавҷуд аст), «Шукасантати» («75 ҳикояи тӯтӣ»), ки ба хонандагони тоҷик ба номи «Тӯтинома» машҳур аст[1].

Дар адабиёти Эрони қадим (дурусттараш дар адабиёти паҳлавӣ) ва баъд аз он дар адабиёти форсӣ китобҳои халқии бисёре ба майдон омадаанд, ки баъзе аз онҳо бевосита сюжетҳои ҷудогонаи он китобҳои санскритиро ва аксаран фақат услуби коркардаи онҳоро, ки иборат аз «Чаҳорчӯба» мебошад, истифода бурдаанд. Як қисми аз ин гуна осорро мо ном бурдем ва дар он қатор ҳам ҳамин китоби «Чор дарвеш» офарида шудааст.

«Повестҳои чаҳорчӯбадор», хусусан осори халқҳои эронизабон ва араб ба адабиёти ғарб таъсири фаровоне бахшидаанд. Мисоли равшани ин китоби машҳури «Декамерон» (Даҳшаб») мебошад, ки аз тарафи Бокаччо навишта шудааст. Аз ҳамин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки баъзе аз китобҳои халқии тоҷикӣ на фақат боигарии бузурги маданияи халқи тоҷик, балки гавҳарҳои қиматбаҳо дар хазинаи адабиёти ҷаҳонӣ ҳам мебошад.

Дар ин китобҳо фантазияи бой ва аҷоиб услуби зебо ва диққатангези адабӣ ва ғояи гуманистӣ, ки дар ҳикматҳои халқӣ ифода ёфтаанд, ҷолиби диққат мебошанд.

Бедарак нест, ки демократи револютсионӣ, мунаққиди бузурги рус Чернышевский бо шавқу муҳаббати зиёд повестҳои чаҳорчӯбадори шарқзаминро таъриф мекунад ва худаш ҳам асари калонаш «Повестҳо дар повестҳо»-ро навишт, ки дар он ҳамин услуб ва сохти қиссаро истифода бурд. Дар сарсухани асари ҳуд Н.Г.Чернышевский дар бораи бартарӣ ва ҳусну латофати бадеии ин услуб батафсил нақл карда мегӯяд, ки ин услуб, ин тарзи ҳикоябандӣ имкон

---

[1] Дар ҳамин қарибӣ китоби Л.А.Гринсер дар бораи «Повестҳои чаҳорчӯбадори санскрит» аз чоп мебарояд.

медиҳад, ки нависанда хонандаро водор намояд, то ки вай худаш дар бораи тақдири қаҳрамонҳои ҳикоя фикр кунад, *бо ҳамроҳи нависанда дар тартиб ва сохти қиссабандӣ иштирок намояд.*

Дар бораи яке аз асарҳои классикии шарқ, ки ба тарзи повести чаҳорчӯбадор навишта шудааст. Н.Г.Чернышевский чунин менависад: «Дар синни ҷавонӣ маро афсонаҳои «Ҳазору як шаб» мафтун карда буданд ва он афсонаҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ «Афсонаҳои бачагона» номидан мумкин нест; баъд, дар синни калонсолӣ ҳам ман он афсонаҳоро борҳо гаштаю баргашта хондам ва дар ҳар бори хонданам ин китоби сеҳрангез маро мафтун ва мафтунтар мекард. *Ман осори шеърии олиҷанобро медонам, аммо аз ин олиҷанобтарро надидаам.».*

Пас аз ин баъзе қайдҳои дар боло зикршуда, ба хонандагон мафҳумтар мегардад, ки барои чӣ С.Айнӣ барин як устоди мӯътабар, ин повести чаҳорчӯбадор – «Чор дарвеш»-ро ба ин дараҷа баҳои аъло медиҳанд. Шубҳа нест, ки барои хонандагони мо дар ин китоб баъзе чизҳое ҳаст, ки чандон рост намеояд. Масалан, ғояи он ки ҳамаи мушкилот аз тарафи худо ва подшоҳон ба тариқи мӯъҷиза ҳал карда мешавад, барои мо бегона ва норавост, ки дар иң бора устод Айнӣ дар сарсухани худ қайд карда, онро ба норасоиҳои асар даровардааст. Вале, аз тарафи дигар китоб дар замонҳои қадим навишта шудааст ва баъзе нуқсонҳои вай аз ҳамин сар бар мезанад. Дар баробари ҳамин танқиди ҷабру зулми ҷамъияти кӯҳнаи феодалӣ, ҳусни таваҷҷӯҳ ба мардуми меҳнатӣ ифодаҳои гуманистӣ барин бартариҳо дорад, ки ба қимати адабии он далолат медиҳанд ва онро сазовори диққат мегардонанд. Бигузор нашр гардидани ин китоб оғози он кор бузурге шавад, ки дар натиҷаи он беҳтарин осори насрии классикии тоҷик ҳартарафа санҷида шуда, таҳлил гардида ба чоп расанд.

*И.БРАГИНСКИЙ*
*доктори илмҳои филологӣ*

# МУНДАРИҶА

Ба ҷои сарсухан ....................................................................3
Баёни саргузашти дарвеши аввал ...........................15
Баёни саргузашти дарвеши дуюм ...........................47
Баёни аҳволи Хоҷа-сагпараст .................................83
Баёни саргузашти дарвеши сеюм ..........................139
Баёни саргузашти дарвеши чорум .........................173
Хотима ....................................................................195
Охирсухан ..............................................................200

**ЧОР ДАРВЕШ**

Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Мусаҳҳеҳ *З. Неъматова*
Муҳаррири техникӣ *Маҳмуд Муллоев*

Ба матбаа 30.01.2009 таҳвил гардид. Чопаш 5.02.2009 ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16. Коғаз ва чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Ҷузъи чопӣ 13. Адади нашр 2000.

Нашриёти «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17 а

Дар матбааи «Полиграфия Арсенал Принт»
ба табъ расидааст.
734025, ш.Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 31.
Тел.: 221 39 79